# АХТАРОНИ АДАБ

# 34

# ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шариф*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

**СОИБИ ТАБРЕЗӢ**

# ДЕВОН

Душанбе
«Адиб»
2017

ББК 84 Тоҷик 7-5
Т-51

Мураттибон
Зоҳир Аҳрорӣ ва Лоиқ Шералӣ

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

Н-51 **Соиби Табрезӣ.** Девон *(Мунтахаби ғазал).*
– Душанбе, «Адиб», 2017, 480 саҳ.

Соиб аз шоирони сабки машҳури ҳиндӣ ба шумор рафта, дар таърихи адабиёти тоҷику форс ҷойгоҳи шоиста дорад. Бисёр шоирон ва муҳаққиқон ӯро шоири офарандаи маъниҳои бикр номидаанд, ки комилан дуруст аст. Дар баробари ин Соиб шоири хеле сермаҳсул буда, шумораи ашъори ӯ тақрибан сад ҳазор байтро ташкил медиҳад.

Дар китоби мазкур баргузидаи ғазалиёт аз девони ӯ барои ҳаводорони шеъри баланд пешниҳод мегардад.

ISBN 978-99947-2-512-0

© Нашриёти «Адиб», 2017

## СОИБ – ШОИРЕ АЗ ОЛАМИ МАОНӢ

*Ҳазорон ҳамчу булбул ҳар баҳоре мешавад пайдо,*
*Навосанҷе чу ман дар рӯзгоре мешавад пайдо?*

*Соиб*

Соиби Исфаҳонӣ ё Табрезӣ (1603-1677) аз шоирони машҳури сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад. Ӯ дар маҳаллаи Аббосободи Исфаҳон, ки он замон пойтахти Эрон буд, таваллуд шудааст ва дар ҳамон ҷо нашвунамо ёфтааст. Аз ин рӯ, дар осораш Исфаҳонро хеле зиёд ситоиш менамояд. Аз ҷумла ӯ дар ин байт мегӯяд:

*Исфаҳон чашми ҷаҳон гар нест, Соиб, аз чӣ рӯ*
*Сурма натвонист аз хоки Сифоҳон бигзарад?*

Аммо аз решаи Табрезӣ доштани худ низ фаромӯш наменамояд:

*Соиб аз хоки поки Табрез аст,*
*Ҳаст Саъдӣ гар аз гили Шероз.*

Соиб таълими ибтидоиро дар Исфаҳон мегирад ва аз хурдӣ ба шеъру шоирӣ мепардозад:

*Ҳанӯзам аз даҳон чун субҳ бӯи шир меомад,*
*Ки чун хуршед матлаъҳои оламгир мегуфтам.*

Ӯ дар оғоз аз шоирони маъруфи сабки ироқӣ – Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз ва дигарон пайравӣ мекард:

*Соиб, ин он ғазали ҳазрати Саъдист, ки гуфт:*
*«Ишқбозӣ дигару нафспарастӣ дигар аст».*

* * *

*Аз гуфтаи Мавлоно мадҳуш шудам, Соиб,*
*Ин соғари рӯҳонӣ саҳбои дигар дорад.*

*   *   *

*Соиб, ин он ғазали Ҳофизи ширинсухан аст:*
*«Мутриби ишқ аҷаб созу навое дорад».*

Соиб дар шеър шогирди Рукнои Масеҳи Кошонӣ ва Ҳаким Шифоӣ мебошад. Дар ин бора на танҳо аҳли таҳқиқ ва арбоби тазкира, балки худи шоир низ хабар медиҳад:

*Ин он ғазали ҳазрати Рукност, ки фармуд:*
*«Пои малахе пеши Сулаймон чӣ намояд?».*

*   *   *

*Дар Исфаҳон кӣ ба дарди сухан расад, Соиб,*
*Кунун ки набзшиноси сухан Шифоӣ нест?*

Соиб пас аз таҳсили илмҳои расмии замонаш аввал сафари ҳаҷ мекунад ва баъд ба зиёрати Машҳад меравад. Дар ин бора дар қасидае чунин арзи матлаб менамояд:

*Шукрулиллаҳ, ки баъд аз сафари ҳаҷ, Соиб,*
*Аҳди худ тоза ба султони Хуросон кардам.*

Мусаллам аст, ки дар давраи Сафавия шеър аз дарбор фосила гирифта, ба кӯчаву бозор роҳ ёфта буд, зеро шоҳони Сафавӣ ба он алоқаи зиёд нишон намедоданд. Онҳо моил буданд, ки шуаро дар мадҳи аиммаи атҳор шеър бигӯянд. Аз ин рӯ, шоирон даста-даста ба Ҳинд, ки он замон конуни шоирӣ ва «Каъбаи умед» маҳсуб мешуд, мерафтанд ва дар он ҷо кому ном меёфтанд. Саид Ашрафи Мозандаронирост:

*Рӯ ба сӯи Ҳинд шабҳо дар Ватан хобидааст,*
*Ҳар кӣ айшу ишрати Ҳиндустонро дидааст.*

Бинобар ин, ҳамагон дар орзуи сафари Ҳинд буданд. Соиб низ ҳамин гуна орзуро дар дил мепарварид ва мехост, ки ҳар чи зудтар худро ба ин сарзамини шоирпарвар ва афсонавӣ бирасонад:

*Ҳамчу азми сафари Ҳинд, ки дар ҳар дил ҳаст,*
*Рақси савдои ту дар ҳеҷ саре нест, ки нест.*

Соиб муддате дар Кобул дар хидмати ҳокими он сомон – Зуфархон, ки ба илму адаб алоқаи зиёд дошт ва ба тахаллуси «Аҳсан» шеър мегуфт, ба сар мебарад. Ин ҳокими адабпарвар ва илмдӯст Соибро устоди хеш мехонад ва барояш тамоми шароити мувофиқро муҳайё менамояд. Албатта, ин гуна фазои хуби эҷодӣ барои рушди шеъри шоир ва тараққию шуҳрати ӯ мусоидат мекунад. Соиб дар ҳамин ҷо ва бо кумаки Зуфархон девони худро тартиб медиҳад. Ниҳоят, ӯ пас аз чанде тавассути Зуфархон ба дарбори Шоҳиҷаҳон роҳ мeёбад ва рӯз аз рӯз овозаи шеъру шоириаш меафзояд. Ба қавли худи шоир:

*Пеш аз ин ҳарчанд шуҳрат дошт дар мулки Ироқ,*
*Сайри мулки Ҳинд Соибро баландовоза кард.*

Мусофирати Соиб дар Ҳинд тӯл мекашад. Бинобар ин, падари ӯ ба Ҳинд меравад ва пас аз чанде ҳар ду ба Эрон бармегарданд. Соиб поёни умрашро дар Исфаҳон сипарӣ мекунад ва дар ҳамон сомон вафот менамояд:

*Мо, ки, Соиб, дар сафар будем доим, оқибат*
*Нақши болину ғубори хотири бистар шудем.*

Соиб шоири пуршеър аст. Осорашро аз 80 то сад ҳазор байт ва аз ин ҳам зиёдтар гуфтаанд. Ашъораш борҳо дар Эрон, Ҳиндустон ва сарзаминҳои қаламрави дигар шеъри тоҷикии форсӣ ба шакли мунтахабу девону куллиёт ба нашр расидааст. Соиб дар тамоми анвои шеърӣ, аз ҷумла ғазал, қасида, рубоӣ, маснавӣ ва ғайра, шеър гуфтааст, аммо шуҳрати ӯ пеш аз ҳама дар ғазал аст ва ӯ яке аз устодони ин навъи шеърӣ дар таърихи адабиёти мо шинохта шудааст:

*Ба қадри ҳиммати худ ҳар кӣ бошад, фахр меҷӯяд,*
*Чаман гул, най шакар, Соиб ғазал, дарё гуҳар дорад.*

Тавре ки дар оғози сухан гуфтем, Соиб дар нахуст ба тарзи Саъдиву Мавлонову Ҳофиз сухан мегуфт, аммо баъд аз ошноӣ ба тарзи тоза (сабки ҳиндӣ) ва ашъори шоирони сутурги он – Урфию Назирию Зуҳурӣ, ба вижа Толибу Калим, онро ба авҷ мерасонад. Забеҳуллоҳи Сафо дар ин бора дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» чунин менависад: «Ҳақиқати амр он аст, ки шеваи нав дар суханварӣ, ки бунёдаш дар шеъри Хоҷа Ҳусайни Саноӣ ниҳода шуда ва сипас гӯяндагони дигар то ба аҳди шоирии Соиб дар тақвияти он кӯшидаанд, дар сухани Соиб ба камол расид. Ӯ возеъ ва мубтакири ин шева нест, балки такмилкунандаи он аст». Ба ин маънӣ худи шоир дар осораш мегӯяд:

*Гарчи Урфӣ пардаи сози суханро тоза кард,*
*Ин наво аз хомаи Соиб баландовоза шуд*

* * *

*Ба тарзи тоза қасам ёд мекунам, Соиб,*
*Ки ҷои булбули Омул дар Исфаҳон пайдост.*

Дар бораи Соиб ва хусусияти шеъри ӯ тазкиранависон ва пажӯҳишгарон суханони зиёд ва пураҳамият гуфтаанд. Қариб ҳамаи онҳо ба шоир ва осори ӯ баҳои баланд додаанд ва ӯро яке аз аркони муҳими шеъри тоҷикии форсӣ дар асрҳои охир донистаанд. Чунончи, Шиблии Нӯъмонӣ гуфтааст: «Шеъру шоирӣ дар Эрон аз Рӯдакӣ шурӯъ шудаву бар Мирзо Соиб хатм кардааст. Пеш аз Рӯдакӣ шоирон гузаштаанду баъд аз Мирзо Соиб ҳам мардум табъозмоӣ кардаанд. Лекин ин ду давра қобили шумор нестанд. Бешак, дар давраи ахир чунин шахсе мисли Қоонӣ пайдо шуда, ки як дафъа қолаби шоириро иваз карда, лекин шоирии ӯ шоирии тоза нест, балки хоби фаромӯшшудаи ҳафтодсоларо ба ёд овардааст ва ин ҳарф ба куллӣ саҳеҳ аст, ки Қоонӣ қолаби Фаррухию Манучеҳриро интихоб кардааст». Аҳмад Гулчини Маонӣ, ки аз соибшиносону пажӯҳишгарони маъруфи адабиёт мебошад, дар бораи ӯ чунин мегӯяд: «Соиб ӯъҷубаи даҳр аст, ки назираш набуда ва наёмада ва нахоҳад омад, чунонки Унвони Табрезӣ дар ин боб гуфта:

*Унвон, басе баланд аст меъроҷи фикри Соиб,*
*Кай метавон расидан, ҷое ки ӯ расида?».*

Дар ҳақиқат, Соиб ӯъҷуба аст ва беҳуда нест, ки дар байни шоирони бузурги сабки ҳиндӣ – Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим аз ҷойгоҳи хос бархӯрдор аст. Аз ин рӯ, Алии Даштӣ ӯро дар силки қаҳрамонони ин сабк ёд мекунад ва мегӯяд: «Аз ин лиҳоз, ки Ҳофиз матолиби худро дар лифофаи истиорот ва ташбеҳот баён мекунад, метавон ӯро пешвои сабке ба шумор овард, ки дар аҳди Сафавия равнақ гирифт ва қаҳрамононе чун Соиб, Калим, Урфӣ, Толиби Омулӣ дар он саршиносанд ва ба сабки ҳиндӣ маъруф аст».

Маълум аст, ки шоирони сабки ҳиндӣ ҳар кадом дар соҳае мумтоз буданд. Масалан, Урфӣ дар фалсафа, Назирӣ дар муомилабандӣ ва тағаззул, Толиб дар истиора, Калим дар маъниофаринию хаёлбофӣ, аммо Соиб дар корбурди тамсил яди байзо дорад. Шиблии Нӯъмонӣ гӯяд: «Равишу шеваи ихтисоси Соиб ҳамоно тамсил аст. Албатта, ин тариқа, яъне тариқаи тамсил, аз пеш ҳам будааст, лекин чун Соиб аз он ба касрат кор гирифта, ин аст, ки он шеваи хоси вай қарор гирифтааст. Ба илова, шуарои дигар дар мавзӯоту мазомини умумӣ тамсилро ба кор бурда, аммо баръакси шоири номбурда, ки онро ихтисос ба мавзӯоти ахлоқӣ додааст». Дар ҳақиқат, тамсил, ки дар шеъри шоирони сабки хуросониву ироқӣ низ ба чашм мерасад, на танҳо дар шеъри Соиб, балки дар сабки ҳиндӣ ба авҷи аълои худ мерасад ва ҷои тамоми анвои хаёлро мегирад. Ба ин маънӣ Шафеъии Кадканӣ дар китоби «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» чунин изҳори назар менамояд: «Агар ҳаракат ва таҳаввули шеъри форсӣ аз назари дигаргунии сувари хаёл дар ҳамаи адвор баррасӣ шавад, равшан хоҳад шуд, ки истифода аз сурати тамсил, ба хусус дар сабки ҳиндӣ, беш аз ҳар давраи дигар мавриди истифодаи шоирон аст ва истифодаи эшон аз тамсил гоҳ ба ҳадде зебост, ки зебоӣ ва таъсири ҳамаи анвои хаёлро таҳтушшӯъ қарор медиҳад. Он гуна, ки дар шеъри Соиб». Лиҳозо, сабки ҳиндиро метавон сабки тамсилгаро номид, зеро шоирони ин сабк бештар дар мисраи аввал як

матлабро меоранд ва дар мисраи дувум онро тавассути тамсил тасдиқ менамоянд:

*Дасти тамаъ чу пеши касон кардаӣ дароз,*
*Пул бастаӣ, ки бигзарӣ аз обрӯи хеш.*

Назирӣ

*Ошиқ ҳам аз ислом хароб аст, ҳам аз куфр,*
*Парвона чароғи ҳараму дайр надонад.*

Урфӣ

*Марди бебаргу наворо сабук аз ҷой магир,*
*Кӯза бедаста чу бинӣ, ба ду дасташ бардор.*

Толиб

*Ошиқу маъшуқ бе омезиши ҳам ноқисанд,*
*Шоҳиди ин муддао беҳ аз камону тир нест.*

Калим

*Сурат набаст дар дили мо кинаи касе,*
*Оина ҳар чи дид, фаромӯш мекунад*

Салим

*Маро аз софии ботин зи худ донанд ҳар қавме,*
*Ки ҳар зарфе ба ранги худ барорад оби равшанро.*

Соиб

Соиб шоири мазмунофарин аст. Бинобар ин, сухансанҷон ба ӯ унвони «Халлоқулмазомин»-ро додаанд. Хусусан мазмунҳои иҷтимоию ахлоқӣ дар осори шоир мавҷ мезананд. Аз ин рӯ, на танҳо такбайтҳои шоир, балки бисёре аз ғазалҳои ӯ ранги ғазалҳои ахлоқиро гирифтаанд ва аз ғазалҳои соири намояндагони маъруфи сабки ҳиндӣ, ба вижа Назирӣ, Урфӣ, Толиб ва ғайра, фарқ мекунанд. Дар ғазалҳои эшон асосан мавзӯи аслии ғазал-ишқ баён мешавад. Онҳо гоҳ-гоҳ ва ҷо-ҷо мавзӯоти дигар, аз ҷумла ахлоқиро баён медоранд, аммо аксари ғазалҳои Соиб саросар аз панду ҳикмат

иборат мебошанд. Дар онҳо камтар аз ишқу ошиқӣ, ки асли ғазал аст, сухан меравад. Барои намуна мо танҳо як ғазалро меорем, ки аз оғоз то анҷом ба мавзӯи ахлоқӣ ихтисос дода шудааст:

*Эй дил, аз пасту баланди рӯзгор андеша кун,*
*Дар барӯмандӣ зи қаҳти баргу бор андеша кун.*
*Аз насиме дафтари айём барҳам мехӯрад,*
*Аз варақгардонии лайлу наҳор андеша кун.*
*Рӯй дар нуқсон гузорад, моҳ чун гардад тамом,*
*Чун шавад лабрез ҷомат, аз хумор андеша кун.*
*Гӯшагирӣ дарди сар бисёр дорад дар камин,*
*Дар муҳити пуршарушӯр аз канор андеша кун…*
*Ин замину осмон дудеву гарде беш нест,*
*Аз духон, Соиб, маяндеш, аз ғубор андеша кун.*

Албатта, Соиб ғазалҳои ошиқона ҳам дорад, аммо ба дараҷаи ғазалҳои Саъдию Мавлавӣ, ки мамлу аз сӯзу гудози ошиқона ва ранҷу дарду ҳиҷрон мебошанд, намерасанд. Соиб бештар дар гуфтани ғазалҳои иҷтимоию ахлоқӣ мумтоз мебошад. Ӯ маҳз бо такбайтҳои зебои иҷтимою ахлоқию инсонии худ дар байни хонандагон шуҳрат дорад ва шоире масъулу ибратпазир ва ибратдеҳ мебошад:

*Гавҳари шаҳвори ибрат гар намеомад ба даст,*
*Аз бисоти офариниш ман чӣ бар медоштам?*

Дар ҳақиқат, Соиб, ки дар авҷи ғазали сабки ҳиндӣ қарор дорад ва шоири нозукхаёлу борикандеш аст, таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои фалсафию иҷтимоию ахлоқӣ дорад. Ба андешаи Хусрави Фаршедвард, «ғазал ва қасида, ки дар адвори қабл бештар барои шарҳи маонии ошиқона ва ирфонӣ ба кор мерафт, дар ин давра (давраи ҳукмронии сабки ҳиндӣ-Ҷ.С.) барои баёни ахлоқу фалсафа ва ҳикмату равоншиносӣ низ истеъмол мешавад ва Соибу Калим ва ҳамсабақонаш аз ин ғазалҳо бисёр доранд». Ба ин гуна хусусияти ғазалҳои Соиб Зиёуддин Саҷҷодӣ низ ишора намуда ва гуфтааст:

«Мазомин ва маонии ахлоқӣ ва авотифи инсонӣ дар шеъри Соиб бисёр омада ва ин аз хусусияти боризи шеъри ӯст, ки ин мазоминро дар ғазал оварда ва ағлаби он маонӣ ва дастурҳои ахлоқӣ ба сурати такбайт маъруф ва забонзад аст». Дар воқеъ, Соиб шоири иҷтимоӣ ва муаллими ахлоқ аст ва чун Саъдӣ ба ҳамнавъон дарси ҳаёт, озодагӣ, адлу инсоф, сулҳу оштӣ, башардӯстӣ ва ватанпарастӣ медиҳад, дарсҳое, ки имрӯз низ барои бани башар муҳим ва омӯзандаанд. Аз онҳо одамони синну соли гуногун, ба вижа ҷавонон, метавонанд дарси одамият бигиранд ва як зиндагии шоиставу боиста ва бошарафонаву ибратбахшро дунбол намоянд:

*Ғурбат маписандед, ки афтед ба зиндон,*
*Берун зи Ватан по магузоред, ки чоҳ аст.*

* * *

*Касе, ки айби туро пеши чашм бингорад,*
*Бибӯс дидаи ӯро, ки бар ту ҳақ дорад.*

* * *

*Дар чашми покбин набувад расми имтиёз,*
*Дар Офтоб сояи шоҳу гадо якест.*

Соиб шоири инсондӯст аст ва дар ин қаламрав мисли Саъдӣ ном баровардааст. Агар мо ҳамаи гуфтаҳои ӯро дар ин замина дар як ҷо ҷамъ биёвараем, худ як девон мешавад. Аз ин хотир, бо овардани чанд намуна иктифо менамоем:

*Ҳар ки по каҷ мегузорад, мо дили худ мехӯрем,*
*Шишаи номуси олам дар бағал дорем мо.*

* * *

*Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро,*
*Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.*

Соиб дар осораш на фақат накӯиҳоро нишон медиҳад ва аз онҳо ситоиш менамояд, балки зиштиҳоро низ менамоёнад ва маҳкум мекунад. Мисли ҳарисӣ, айбҷӯӣ, ғайбат, пургӯӣ, сарватталабӣ, рашку ҳасодат, майхорагӣ, хушомадгӯӣ, ду-

рангӣ, чоплусӣ, мардумфиребӣ, таассубу хурофот, мардумозорӣ ва ғайра, ки инсонро хору бемиқдор месозанд. Ӯ, хусусан, аҳли таассубу хурофот ва зоҳидони хушку риёиро сахт мазаммат менамояд, аммо ҳеҷ гоҳ ба ҳаҷву ҳазли инсон, ки як мавҷуди шарифу муқаддас аст, роҳ намедиҳад, зеро, ба қавли Калим, «ҳайфаш меояд, ки заҳр дар ин оби бақо кунад». Ба ин мазмун ӯ дар ҷое чунин мегӯяд:

*Ҳазлу ҳаҷву пуч натвон ёфт дар девони ман,*
*Мерасонад фоли неки ман ба давлат халқро.*

Ҳамин хусусияти қавии иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва рӯҳи баланди инсондӯстонаи ашъори Соиб аст, ки адибони пас аз ӯ ашъорашро пайравию тақлид намудаанд ва аз ӯ дарси шеъру шоирӣ омӯхтаанд. Мо таъсири каломи Соибро дар осори Сайидо, Мулҳам, Кином, Шавкати Бухороӣ, Носиралӣ, Ғанӣ, Неъматхони Олӣ, Бедил, Ҳазин, Айнӣ, Амирии Фирӯзкӯҳӣ, Раҳӣ, Лоиқ ва дигарон, ки дар олами эҷод аз мақоми воло ва хос бархӯрдоранд, бармало боздид менамоем. Беҳуда худи шоир нагуфтааст:

*Ба андак рӯзгоре мекушояд шаҳпари шуҳрат,*
*Ба Соиб ҳар навосанҷе, ки ҳамовоз мегардад.*

Албатта, мо дар ин ҷо асосан доир ба ҷанбаҳои иҷтимоию ахлоқии осори Соиб изҳори назар намудем, аммо шеъри Соиб дорои хусусият ва вижагиҳои зиёд мебошад, ки аз ҳамаи онҳо дар ин мухтасар сухан гуфтан имкон надорад. Лиҳозо, мо ба ҳамин миқдор маълумот дар бораи ин шоири маъруфи сабки ҳиндӣ ва осори ҷовидонааш басанда мекунем ва хонандаро ба мутолиаи ашъори ӯ даъват менамоем, ашъоре, ки саршор аз мазмуну маъниҳои нав ва хаёлоти нозуку борик ва лутфу назокати шоирона ва раҳнамудҳои ахлоқиву инсонӣ, андарзҳои ҳакимонаву иршодгароёна ва таълимиву тарбиявӣ мебошанд. Воқеан, ҳар касе, ки ин каломи пурмағзу пурмаънӣ, сеҳрангезу гиреҳкушо, содаву равону ҳаётӣ ва инсондӯстонаро бодиққат мехонад ва аз донишву завқи

салим бархӯрдор аст, ҳар оина шефтаи сухани шоир мешавад ва ҳатман ба рӯҳу равони ӯ дуруд мефиристад ва лаб ба таҳсинаш ӯ мекушояд, зеро, ба қавли шоир:

*Кард таҳсини расоиҳои фикри хештан,*
*Он ки, Соиб, кард таҳсин фикри рангини маро.*

Зимнан бояд гуфт, ки нашри мазкури мунтахаботи ғазалиёти Соиб аз силсилаи «Ахтарони адаб» дар асоси нашри «Мунтахабот»-и Соиб, ки соли 1980 дар таҳияи Зоҳир Аҳрорӣ ва устод Лоиқ дар шаҳри Душанбе нашр шудааст, амалӣ мегардад. Қобили зикр аст, ки нашри «Мунтахабот»-и мазкур таҷрибаи нахустини ба дасти хонандаи тоҷик расонидани намунаҳои ашъори Соиб буд. Шояд дар он даврон на ҳамаи нашрҳои гуногуни девонҳои Соиб дастрас шуда метавонистанд. Баъдҳо чандин девонҳои тасҳеҳёфтаи Соиб дар Теҳрон ва дигар шаҳрҳо интишор ёфтанд.

Муҳаррири китоб мунтахаботи мазкурро бо «Девони Соиби Табрезӣ» (Теҳрон, 1374) муқоисаву тасҳеҳ намудааст. Зимнан бояд гуфт, ки сарфи назар аз вуҷуд доштани девони Соиб бо хатти муаллиф бисёр вожаҳову таъбирот дар девонҳои гуногуни ӯ аз ҳам тафовут доранд, ки аз лиҳози маънӣ мушобеҳи ҳамдигаранд. Ҳамчунин дар охири китоб аз ҷониби муҳаррир луғоти вожаҳои душворфаҳм оварда шудааст.

Умедворем нашри мунтахаботи ғазалиёти Соиб мақбули табъи хонандаи арҷманд хоҳад шуд.

***Ҷамолиддин Саидзода***
***адабиётшинос***

# Ғ А З А Л И Ё Т

* * *

Аз хуни ҷигар ранг пазирад сухани мо,
Баргест хазондида Суҳайл аз Ямани мо.
Муҳтоҷ ба шамъи маҳу хуршед набошад
Чун синаи огоҳдилон анҷумани мо.
Аз суҳбати мо файз тавон бурд ба доман,
Зулфи шаби қадр аст дили пуршикани мо.
Чун ной лаби баста саропой забонем,
Дар зоҳир агар нест забон дар даҳани мо.
Аз гавҳари мо гарчи хӯрад чашми ҷаҳон об,
Аз гарди ятимист ҳамон пераҳани мо.
Аз банди либосем дар ин баҳр сабукбор,
Пероҳани мо ҳамчу ҳубоб аст тани мо.
З-он хушсуханонем дар ин базм, ки бошад
Аз болу пари хеш чу тӯтӣ чамани мо.
Дар зиндагӣ азбаски ба талхӣ гузаронем,
Аз заҳри фано талх нагардад даҳани мо.
Соиб, агар аз мӯйшикофони ҷаҳонӣ,
Ғофил машав аз хомаи нозуксухани мо.

* * *

Маҳмили шавқ куҷо, каъбаи уммед куҷо?
Шабнами ташна куҷо, чашмаи хуршед куҷо?
Зарфи наззораи хуршед надорад шабнам,
Рутбаи ҳусн куҷо, ҳавсалаи дид куҷо?
Дасти кӯтоҳи ману гардани ӯ, ҳайҳот аст,
Боли хаффош куҷо, тораки хуршед куҷо?
Сояе дошт, ки сармояи осоиш буд,
Ҳосили умри тиҳидасти ману бед куҷо?
Оламе чашм ба роҳи нигаҳи гарми туанд,
Ба куҷо меравӣ, эй хубии уммед, куҷо?
Бӯрё мавҷи шакар мезанад аз ширинӣ,
Гул ба сомони лаби лаъли ту хандид куҷо?
Оби пайкон зи дил омад суи чашмам, Соиб,
Охир ин чашмаи сарбаста таровид куҷо?

*   *   *

Ғайри ҳақро медиҳӣ раҳ дар ҳарими дил чаро?
Мекашӣ бар сафҳаи ҳастӣ хати ботил чаро?
Аз работи тан чу бигзаштӣ, дигар маъмура нест,
Зоди роҳе барнамедорӣ аз ин манзил чаро?
Ҳаст чун ҷон, чордевори аносир, гӯ, мабош,
Меҳӯрӣ, эй Лайлии олам, ғами маҳмил чаро?
Кор бо теғи аҷал дар зиндагонӣ қатъ кун,
Корҳоро мекунӣ бар хештан мушкил чаро?
Шуд зи васли ғунча гулбӯ ҷомаи боди саҳар,
Дарнаёмезӣ дар ин гулшан ба аҳли дил чаро?
Чун шудӣ таслим, ҳар коми наҳанге соҳилест,
Ин қадар овехтан дар домани соҳил чаро?
Метавонад кишти моро қатрае сероб кард,
Ин ҳама истодагӣ, эй абри дарёдил, чаро?
Нур аз пешонии соҳибдилон дарюза кун,
Шамъи худро мебарӣ дилмурда з-ин маҳфил чаро?
Суҳбат аз ҳол аст ин ҷо, гуфтугӯро бор нест,
Вақти моро мекунӣ шӯрида, эй ғофил, чаро?
Дидаи саҳроиён аз интизорат беҳушанд,
Ин қадар дар раҳ таваққуф кардан, эй маҳмил, чаро?
З-иштиёқат баҳр аз тӯфон гиребон медарад,
По фишурдан ин қадар, эй сел, дар манзил чаро?
Дидаи қурбониён пӯшиш намегирад ба худ,
Чашми ҳайрони маро мебандӣ, эй қотил, чаро?
Хоки саҳрои адам аз хуни ҳастӣ беҳтар аст,
Бар сари ҷон ин қадар меларзӣ, эй бисмил, чаро?
Эй ки рӯи оламеро ҷониби худ кардаӣ,
Рӯ намеорӣ ба сӯи Соиби бедил чаро?

*   *   *

Шуд устухон зи講 даври фалак тӯтиё маро,

* * *

Бар чарх муҳит аст фурӯғи назари мо,
Соҳил дили дарёст зи оби гуҳари мо.
Озодии мо дар гарави пухтагии мост,
Овехтааст аз раги хомӣ самари мо.
Бедоди фалакро ба тағофул гузаронем,
Пӯшидани чашм аст зи душман сипари мо.
Шерем, вале заҳраи озор надорем,
Аз ҷунбиши раг гарчи дамад нештари мо.
Аз ҳамраҳии ақл ба ҷое нарасидем,
Печидатар аз роҳ бувад роҳбари мо.
Ҳарчанд пару бол надорем чу шабнам,
Аз партави хуршед бувад болу пари мо.
Ё Раб, кӣ дуо кард, ки чун қофилаи мавҷ
Осоиши манзил набувад дар сафари мо.
Дар номаи мо ҳарфи насанҷида набошад,
Аз ҷайби садаф суфта барояд гуҳари мо.
Чун дидаи моҳӣ, ки намояд зи таҳи об,
Аз пардаи санг аст намоён шарари мо.
Соиб, ҷигараш чун ҷигари субҳ шавад чок,
Як рӯз агар чарх кашад дарди сари мо.

* * *

Чашми масти ёр шуд махмуру мадҳушем мо,
Бода аз ҷӯши нишот афтоду дар ҷӯшем мо.
Нолаи мо ҳалқа дар гӯши иҷобат мекунад,
Аз саҳархезони он субҳи баногӯшем мо.
Фитнаи сад анҷуман, ошӯби сад ҳангомаем,
Гар ба зоҳир чун шароби куҳна хомӯшем мо.
Пайкари мо мекунад шамшерро дандонадор,
Дар либос аз ҷавҳари зотӣ зиреҳпӯшем мо.
Номаи сарбастаро чун об хондан ҳаққи мост,
К-аз суханфаҳмони он лабҳои хомӯшем мо.
Қатраи ашкем, бо оворагӣ ҳамкорвон,
Дар канори баҳри ӯ хотирфаромӯшем мо.
Бетааммул чун арақ бар рӯи хубон медавем,
Чун каманди зулф густохи бару дӯшем мо.
Хирқаи дарвешии мо чун зиреҳ зери қабост,
Пеши чашми халқи зоҳирбин қабопӯшем мо.
Кори равған мекунад бар оташи мо оби теғ,
Хуни Мансурему доим бар сари ҷӯшем мо.
Аз шароби мо раги хомист, Соиб, мавҷзан,
Гарчи умре шуд дар ин майхона дар ҷӯшем мо.

* * *

Ҳоҷати доми каманде нест дар тасхири мо,
Гардиши чашме бувад бас ҳалқаи занҷири мо.
Аз ғубори нолаи мо дардмандон огаҳанд,
Мешавад дар захм зоҳир ҷавҳари шамшери мо.
Дил зи бими ғамза аз зулфаш намеояд бурун,
Бештар дар пардаи шаб мехазад нахчири мо.
Дар фазои хотири мо тир пайкон мешавад,
Оҳ мегардад гиреҳ дар синаи дилгири мо.
Дидани мо, талхкомон, талх созад комро,
Дод, гӯё, доя аз пистони ҳанзал шири мо.
Худ ҳам аз зулфи дарози хеш дар банди балост,
Як сараш дар гардани Юсуф бувад занҷири мо.
Манзили нақли макони мост авҷи ломакон,
Водии имкон надорад арсаи шабгири мо.
Аз хиҷолат чун нагардад тешаи Фарҳод об,
Кӯҳро бардошт аз ҷо нолаи занҷири мо.
Хоби мо бо хоби чашми ёр аз як парда аст,
Ҳеҷ кас берун намедорад сар аз таъбири мо.
Ин ки, Соиб, дасти мо аз домани ӯ кӯтаҳ аст,
Норасоиҳои иқбол аст домангири мо.

*   *   *

Дар оташ аст наъл насими баҳорро,
Ранги субот нест гули эътиборро.
Камбахтро зи неъмати алвон насиб нест,
Мижгон ба хуни гул нашавад сурх хорро.
Чун зиндагӣ ба ком бувад, марг мушкил аст,
Парвои бод нест чароғи мазорро.
Бетоқатист қисмати мунъим зи чарх мол,
Аз ганҷ печутоб бувад ризқ морро.
Равшандилон ҳамеша ба сахтӣ ба сар баранд,
Дар санг зиндагӣ ба сар омад шарорро.
Соиб, кунун, ки давр ба коми ту меравад,
Бишкан ба соғаре сари дасти хуморро.

*   *   *

Ҷон ба лаб дорему ҳамчун субҳ хандонем мо,
Дасту теғи ишқро захми намоёнем мо.
Метавон аз шамъи мо гул чид дар саҳрои қудс,
Зери гардун чун чароғи зери домонем мо.
Гарчи дар зоҳир либоси мо зи зангори ғам аст,
Аз тараб чун писта зери пӯст хандонем мо.
Ҳар кӣ бо мо мекунад некӣ, намепошад зи ҳам,
Риштаи шерозаи авроқи эҳсонем мо.
Бар бисоти бӯрё сайри ду олам мекунем,
Бо вуҷуди найсаворӣ барқҷавлонем мо.
Ҳосили мо нест ғайр аз хор-хори орзу,
Гирдбоди домани саҳрои имконем мо.
Пушт чун оина бар девори ҳайрат додаем,
Волаи хору гули ин боғу бӯстонем мо.
Аз сиёҳӣ доғи мо ҳаргиз намеояд бурун,
Дар саводи офариниш оби ҳайвонем мо.
Рӯзии моро зи хони серчашмӣ додаанд,
Бениёз аз нозу неъматҳои алвонем мо.
Ҳалқаи чашми ғизолон, ҳалқаи занҷири мост,
Доим аз роҳи назар дар банди зиндонем мо.
Давлати бедор гарди ҷилваи шабранги мост,
Аз сафои сина субҳи покдомонем мо.
Чашми мо чун зоҳидон бар меваи фирдавс нест,
Ташнаи бӯе аз он себи занахдонем мо.
Машриқи хуршеду маҳро гил ба равзан мезанем,
Аз назарбозони он чоки гиребонем мо.
Оламе бе захми хор аз бӯи мо осудаанд,
Дар сафоли олами хокӣ чу райҳонем мо.

Ваҳшии доруламони гӯшаи танҳоием,
Дашт-дашт аз сояи мардум гурезонем мо.
Аз шабехуни хумори субҳдам осудаем,
Мастии дунболадори чашми хубонем мо.
Хирқа аз мо меситонад нофаи мушкиннафас,
Аз ҳаводорони он зулфи парешонем мо.
Соҳиби номанд аз мо оламу мо тираруз,
Чун нигин дар ҳалқаи гардуни гардонем мо.
Гарчи дар назми ҷаҳон коре намеояд зи мо,
Аз ҳадиси рост сарви ин гулистонем мо.
Гар чароғи базми олам нест, Соиб, килки мо,
Чун зи бахти тира доим дар шабистонем мо?

* * *

Ба мижгон хор-хор аз сина мерӯёнад оташро,
Ба ёқути лаб аз рух ранг мегардонад оташро.
Кабобам мекунад он масти бепарво, намедонад,
Ки ҳар як қатра ашки ман ба хун ғалтонад оташро.
Сипанди ман надорад тоби маҳтоби ту, сангиндил,
Мизоҷи саркаше дорӣ, ки месӯзонад оташро.
Наям парвона, то бар гирди шамъи дигарон гардам,
Сипанди шӯхи ман аз санг мерӯёнад оташро.
Дар ин қаҳти ҳаводорӣ аҷаб дорам зи хокистар,
Ки дар ҳангоми мурдан чашм мепӯшонад оташро.
Ба ҳамворӣ адаб кун хасми саркашро, ки хокистар
Ба нармӣ зердасти хеш мегардонад оташро.
Ба чашми ашкбори ман чи хоҳад кард, ҳайронам,
Парирӯе, ки дар чашм об мегардонад оташро.
Намебошад сипар андохтан дар пеши мо, Соиб,
Сипанди мо ба майдони ҷадал мехонад оташро.

* * *

Ёди рухсори туро дар дил ниҳон дорем мо,
Дар дили дӯзах биҳишти ҷовидон дорем мо.
Дар баҳори мо хазонҳо чун ҳино пӯшидааст,
Гарчи дар зоҳир баҳори бехазон дорем мо.
Нест ҷони сахти мо аз сахтии даврон малул,
Зиндагонӣ чун ҳумо аз устухон дорем мо.
Дар чунин роҳе, ки мардон тӯша аз дил кардаанд,
Содалавҳӣ бин, ки фикри обу нон дорем мо.
Ҳиммати пирон далели мост, ҳар ҷо меравем,
Қуввати парвоз чун тир аз камон дорем мо.
Қисмати мо чун камон аз сайди худ хамёза аст,
Ҳарчи дорем, аз барои дигарон дорем мо.
Чист хоки тира, то бошад тамошогоҳи мо,
Сайрҳо дар хештан чун осмон дорем мо.
Гарчи медонем охир бар сари афсонаем,
Пунбаҳо дар гӯш аз хоби гарон дорем мо.
Гарчи ғайри соя моро нест дигар меваe,
Миннати рӯи замин бар боғбон дорем мо.
Гарчи, Соиб, дасти мо холист аз накди ҷаҳон,
Чун ҷарас овозае дар корвон дорем мо.

* * *

Гарчи симои хазон дорад рухи чун зар маро,
Дар саводи дил баҳоре ҳаст чун анбар маро.
Гарчи чун шабнам дар ин гулшан ғариб афтодаам,
Боғбон аз домани гул мекунад бистар маро.
Мешавад аз ғафлати саршори ман рагҳои хоб,
Сӯзани алмос агар резанд дар бистар маро.
Ҷавҳари оинаи мо чун зиреҳ зери қабост,
Дар сафои сина пӯшидаст бас ҷавҳар маро.
Баски дидам сардмеҳрӣ аз насими навбаҳор,
Бода хуни мурда шуд чун лола дар соғар маро.
Неъмате чун серчашмӣ нест дар хони вуҷуд,
Бениёз аз баҳр дорад оби ин гавҳар маро.
Орзуе ҳар замон дар дил бар оташ мениҳам,
Оташи бедуд бошад айб чун миҷмар маро.
Чеҳраи хуршед пинҳон аст дар зангори ман,
Мезанад сайқал ба чашми баста равшангар маро,
Санги хороро шарори ман гиребон пора кард,
Содалавҳ он кас, ки мепӯшад ба хокистар маро.
Хурдабине нест, Соиб, варна чун холи бутон
Як ҷаҳон маънист дар ҳар нуқтаи мизмар маро.

* * *

Аз ҷаҳон то риштатобе дастрас бошад туро,
Ҳар сари хоре дар ин водӣ асас бошад туро.
Аз гирифторони худ сайёд мегирад хабар,
Фикри рӯзӣ чанд дар кунҷи қафас бошад туро.
Мешавӣ афтодатар ҳарчанд бархезӣ зи ҷо,
То зи мардум дастгирӣ мултамас бошад туро.
Чанд аз омезиши дарёи ваҳдат чун ҳубоб
Пардадори чашми кӯтаҳбин нафас бошад туро.
То ту меларзӣ ба тору пуди ҳастӣ ҳамчу мавҷ,
Қисмат аз дарёи гавҳар хору хас бошад туро.
Чашми бешарми ту сериро намедонад, ки чист,
Дар талоши ризқ то ҳирси магас бошад туро.
Шарм аз ҳақ кун, манол аз бекасӣ чун нокасон,
Кист охир олами нокас, ки кас бошад туро.
Сарф дар парвози дил кун қуввати бозуи хеш,
Дар ҷаҳони тира, Соиб, то нафас бошад туро.

*  *  *

Дар биёбони талаб роҳбаре нест маро,
Сари парвоз ба боли дигаре нест маро.
Он нафасбохта ғаввоси ҷигарсӯхтаам,
Ки ба ҷуз обилаи дил гуҳаре нест маро.
Рӯзгорест, ки бо реги равон ҳамсафарам,
Меравам роҳу зи манзил хабаре нест маро.
Мезанам бол ба ҳам, то фитад оташ дар ман,
Аз дили санг умеди шараре нест маро.
Сокини киштии Нӯҳам, зи сабукбории хеш
Чун хасу хор зи тӯфон хабаре нест маро.
Гарчи чун сарв тамошогаҳи аҳли назарам,
Аз ҷаҳон ҷуз гираҳи дил самаре нест маро.
Метавон рафт чу оташ ба рагу решаи шамъ,
Ба дилозории парвона саре нест маро.
Ҳама шаб бо дили девонаи худ дар ҳарфам,
Чӣ кунам, ҷуз дили худ номабаре нест маро.
Хотири амн ба мулки ду ҷаҳон меарзад,
Нестам дарҳам, агар симу заре нест маро.
Метавонам шарареро ба пару бол расонд,
Дархури шамъ агар болу паре нест маро.
Бурдаам ғунчасифат сар ба гиребон, Соиб,
Ҷуз дил уммеди кушоиш зи даре нест маро.

* * *

Кӣ дорад инчунин саргаштаву бетоб дарёро,
Ки наъле ҳаст дар оташ зи ҳар гирдоб дарёро.
Фурӯғи гавҳар андар дидаи ман хоб медуздад,
Ки мерезад намак дар пардаҳои хоб дарёро.
Бузургонро ба ҳарфе метавон аз ҷо даровардан,
Ки гардонад ба гирди хеш чун гирдоб дарёро.
Дили равшан ба андак илтифоте мешавад комил,
Ки сими ноб созад партави маҳтоб дарёро.
Бувад домони арбоби карам вақфи тиҳидастон,
Ба сӯи худ кашад ҳар мавҷ чун қуллоб дарёро.
Зи ҳарфи сарди носеҳ гармии ошиқ нагардад кам,
Наяндозад зи ҷӯши хештан селоб дарёро.
Зи тавқи ҳалқаи занҷир шуд савдои ман афзун,
Назад муҳри хамӯшӣ бар даҳан гирдоб дарёро.
Намеҷӯшад ба ҳар оташузоре дидаи ошиқ,
Ба ҷӯш орад магар хуршеди оламтоб дарёро.
Намонад бар дили раҳмат ғубори ҷурми мо, Соиб,
Ба ранги худ барорад як нафас гирдоб дарёро.

*   *   *

Орзу чанд ба ҳар сӯй кашонад моро,
Ин саги ҳарзамараз чанд давонад моро.
Нахли моро самаре нест ба ҷуз гарди малол,
Туъмаи хок шавад, ҳар кӣ фишонад моро.
Мо, ки дар ҳар буни мӯ кӯҳи гароне дорем,
Ҳеҷ селоб ба дарё нарасонад моро.
Бар сари донаи мо сояи абре нафитод,
Зӯри ғайрат магар аз хок дамонад моро.
Ишқ моро зи дилу дину хирад дур андохт,
То ба он қофила дигар кӣ расонад моро.
Номаи мост ниҳонхонаи асрори азал,
Зулм бар хеш кунад, ҳар кӣ бихонад моро.
Дар ниҳоли қади ин ҷилвафурӯшони маҷоз
Ҷилвае нест, ки бар хок кашонад моро.
Нашуд аз нохуни тадбир кушоде, Соиб,
То ки з-ин уқдаи мушкил бираҳонад моро.

*   *   *

Чӣ нисбат аст ба гарданкашӣ мадороро,
Қадаҳ хироҷ ба гардан ниҳода миноро.
Зи нақши пои ғизолони дашт битвон ёфт,
Ба бӯи мушк пайи он ғизоли раъноро.
Ба як гувоҳ либосе, ки моҳи Миср овард,
Сиёҳ кард рухи даъвии Зулайхоро.
Чунон ки равшании хона аст аз равзан,
Ба қадри доғ бувад нури файз дилҳоро.
Зи ман мапурс, ки дар дил чӣ орзу дорӣ,
Ки сӯхт ишқ рагу решаи таманноро.
Инони сели сабукрав ба даст худро нест,
Чӣ интизом тавон дод кори дунёро.
Зи ҳамраҳони гаронҷон бибур, ки сӯзан дӯхт
Ба домани фалаки чорумин Масеҳоро.
Гирифт бар ивази оби талх гавҳари ноб,
Чӣ миннат аст ба абри баҳор дарёро.
Зи нуқта ҳарфшиносон китобдон шудаанд,
Ба чашми кам манигар нуқтаи сувайдоро.
Ба мунтаҳои матолиб расидан осон аст,
Агар шумурда тавонӣ гузоштан поро.
Агарчи гиряи ман кӯҳро биёбон кард,
Намуда кӯҳи ғамам кӯҳсор дарёро.
Ҷавоби он ғазали Мавлавист ин, Соиб,
Ки чашмбанд кунад сеҳрҳош биноро.

*   *   *

Матоб аз куштани мо, эй ғизоли шӯх, гарданро,
Ки хуни ошиқон бошад шафақ ин субҳи равшанро.
Ниҳодӣ чун қадам дар роҳ, аз дилбастагӣ бигзар,
Ки мегардад гиреҳ дар ришта санги роҳ сӯзанро.
Маро аз софии ботин зи худ донанд ҳар қавме,
Ки ҳар зарфе ба ранги худ барорад оби равшанро.
Бияфшон донаи эҳсон, зи барқи фитна эмин шав,
Ки ҷуз нақши пайи мӯрон ҳисоре нест хирманро.
Ба зӯри ишқ з-ин зиндони зулмонӣ тавон растан,
Кӣ ҷуз Рустам бурун меоварад аз чоҳ Бежанро?
Намегардад ҳарифи нафси саркаш ақли дарёдил,
Чӣ гуна зердасти хеш созад об равғанро.
Ба душман мегурезам аз нифоқи дӯстон, Соиб,
Ки кори по гуворо кард бар ман захми сӯзанро.

*   *   *

Ғами ҳисоб надорам зи майпарастиҳо,
Ки нест қобили таъбир хоби мастиҳо.
Ба қадри он чӣ шавӣ паст, сарбаланд шавӣ,
Гирифтаем иёри баланду пастиҳо.
Насими ҷозибае пеши роҳи мо бифирист,
Ки гашт садди раҳи мо ғубори ҳастиҳо.
Кӣ мекунад сари зулфи ҳавоси моро ҷамъ,
Ба ғайри бехудии ишқу хоби мастиҳо.
Ба васли ӯ нарасидам зи муфлисӣ, Соиб,
Сиёҳ дар ду ҷаҳон рӯи тангдастиҳо.

*   *   *

Аз гулистон нашавад ғунчаи дил боз маро,
Панҷаи шер бувад чангали шаҳбоз маро.
Метавон нола шунид аз кафи хокистари ман,
Нашавад сӯхтагӣ сурмаи овоз маро.
Заҳмати оинаи ман мадеҳ, эй равшангар,
Дил сияҳ мешавад аз миннати пардоз маро.
Дафтари болу параш туъмаи миқроз шавад,
Ҳар кӣ афканд сари риштаи парвоз маро.
Сари ҳамсуҳбатии Хизр надорам, Соиб,
Медиҳад умри абад килки сухансоз маро.

*   *   *

Зи асрори ҳақиқат баҳравар кун ишқбозиро,
Ба тифлӣ вогузор ин абҷади ишқи маҷозиро.
Ба истиғнои Маҷнун ҳусни Лайлӣ барнамеояд,
Ки нози нозанинон аст дар сар бениёзиро.
Хумори дурднӯшонро майи нософ мебояд,
Тавон дар хоксорӣ ёфт завқи хокбозиро.
Агар дори дили поке, даро дар ҳалқаи мастон,
Ки ин ҷо обрӯе нест домони намозиро.
Ба чашми даврагардон ҷилваи дигар кунад манзил,
Шукуҳи Каъба бошад дар назар камтар ҳиҷозиро.
Ба сад афсонаҳо умри абад кӯтаҳ намегардад,
Магар аз зулфи ӯ дорад шаби ҳиҷрон дарозиро.
Гули рӯи бутон аз оҳи ман шуд оташин, Соиб,
Зи ман дорад насими субҳ ин гулшантирозиро.

*   *   *

Соқии маҳҷуб мебояд шароби ишқро,
Оташи ҳамвор мебояд кабоби ишқро.
Дар ҳарими мо надорад шамъи бефонус роҳ,
Шоҳиди бепарда месӯзад ҳиҷоби ишқро.
Оламеро оҳи дардолуди ман девона кард,
Ҳеҷ кофар нашнавад бӯи кабоби ишқро.
Тешае дар кори мастӣ мекунам чун Кӯҳкан,
Чанд дорам дар паси кӯҳ офтоби ишқро.
Ҳар киро дар мағз печидаст бӯи ақли хом,
Мешиносад андаке қадри гулоби ишқро.
Аз каманди риштаи умри абад сар мекашид,
Хизр агар меёфт қадри печутоби ишқро.
Ҳар касеро ҳаст, Соиб, қиблагоҳе дар ҷаҳон,
Баргузидам аз ду олам ман ҷаноби ишқро.

*   *   *

Ғами мурдан набувад ҷони ғамандӯхтаро,
Нест аз барқ хатар мазрааи сӯхтаро.
Даъвии сӯхтагӣ пеши ман, эй лола, макун,
Мешиносад дили ман бӯи дили сӯхтаро.
Ҳусн аз ошиқи маҳбуб нагардад ғофил,
Туъма дар даст бувад бози назардӯхтаро.
Шуъла дар сӯхтан аз замзамае холӣ нест,
Мутриб аз хона бувад ошиқи дилсӯхтаро.
Хомсӯзони ҳавас лоиқи ин доғ наянд,
Ҷуз ба ошиқ манамо он рухи афрӯхтаро.
Чӣ қадар роҳ ба тақлид тавон паймудан,
Ришта кӯтоҳ бувад мурғи навомӯхтаро.
Барқ дар хирмани арбоби муҳаббат афтад,
Соиб аз дил чу барорад нафаси сӯхтаро.

* * *

На ранги гул, на барги лола аз ҷо мебарад моро,
Ба гулшан лаззати тарки тамошо мебарад моро.
Макун таклифи ҳамроҳӣ маро, эй сели по дар гил,
Ки даст аз ҷони худ шустан ба дарё мебарад моро.
Ду олам аз таманно шуд биёбонмарги нокомӣ,
Ҳамон, хоҳиш ба дунболи таманно мабарад моро.
Агарчи дар ду олам нест майдони ҷунуни мо,
Ҳамон бетоқатӣ саҳро ба саҳро мебарад моро.
Каманди ҷабҳаи хуршед агар раҳмат нафармояд,
Кӣ чун шабнам аз ин пастӣ ба боло мебарад моро?
Ба тӯфон гавҳар аз гарди ятимӣ барнамеояд,
Чу гард аз чеҳраи дил мавҷи саҳбо мебарад моро.
Чунон омодаи ишқем аз завқи сабукрӯҳӣ,
Ки ҳусни сурати девор аз ҷо мебарад моро.
Кӣ бовар мекунад бо ин тавоноӣ зи мо, Соиб,
Ки чашми нотавони ӯ ба яғмо мебарад моро.

* * *

Бар рӯ чу барги гул надавидаст хуни мо,
Чун доғи лола ишқ макидаст хуни мо.
Эй теғ, лаб мадузд, ки аз шавқи бӯсаат
Чандин ҳиҷоб пӯст даридаст хуни мо.
Мушкил, ки сар зи хоки хиҷолат баровարад,
Ханҷар ба рӯи теғ кашидаст хуни мо.
Дар хорзори ништар андеша кай кунад,
Дар шохҳохи теғ давидаст хуни мо.
Соиб, ҳазор лолаи сероб сар задаст,
Бар ҳар гили замин, ки чакидаст хуни мо.

* * *

Нестӣ тифл, ин қадар бар хок ғалтидан чаро?
Гил ба рӯи офтоби рӯҳ молидан чаро?
Ҷисми хокӣ чист, к-аз вай даст натвон барфишонд,
Гарди дасту пои худ чун гурба лесидан чаро?
Қадри шеъри тар чӣ медонанд ноқистинатон,
Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан чаро?
Умр чун боди баҳорӣ доманафшон меравад,
Дар миёни хору хас чун гул нахандидан чаро?
Баъди умре аз лаби лаъли ту нӯше хостаст,
Ин қадар аз Соиби густох ранҷидан чаро?

* * *

Нахли қадди ту ҳамоғӯши бало кард маро,
Ҳаваси зулфи ту ҳамдӯши сабо кард маро.
Хок дар дидаи миқрози ҷудоӣ бодо,
Ки аз он ҳошияи базм ҷудо кард маро.
Баъди умре, ки фалак бар сари инсоф омад,
Ҳамчу Юсуф ба лаби чоҳи бақо кард маро.
Чӣ аҷаб, гар ҷигари най нахарошад нафасам,
Банд аз банд фироқи ту ҷудо кард маро.
Доштам шиква зи Эрон, ба талофӣ гардун
Дар фаромӯшкадаи Ҳинд раҳо кард маро.

*   *   *

Гӯ, набошад шамъ бар хок ин ба хун оғуштаро,
Нур меборад зи симо ин чароғи куштаро.
Содалавҳони ҷунун аз бими маҳшар фориғанд,
Бими расвоӣ набошад номаи нанвиштаро.
Нест дар дил хоксоронро тамошое, ки ҳаст,
Осмон дар зери по афтодааст ин куштаро.
Тору пуди олами имкон бувад мавҷи сароб,
Ҳамчу сӯзан ҷо ба чашми худ мадеҳ ин риштаро.
Бар сари реги равон бошад асоси зиндагӣ,
Меканад мавҷи сароб ин хонаи якхиштаро.
Ноумедӣ аз ғами олам дили моро харид,
Аз ғубор андеша набвад чашми бар ҳам бастаро.
Ташна бармегашт аз сарчашмаи оби ҳаёт,
Хизр агар медид он теғи ба хун оғуштаро.
Ҷамъ кардан хешро дар айни пирӣ мушкил аст,
Пеши раҳ натвон гирифтан лашкари баргаштаро.
Нест ҷуз ашки надомат хӯшае дар остин
Донаи дар раҳгузори корвоне киштаро.
Суҳбати афсурдаро нодидан аз дидан беҳ аст,
Шиква аз доман набошад шамъи мотамкуштаро.
Ҳосили паҳлӯи чарби ин хасисон коҳиш аст,
Мехӯрад гавҳар ба чашми танг охир риштаро.
Нест бе хуни шафақ нони фалак чун офтоб
Хок хӯр, Соиб, махӯр ин қурси хуноғуштаро.

* * *

Зиҳӣ никоби ҷамолат бараҳнарӯиҳо,
Хамӯшии ту забонбанди комҷӯиҳо.
Зи сарви қадди ту як ҷилва – оламошӯбӣ,
Зи навбаҳори ту як барқ – тундхӯиҳо.
Фитодааст чу тақвими куҳнае бекор,
Ба даври ҳусни ту маҷмӯаи накӯиҳо.
Кӣ номи шуҳрати ёқут мебарад имрӯз,
Ки хатм шуд ба ақиқи ту номҷӯиҳо.
Агарчи он мижаро хоби ноз сангин аст,
Даме зи по нанишинад зи фитнаҷӯиҳо.
Бишӯй даст зиислоҳи тан, ба ҷон пардоз,
Ки дил сафед нагардад ба ҷомашӯиҳо.
Агар таваққуи осоиш аз ҷаҳон дорӣ,
Мадор даст зи набзи мизоҷгӯиҳо.
Ба ханда зиндагии хешро макун кӯтоҳ,
Ки субҳ ғӯта ба хун зад зи хандарӯиҳо.
Ҷуз ин ки дод сари хешро ба бод ҳубоб,
Чӣ тарф баст, надонам, зи пучгӯиҳо.
Чу фарди оина бо коинот якрӯ бош,
Ки шуд сиёҳ рухи қоғаз аз дурӯиҳо.
Чунон ки шир кунад хоби тифлро ширин,
Фузуд ғафлати ман аз сафедмӯиҳо.
Агар наку нашавӣ, Соиб, аз бадӣ бигзар,
Ки ҳаст тарки бадиҳо сари накӯиҳо.

* * *

Эй дар оташ аз гули рӯи ту наъли лолаҳо,
Моҳи рухсори туро аз ҳалқаи хат ҳолаҳо.
Ман, ки сад хуни ҷигарро доғ медорам ба тарҳ,
Мекунам дарюзаи доғ ин замон аз лолаҳо.
Нолаи сӯзон агар аз дил чунин ояд ба лаб,
Пардаи фонус гардад пардаи табхолаҳо.
Эй ки маҳви чашми хубон гаштаӣ, эмин мабош,
К-ин балоҳои сияҳ дорад аҷаб дунболаҳо.
Корвони ашки моро оташе даркор нест,
Оташи ин корвон аст оташин парколаҳо.
Суҳбати некон бувад иксири ноқистинатон,
Мешавад ёқут дар паймонаи гул жолаҳо.
Ҷамъ баргардад, парешон гар равад тир аз камон,
Меравад якҷо ба дил файзи парешоннолаҳо.
Муҳри хомӯшӣ шавад гул бар даҳони булбулон,
Ҳар куҷо Соиб кунад оғоз хунин нолаҳо.

*   *   *

Дар он зулфи сиях дилҳои хунин мешавад пайдо,
Дар ин сунбулситон оҳуи мушкин мешавад пайдо.
Ба доман мерасад чоки гиребон гулъузоронро,
Ба ҳар гулшан, ки он дасти нигорин мешавад пайдо.
Ба ҳар сурат, ки бошад, ишқ дилро медиҳад таскин,
Ки баҳри Кӯҳкан аз санг Ширин мешавад пайдо.
Сияҳрӯзе надорад ишқи ӯ чун ман, ки Маҷнунро
Зи чашми шер шамъ аз баҳри болин мешавад пайдо.
Ба навмедӣ мадеҳ аз дасти худ домони шабҳоро,
Ки аз хоки сияҳ гулҳои рангин мешавад пайдо.
Гаронихои ғафлат лозим афтодаст давлатро,
Ки дар ҷӯши баҳорон хоби сангин мешавад пайдо.
Сабукрӯҳона сар кун, гар сабукборӣ тамаъ дорӣ,
Ки дар дил кӯҳи ғам аз кӯҳи тамкин машавад пайдо.
Зи ҳарфи ишқ, Соиб, мераванд афсурдагон аз ҷо,
Агар дар мурдаҳо ҷунбиш зи талқин мешавад пайдо.

* * *

Месӯзад орзу дили пуризтиробро,
Бар сих мекашад раги хомӣ кабобро.
Маҷнун каманди турраи Лайлӣ кунад хаёл
Бар рӯи дашт ҷилваи мавҷи саробро.
Анбар ба рух фиканда ниқоб аз баҳори хеш,
То дидааст он хати чун мушки нобро.
Ишқ аст тарҷумони нафасҳои сӯхта,
Оташ кунад тараннуми мурғи кабобро.
Ҳар мурдадил, ки сар ба гиребони хоб бурд,
Кофур сохт ёсумани моҳтобро.
Зуннори чашм аз раги хоб аст, зинҳор
Мижгонсифат ба чашм мадеҳ ҷой хобро.
Тан деҳ ба бахти шӯр, ки хобондааст чарх
Ҳар субҳ дар намак ҷигари офтобро.
Аз пухтагист, ошиқ агар гиря кам кунад,
Хуноба аст шоҳиди хомӣ кабобро.
Эй гул, ки мавҷи хандаат аз сар гузаштааст,
Омода бош гиряи талхи гулобро.
Ман чун нафас кашам, ки фаромӯш мекунад
Бар оташи узори ту мӯ печутобро.
Соиб, чиҳо ба чашми тамошоиён кунад
Рӯе, ки сохт субҳи қиёмат ниқобро.

*   *   *

Аз харобӣ чун нигаҳ дорам дили девонаро,
Сел як меҳмони нохондаст ин вайронаро.
Раҳм кун бар мо, сияҳбахтон, ки бо он саркашӣ
Шамъ дар шабҳо ба даст орад дили парвонаро.
Мушкил аст аз дарду доғи ишқ дил бардоштан,
Варна медодам ба селоби фано ин хонаро.
То нагардад об дил аз доғҳои оташин,
Нест мумкин ёфтан он гавҳари якдонаро.
Аз хасу хошок бигзар, гирди дилҳо сайр кун,
То чу занбӯри асал пуршаҳд сози хонаро.
Домани фурсат мадеҳ аз каф, ки даврони баҳор
Нест чандоне, ки гул сар баркашад паймонаро.
Дар саҳар зинҳор бе ашки пушаймонӣ мабош,
Мекунад ин сарзамини пок гавҳар донаро.
Ҳиммате, эй Каъба, дар кори мани шоиста кун,
То магар шоиста гардам хидмати бутхонаро.
Фориғ аз васвоси шайтон аст дилҳои сиёҳ,
Нест шабҳои баҳор он равнақи афсонаро.
Якҷиҳат шав дар тариқи ҳақ, ки натвонад гирифт
Ҳар ду олам пеши пои ҳиммати мардонаро.
Осмонҳо дар шикасти ман камарҳо бастаанд,
Чун нигаҳ дорам ман аз нӯҳ осиё як донаро?
Ҳусну ишқи покро шарму ҳаё даркор нест,
Пеши мардум шамъ дар бар мекашад парвонаро.
Зуд бошад, к-аз хиҷолат об гардад чун ҳубоб
Ҳар кӣ аз дарё ҷудо кардаст, Соиб, хонаро.

* * *

Мешавад аз сардмеҳрӣ дӯстон аз ҳам ҷудо,
Баргҳоро мекунад боди хазон аз ҳам ҷудо.
Қатра шуд селобу восил шуд ба баҳр аз иҷтимоъ,
То ба кай бошанд ин беҳосилон аз ҳам ҷудо.
Гар ду бенисбат ба ҳам бошанд сад сол ошно,
Мекунад бенисбатӣ дар як замон аз ҳам ҷудо.
Дар хамӯшӣ ҳарфҳои мухталиф як нуктаанд,
Мекунад ин ҷамъро теғи забон аз ҳам ҷудо.
Мепазирад чун гулоб аз кӯза ранги иттиҳод,
Гарчи бошад барг-барги гулситон аз ҳам ҷудо.
То туро аз дур дидам, рафт ақлу ҳуши ман,
Мешавад наздики манзил корвон аз ҳам ҷудо.
Пеши арбоби басират гуфтугӯи ишқу ақл
Ҳаст чун бедориву хоби гарон аз ҳам ҷудо.
Гарчӣ дар суҳбат қасамҳо бар сари ҳам мехӯранд,
Хуни ҳамро мехӯранд ин дӯстон аз ҳам ҷудо.
То чу занбӯри асал дар чашми ҳам ширин шаванд,
Беҳ, ки бошад хонаҳои дӯстон аз ҳам ҷудо.
Нест мумкин ошноёнро зи ҳам кардан ҷудо,
Мекунад бегонагонро осмон аз ҳам ҷудо.
Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид,
Кист, Соиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо.

* * *

Аз маломатгар наяндешад дили бемори мо,
Шӯри маҳшар, хандаи кабк аст дар кухсори мо.
Эй Сулаймон, ин қадар истодагӣ даркор нест,
Мекушояд нохуни мӯре гиреҳ аз кори мо.
Ку майи талхе, ки то бӯяш ниҳад по дар рикоб,
Чун кафи дарё парешонтар шавад дастори мо.
Аз қумоши дил чӣ мепурсӣ, назар букшо, бубин,
Моҳи Канъон як харидор аст дар бозори мо.
Ҷабҳа мехорад ба нохун шери хоболударо,
Он ки ковиш мекунад бо синаи афгори мо.
Аз насими навбаҳорон мағзҳо ошуфта шуд,
Гул накард ошуфтагӣ аз гӯшаи дастори мо.
Шеваи мо сахтҷонон нест изҳори малол,
Лолаҳо бедоғ мерӯянд аз гулзори мо.
Мо ба хуни худ даҳони теша ширин мекунем,
Талх наншинад абас маъшуқи ширинкори мо.
Хуни моро пирӣ аз гардуни сангиндил харид,
Қомати хамгашта шуд ангуштари зинҳори мо.
Ғунчаҳои сарбамуҳри гулситони розро
Номаи вокарда донад дидаи бедори мо.
Гарчи аз хокем, дар ҷунбиш гаронҷон нестем,
Барги коҳе мешавад болу пари девори мо.
Ҳеҷ раҳ, Соиб, ба Ҳақ наздиктар аз дард нест,
Аз табибон мекашад парҳез аз он бемори мо.

* * *

Оҳи оламсӯзро дар сина туздидан чаро?
Баркро пероҳани фонус пӯшидан чаро?
Дар миёни рафтаву оянда дорӣ як нафас,
Ин қадар ҳангома бар як дам фурӯ чидан чаро?
Ҷомае, к-аз тан нарӯяд, ризқи микрози қабост,
Бар либоси орият чун хор хусбидан чаро?
Оби ҳайвон дар ақиқи сабр пинҳон кардаанд,
Инчунин оби гуворое нанӯшидан чаро?
Кӯрро аз раҳбари бино буридан ғофилист,
Бесабаб аз айббини хеш ранҷидан чаро?
Сангро бар медиҳад шавқи азизони ватан,
Эй кам аз санги нишон, аз ҷо наҷунбидан чаро?
Дар чунин вақте, ки хони файз густурдаст субҳ,
Чун гаронҷонон зи ҷои худ наҷунбидан чаро?
Аз ҳубобу мавҷ дарё медиҳад тоҷу камар,
Бар сари ин хирқаи садпора ларзидан чаро?
Дасти афсӯсест ҳар барге, ки мерӯяд зи шох,
Дар чунин мотамсарое ҳарза хандидан чаро?
З-ин гулистон оқибат чун бод мебояд гузашт,
Бар дарахте ҳар замон чун ток печидан чаро?
Дархури талхист, Соиб, ҳар даворо хосият,
Аз сари рағбат ҳадиси талх нашнидан чаро?

*   *   *

Мадор аз манзилороён тамаъ меъмории дилҳо,
Ки вусъат рафт аз дасту дили мардум ба манзилҳо.
Намебуд ин қадар хоби ғурури дилбарон сангин,
Агар медошт овозе шикасти шишаи дилҳо.
Дили бедор мебояд дар ин водӣ, таваҷҷуҳ кун,
Ки ман бо пои хоболуда кардам қатъи манзилҳо.
Ба Лайло муттаҳам доранд Маҷнунро, аз ин ғофил,
Ки дорад гуфтугӯи мардуми девона маҳфилҳо.
Ҳазорон укда чун ангур дар дил доштам, Соиб,
Ба як паймонаи май кард соқӣ ҳалли мушкилҳо.

*   *   *

Вақт аст ҷӯши бода занад лолазорҳо,
Майгун шавад зи лола лаби ҷӯйборҳо.
Гардад гули пиёда зи нашъунамо савор
В-аз ҷӯши гул пиёда намояд саворҳо.
Бар авҷ тӯтие, ки ҳаво гирад аз замин,
Болад ба худ зи нашву намо сабзазорҳо.
Ҳаргиз гумон набуд, ки бо ин фусурдагӣ
Орад ба ҷӯш деги маро ин шарорҳо.
Эй вой, бар назорагиён, гар дар ин чаман
Мебуд рангбасти гули эътиборҳо.
Дар луқма мӯйро натавон дид тирашаб,
Дар фақр хушгувор бувад ногуворҳо.
Соиб қадам шумурда ниҳад бар бисоти гул,
Дар пои раҳраве, ки шикастаст хорҳо.

* * *

Шукуфа шӯр фикандаст дар гулистонҳо,
Шудаст хони замин гум дар ин намакдонҳо.
Зи пардапӯшии барги шукуфа гардида-ст
Мисоли Лайлии чодаргирифта бӯстонҳо.
Замин шуда-ст зи барги шукуфа симинтан,
Кушудааст бағал боғ аз хиёбонҳо.
Чу оҷизи гираҳи дил шудӣ, ба боғ хиром,
Ки тез кард баҳор аз шукуфа дандонҳо.
Шаби дароз сабӯҳӣ кунанд майхорон,
Ки гашт машриқи субҳ аз шукуфа бӯстонҳо.
Чи гуна дил набарӣ аз суханварон, Соиб,
Ки ҳаст дар найи килки ту шаккаристонҳо.

* * *

Манеҳ бар дили зор бори ҷаҳонро,
Сабук соз бар шохи гул ошёнро.
Фалакро матарсон ба оҳи дурӯғе,
Ки аз тири каҷ нест парво нишонро.
Ба занҷир девона наншинад аз по,
Чӣ парвои мавҷ аст оби равонро.
Нафас оташин кун ба тасхири гардун,
Ки оташ кунад нарм пушти камонро.
Ҳамин аст пайғоми гулҳои раъно,
Ки ҳамкоса кун навбаҳору хазонро.
Зи гавҳар диҳад луқмаат абри найсон,
Агар чун садаф пок созӣ даҳонро.
Чу шуд захр одат, музират набахшад,
Ба марг ошно кун ба тадриҷ ҷонро.
Ба ғайр аз зиён нест дар худфурӯшӣ,
Агар суд хоҳӣ, бубанд ин дуконро.
Бувад ғайбати халқ мурдорхорӣ,
Бипардоз аз ин луқма кому забонро.
Зи меъроҷи мансаб маҷӯ пойдорӣ,
Ки бар ях бувад пой ин нардбонро.

*  *  *

Хат талх сохт он даҳани ҳамчу қандро,
Ин мӯр бурд чошнии нӯшхандро.
Резад зи дидааш гуҳари суфта бар замин,
Ҳар кас, ки дид он мижаҳои баландро.
Хунҳои хуфта дидаи бедори фитна аст,
Ҷавлон мадеҳ ба хоки шаҳидон самандро.
Хоҳад ба нолае дили моро навохтан
Он кас, ки сохт мутриби оташ сипандро.
Коми муҳитро накунад талх оби шӯр,
Таъсир нест дар дили ушшоқ пандро.
Дорад замини сӯхта хатти мусалламӣ,
Парвои доғ нест дили дардмандро.
Дарё бағал кушода ба соҳил ниҳод рӯй,
Дигар кадом сел гусастаст бандро.
Золим ба зулми хеш гирифтор мешавад,
Аз печутоб нест раҳоӣ камандро.
Осуда аст нафси салим аз газанди даҳр,
Бим аз саги шубон набувад гӯсфандро.
Мардон зи роҳи дард ба дармон расидаанд,
Соиб, азиз дор дили дардмандро.

*   *   *

Аз камар берун наёяд тешаи Фарҳоди мо,
Кӯҳро бардошт аз ҷо нолаву фарёди мо.
Ҷунбиши гаҳвора хоби тифлро созад гарон,
Аз тазалзул беш маҳкам мешавад бунёди мо.
Нақши Ширинро ба хуни дил мусаввар сохтам,
Бесутун кони Бадахшон аст аз Фарҳоди мо.
Нест ҷурми дӯстон, гар ёди мо камтар кунанд,
Ваҳшат аз мо дургардон беш дорад ёди мо.
Дасту пои сайд мепечад ба ҳам аз диданаш,
Аз каманду доғ мустағнӣ бувад сайёди мо.
Гарчи вайронем, аммо дилнишин афтодаем,
Сел натвонад гузаштан аз харобободи мо.
То ба рӯи сахти мо, Соиб, сару кораш фитод,
Тавба кард аз сахтрӯӣ силии устоди мо.

*   *   *

Тоқат куҷост рӯи арақнокдидаро,
Ором нест киштии тӯфонрасидаро.
Доим зи хӯи худ кашад озор бадгуҳар,
Хун аст шир кӯдаки пистонгазидаро.
Моро мабар ба боғ, ки аз сайри лолазор
Як доғ сад ҳазор шавад доғдидаро.
Бо қадди хам зи умр иқомат тамаъ мадор,
Дар оташ аст наъл камони кашидаро.
Чун саггазидае, ки наёрад ба об дид,
Оина мегазад мани одамгазидаро.
Аз суҳбати хасис ҳазар кун, ки мешавад
Як барги коҳ монеи парвоз дидаро.
Шабнам зи боғбон накашад миннати висол,
Маъшуқ дар канор бувад покдидаро.
Бисёр захм ҳаст, ки хок аст марҳамаш,
Натвон ба ришта дӯхт даҳони даридаро.
Шӯхе, ки дорад аз дили сангин ба кӯҳ пушт,
Медид кош Соиби дар хун тапидаро.

* * *

Ҷилваи барқ аст дар майхона ҳушёрӣ маро,
Аз пайи таъбири болин аст бедорӣ маро.
Чун фалохун, к-аз висоли санг дастафшон шавад,
Медиҳад ратли гарон аз ғам сабуксорӣ маро.
Марди бебаргу наворо корвон даркор нест,
Мекунад чун теғ урёнӣ сипардорӣ маро.
Нисбати ман бо гунаҳ оинаву хокистар аст,
Рӯсафедиҳост ҳосил аз сияҳкорӣ маро.
То наёбам дар сухан майдон, намеоям ба ҳарф,
Ҳамчу тӯтӣ лавҳи таълим аст ҳамворӣ маро,
Нест чун реги равонам дар сафар вомондагӣ,
Роҳати манзил бувад аз нармрафторӣ маро.
Баски месӯзад дилаш аз беқарориҳои ман,
Шамъи болин мешавад ангушти зинҳорӣ маро.
Нест, Соиб, чоҳу зиндон бар дили ман ногувор,
Ҳамчу Юсуф мефизояд иззату хорӣ маро.

* * *

Дар синаи ҳаҷр аст гиреҳ қофилаи мо,
Хобидатар аз роҳ бувад роҳилаи мо.
Дар домани саҳрои маломат натавон ёфт
Хоре, ки начидааст гул аз обилаи мо.
Мо аз ту ҷудоем ба сурат, на ба маънӣ,
Чун фосилаи байт бувад фосилаи мо.
Девона ба ҳамвории мо нест дар ин дашт,
Чун ҷавҳари теғ аст хамаш силсилаи мо.
Ҷо дорад, агар з-ин ғазали тоза нависанд,
Соиб, ба лаби ёр азизон силаи мо.

* * *

Аз хасисон чора набвад мардуми бугзидаро,
Мешавад гоҳе ба барги коҳ ҳоҷат дидаро.
Нек беш аз бад ҳиҷоби роҳи биноён шавад,
Заҳмати гул бештар аз хор бошад дидаро.
Қадри саҳрои адамро рафтагон донанд чист
Тӯтиёи чашм бошад хок тӯфондидаро.
Нест дар табъи гаронҷонон насиҳатро асар,
Шӯри машҳар барнаангезад раҳи хобидаро.
Чашми хоболударо дар хилвати дил бор нест,
Ҳошалилаҳ, Каъба пӯшад ҷомаи пӯшидаро.
Аз алоиқ фориғанд озодмардон ҳамчу сарв,
Хор натвонад гирифтан домани барчидаро.
Нест осон маънии печида, Соиб, ёфтан,
Раҳнамо аз печутоб аст ин раҳи печидаро.

* * *

Шӯри ишқе ку, ки расвои ҷаҳон созад маро,
Бениёз аз ному фориғ аз нишон созад маро.
Мегурезам аз паноҳи бехудӣ аз халқ, чанд
Худфурӯшӣ бандаи ин корвон созад маро?
Водии паймударо аз сар гирифтан мушкил аст,
Чун Зулайхо ишқ метарсам ҷавон созад маро.
Ҷилваи дасту гиребони гули ин бӯстон
Сахт метарсам, хиҷил аз боғбон созад маро.
Соиб, аз рози даҳони ӯ наёрам сар бурун,
Фикр агар борик чун мӯи миён созад маро.

*   *   *

Аз сару сомон чӣ мепурсӣ мани девонаро,
Ҷӯши май бардошт аз ҷо сақфи ин майхонаро,
Ҳар кӣ омад пеши он кони малоҳат сар гузошт,
Аз замини шӯр беруншуд набошад донаро.
Машқ созад ҳусни оламгирро дар хун далер,
Зулфиқори шамъ бошад болу пар парвонаро.
Ганҷро з-ин пеш дар ин вайрона мекардам ниҳон,
Ин замон дар ганҷ пинҳон кардаам вайронаро.
Бештар гардид савдои ман аз тадбири ақл,
Тахтаи машқи ҷунун шуд чӯби гул девонаро.
Майли дил бо тоқи абрӯи бутон имрӯз нест,
Каҷ бино карданд з-аввал қиблаи ин хонаро.
Дар тарозуи қиёмат нест, Соиб, санг кам,
Ишқ дар як палла дорад Каъбаву бутхонаро.

*   *   *

Май зердасти худ накунад хушмандро,
Парвои сел нест замини баландро.
З-он зулфи пуршикан машав эмин, ки мешавад
Аз чин дароз дасти тааддӣ камандро.
Эмин зи фитнаи лаби хомӯши мо машав,
К-ин сели тунд мегусилад зуд бандро.
Чун нафс шуд салим, нигаҳбони дил шавад,
Бим аз саги шӯбон набувад гӯсфандро.
Пайкон даҳони хандаи сӯфорро набаст,
Фикри дили ғамин набувад ҳарзахандро
Мардон зи роҳи дард ба дармон расидаанд,
Соиб, азиз дор дили дардмандро.

*   *   *

Ҳар кӣ давлат ёфт, шуст аз лавҳи хотир номи мо,
Авҷи давлат тоқи нисён аст дар айёми мо.
Мехӯрад чун хуни дил ҳар кас ба қадри дастгоҳ,
Бош кӯчактар зи ҷоми дигарон, гӯ, ҷомӣ мо.
Бар бало андохт ҷамъият дили озурдаро,
Фулси мо чун моҳиён гардид охир доми мо.
Дар назар во кардане тай шуд бисоти зиндагӣ,
Чун шарар дар нуқтаи оғоз буд анҷоми мо.
Бар дили озодаи мо боғи имкон танг буд,
Чашми танги қумриён чун сарв дар андоми мо.
Тифли бозикӯш ором аз муаллим мебарад,
Талх дорад зиндагӣ бар мо дили худкоми мо.
Пушти мо дар хоксорӣ, рӯи мо дар бекасӣ,
Ҳаст бар се пораи дилҳо мадори номи мо.
Нест, Соиб, ҷоми айши мо чу гул по дар рикоб,
То фалак гардон бувад, дар давр бошад ҷоми мо.

*   *   *

Булбул намешавад ба қафас аз чаман ҷудо,
Фонус шамъро накунад з-анҷуман ҷудо.
Ҳуш дор, к-аз хароши дили санги хора шуд
Охир ба теғи кӯҳ сари Кӯҳкан ҷудо.
Аз дурбоши синаи гарм истодааст
Фонусвор аз тани ман пираҳан ҷудо.
Чун хома дар муҳаббати ту баски якдиланд,
Аз ҳам намекунад ду лабамро сухан ҷудо.
Соиб, зи ман мапурс ҳузури ватан, ки кард
Андешаи ғариб маро аз ватан ҷудо.

* * *

Дармондаи ин ҷисми низор аст дили мо,
Дар санг ниҳон ҳамчу шарор аст дили мо.
Дорад ба ғами ишқ назар аз ғами олам,
Оҳуст, вале шершикор аст дили мо.
Чун ғунча маҳол аст, ки аз пӯст барояд,
Чандон ки дар ин сабзҳисор аст дили мо.
Чун донаи бемағз зи бебаргунавоӣ
Шармандаи иқболи баҳор аст дили мо.
Ҳарчанд ки печида ба май хуни раги талх
Дар кашмакаши ранҷи хумор аст дили мо.
То бохабар аз ҳастии хеш аст, пиёдаст,
Аз худ чу бурун рафт, савор аст дили мо.
Ҳар доғи ҷигарсӯз сияҳхонаи Лайлост,
То волаи он лолаузор аст дили мо.
Аз чашмаи ҳайвон ҷигари сӯхта дорад,
Ҳамтолеи холи лаби ёр аст дили мо.
Ҳарчанд баҳои гуҳар аз гарди ятим аст,
Беқимат аз ин мушти ғубор аст дили мо.
То қатраи худро накунад гавҳари шаҳвор,
Саргаштатар аз абри баҳор аст дили мо.
Ҳарчанд зи паргор фитад гардиши гардун,
Чун нуқтаи марказ ба қарор аст дили мо.
З-он ҷилваи мастона, к-аз он сарви равон дид,
Чун гул ҳама оғӯшу канор аст дили мо.
То даст ба ин пайкари хокӣ нафишондаст
Мотамзада чун шамъи мазор аст дили мо.
Ҳарчанд дар ин боғ чу гул покдаҳонем,
Аз захми забон бӯсаи хор аст дили мо.
З-ин нағмасароён, ки дар ин боғи баҳоранд,
Соиб, зи навои ту фигор аст дили мо.

*  *  *

Соқӣ, аз ратли гарон санги сабукдил кун маро,
Ҳалқаи беруни ин дунёи ботил кун маро.
Водии саргаштагӣ аз ман нафас нагзоштаст,
Пои хоболудаи домони манзил кун маро.
Рафтааст аз кор чун зулфи ту дастам умрҳост,
Гаҳ ба дӯшу гоҳ бар гардан ҳамоил кун маро.
Аз барои имтиҳон чанде маро девона кун,
Гар беҳ аз Маҷнун набошам, боз оқил кун маро.
Бандаро густох месозад ҳузури доимӣ,
Марҳамат кун, гоҳ-гоҳ аз хеш ғофил кун маро.
Дурбоши ман бувад бас беқарорӣ чун сипанд,
Гар гаронҷонӣ кунам, берун зи маҳфил кун маро.
Ҷои ман холист дар ваҳшатсарои обу гил,
Баъд аз ин, Соиб, суроғ аз гӯшаи дил кун маро.

*   *   *

На аз гул мекушояд дил, на аз гулзор ошиқро,
Ки боғи дилкушое нест ғайр аз ёр ошиқро.
Ба бӯи гул зи хоби беҳудӣ бедор шуд булбул,
Зиҳӣ хиҷлат, ки маъшуқаш кунад бедор ошиқро.
Дами шамшери барқ аз ҳар гиёҳе барнамегардад,
Зи ҷавлон нест монеъ водии пурхор ошиқро.
Зи хат рӯзе, ки шуд хуни ақиқаш мушк, донистам,
Ки хоҳад сӯхт дар дил орзу бисёр ошиқро.
Сафи мижгон нагардад пардадори чашмфармое,
Қиёмат кай зи шуғли худ канад бадкор ошиқро.
Ба ҳар бепардае изҳор натвон кард рози худ,
Дили шабҳо бувад ганҷинаи асрор ошиқро.
Фиреби холи гандумгуни ӯ хӯрдам, надонистам,
Ки хоҳад сохтан ин нуқта бепаргор ошиқро.
Ба айби бевафоӣ ҳамчу гул машҳур мегардад,
Агар аз сӯхтан аз по барояд хор ошиқро.
Зи шавқи санги тифлон чун фалохун нест оромаш,
Агарчӣ ҳаст чун дил шишае дар бор ошиқро.
Гаронсангӣ фалохунро пари парвоз мегардад,
Надорад лангари кӯҳи ғами рафтор ошиқро.
Майи лаълаш агар дар санг рӯ пинҳон кунад, Соиб,
Бас аст аз ҳар ду олам нашъаи дидор ошиқро.

*   *   *

Гар қобили малол наям, шод кун маро,
Вайрон агар намекунӣ, обод кун маро.
З-афтодагӣ мабод шавам бори хотират,
То ҳаст пои рафтане, озод кун маро.
Ҳайф аст гарчи кизб равад бар забони ту,
Аз ваъдаи дурӯғ диле шод кун маро.
Шояд ба гарди қофилаи бехудон расам,
Эй пири дайр, ҳиммати имдод кун маро!
Гаштаст хуни мурда ҷаҳонро рамидагӣ,
Девонаи қаламрави эҷод кун маро!
Дорад ба фикри Соиби ман гӯш оламе,
Як раҳ ту низ гӯш ба фарёд кун маро.

*   *   *

Саҳл машмар ҳиммати пирони ботадбирро,
К-аз камоли болу пар парвоз бошад тирро.
Душмани хунхорро кӯтаҳ ба эҳсон соз даст,
Ҳеҷ занҷире беҳ аз серӣ набошад шерро.
Ақл комил мешавад аз гарму сарди рӯзгор,
Обу оташ мекунад соҳиббуриш шамшерро.
Барнамегардад бароти қисмати ҳақ, хун махӯр,
Нест мумкин боз гардидан ба пистон ширро.
Бодпаймоист оҷизнолӣ аз оҳандилон,
Нест дар дилҳо сироят нолаи занҷирро.
Решаи нахли куҳансол аз ҷавон афзунтар аст,
Бештар дилбастагӣ бошад ба дунё пирро.
Ақли дурандеш бар мо роҳи рӯзӣ бастааст
Варна ҳар ангушт пистонест тифли ширро.
Ҷӯи шир аз қудрати Фарҳод мебахшад хабар,
Метавон дар захм дидан ҷавҳари шамшерро.
Дар ҳарам ҳар кас гуноҳе кард, ҳаддаш мезананд,
Нагзаронад ишқ аз ҳамсуҳбатон тақсирро.
Мерасад озори бадгавҳар ба наздикон фузун,
Захми аввал аз наёми худ бувад шамшерро.
Кишвари девонагӣ имрӯз маъмур аз ман аст,
Ман ба по дорам бинои хонаи занҷирро.
Нест мумкин, Соиб, аз дил укдаи ғам во шавад,
Нохуне то ҳаст дар каф панҷаи тадбирро.

*   *   *

Дилро зи қайди ҷисм раҳо мекунем мо,
Ин донаро зи коҳ ҷудо мекунем мо.
Умри дубора дар гиреҳи рӯзгор нест,
Ҷонро зи зулфи ёр ҷудо мекунем мо.
Оҳ, инчунин агар шиканад остини саъй,
Пироҳани ситеза қабо мекунем мо.
Афтад ғизоли давлат агар дар каманди мо,
Аз ҳиммати баланд раҳо мекунем мо.
Май мекашему хандаи мастона мезанем,
Бо ин дурӯза умр чиҳо мекунем мо.

*   *   *

Фонус ҳиҷоб аст чароғи саҳариро,
Доман ба миён барзада бояд сафариро.
Дарёб, агар аҳли дилӣ, пештар аз субҳ,
Чун ғунчаи нашкуфта насими саҳариро.
Сахтӣ расад аз чарх ба нозуксуханон беш,
Бо санг сару кор бувад шишагариро.
Шуд тарси ман аз номаи аъмол фузунтар,
Торикии шаб беш кунад бечигариро.
То соҳиби фарзанд нагардӣ, натавон ёфт,
Дар олами эҷод ҳуқуқи падариро.
Соиб, ба ҷуз ошуфтагии дил самаре нест,
Дар доираи чарх парешонназариро.

*   *   *

Ба соғар эҳтиёҷе нест ҳусни ниммасташро,
Ки меҷӯшад май аз паймона чашми майпарасташро,
Ба чандин даст натвонист мижгонаш нигаҳ дорад
Зи афтодан ба ҳар ҷониб нигоҳи ниммасташро.
Ба сайди моҳиён гар зулфи каҷҷаш сар фуруд орад,
Рабоянд аз даҳони якдигар чун туъма шасташро.
Шавад мустағнӣ аз дарё зи обу донаи гавҳар,
Гузорад чун садаф бар рӯй ҳам ҳар кас, ки дасташро.
Зи дарди ман дар ин олам касе, Соиб, хабар дорад,
Ки холӣ оварад берун зи коми баҳр шасташро.

*   *   *

Ноумедӣ бар диҳад ашке, ки меборем мо,
Ризқи Қорун мешавад тухме, ки мекорем мо.
Дар кафи ишқем оҷиз варна аз майдони разм
Шермардонро ба майдон ҷабҳа мехорем мо.
Пеши хирман даст кай чун хӯшачин дорем мо,
Тангдастиро ниҳон дар остин дорем мо.
Соҳиби номанд аз мо оламу мо тирарӯз,
Толеи баргашта чун нақши нигин дорем мо.
Дар шикори шӯхчашмон дасту по гум мекунем
Варна сад оҳу ба доми хеш меорем мо.
Гавҳари шаҳвори мардон лаб ба ҷо во кардан аст,
Ин насиҳатро ба хотир аз садаф дорем мо.
Нест, Соиб, қисмати кӯтоҳбинони ҳавас,
Он чи аз чашми сиёҳаш дар назар дорем мо.

* * *

Нест аз рӯи замин серӣ дили худкомро,
Ҳирс мегардад зиёд аз хок чашми домро.
Дил ба кӯшиш орзуро пухта натвонист кард,
Дар бағал натвон расондан меваҳои хомро.
Ҷисм ранги ҷон гирифт аз беқарориҳои дил,
Мебарад чун соя бо худ сайди ваҳшӣ домро.
Доғ дорад майкашонро ташначашмиҳои ман,
Мекунам холӣ зи май дар дасти соқӣ ҷомро.
Бӯсаро дар нома мепечад барои дигарон,
Он, ки медорад дареғ аз ошиқон пайғомро.
Ҳар киро аз дурду софи май назар бар нашъаест,
Бодаи як ҷом донад бӯсаю дашномро.
Нест, Соиб, шанбаву одина дар кӯи муғон,
Мекунад якранг машраб сар ба сар айёмро.

* * *

То ба кай дар таҳи зангор бувад ханҷари мо,
Чанд бошад чу зиреҳ зери қабо ҷавҳари мо.
Лола бар домани саҳрои қиёмат чӣ кунад,
Фориғ аз доғ бувад синаи ғампарвари мо.
Алами лашкари мо аз сари ҷон хостан аст,
Заҳраи кист, ки гардад тарафи лашкари мо.
Нест имрӯз ба ҷамъияти мо сӯхтае,
Боли парвона бувад як варақ аз дафтари мо.
Гиря бар ҳоли касон бештар аз худ дорем,
Бар муроди дигарон сайр кунад ахтари мо.
Душман аз суҳбати мо комраво мехезад,
Нест чун шамъ дар ин анҷуман аз мо сари мо.
Орзу дар дили ғамдидаи мо оҳ шавад,
Раги хомӣ барад аз уд бурун миҷмари мо.
Гиряи шодии мо талх нагардад, Соиб,
Осмон шишаи худ гар шиканад бар сари мо.

*  *  *

Такаллуф нест дар гуфтор ринди лоуболиро,
Чунонат дӯст медорам, ки ошиқ шеъри ҳолиро.
Хуморолудаи Юсуф ба пироҳан намесозад,
Зи пеши чашми ман бардор ин минои холиро.
Тавон айёми тифлӣ чанд рӯзе доди ишрат дод,
Намедонанд тифлон, ҳайф, қадри хурдсолиро.
Назокат он қадар дорад, ки дар вақти хиромидан
Тавон аз пушти пояш дид нақши рӯи қолиро.
Гул аз хори сари девор мечинад нигоҳи ман,
Баҳори хеш медонам хазони хушксолиро.
Маҳи нав менамояд гӯшаи абрӯ, ту ҳам, соқӣ,
Чу гардун бар сари ҷанг ор он ҷоми ҳилолиро.
Зи фикри печутоби он камар берун намеоям,
Ки ҳиҷрон нест дар пай васли маъшуқи хаёлиро.
Агар оинарӯе дар назар медоштам, Соиб,
Ба тӯтӣ мечашондам шеваи ширинмақолиро.

*  *  *

Зи хирман сулҳ кун бо донае аз дурбиниҳо,
Ки месозад забони барқ кӯтаҳ хӯшачиниҳо.
Талоши садр камтар кун, ки дар баҳри гаронлангар,
Сабук дорад кафи бемағзро болонишиниҳо.
Сарафрозӣ чу шамъ онро расад дар ҳалқаи тоат,
Ки меҳробаш нахоҳад шамъ аз равшанҷабиниҳо.
Ба ман боист ёр аз дигарон наздиктар бошад,
Агар наздик мегардид ёр аз дурбиниҳо.
Миёни нуру зулмат илтиёме нест ҳайронам,
Ки чун пайваст ҷони осмонӣ бо заминиҳо.
Зи гарди хат, гирифтам, бесафо шуд зоҳири он лаб,
Куҷо рафт он табассумҳову он ҳарфофариниҳо.
Ба завқи бода дар ҷоми сафолин рехтам, Соиб,
Ки аз тоқи дили фағфури Чин афтод чиниҳо.

*   *   *

Маркази хок аст гардун осмони ишқро,
Ломакон як пилла бошад остони ишқро.
Рӯзу шаб зоҳир ба доғи куҳнаву нав мешавад,
Нест моҳу офтобе осмони ишқро.
То чӣ ояд равшан аст аз дасти ин як қабза хок,
Чарх натвонист зеҳ кардан камони ишқро.
Осмонро раъшаи ҳайбат ба хок андохтаст,
Кист то бар сар кашад ратли гарони ишқро?
Пеш аз ин ин ҷо намакро қимати алмос буд,
Шӯри ман кони малоҳат кард хони ишқро.
Шукрулиллаҳ, Соиб аз иқболи ҳиммат, оқибат
Меҳрубони хеш созад меҳрубони ишқро.

*   *   *

Дилфиребӣ чун ба ҷавлон оварад он моҳро,
Мард мебояд нигаҳ дорад инони роҳро.
Ғофилонро гӯш бар овози табли реҳлат аст,
Ҳар тапидан қосиде бошад дили огоҳро.
Худнамоӣ парда бармедорад аз болои ҷаҳл,
Нест айбе дар нишастан ҷомаи кӯтоҳро.
Ишқ мустағнист аз тадбири ақли ҳилагар,
Шер кай созад асои худ думи рӯбоҳро?
Чун шавад душман мулоим, эҳтиёт аз каф мадеҳ,
Макрҳо дар парда бошад оби зери коҳро.
Бар тиҳиоғӯшии худ гиря, Соиб, мекунам,
Чун бубинам ҳола дар оғӯш гирад моҳро.

*   *   *

Мо набзшиноси раги ҷонем ҷаҳонро,
Оинаи асрори ниҳонем ҷаҳонро.
Пӯшидаву пайдост зи мо рози ду олам,
Ҳам оина, ҳам оинадонем ҷаҳонро.
Ҳангоми хамӯшӣ гиреҳи гавҳари асрор,
Дар вакти сухан теғи забонем ҷаҳонро.
Аз синаи пурдоғ – баҳори ҷигари хок,
Аз чеҳраи беранг хазонем ҷаҳонро.
Тоза-ст ҷигарҳо зи шароби куҳани мо,
Пирем, вале бахти ҷавонем ҷаҳонро.
Дар суҳбати мо қатра шавад гавҳари шаҳвор,
Аз дил садафи покдаҳонем ҷаҳонро.
Доранд ба девонаи мо чашм ғизолон,
Сарҳалқаи соҳибназаронем ҷаҳонро.
Аз ростии табъ – асои фалаки пир,
Аз қомати хамгашта камонем ҷаҳонро.
Беҳушии мо барги нишоти дигарон аст,
Аз хоби гарон ратли гаронем ҷаҳонро.
Гӯше нахарошад зи садои ҷараси мо,
Мо қофилаи реги равонем ҷаҳонро.
Аз оинаи мост ниҳон рози ду олам,
Ҳарчанд зи ҳайратзадагонем ҷаҳонро.
Дар зоҳир агар дидаи мо пардаи хоб аст,
Мо аз дили бедор шубонем ҷаҳонро
Соиб, хабаре нест, ки дар маҳфили мо нест,
Ҳарчанд ки аз бехабаронем ҷаҳонро.

*   *   *

Агар ғафлат ниҳон дар санги хоро мекунад моро,
Ҷавонмард аст дарди ишқ, пайдо мекунад моро.
Надорад сарфае оинаи моро ҷило додан,
Шавад расвои олам ҳар кӣ расво мекунад моро.
Агар равшангари ҳайрат ба ҳоли мо напардозад,
Кӣ дигар сода аз нақши таманно мекунад моро?
Зи чашми бад Худо он чашми майгунро нигаҳ дорад,
Ки дар ҳар гардише масти тамошо мекунад моро.
Ҳамин ишқе, ки рӯзи мо аз ӯ шаб шуд, агар хоҳад,
Ба доғе офтоби оламоро мекунад моро.
Агар чун шона аз ҳар чоки дил роҳе кунад пайдо,
Ҳамон зулфи сабукдасташ зи сар во мекунад моро.
Чунин маълум шуд аз гӯшмоли осмон, Соиб,
Ки баҳри маҳфили дигар муҳайё мекунад моро.

* * *

Танпарастӣ зердасти хок месозад маро,
Бехудӣ тоҷи сари афлок месозад маро.
Дар гиреҳ доим нахоҳад монд корам чун садаф,
Шӯхии гавҳар гиребон чок месозад маро.
Гар напардозам ба худ чун сел ҷои таън нест,
Гарди раҳ аз чеҳри дарё пок месозад маро.
Муддате шуд бор бар дил бурдаам з-ин осиё,
Гардиши афлок кай ғамнок месозад маро?
Ашки ток аз майпарастӣ узрхоҳӣ ман бас аст,
Ин раги абр аз гуноҳон пок месозад маро.
Соиб, аз афсурдагӣ хун дар раги ман мурдааст,
Ковиши мижгони он бебок месозад маро.

* * *

Гирифтагии дил аз чашми равшан аст маро,
Гиреҳ зи ришта зи пайванди сӯзан аст маро.
Ғараз зи сайри чаман шӯри андалебон аст,
Вагарна синаи пурдоғ гулшан аст маро.
Миёни фохтагон сарбаланд аз он шудаам,
Ки дасти сарви чаман тавқи гардан аст маро.
Касе, ки айби маро мекунад ниҳон аз ман,
Агарчи чашми азиз аст, душман аст маро.
Аз он ба ҳифзи назар ҳамчу боз машғулам,
Ки дасти соиди шоҳон нишеман аст маро.
Ғизолае, ки маро кардааст саҳроӣ,
Каманди гарданаш аз худгусастан аст маро.
Зи чоки синаи гул аз гирифтагӣ, Соиб,
Назар ба рахнаи девор гулшан аст маро.

* * *

Тарҷеҳ медиҳад ба падар устодро,
Ҳар кас шинохтаст баёзу саводро.
Бо неку бад чу шиёру шакар ҷӯш мезанад
Дарёфт ҳар кӣ чошнии иттиҳодро.
Дар зери осмон набувад субҳи бешафақ,
Хун дар пиёла аст забони кушодро.
Захми забон чӣ кор ба саргаштагон кунад,
Парвои хору хас набувад гирдбодро.
Талхикашони ишқ нагиранд ҷоми заҳр
Дар маҳфиле, ки роҳ бувад нӯшбодро.
Аз абр бениёз бувад теғи обдор,
Ҳоҷат ба бода нест равонҳои шодро.
Заҳр аст шаккаре, ки мукаррар намешавад,
Бадхӯ макун ба васл дили номуродро.
Зинҳор дар дурустии хат саъй кун, ки ҳаст
Хатти шикаста хоби парешон саводро.
Соиб, уммед ҳаст, ки он хатти анбарин
Равшан кунад саводи мани бесаводро.

*  *  *

Бегонагӣ шудаст зи олам муроди мо,
Ёдаш ба хайр, ҳар кӣ наяфтад ба ёди мо.
Чун субҳ ҷайбу домани олам пур аз гул аст
Аз боғи дилкушои ҷабини кушоди мо.
Кайфияташ зи бодаи лаъл аст бештар
Хуне, ки мехӯранд ҳарифон ба ёди мо.
Бо номуродӣ аз ҳама кас захм мехӯрем,
Эй, вой, гар сипеҳр равад бар муроди мо.
Афсурдатар зи оташи тӯфонрасида аст
Бозори рӯзгор зи ҷинси касоди мо.
Моро касе, ки сар ба биёбони ишқ дод,
Омода кард аз дили садпора зоди мо.
Соиб, агарчи бодаи мо нест ғайри хун,
Аз нуҳ сипеҳр мегузарад нӯшбоди мо.

*  *  *

Нафаси сӯхта равшангари ҷон аст маро,
Чун шарар зиндагӣ аз сӯхтагон аст маро.
Бехудӣ гарди малол аз дили ман мешӯяд,
Рафтани дил зи назар оби равон аст маро.
Гарчи афтодаам, аммо пайи бардоштанам
Ҳар кӣ қад рост кунад, тиру синон аст маро.
Гардиши чарх маҳол аст маро пир кунад,
Ҳиммати пири муғон бахти ҷавон аст маро.
Натавон шаст ба ҳар сайд кушодан варна
Оҳ тирест, ки доим ба камон аст маро.
Мекунад силсилаи умри абадро кӯтоҳ
Гираҳе чанд, ки дар риштаи ҷон аст маро.
Дар харидории дарди ту ба ҷон бетобам,
Варна Юсуф ба зари қалб гарон аст маро.
Об аз дидаи хуршед барорад, Соиб,
Дар дил оинаузоре, ки ниҳон аст маро.

*   *   *

Хуш кун аз лоларухон зулфпарешонеро,
Аз дили гарм барафрӯз шабистонеро.
То нарафтаст сари риштаи фурсат аз даст,
Беҳ, ки шероза шавӣ ҷамъи парешонеро.
Гар ҳама хонаи Каъба-ст, ки таъмир макун,
То тавон кард иморат дили вайронеро.
Ҳар кӣ аз дасти Зулайхои ҳавас солим ҷаст,
Ба ду олам надиҳад гӯшаи зиндонеро.
Пеши он кони малоҳат даҳани хубон чист,
Дар намакзор чӣ қадр аст намакдонеро?!
Вақт бисёр азиз аст, гиромӣ дораш,
Ба зари қалб мадеҳ Юсуфи Канъонеро.
Бода хуб аст ба андозаи соғар бошад,
Чӣ кунад булбули безарф гулистонеро.
Ихтиёри лаби худро ба хати сабз мадеҳ,
Натавон дод ба тӯтӣ шакаристонеро.
Аз шакархандаи бепардаи гулҳо пайдост,
Ки надидаст гулистон лаби хандонеро.
Дар ҳазорон назари шӯх набошад, Соиб,
Он чӣ дар парда бувад дидаи ҳайронеро.

*  *  *

Аз бахти сияҳ нест гузар аҳли рақамро,
Бе чок кӣ дидаст гиребони қаламро?
Нохун зи сабукдастии мо барқи хазон аст,
Чун сикка ба занҷир надорем дирамро.
Равшангари тақдир ба як рӯз ҷило дод
Оинаи зонуи ману соғари Ҷамро.
Доғ аст ҳамон чораи доғе, ки куҳан шуд,
Ҳам нақши қадам маҳв кунад нақши қадамро.
Бенур нагардад дил аз олудагии ҷисм,
Аз тирагии ҷома чи парвост ҳарамро.
Гирди даҳани танги ту гардам, ки намудаст
Ширин ба назарҳо сафари талхи адамро.
Соиб, бикаш аз чеҳраи маънӣ вараќи худ,
То кай зи бурун сайр кунӣ боғи Ирамро?

*   *   *

Дасте, ки шуд ба гардиши паймона ошно,
Дигар нашуд ба сабҳаи саддона ошно.
Мизони адл майл ба як сӯ намекунад,
Ориф бувад ба Каъбаву бутхона ошно.
Бар нуқтаи дил аст чу паргори сайри ман,
Ин мурғ қонеъ аст ба як дона ошно.
Шуд нафси бадгуҳар зи мадоро газандатар,
З-эҳсон намешавад саги девона ошно,
Нақши касе дуруст нашинад, ки чун нигин
Бошад дар ин бисот ба як хона ошно.
Соиб, зи ошноии олам канора кард,
Ҳар кас, ки шуд ба маънии бегона ошно.

*   *   *

Зи хоки кӯи ту парвоз мушкил аст маро,
Ки аз гаронии ҷон кӯҳ бар дил аст маро.
Ҳазор палла сабуксортар бувад Қорун
Зи тухмҳои умеде, ки дар дил аст маро.
Макаш зи дасти ман он соиди нигоринро,
Ки хун зи дасти ту бисёр дар дил аст маро.
Ҳамон ки нақши маро мезанад ба тир аз дур,
Ба ҳар тараф, ки равам, дар муқобил аст маро.
Пур аст чун ҷарас аз нолаам биёбонҳо,
Агарчи роҳи сухан пеши маҳмил аст маро.
Зи номи ман ба ғалат ҳам даҳон насозад талх,
Ҳамон ки ёди лабаш нуқли маҳфил аст маро.
Гуҳар ба гарди ятимӣ намерасад, Соиб,
Дар он муҳит, ки уммеди соҳил аст маро.

*  *  *

Эй, ки аз олами маънӣ хабаре нест туро,
Беҳтар аз муҳри хамӯшӣ сипаре нест туро.
Агар аз хеш бурун омадаӣ чун мардон,
Бош осуда, ки дигар сафаре нест туро.
Сарв аз бесамарӣ хилъати наврӯзӣ ёфт,
Ҷигари хеш махӯр, гар самаре нест туро.
Мекунад ҳамраҳии Хизр биёбонмаргат,
Агар аз дарди талаб роҳбаре нест туро.
З-он ба чашми ту бувад рӯи замин хористон,
Ки чу наргис ба таҳи по назаре нест туро.
Сангро мешиканад санг, аз он мағрурӣ,
Ки дар ин ҳафт садаф ҳамгуҳаре нест туро.
Бугсил аз хешу ба ҳар хор, ки хоҳӣ, пайванд,
Ки дар ин раҳ зи ту носозтаре нест туро.
Ба шикасти қафаси ҷисм аз он меларзӣ,
Ки сазовори чаман болу паре нест туро.
Нест дар беҳунарӣ офати нахват, Соиб,
Шиква аз бахт макун, гар ҳунаре нест туро.

*   *   *

Чанд бар кӯрдилон ҷилва диҳам маъноро,
Пеши Даҷҷол кашам моидаи Исоро!
Ҳар кӣ бо худ ду гувоҳ аз раги гардан дорад,
Мебарад пеш дусад даъвии бемаъноро.
Натавон бар сухани равшани ман парда кашид,
Чӣ ғам аз мавҷаи Нил аст кафи Мӯсоро.
Хасм ангушт чаро бар сухани ман ниҳад,
Бар сари чӯб бувад ҳусни басар аъморо.
Соиб, аз хирагии бахти сияҳ шиква макун,
Маҳаки ҳусн сияҳхона бувад Лайлоро.

*   *   *

Чун хум аз кӯи муғон пои сафар нест маро,
Гар шавам об, аз ин хок гузар нест маро.
Санги тифлон чӣ кунад бо дили девонаи ман,
Кабки мастам, ғаме аз кӯҳу камар нест маро.
Чун сипар мавҷаи шамшер ба ҳам пайвастаст
Дар масофе, ки ба ҷуз сина сипар нест маро.
Хоксорист маро равшании дидаву дил,
Шиква аз гарди ятимӣ чу гуҳар нест маро.
Метавон кард ба таслим шакар ҳанзалро,
Натавон талх нишастан, ки шакар нест маро.
Манам он нахли хазондида, к-аз асбоби ҷаҳон
Ҳеҷ дар бор ба ҷуз барги сафар нест маро.
Аз қабули назари ишқ шавад айб ҳунар
Варна ҷуз беҳунарӣ ҳеҷ ҳунар нест маро.
Чӣ ҳузур аст, ки дар пардаи ғам, Соиб, нест,
Бо ғами ишқ таманнои дигар нест маро.

* * *

Баҳор шуд, ки бубанданд дар гулистонро,
Шукуфа пунба шавад гӯши боғбононро.
Зи моҳтоби баногӯши ёр меояд,
Ки ширмаст кунад реги ин биёбонро.
Зи ҷурми ишқ нигаҳ доштан пушаймонам,
Намак чашидаву дуздидаам намакдонро.
Ҳазор бор фузун шамъи осмон кардаст
Ғубори хотири ман офтоби тобонро.
Биҳишт сурма аз ин хок мебарад, Соиб,
Ба Мисру Шом чӣ нисбат бувад Сифоҳонро!

* * *

Фурӯғи меҳр бошад дидаи ахтаршуморонро,
Сафои моҳ бошад чеҳраи шабзиндадоронро.
На ҳар оҳе қабул афтад, на ҳар ашке асар дорад,
Яке гавҳар шавад аз сад ҳазорон қатра боронро.
Бувад дилҷӯии ошиқ зи ҳар андешаи ботил,
Ғубори хат магар орад ба ёдаш хоксоронро.
Ба дасти зангиён оина додан нест биноӣ,
Мадеҳ соғар ба каф, то метавонӣ ҳушёронро.
Чӣ хунҳо мехӯрад барқи ҳаводис аз раги ҷонам,
Нагирад ҳеҷ оташ дасти набзи беқарорронро.
Зи санги кӯдакон Маҷнуни бепарво чӣ ғам дорад,
Муҳобо нест аз санги маҳак комилиёронро.
Дили Соиб чӣ сон аз уҳдаи сад ғам бурун ояд,
Сипанде чун кунад тасхир ин оташузоронро.

*   *   *

Баста гардад роҳи ҷавлон гардиши афлокро,
Гар замин берун диҳад осудагони хокро.
Уқдаи гавҳар бувад маҳкамтар аз оби гуҳар,
Гиряи мастона накшояд дили ғамнокро.
Вусъати машраб маро дар сад бало андохтаст,
Ҳаст дар дил уқдаҳо аз хушинонӣ токро.
Аз заифон дасти тӯфони ҳаводис кӯтаҳ аст,
Киштии Нӯҳ аст ҳар мавҷе хасу хошокро.
Пардаи шаб шуъларо бе парда ҷавлон медиҳад,
Зулф чун пинҳон кунад он рӯи оташнокро.
Мӯрам, аммо хӯшачини хирмани дунон наям,
Мекунам шаккар ба иксири қаноат хокро.
Соиб аз бедоди гардуни ситамгар даст дошт,
Нест аз хуни шаҳидон серӣ он бебокро.

*   *   *

Дашноми ёр ҷони дигар медиҳад маро,
Ин заҳр парвариш ба шакар медиҳад маро.
Чун доғи лола сӯхтаҷонист рӯзиям,
Он ҳам фалак ба хуни ҷигар медиҳад маро.
Сер аст чашми зарраи ман варна осмон
Чун офтоб зар ба сипар медиҳад маро.
Акнун, ки об шуд садафи ман зи ташнагӣ,
Абри баҳор оби гуҳар медиҳад маро.
Аз офтоби ишқ нагардид ранги ман,
Оташ чӣ пухтагӣ ба самар медиҳад маро.
Найранги чарх чун гули раъно дар ин чаман
Хуни дил аз пиёлаи зар медиҳад маро.
Шӯхе, ки заҳри чашм зи ман доштӣ дареғ,
Соиб, зи илтимос шакар медиҳад маро.

*   *   *

Мадеҳ аз даст дар пирӣ шароби арғувониро,
Шароби куҳна аз дил мабарад ёди ҷавониро.
Ба ошиқ медиҳӣ таълими ҷон додан, чӣ бедардӣ,
Чароғи субҳ медонад тариқи ҷонфишониро.
Забункуш нестам чун боди субҳ аз партави ҳиммат,
Вагарна ёд медодам ба шамъ оташзабониро.
Ба уммеде, ки чун боди баҳор аз дар дарун оӣ,
Чу гул дар дасти худ дорем нақди зиндагониро.
Чӣ хунҳо мехӯрам дар пардаи дил, то нигаҳ дорам
Зи чашми сӯзани номаҳрам ин захми ниҳониро.
Надомат чун лабамро дар таҳи дандон бифарсояд,
Чу гул дар ханда кардам сарф айёми ҷавониро.
Аҷаб дорам, кӣ бардорад зи ман узри маро, Соиб,
Ба ҷон озурдаам аз хештан он ёри ҷониро.

*   *   *

Мизбоне, ки зи ҷон сер кунад меҳмонро,
Чӣ зарур аст, ки ороста созад хонро.
Ҳар кӣ беҳад шавад, аз ҳад накунад парвое,
Чӣ ғам аз муҳтасиби шаҳр бувад мастонро.
Кош як бор ба сарманзили мо меомад,
Он ки бар турбати мо рехт гулу райҳонро.
Пирро ҳирс дуболо шавад аз рафтани умр,
Бештар гарм кунад ҷастани гӯ чавгонро.
Баски дар луқмаи ман санг нуҳуфтаст фалак,
Бетаамул нагузорам ба ҷигар дандонро.
Баст бар хок зи беболу парӣ Соиб нақш,
Магар аз дур заминбӯс кунад ҷононро.

*   *   *

Намегардад кафи бемағз монеъ сайри дарёро,
Сапедӣ ҷомаи эҳром бошад дидаи моро.
Дили ошиқ зи гулгашти чаман озурдатар гардад,
Ки ҳар шохи гуле домест мурғи риштабарпоро.
Зи даъвӣ баста гардад чун забон, маънӣ шавад гӯё,
Ба гуфтор оварад хомӯшии Марям Масеҳоро.
Бурун аз худ надорад чорае дарди дили ошиқ,
Ҳамон каф марҳами кофур бошад захми дарёро.
Агарчи дар назарҳо чун шарар бевазн меоям,
Гиребон медарад бетобии ман санги хороро.
Чунин, к-аз чашми ӯ гуфтор мерезад, аҷаб дорам,
Ки гардад об муҳри хомушӣ он чашми гӯёро.
Зи шавқи Бесутун оинаро бар санг зад Ширин,
Хушо коре, ки бар оташ нишонад корфарморо.
Саропо ишқам, аммо корфармое намеёбам,
Ки бар Фарҳоду Маҷнун танг созам кӯҳу саҳроро.
Абири пираҳан дар дидааш гарди касодӣ шуд,
Чӣ хиҷлатҳо, ки рӯ дод аз тамошояш Зулайхоро.
Ридои аҳли тақво бодбони киштии май шуд,
Лаби майгуни ӯ то рехт дар паймона саҳборо.
Дигар ваҳшинигоҳе мезанад паймона дар хунам,
Ки ҳар мижгони ӯ умри абад бахшад тамошоро.
Ғурури ман намесозад ба ҳар сайди забун, Соиб,
Ба гирди доми худ гардондаам сад бор анқоро.

*  *  *

Надорад баҳру кон сармояи дасту дили моро,
Гуҳар чун баҳр мерезад зи доман соҳили моро.
Масеҳо дар илоҷи мо сафар беҳуда фармояд,
Лаби хомӯши соғар мекушояд мушкили моро.
Кӣ меояд ба сарвақти дили мо ҷуз парешонӣ,
Кӣ мегирад ба ғайр аз сел роҳи манзили моро.
Надорад мазраи мо ҳосиле ғайр аз тиҳидастӣ,
Тавон дар чашми мӯре кард хирман ҳосили моро.
Ба теғи бениёзӣ хуни оҳуи ҳарам резад
Сиёҳчашме, ки дар пай меравад доғи дили моро.
Агар бетоқатӣ дар домани дармон наёвезад,
Шикастан мӯмиёӣ мешавад охир дили моро.
Чӣ лаззат миннати хушк аз фалак бардоштан, Соиб,
Чӣ рангинӣ диҳад ин ҷоми холӣ маҳфили моро?

*  *  *

Умрест ҳалқаи дари майхонаем мо,
Дар ҳалқаи тасарруфи паймонаем мо.
Аз наврасидагони харобот нестем,
Чун хишти пошикастаи майхонаем мо.
Ушшоқро ба теғи забон гарм мекунем,
Чун шамъ тозиёнаи парвонаем мо.
Дар машварат агарчи кушоди ҷаҳон зи мост,
Саргаштатар зи сабҳаи саддонаем мо.
Аз мо забони хомаи таклиф кӯтаҳ аст,
Ин шукр чун кунем, ки девонаем мо.
Чун хоб агарчи рахти иқомат фикандаем,
То чашм мезанӣ ба ҳам, афсонаем мо.
Меҳри бутон дар обу гили мо сириштаанд,
Соиб, хамирмояи бутхонаем мо.

*   *   *

Чун ҳубоб аз якдилони бодаи нобем мо,
Аз ҳаводорони побарҷои ин обем мо.
Бар диле наншинад аз гуфтори мо ҳаргиз ғубор,
Моҳиёни безабони олами обем мо.
Норасоиҳои толеъ монеъ аст аз иттиҳод,
Варна бо мӯи миёни ёр ҳамтобем мо.
Роҳати дунё ҳиҷоби дидаи бедор нест,
Бар бисоти гул чу шабнам ғунча мехобем мо.
Фақрро аз дидаи бад пардадорӣ мекунем,
Гар ба зоҳир дар либоси сӯфу санҷобем мо.
Ғофилам аз турктози чарх, Соиб, аз ғурур
Пеши пои сели безинҳор дар хобем мо.

*   *   *

Шишаи май буд агар чун шамъ дар болин маро,
Аз хумори май намешуд дил сияҳ чандин маро.
Доғ дорад шуълаи саргармиям хуршедро,
Пухта гардад хишти хоме, гар шавад болин маро.
Мекашад дасти навозиш бар сари дарё чу мавҷ,
Он ки бар дил мениҳад даст аз пайи таскини маро.
Сурма мекардам зи барқи теша санги хораро,
Гӯшаи чашме агар мебуд аз Ширин маро.
Устухон дар пайкари ман тӯтиё хоҳад шудан,
Хоби ғафлат гар ба ин унвон шавад сангин маро.
Кӯҳсорам, сарфа натвон бурд дар афғон зи ман,
Мекунад тамкини худ ҳар кас кунад тамкин маро.
Соиб, аз нозу итоби ӯ надорам шиквае,
Мадди эҳсон аст аз абрӯи ӯ ҳар чин маро.

*  *  *

Боғбон дар накушуда-ст гулистони туро,
Бӯ накардаст сабо себи занахдони туро.
Пардаи дидаи бодом мушаббак шудааст
Дида дар хоб магар сӯзани мижгони туро.
Заҳраи кист, ки ушшоқи туро сайд кунад,
Мешиносад ҳама кас булбули бустони туро.
Пушти дасташ ҳадафи захми надомат гардад,
Ҳар ки аз даст диҳад гӯшаи домони туро.
Ҷомаи фохтаро кабк ба дӯш андозад,
Гар бубинад равиши сарви хиромони туро.
Дилам аз мавҷи тапидан напазирад ором,
То ба дандон нагазам себи занахдони туро.
Аз ту маҳбубтаре ёд надорад айём,
Бӯи гул боз надида-ст гиребони туро.
Он қадар ҳамраҳӣ аз толеи худ мехоҳам,
Ки пур аз бӯса кунам чоҳи занахдони туро.
Соиб, аз табъ ба ин тоза ғазал сулҳ макун,
Авввали ҷӯши баҳор аст гулистони туро.

*   *   *

То сӯхт ба доғи ту муҳаббат ҷигарамро,
Гулҳои ҷаҳон оина карданд парамро.
Аз мавҷи ҳаловат дили мурғони чаман сӯхт,
Ҳарчанд фишонданд ба хомӣ самарамро.
Бӯи ҷигари сӯхта зад хайма ба саҳро,
То шавқ бурун дод зи хоро шарарамро.
Чун лола дар ин боғ, надонам, ба чӣ тақсир
Бар боғ ниҳоданд бинои ҷигарамро.
Бисёр ба тангам зи парешонии парвоз,
Ку дом, ки шероза кунад болу парамро.
Бар хотири мавҷ аст гарон дидани соҳил,
Ё Раб, ту нигаҳ дор, зи манзил сафарамро.
Он дурри ятимам, ки дар ин қулзуми хунхор
Аз мавҷи хатар шона бувад мӯи сарамро.
Афсӯс, ки дар домани ин лоласитон нест
Доғе, ки хабардор намояд ҷигарамро.
Диданд ба дӯшам намади фақр гарон нест,
Аз боли ҳумо арра кашиданд сарамро.
Соиб, нашавад хушк ба хуршеди қиёмат
Бар хок нависанд агар шеъри тарамро.

*   *   *

Натвон ба хоб кард мусаххар хаёлро,
Ҷуз печутоб нест каманд ин ғизолро.
Дар олами хаёл баҳор аст чор фасл,
Булбул ба чатри гул надиҳад зери болро.
Ҳарчанд ҳуснро хатар аз чашми пок нест,
Пинҳон зи обу оина кун он ҷамолро.
Бар ҷурми ман бубахш, ки овардаам шафеъ
Ашки надомату араҷи инфиолро.
Раҳме ба шишахонаи дилҳои халқ кун,
Аз май макун дуоташа он ранги олро.
Аз гулшане, ки сарви ту доманкашон равад,
Бетоқатӣ зи реша барорад ниҳолро.
Бо тирагӣ бисоз, ки абрӯи анбарин
Як шаб сафед гашт зи миннат ҳилолро.
Дар мулки хеш рахна фикандан зи ақл нест,
Зинҳор баста дор забони саволро.
Барги нишот нест дар ин тира хокдон,
Райҳон зи оҳи гарм бувад ин сафолро.
Соиб кашид сар ба гиребони нестӣ,
Тасхир кард мамлакати безаволро.

*   *   *

Кардаам бар худ гуворо талхии дашномро,
Дидаам дар айни нокомӣ ҷамоли комро.
Интиқоми ҳарзагӯёнро ба хомӯшӣ гузор,
Теғ мегӯяд ҷавоби мурғи ноҳангомро.
Коми худ ширин агар хоҳӣ, ба коми халқ бош,
Талх бошад ком доим мардуми нокомро.
Нақши муму шуъла ҳаргиз рост наншинад ба ҳам,
Рӯй аз пӯлод бояд силии айёмро.
Лаъли серобаш закоти бӯса чун бармекунад,
Кист то орад ба ёдаш Соиби гумномро?

*   *   *

Шона занад чу моҳи ман турраи мушкфомро,
Сурмаи хомушӣ диҳад тӯтии хушкаломро.
Фохта ку, ки бӯсае кунҷи даҳони ман занад,
Сарви пиёда гуфтаам шишаи сабзфомро,
Мурғи чаманрамидаам, захмии хори ошён,
Кай ба биҳишт медиҳам ҳалқаи чашми домро.
Дар таҳи пои сарв май нашъа баланд медиҳад,
Соқии сабз хуш бувад бодаи лаълфомро.
Теғ дудаста гар занад хор ба чашми равшанам,
Шуълаи май намекашад дашнаи интиқомро.
Раҳм ба тирарӯзии Соиби дилшикаста кун,
Дур кун аз узори худ турраи мушкфомро.

*   *   *

Гиряи сӯхтагон ашки кабоб аст туро,
Хуни ин бегунаҳон бодаи ноб аст туро.
Нолае, к-аз ҷигари санг бурун орад оҳ,
Аз дили ҳамчу шаб афсонаи хоб аст туро.
Бар ҷигарсӯхтагон раҳм куҷо хоҳӣ кард,
Ки чу дил об шавад, олами об аст туро.
Нашавад чашми ту аз шӯри қиёмат бедор,
Номаи шикваи мо пардаи хоб аст туро.
Обу оташ чӣ ба хуршеди ҷаҳонтоб кунанд,
Чӣ ғам аз сӯзи дилу чашми пуроб аст туро.
Ҷавҳари теғи ту чун мӯр барорад пару бол,
Баски дар куштани ушшоқ шитоб аст туро…
Дар гулистони ту ҳар сарднафас маҳрам нест,
Гӯш бар замзамаи мурғи кабоб аст туро.
Нагзарӣ аз сари андешаи Соиб зинҳор,
Дил агар оинаи сидқу савоб аст туро.

*   *   *

Ҳар касе қимат надонад нолаи шабхезро,
Хусраве бояд, ки донад қадри ин Шабдезро.
Хомушӣ дарёву гуфтугӯ хасу хошоки ӯст,
Пок кун аз хору хас ин баҳри гавҳархезро.
Ишқи хунхор аз дили пурхун фузун гирад хабар,
Беш дорад пос соқӣ соғари лабрезро.
Дар қиёмат куштаи нози ту меғалтад ба хун,
Барнаёяд зуд хун аз захм теғи тезро.
Шавкати шоҳӣ сабуксанг аст дар мизони адл,
Ишқ мегирад ба хуни Кӯҳкан Парвезро.
Ҳар куҷо дафтар кушояд синаи маҷрӯҳи ман,
Мекунад дар хоби ҳасрат шӯри растохезро.
Дар баҳори сурхрӯӣ ҳамчу ҷаннат ғӯта дод,
Фикри рангини ту, Соиб, хиттаи Табрезро.

*   *   *

Ҳуш нагзошт бар сар он лаби майнӯш маро,
Бо чунон ҳушрабое чӣ кунад ҳуш маро.
Гар бидонӣ чи қадар ташнаи дидори туам,
Хоҳӣ омад араќолуд дар оғӯш маро.
Даст бастаст калиди дари ганҷинаи ман,
Мекушояд гиреҳ аз дил лаби хомӯш маро.
Шаби зулфи сияҳ афсонаи хобам шуда буд,
Сохт бедор дил он субҳи баногӯш маро.
Манам он фохта, Соиб, ки зи худ дорад дур
Дар таҳи пераҳан он сарви қабопӯш маро.

*   *   *

Магзор бар замин дили шабҳо пиёларо,
Аз бода барги лола кун ин доғи лоларо.
Натвон зи ман гирифт ба умри дарози Хизр
Кайфияти баланди шароби дусоларо.
Соқӣ чунон хуш аст, ки гар май кунад камӣ,
Пурмай кунад бар гардиши чашме пиёларо.
Ашк аст ғамгусори дили доғдидагон,
Шабнам кунад хунук ҷигари гарми лоларо.
Таъсири нола дар дили сангин фузунтар аст,
Дар кӯҳ ҷилваҳои дуболост лоларо.
Парвонаи наҷот бувад дарду доғи ишқ
Шероза кун ба риштаи ҷон ин рисоларо.
Рӯе, к-аз ӯ ситораи ман сӯхт чун сипанд,
Дар хун кашид мардумаки чашми ҳоларо.
Соиб, тавон ба зӯри шароби куҳан кашид
Аз сина решаҳои ғами дерсоларо.

*   *   *

Агарчӣ хуш набувад сайри бӯстон танҳо,
Гирифтае иҷозат зи боғбон танҳо.
Баҳори умр мулоқоти дӯстдорон аст,
Чӣ ҳаз барад Хизр аз умри ҷовидон танҳо?!
Дилам ба покии домони ғунча меларзад,
Ки булбулон ҳама мастанду боғбон танҳо.
Дили моро ба насими ҳимояте дарёб,
Ки ёфта-ст баҳори маро хазон танҳо.
Сазои тиранигоҳон ба оҳи ман бугзор,
Ки борҳо зада бар қалби осмон танҳо.
Агар ҳаё диҳадам фурсати сухан, дорам
Ҳазор ҳарфи ҳисобӣ ба он даҳон танҳо.
Ману ду чашми тару хоки Карбало, Соиб,
Ба офиятталабон сайри Исфаҳон танҳо.

*   *   *

Як бор бехабар ба шабистони ман даро,
Чун бӯи гул нуҳуфта дар ин анҷуман даро.
Аз дурият чу шоми ғарибон гирифтаем,
Аз дар кушодарӯй чу субҳи ватан даро.
То чанд дар либос тавон кард арзи ҳол,
Як раҳ ба хилватам ба тахи пераҳан даро.
Хуниндилон зи шавқи лиқои ту сӯхтанд,
Хандонтар аз Суҳайл ба хоки Яман даро.
Монанди шамъ ҷомаи фонуси шармро
Беруни дар гузору дар ин анҷуман даро.
Дасту дилам зи диданат аз кор рафтааст,
Банди қабо кушода, дар оғӯши ман даро.
Оинаро зи суҳбати тӯтӣ гурез нест,
Эй сангдил, ба Соиби ширинсухан даро.

*   *   *

Иёри ҳусн зи соҳибназар шавад пайдо,
Ки қимати гуҳар аз дидавар шавад пайдо.
Диҳад самар зи рагу решаи дарахт хабар,
Нуҳуфтаҳои падар аз писар шавад пайдо.
Ба ранги зард қаноат кун аз риёзи ҷаҳон,
Ки ранги сурх ба хуни ҷигар шавад пайдо.
Машав ба муҳри хамӯшӣ зи безабонон амн,
Ки барқи теғ зи абри сипар шавад пайдо.
Ту, шишадил, надиҳӣ тан ба сахтии айём,
Вагарна лаъл зи кӯҳу камар шавад пайдо.
Зи ҳирси дона дар ин киштзор наздик аст,
Ки ҳамчу мӯр туро болу пар шавад пайдо.
Маҷӯ зи ҳар дили афсурда маънии равшан,
Ки дил чу об шавад, ин гуҳар шавад пайдо.
Зи ҳамраҳон раҳи дур аст умри ҷовидон
Сафар хуш аст, агар ҳамсафар шавад пайдо.
Ба сими қалб нагиранд, Соиб, аз ихвон
Дар ин замона азизе агар шавад пайдо.

* * *

Доғ аст лоларо зи дили дардманди мо,
Хонад наво ба оташи сӯзон сипанди мо.
То дур аз он лаби шакарин ҳамчу най шудем,
Тарҷеъбанди нола бувад банд-банди мо.
Мо аз шароби лаъл ба ҳиммат гузаштаем,
Селобгир нест замини баланди мо.
Мӯи сафед ғафлати моро зиёда кард,
Ин тозиёна шуд раги хоби саманди мо.
Аз қайди ишқ булбули мо хушнаво шавад,
Банди забони мо чу қалам нест банди мо.
Солим зи оби ханҷари қассоб бигзарад,
Гар тан ба фарбеҳӣ надиҳад гӯсфанди мо.
Аз заҳри чашми сангдилон амн нестем,
Чун писта дар либос бувад нӯшханди мо,
Соиб, чу офтоб ҷаҳонгир мешавад
Ҳусне, ки хуш кунад дили мушкилписанди мо.

* * *

Аз хеш баровард таманнои ту моро,
Сар дод ба фирдавс тамошои ту моро.
Хуштар зи тамошои хиёбони биҳишт аст
Ҳар ҷилвае аз қомати раънои ту моро.
Чун соя, ки сар дар қадами сарв гузорад,
Маҳв аст саропо ба саропои ту моро.
Моро натавон аз ту ҷудо кард, ки дорад
Дилбастагии хос ба ҳар ҷои ту моро.
Чун субҳ барангехт ба як хандаи пинҳон
Аз хоби адам лаъли шакархои ту моро.
Имрӯз зи рухсораи худ парда барандоз,
То нақд шавад ҷаннати фардои ту моро.
Ин моҳазаре буд, ки дар дидани аввал
Кард аз ду ҷаҳон сер тамошои ту моро.
Ҳошо, ки зи оинаи дил пок насозад
Гирад ду ҷаҳон домани саҳрои ту моро.
Гӯ, сели фано гард баровар зи ду олам,
Кофист сияҳхонаи савдои ту моро.
Соиб, ба наво кӯш, к-аз ин нағматирозон
Кофист ҳамон савти дилорои ту моро.

* * *

Сабру тоқат аз дили бетоб меҷӯем мо,
Ҳайрати оина аз симоб меҷӯем мо.
Ҳар кӣ худро ҷамъ месозад, ҳама олам дар ӯст,
Баҳрро дар ҳалқаи гирдоб меҷӯем мо.
Шиква бо норостӣ аз чархи каҷрав мекунем,
Ростӣ дар ҷӯи каҷ аз об меҷӯем мо.
Аз висоли ёр маҳрумем бо ҳамхонагӣ,
Дар ҳарам чун ғофилон меҳроб меҷӯем мо.
Бо сияҳкорӣ тамаъ дорем ҳусни оқибат,
Давлати бедорро дар хоб меҷӯем мо.
Аз ҳақиқат рӯй, Соиб, дар маҷоз овардаем,
Моҳро доим зи ташти об меҷӯем мо.

* * *

Сиёҳ шуд баски олам аз чароғи мурдаи дилҳо,
Намебинанд пеши пои худро шамъи маҳфилҳо.
Бинои Каъбаву байтулсанам карданд бекорон
Гулу хиште, ки боқӣ монда буд аз Каъбаи дилҳо.
Ба навмедӣ мадеҳ тан, гарчӣ дар коми наҳанг афтӣ,
Ки дорад дар дили гирдоб бахри ишқ соҳилҳо.
Забон бастам, кушоди дил зи сад ҷониб бурун омад,
Назар пӯшидам, аз пеши назар бархост ҳоилҳо.
Ба Лайлӣ муттаҳам доранд Маҷнунро, аз ин ғофил,
Ки дорад гуфтугӯи мардуми бегона маҳфилҳо.
Ҳазорон укда чун ангур дар дил доштам, Соиб,
Ба як паймонаи май кард соқӣ ҳалли мушкилҳо.

* * *

Эй равшан аз фурӯғи ту чашми чароғҳо,
Пургул зи ҷӯши ҳусни ту домони боғҳо.
Дар хоку хун нишаста зи рӯи ту лолаҳо,
Хирман ба боддодаи зулфат димоғҳо.
Дар ҷустуҷӯи ғунчаи пӯшидарӯи ту
Чун бӯи гул шуданд парешон димоғҳо.
З-он чошнӣ, ки зулфи ту дар кори бода кард,
Умрест мемакад лаби худро аёғҳо.
Мардон ба дигаре нагузоранд кори худ,
Худ доштанд мотами худро чароғҳо.
Рӯзе, ки ханда муҳри намакдони ӯ шикаст,
Бардоштанд косаи дарюза доғҳо.
Нуре намондааст ба чашми ситорагон,
Афканданӣ шудаст сари ин чароғҳо.
Соиб, ба ин ғазал, ки ҷароғи дили ман аст,
Афрӯхтам ба хоки Фиғонӣ чароғҳо.

*   *   *

Сар ба ҷайби хеш duздидам, кулоҳе шуд маро,
Ҷамъ кардам пой дар доман, паноҳе шуд маро.
Ғайри Ҳақ кардам фаромӯш ҳарчӣ дар дил доштам
Тоқи нисён аз ду олам қиблагоҳе шуд маро.
Дар гузори сел будам, доштам то хонае,
Аз гаронон тарки хонумон паноҳе шуд маро.
Бе надомат барнаёмад як нафас дар синаам,
Зиндагӣ чун субҳ сарфи мадди оҳе шуд маро.
То кушудам дидаи инсоф бар доғи паланг,
Дар назар чашми ғизоли хушнигоҳе шуд маро.
То ба хатти анбарин шуд дидаи ман ошно,
Зулф дар мадди назар мори сиёҳе шуд маро.
Соиб, аз макри ҷаҳони бевафо ғофил шудам,
Домани раҳзан зи ғафлат хобгоҳе шуд маро.

*   *   *

Мерасад ҳар дам маро аз чарх озоре ҷудо,
Мехалад дар дидаи ман ҳар нафас хоре ҷудо.
Аз матои орият бар худ дуконе чидаам,
Воми худ хоҳад зи ман ҳар дам талабгоре ҷудо.
Чун гунаҳкоре, ки ҳар соат аз ӯ узве буранд,
Чархи сангиндил зи ман ҳар дам кунад ёре ҷудо.
То шудам беишқ, меларзам ба ҷои хештан,
Ҳеҷ беморе нагардад аз парасторе ҷудо.
Ҳусни саркаш кофир аз ҷӯши ҳаводорон шавад,
Дорад аз ҳар шавқи қумрӣ сарв зунноре ҷудо.
Такя бар пайванди ҷисму ҷон макун, Соиб, ба чарх,
К-ин чунин пайвандҳо кардаст бисёре ҷудо.

*   *   *

Гарчи ҷо дар дида он нури назар дорад маро,
Шавқ чун хуршеди тобон дарбадар дорад маро.
Нест аз кӯтоҳии парвоз бар ҷо монданам,
Тангнои осмон беболу пар дорад маро.
Баски дорам инфиол аз бевуҷудиҳои хеш,
Об гардам, чун касе аз хок бардорад маро.
Нест аз беҷавҳарӣ пӯшидаҳолиҳои ман,
Осмон чун теғ дар зери сипар дорад маро.
Гавҳари шаҳворам, аммо зери по афтодаам,
Дасти худ бӯсад касе, к-аз хок бардорад маро.
Бӯи пероҳан намесозад ба пои корвон
Гармрафторе хиҷил аз роҳ бардорад маро.
Осмон, Соиб, яке аз бесару поёни ӯст,
Гардиши чашме, ки аз худ бехабар дорад маро.

*   *   *

Печида дарди ҳаҷри ту бар якдигар маро,
Шояд ғалат ба нома кунад номабар маро.
Аз ҳеҷ кас маро гилае нест чун гуҳар,
К-аз оби худ шудаст гиреҳ сахттар маро.
Чун тир то ҳадаф накунад ҳеҷ ҷо мақом
Бечора раҳраве, ки шавад ҳамсафар маро.
Чандон ки мӯй беш зи пирӣ шавад сафед,
Кӯтаҳ шавад ҳаёт чу шамъи саҳар маро.
Дар ҳеҷ ҷо қарор зи шӯхӣ намекунӣ,
Наззораи ту сохт парешонназар маро.
Ишқам чунон рабуд, ки дунёву охират
Афтод чун ду қатраи ашк аз назар маро.
Соиб, зи ҳуши ноқиси худ мекашам малол,
Хушвақт бод, он ки кунад бехабар маро.

* * *

Ишқ ку, то чок созам ҷомаи номусро,
Пеши зоҳид афканам ин хирқаи солусро.
Ҳеҷ кас аз риштаи корам саре берун набурд,
Набзи ман банди забон гардид Ҷолинусро.
Аз худороён намебояд ба ғайрат чашм дошт,
Айби пеши по наояд дар назар товусро.
Захм аз марҳам гуворотар бувад бар орифон,
Рахна дар зиндон бувад аз нақш беҳ маҳбусро.
Сарфи даъвӣ дар миёни ботилон дорад ривоҷ,
Ҳаст дар майхона гулбонги дигар ноқусро.
Мекунад дар пардаи номус ҳусн эҷоди ишқ,
Шамъ чун парвона дар чарх оварад фонусро.
Бар сари ганҷ аст, Соиб, пои ман, то кардаам
Чун садаф ганҷинаи гавҳар кафи афсӯсро.

* * *

Масӯз, эй сангдил, аз киштзори май кабобамро,
Ба дурди бода кун таъмир аҳволи харобамро.
Адабпарвардаи ишқам, набояд хирагӣ аз ман,
Насӯзад оташи май пардаи шарму ҳиҷобамро.
Аз он чун мӯи оташдида як ҷо нест оромам,
Ки оташталъатон доранд набзи печутобамро.
Ба домони қиёмат пок натвон кард хуни ман,
Ҳамин ҷо пок кун, эй сангдил, бо худ ҳисобамро.
Ҳамон аз шӯхчашмӣ сар барорам аз гиребонаш,
Агар сад бор дарё бишканад ҷоми ҳубобамро.
Нагардид аз ҷаҳони бенамак шӯре маро ҳосил,
Магар шӯри қиёмат хушнамак созад кабобамро.
Чу моҳи нав сар аз пои тавозуъ барнамедорам,
Агар бо он бузургӣ осмон гирад рикобамро.
Маро аз номаву пайғом, Соиб, дил наёсояд,
Ба ҳарфу савт натвон дод таскин изтиробамро.

*   *   *

Савдо ба кӯҳу дашт сало медиҳад маро,
Ҳар лолае пиёла ҷудо медиҳад маро.
Мастона ҷилваҳои ту дар ҳар назорае,
Чун мавҷ сар ба оби бақо медиҳад маро.
Дар дидаи сиёҳдилонам агарчи хор,
Оби ҳаёт ҷон ба бақо медиҳад маро.
Боғу баҳори ман нафаси орамида аст,
Бемории насим шифо медиҳад маро.
Сер аст чашми шабнами ман варна шохи гул
Оғӯш боз карда сало медиҳад маро.
Он сабзаам, ки сангдилиҳои рӯзгор
Дар зери санг нашвунамо медиҳад маро.
Дар гӯши қадрдонии ман ҳалқаи зар аст,
Ҳар кас, ки гӯшмол ба ҷо медиҳад маро.
Ин гардане, ки ман чу ҳадаф баркашидаам,
Соиб, нишон ба тири қазо медиҳад маро.

* * *

Пургул бувад зи мухри хамӯшӣ даҳони мо,
Дар ком ҳамчу ғунча нагардад забони мо.
Осуда аст хонаи мо з-офати нузул,
Дорад зи зӯри хеш нигаҳбон камони мо.
Ларзид баски дил ба тани нотавони мо,
Холӣ зи мағз шуд қалами устухони мо.
Мо аз сухан ба чашмаи ҳайвон расидаем,
Тобути кист, тахта намояд дукони мо.
Дар фикри мо агар нарасад кас, ғариб нест,
Берун намеравад хабар аз корвони мо.
Чун мавҷ беқарории моро канора нест,
Раҳм аст бар касе, ки бувад ҳаминони мо.
Соиб, агар зи зулф сухан боз кардаем,
Печида нест ҷавҳари теғи забони мо.

* * *

Самандар кард ашки гарми ман мурғони обиро,
Зи гавҳар чун садаф пур сохт гарди ман ҳубоберо.
Забон дар маҷлиси равшандилон хомӯш мебояд,
Ки нуре нест дар симо чароғи моҳтобиро.
Бахил осуда аст аз фикри таъмири дили соил,
Ки чашми чуғз донад тӯтиё кардан харобиро.
Нагардад ҷамъ бо тӯли амал ҷамъияти хотир,
Халосӣ аз кашокаш нест ин мавҷи саробиро.
Ғанимат дон дар ин ҷо ин ду неъматро, ки дар ҷаннат,
Нахоҳӣ ёфт хатти сабзу ранги офтобиро.
Шақоиқ ҳуққаи тарёк то гардид донистам,
Ки афюнӣ кунад охир хумори май шаробиро.
Ғазалгӯӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро.

*   *   *

Маро зи нашъаи май сохт комёб ҳаво,
Ки ҳаст доруи беҳушии шароб ҳаво.
Илоҷи зулмати абр аст бодаи равшан,
Ки дил сиёҳ кунад бе шароби ноб ҳаво.
Ба гардиш ор майи пардасӯзро, соқӣ,
Ки шуд зи абри сияҳ анбаринниқоб ҳаво.
Умед ҳаст шавад шуста тавбаномаи мо,
Шавад чунин батароват гар аз саҳоб ҳаво.
Шикояте, ки маро аз ҳаво гар аст, ин аст,
Ки мекунад зи тарӣ об дар шароб ҳаво.
Мадеҳ ба дасти ҳаво ихтиёри хеш, ки ҳаст
Инонгусастатар аз мавҷаи сароб ҳаво.
Ҳавопараст бувад ҳар замон ба шохи дигар,
Ки ихтиёр надорад дар инқилоб ҳаво.
Бурун кун аз сари нахват ҳавопарастиро,
Ки чун ҳубоб кунад хонаҳо хароб ҳаво.
Шудӣ чу пир, марав дар пайи ҳаво, Соиб,
Ки дилпазир бувад мавсими шабоб ҳаво.

* * *

Ранге аз лолаузорони ҷаҳон нест маро,
Баҳра ҷуз доғ аз ин лоласитон нест маро.
Бо тиҳичашмии худ сохтаам чун ғирбол,
Чашм бар хирмани он мӯрмиён нест маро.
Оҳ, к-аз қомати чун тири сабукрафторон
Ғайри хамёзаи хушке чу камон нест маро.
Дар хароботи ҷунун нашъунамо ёфтаам,
Санги атфол кам аз ратли гарон нест маро.
Нон агар нест маро, чашму дили сере ҳаст,
Обрӯ ҳаст, агар оби равон нест маро.
Тифлтабъ аст мазоқи ман, агар пир шавам,
Дил ҷавон аст, агар бахт ҷавон нест маро.
Аз хасисон зи хасисист тавaққуъ, Соиб,
Барги коҳе тамаъ аз Коҳкашон нест маро.

*   *   *

Ачаб, ки як дили хуш дар чаҳон шавад пайдо,
Зи шӯразор кучо гулситон шавад пайдо.
Мадеҳ чу тири ҳавоӣ ба бод умри азиз,
Кашида дор камон то нишон шавад пайдо.
Качию ростии халқро маҳак сафар аст,
Ки ҳоли тир чудо аз камон шавад пайдо.
Зи чеҳрасозии гул матлаби баҳор ин аст,
Ки андалеб дар ин гулситон шавад пайдо.
Чи хомаҳо, ки дар иншои шавқ шуд кӯтоҳ,
Нашуд, ки шере аз ин найситон шавад пайдо.
Ҳузури пардаи бетобӣ аст пунбаи гӯш,
Ки қадри булбули мо дар хазон шавад пайдо.
Зи ҳам чудо набувад нӯшу неши ин гулшан,
Ки вақти чидани гул боғбон шавад пайдо.
Чунин ки ҳиммати моро баланд сохтаанд,
Ачаб, ки матлаби мо дар чаҳон шавад пайдо.
Агар ту оинаи синаро кунӣ пардоз,
Ҳазор тӯтии ширинзабон шавад пайдо.
Тавон бурид чу миқроз, Соиб, аз олам,
Дар ин замона агар ҳамзабон шавад пайдо.

* * *

Чашм бикшо, сабук аз хоби гарон кун худро,
Бар ҳаво пой бинеҳ, тахти равон кун худро.
Гавҳари обила дар роҳи талаб рехтааст,
Қадаме пеш неҳ, аз дидаварон кун худро.
Мекунад кори лаби нон лаби афсӯс ин ҷо,
Лаб бигаз, фориғ аз андешаи нон кун худро.
Бар ҷавонӣ махӯр афсӯс дар анҷоми ҳаёт,
Бодаи куҳна ба даст ору ҷавон кун худро.
Зардрӯӣ гули рӯи сабади ҳушёрист,
Майи гулранг бикаш, лоласитон кун худро.
Шиква аз захми забон кардани мардум сабукист,
Қалъаи оҳанӣ аз гӯши гарон кун худро.
Агар аз ташналабони гуҳари серобӣ,
Саъй кун, ҳамчу садаф покдаҳон кун худро.
Мехӯрандат ба назар гурсначашмони ҷаҳон,
Чун шаби қадр ниҳон дар рамазон кун худро.

*   *   *

Нест мумкин ром кардан чашми ҷодуи туро,
Соя мебӯсад замин аз дур оҳуи туро.
Дидаи ман нест гар шоистаи рухсори ту,
Саҷдае аз дур дорам тоқи абрӯи туро.
Гар гузорад қуввати гирої андар дастҳо,
Дар гиреҳ банданд гулпераҳанон бӯи туро.
Паллаи нози ту дорад нозанинонро сабук,
Кӯҳи тамкин санги кам бошад тарозуи туро.
Ҳар киро дасте бувад дар ҳаллу уқди мушкилот,
Бар забон чун шона дорад ҳарфи гесӯи туро.
Он чунон, к-аз хат саводи мардумон равшан шавад,
Сурма гӯётар кунад чашми сухангӯи туро.
Мисраи барҷаста, ҳайҳот аст, аз хотир равад,
Чун кунад Соиб фаромӯш қадди дилҷӯи туро.

*   *   *

Тилої шуд чаман, соқӣ, бигардон ҷоми зарринро,
Бикаш бар рӯи авроқи хазон дасти нигоринро.
Надорад аҳли ғафлат тоқати майдони аҳли дил,
Тавонад қатрае аз ҷой бурдан хоби сангинро.
Дилам ҳар лаҳза аз доғе ба доғи дигар овезад,
Чу беморе, ки гардонад зи тоби дард болинро.
Навои шӯри машҳар хандаи кабк аст дар гӯшаш,
Чӣ парво аз фиғони ошиқон он кӯҳи тамкинро.
Дили мушкилписанди ман ба гирди он сухан гардад,
Ки дил пеш аз забон омода гардад ҳарфи таҳсинро.
Ба ҷои лаълу гавҳар аз замини Исфаҳон Соиб
Ба мулки Ҳинд хоҳад бурд ин ашъори рангинро.

* * *

Дилкӯб нест ҳодиса дунёпарастро,
Моҳӣ зи ҳирси туъма фурӯ бурд шастро.
Дунё ба аҳли хеш тараҳҳум намекунад,
Оташ амон намедиҳад оташпарастро.
Даст аз амон бишӯй, ки атфоли ҳодисот
Афтондаанд меваи ин шохи пастро.
Аз ҳар тараннуме дилаш аз ҷой меравад,
Ҳар кас шунидааст нидои аластро.
Аз банд гашт шӯриши Маҷнун зиёдтар,
Занҷир тозиёна бувад фили мастро.
Соиб, хамӯш бош, ки дар маҷлиси шароб
Доруи беҳушист сухан майпарастро.

* * *

Дасти фалак кабуд шуд аз гӯшмоли мо,
Шӯхӣ зи сар наҳишт дили хурдсоли мо.
Чандин ҳазор ҷома бадал кард рӯзгор,
Ғафлат нигар, ки ранг нагардонд ҳоли мо.
Чун офтоб саркашии мо зиёда шуд,
Чандон, ки беш дод фалак хокмоли мо.
Умр ончунон гузашт, ки рӯ боз пас накард,
Дунболи худ надид зи ваҳшат ғизоли мо.
Аз силии хазон, ки зи дил ранг мебарад,
Нагзошт боди саркашӣ аз сар ниҳоли мо.
Холи шаб аз саҳифаи айём маҳв шуд,
Аз шабравӣ ба танг наёяд хаёли мо.
Соиб, ҳазор ҳайф, ки дар мазраи ҷаҳон
Шуд сарфи шӯразори маосӣ зулоли мо.

*   *   *

Чанд битвон хок зад дар чашм ақлу ҳушро,
Ё Раб, инсофе бидеҳ он ёри бозикӯшро.
Кори ман бо сарвболоест, к-аз бас саркашӣ
Мешуморад ҳалқаи беруни дар оғӯшро.
Аз ҷаҳони бехудӣ пои тазалзул кӯтаҳ аст,
Нест парвои қиёмат ошиқи мадҳушро.
Зери гардуни сабукҷавлон чӣ оҷиз мондаӣ,
Метавон бардоштан аз ҷӯш ин сарпӯшро.
Рӯзгоре шуд зи ҷӯши гуфтугӯ афтодаем,
Кист, Соиб, то ба ҳарф орад мани хомӯшро.

*   *   *

Шеваҳои чашми ӯро дар назар дорем мо,
Мӯ ба мӯ з-он ҷунбиши мижгон хабар дорем мо.
Булбулон дар роҳи мо беҳуда мерезанд хор,
Дидае аз домани гул поктар дорем мо.
Завраҷи мо гарчи шуд якранги дарё чун ҳубоб,
Ҳамчунон андеша аз мавҷи хатар дорем мо.
Дидани по хуштар аст аз болу пар товусро,
Айби худро дар назар беш аз ҳунар дорем мо.
Дидаи ҳайрони моро пардаи дигар шавад
Нусха аз рухсори ӯ чандон, ки бардорем мо.
Нест осон тарки май, Соиб, хуморолударо,
Чун аз он лабҳои майгун чашми тар дорем мо.

*  *  *

Агар ба лола шавӣ ҳампиёла дар саҳро,
Шавад дуоташа рухсори лола дар саҳро.
Ҳанӯз аз асари дуди оҳи Маҷнун аст
Сиёҳ равзани чашми ғизола дар саҳро.
Намешавад дили пурхун кушода аз вусъат,
Ки шуд гиреҳ ба ҷигар оҳи лола дар саҳро.
Зи ҷодаҳо чу раги чанг нола бархезад.
Агар шавад зи лабам паҳн нола дар саҳро.
Фиғон, ки ҳалқаи саргаштагӣ зи ҳайронӣ
Иҳота кард маро ҳамчу ҳола дар саҳро…
Зи кӯҳ домани дашти ҷунун пур аз санг аст,
Шавад насиби кӣ то ин навола дар саҳро.
Сиёҳ хаймаи Лайлӣ зи гиряи Маҷнун,
Ниҳон ба хун шуда чун доғи лола дар саҳро.
Тараҳҳум аст ба Маҷнуни ман, ки мешиканад
Хумори санги маломат ба жола дар саҳро.
Магӯ насим аз он зулф саргузаште гуфт,
Ки лолаҳо шуда мушкинкулола дар саҳро.
Гули ҳамешабаҳор аст ҷӯши ман, Соиб,
Агар баҳор занад ҷӯш лола дар саҳро.

*   *   *

Пардадори ҳарфи даъвӣ кун лаби хомӯшро,
Аз дабистон бармаёвар тифли бозикӯшро.
Мӯр бар хони Сулаймон хуни худро мехӯрад,
Хирмани гул мояи ҳасрат бувад оғӯшро.
Нест бар болои дасти хоксорӣ ҳеҷ даст,
Хишти хум менӯшад аввал бодаи сарҷӯшро.
Боғбон гулро кунад сероб аз баҳри гулоб,
Соқӣ аз май баҳри бурдан мефизояд ҳушро.
Ҷуз пушаймонӣ суханчинӣ надорад ҳосиле,
Ҳалқаи беруни дар кун дар маҷолис гӯшро.
Мастиву махмурии олам ба ҳам омехтаст,
Дурбоши неш дар дунбол бошад нӯшро.
Ин замон дар зери бори кӯҳи миннат меравам,
Ман, ки медуздидам аз дасти навозиш дӯшро.
Бар сари бемағз, Соиб, кисвати пашмин мабанд,
Аз сари хони тиҳӣ бардор ин сарпӯшро.

*   *   *

Ёди айёме, ки бо ҳам ошно будем мо,
Ҳамхаёлу ҳамсафиру ҳамнаво будем мо.
Маънии як байт будем аз тариқи иттиҳод,
Чун ду мисраъ гарчи дар зоҳир ҷудо будем мо.
Буд доим чун забони хома ҳарфи мо яке,
Гарчи пеши чашми суратбин дуто будем мо.
Чун ду барги сабз, к-аз як дона сар берун кунад,
Якдилу якрӯй дар нашъунамо будем мо.
Ахтари мо саъд буду рӯзгори мо саид,
Аз саодат зери боли як ҳумо будем мо.
Дурии манзил ҳиҷоби иттиҳоди мо набуд,
Доштем аз ҳам хабар, дар ҳар куҷо будем мо.
Чораҷӯёнро намедодем, Соиб, дарди сар,
Дардҳои куҳнаи ҳамро даво будем мо.

* * *

Аз баҳор афзуд шӯри ишқ чун булбул маро,
Хомаи машқи ҷунун гардид чӯби гул маро.
Суҳбати тифлон бувад девонаро боғу баҳор,
Домани пурсанг бошад домани пургул маро.
Бо парешонхотирӣ аз вусъати машраб хушам,
Чашмҳо пинҳон бувад дар мавҷаи сунбул маро.
Хоби ман ҳарчанд аз ратли гарон сангинтар аст,
Шишаи май мекунад бедор аз қулқул маро.
Гул чу шабнам рӯ намепӯшад зи чашми поки ман,
Мебарад бо худ ба сайри гулситон булбул маро.
Маънии рангин шароби лоларанги ман бас аст,
Нест, Соиб, дидаи ҳасрат ба ҷоми мул маро.

* * *

Равшан аст аз дили бекинаи мо синаи мо,
Гавҳари мост чароғи дили ганҷинаи мо.
Гарчи дар нофаи мо ҷуз ҷигари сӯхта нест,
Ҷигари нофа бувад доғ зи пашминаи мо.
Гар шавад мавҷаи дарёи ҳаводис сайқал,
Нест мумкин, ки шавад сайқалӣ оинаи мо.
Дили моро бишикан, гавҳар агар мехоҳӣ,
Ки шикастаст калиди дари ганҷинаи мо.
Ҷои шукр аст, ки имсол шуд аз гардиши чарх
Чун майи куҳна гуворо ғами деринаи мо.
Ҳар камондор, ки аз дасти қазо қабза гирифт,
Мекунад даст равон бар вараҷи синаи мо.
Субҳи шанбе ба назар ҷилва кунад мастонро
Аз фурӯғи майи гулгун шаби одинаи мо.
Чашмзахме зи гаронони ҷаҳон гар нарасад,
Хатар аз санг надорад дили оинаи мо.
Кори фонус кунад дар дили шабҳо, Соиб,
Хонаи мо зи сафои дили бекинаи мо.

* * *

Арақ ба чеҳра нишастаст он паривашро,
Кӣ дидааст ба ин обдорӣ оташро?
Макун ишораи абрӯ ба кори булҳавасон,
Мазан ба сайди забун тири рӯи таркашро.
Ба хоксории мо сарфа нест хандидан,
Бикун ба ҷоми сафолин шароби беғашро.
Зи дил маёр насанҷида ҳарфро ба забон,
Инонкашида нигаҳ дор аспи саркашро.
Зи моли ҳирс маҳол аст чашм сер шавад,
Ки сӯхтан набувад риштаҳои оташро.
Гуҳар ба санг задан, Соиб, аз басират нест,
Махон ба мардуми бедард шеъри саркашро.

* * *

Сафедиҳои мӯ бедор кай созад сияҳдилро,
Ки гулбонги раҳил афсонаи хоб аст ғофилро.
Зи нуқсони басират томеонро нест парвое,
Ки чашми кӯр гардад косаи дарюза соилро.
Наларзад чун зи беоромиям маҳди лаҳад бо худ,
Ки ман дар роҳ кардам аз гаронӣ хоби манзилро.
Шаҳодат мекунад эҷод асбоби тараб аз худ,
Ки мутриб бошад аз болу пари худ ракс бисмилро.
Зи санги кӯдакон паҳлу тиҳӣ кардам, надонистам,
Ки мегардад шикастан мӯмиёӣ шишаи дилро.
Аз он ҳар лаҳза Маҷнун дар биёбоне кунад ҷавлон,
Ки дар ҳар ҷилва Лайло медиҳад тағйир маҳмилро.
Ба хат уммедҳо дорад дили бетоқати ошиқ,
Ки созад тӯтиёи чашми тӯфондида соҳилро.
Шаванд аз аҳли машраб зоҳидони хушк ҳам, Соиб,
Тавон гар гавҳари шаҳвор кардан муҳраи гилро.

* * *

Гар софдиле ҳаст, шароб аст дар ин ҷо
В-ар сӯхтае ҳаст, кабоб аст дар ин ҷо.
Солим касе аз баҳри ҷаҳон чун бадар ояд,
Шӯр аст, агар чашми ҳубоб аст дар ин ҷо.
Бедордиле нест, к-аз ӯ дил бикушояд,
То чашми намаксуд ба хоб аст дар ин ҷо.
Савдои ман аз соғари саршор шуд афзун,
Хушк аст, агар реша дар об аст дар ин ҷо.
Аз майкада чун хоб бароям, ки бати май
Аз гармии ҳангома кабоб аст дар ин ҷо.
Аз ҳалқаи мотамзадагон кист бароядд,
Паймонаи ман чашми пуроб аст дар ин ҷо.
Пеши кӣ барам шикваи ин бахти гаронхоб,
Бедории давлат ҳама хоб аст дар ин ҷо….
То рӯзи қиёмат, ки сари шиква кушоям,
Дасти ману домони ниқоб аст дар ин ҷо.
Аз сабр азизон чӣ самарҳо, ки начиданд,
Беҳосилии мо зи шитоб аст дар ин ҷо.
Аз тарки ҳаё ком гирифтанд ҳарифон,
Хун дар дили Соиб зи ҳиҷоб аст дар ин ҷо.

*   *   *

Муттасил гардад фалакро бар як оин осиё,
Аз шикасти дил нагардад ҳеҷ сер ин осиё.
Мешавад аз дил шикастан тезтар дандони ӯ,
Ҳайрате дорам зи дандонсахтии ин осиё.
Ҳирс пиронро зиёд аз резиши дандон бувад,
Дона хоҳад беш, чун афтад зи кор ин осиё.
Не ҳамин танҳо зи теғи моҳи нав хун мехӯрад,
Теғи хунрезе бувад ҳар паррае з-ин осиё.
Раҳм дар даврони давлат аз забардастон маҷӯ,
Муттасил зӯр оварад бар санги зерин осиё.
Луқмаҳои пок дандонро кунад анҷумфурӯғ,
Мешавад аз донаи хуршед заррин осиё,
Саъй дар ризқи касон дилро мунаввар мекунад,
Кам бувад дилҳои шаб бе шамъи болин осиё.
Гар кунад офоқро чун субҳ з-эҳсон рӯсафед,
Нест ҷуз гарди кудурат ризқи ман з-ин осиё.

* * *

Нури маънӣ дар ҷабини ток мебинем мо,
Дар қадаҳ афшурдаи идрок мебинем мо.
Кӯрии олудадомонону васвоси салоҳ,
Духтари разро ба чашми пок мебинем мо.
Захми чандин тири таън аз зоҳидони худфурӯш
Бар ҷигар аз ҷилваи мисвок мебинем мо.
Ҳар сари мижгони мо шамъи таҷаллӣ мешавад,
Чун дар он рухсори оташнок мебинем мо.
Ҷавҳари куштан надорӣ, лофи мардиҳо мазан,
Рӯзгоре шуд дар он фитрок мебинем мо.
Каъбаи дилро, ки соқи арш то зонуи ӯст,
Аз шикофи синаи садчок мебинем мо.
Эй мурувват, сар барор аз ҷайби инсофу бубин,
То чиҳо аз гардиши афлок мебинем мо.
Нест бе асрори ваҳдат майпарастиҳои мо,
Оташи эмин зи чӯби ток мебинем мо.
Соиб, он файзе, ки махмурон наёбанд аз шароб,
Дар тулӯи нашъаи тарёк мебинем мо.

* * *

Метаровад майи гулгун зи рагу решаи мо,
Пеши хум гардани худ хам накунад шишаи мо.
Олам аз чеҳраи маънист хиёбони биҳишт,
Ки насими саҳари ӯ бувад андешаи мо.
Лолаи мо ба ҷигар доғи палангон дорад,
Панҷа бар панҷаи шерон фиканад решаи мо.
Донаи сӯхта аз барқ намеандешад,
Ғами олам чӣ кунад бо дили ғампешаи мо.
Қабзаи хок куҷо домани моро гирад,
Гирдбодем, ки дар рақс бувад решаи мо.
Даҳани тешаи Фарҳод кунун ширин шуд,
Ба чӣ уммед кунад кори ҳунар тешаи мо.
Метавон теғ ба гардан кунад истиқболаш,
Чини ҷавҳар чу ба абру фиканад тешаи мо.
Тани мо аз алифи захм найистон шудааст,
Дили мо шеру тани захмии мо бешаи мо.
Хуш бувад дар қадами софдилон ҷон додан,
Кош дар пои хуми май шиканад шишаи мо.
Сари мардонаи хум бод саломат, Соиб,
Муҳтасиб кист, ки бар санг занад шишаи мо!

*  *  *

Бишкуфад парвона, гар дар анҷуман бинад маро,
Хезад аз булбул фиғон, чун дар чаман бинад маро.
Мисраи барҷастаи оҳам чунин, к-истодааст,
Об гардад шамъ, гар дар анҷуман бинад маро.
Чархи оҷизкуш, ки чун шамъ оташам дар ҷон задаст,
Чашм, дорам, бар фарози хештан бинад маро.
Ҳамчу гург аз якдигар чашми ҳасудаш медарад,
Гар зи нақши бӯрё дар пераҳан бинад маро.
Нохуни ман обрӯи тешаи Фарҳод рехт,
Оҳ, агар Ширин ба чашми Кӯҳкан бинад маро.
То ақиқ аз содагӣ санҷид худро бо лабаш,
Ҷӯши ғайрат ташнаи хуни Яман бинад маро.
З-он намебандам лаб аз хоҳиш, ки ин чархи хасис
Рӯзиямро мебарад, гар бедаҳан бинад маро.
Гар чунин, Соиб, ғарибонро навозиш мекунад,
Чашм букшояд чу ғурбат дар ватан бинад маро.

* * *

Гудохт дидани он рӯи бениқоб маро,
Чу нахли мум намесозад офтоб маро.
Касе, ба мӯй наёвехтаст хирмани гул,
Ғами миёни ту дорад ба печутоб маро.
Ба як-ду қатра, ки хоҳад гуҳар шудан рӯзе,
Раҳини миннати ман, гӯ, макун саҳоб маро.
Абас чӣ умр ба афсона мекунӣ зоеъ,
Чу чашми рахнаи девор нест хоб маро.
Зи пунбаи сари мино ба ҳалқам об чакон,
Намеравад ба гулӯ об бе шароб маро.
Зи синаам дил пурдоғро бурун оред,
Ки сер кард зи ҷон дуди ин кабоб маро.
Чӣ заррае, ки ба хуршед ҳаминон кардам,
Бас аст гӯшаи чашме аз он рикоб маро.
Дар ин баҳор, ки гул кард розҳо, Соиб,
Нашуд кушоде аз он ғунчаи ниқоб маро.

* * *

Мекашад хотир ба ҷову манзили дигар маро,
Чарх гӯё сохт аз обу гили дигар маро.
Умр шуд дар гӯшмолам сарф, гӯё рӯзгор
Мекунад соз аз барои маҳфили дигар маро.
Гар ба зоҳир ҳамчу Маҷнун рӯ ба ҳай овардаам,
Нест ғайр аз пардаи дил маҳмили дигар маро.
Сӯхт тухми ман зи барқи ишқу деҳқон ҳар нафас
Мефишонад дар замини қобили дигар маро.
Чун гуҳар чандон ки андозам дар ин дунё назар,
Нест ҷуз афтодагӣ сарманзили дигар маро.
Чашми ман сер аз ҷаҳону ҳар дам аз баҳри тамаъ
Косаи дарюза созад соили дигар маро.
Гарчи дил хун шуд зи дарди ишқ, Соиб, кошкӣ
Дар бисоти сина будӣ сад дили дигар маро.

*   *   *

Субҳ аз ҷонҳои равшан ёд меояд маро.
Шом аз торикии тан ёд меояд маро.
Аз дами сарди хазон барге, ки меафтад ба хок,
Аз ҷаҳон бебарг рафтан ёд меояд маро.
Мешавам чун шабнами гул об аз тардоманӣ,
Чун аз он покизадоман ёд меояд маро.
Нола хезад чун сипанд аз донаам беихтиёр,
Чун аз он саҳрову хирман ёд меояд маро.
Мешавад ёқутӣ аз хуни ҷигар минқори ман,
Чун аз он фирӯзагулшан ёд меояд маро.
Теғ мегардад алиф бар синаи шаҳбози ман,
Гоҳ-гоҳе, к-аз нишеман ёд меояд маро.
Гавҳарамро медиҳад гарди ятимӣ хокмол,
Чун аз он дарёи равшан ёд меояд маро.
Риштаи ашкам ба доман мерасад беихтиёр,
Чун зи Исо ҳамчу сӯзан ёд меояд маро.
Мешавад чашмам зи ҳайрат чун яди байзо сафед,
Чун зи мӯру нахли эман ёд меояд маро.
Тифли ашкам нест ҷуз гарди ятими доманам,
Кай зи оғӯшу зи доман ёд меояд маро.
Нест то гул дар назар, Соиб, чу булбул хомушам,
Дар ҳузури гул зи шеван ёд меояд маро.

* * *

Донистаам ғурури харидори хешро,
Худ ҳамчу зулф мешиканам кори хешро.
Ҳар гавҳаре, ки роҳати беқиматӣ шинохт,
Шуд оби сард гармии бозори хешро.
Дар зери бори партави миннат намеравем,
Донистаем қадри шаби тори хешро.
Нодиданист сурати бемаънии ҷаҳон,
Равшан бисоз оинаи тори хешро.
Зиндон бувад ба мардуми бедор маҳди хок,
Дар хоб кун ду дидаи бедори хешро.
Ҳар дам чу ток бори дарахте намешавем,
Чун сарв бастаем ба дил бори хешро.
Ҳаргиз чунон нашуд, ки тавонем фарқ кард
Аз риштаҳои зулф дили зори хешро.
Чун субҳ додаем ба як ҷуръаи шафақ,
Хандон ба пири майкада дастори хешро.
Дар зери хоку гарди касодӣ нуҳуфтаем
Аз чашми халқ гавҳари шаҳвори хешро.
Аз биниши баланд ба пастӣ раҳондаем,
Соиб, зи сели ҳодиса девори хешро.

* * *

Аз оҳ рӯз гардон шабҳои тори худро,
Оинаи дурӯ кун лайлу наҳори худро.
Доим бувад фурӯзон чун оташи дили лаъл,
Ҳар кас надод берун аз дил шарори худро.
Хоҳӣ, ки осмонҳо дар бар рухат набанданд,
Бо хок кун баробар аввал ҳисори худро.
Дар мулки дил магардон мутлақинон ҳавасро,
Аз дасти бод бистон мушти ғубори худро.
З-он ҷавҳари гиромӣ ҳаргиз хатар наёбӣ,
Аз гиря то насозӣ дарё канори худро.
Бекориву таваккал дур аст аз мурувват,
Бар дӯши халқ мафкан зинҳор бори худро.
Дилсӯзии азизон чун барқ дар гудоз аст,
Аз сӯзи дил барафрӯз шамъи мазори худро.
Обу ҳавову оташ марказшинос гаштанд,
Ту бехабар надонӣ роҳи диёри худро.
З-он чашмҳои майгун шарме бидор, Соиб,
Аз ҳар шароби талхе машкан хумори худро.

*   *   *

Дар оташам зи дидаи шӯхи ситораҳо,
Дар ҳеҷ хирмане нафитад ин шарораҳо.
Холӣ шудаст аз дили огоҳ маҳди хок,
Исодаме намонд дар ин гоҳвораҳо.
Ҷуз ҳарфи пуч қисмати зоҳид зи ишқ чист,
Каф бошад аз муҳит насиби канораҳо.
Дар ҳусни бетакаллуфи маънӣ назора кун,
Аз раҳ марав ба холу хати истиораҳо.
Суҳбат ғанимат аст, ба ҳам чун расидаем,
То кай дигар ба ҳам расад ин тахтапораҳо.
Пастӣ далели қурб бувад дар тариқи ишқ,
Ин ҷо пиёда пеш бувад аз савораҳо.
Соиб, назар сиёҳ насозад ба ҳар китоб,
Фаҳмидааст ҳар ки забони ишораҳо.

*   *   *

Ҳазорон ҳамчу булбул ҳар баҳоре мешавад пайдо,
Навосанҷе чу ман дар рӯзгоре мешавад пайдо.
Гирифтам саҳл сӯзи ишқро аввал, надонистам,
Ки сад дарёи оташ аз шароре мешавад пайдо.
Ту аз сӯзи ҷигар паймонае чун лола пайдо кун,
Ки аз ҳар порасанге чашмасоре мешавад пайдо.
Зи файзи хоксорӣ дона нахли пойдоре шуд,
Ту гар аз по дароӣ, шаҳсаворе мешавад пайдо.
Ман он ваҳшиғизолам домани саҳрои имконро,
Ки меларзам, зи ҳар ҷониб ғуборе мешавад пайдо.
Агар худро набинад дар миён мустағриқи дарё,
Ба ҳар мавҷе, ки овезад, каноре мешавад пайдо.
Маҷӯ ҳусни амал аз кордони мо, тиҳидастон,
Ки пеши мо дили умедворе мешавад пайдо.
Зи дасти рашк ҳар доғе, ки пинҳон бар ҷигар дорам,
Ба саҳро гар бирезам, лолазоре мешавад пайдо.
Вафо хори раҳам шуд варна баҳри ошёни мо
Ба ҳар гулшан, ки бошад, мушти хоре мешавад пайдо.
Зи ҷӯши лола хоки Кӯҳкан кӯҳи Бадахшон шуд,
Барои бекасон шамъи фароре мешавад пайдо.
Сабукрав ҷои худ во мекунад, дар санг агар бошад,
Чу об афтод дар роҳ, ҷӯйборе мешавад пайдо…
Агарчи шерам, аммо бетааммул медиҳам майдон,
Зи ҳар ҷониб, ки тифли найсаворе мешавад пайдо.
Агар олудаи дармон насозӣ хешро, Соиб,
Зи беморӣ ҳамон бемордоре мешавад пайдо.

* * *

То ба ҳаддест латофат рухи пуртобашро,
Ки арақ доғ кунад лолаи серобашро.
То ба домони қиёмат нашавад чашмаш хушк,
Як назар ҳар кӣ бубинад гули серобашро.
Гар фитад роҳ ба дарёи дилам тӯфонро,
Ҳалқа дар гӯш кунад ҳалқаи гирдобашро.
Каъбаю буткада бе ҷилваи мастонаи ёр
Осиёест, ки андохтаанд обашро.
Ҷавҳари он мижа, Соиб, зиреҳи зери қабост,
Инчунин сода мабин теғи сияҳтобашро.

* * *

Ашк пеши мардуми фарзона мерезем мо,
Дар замини шӯр доим дона мерезем мо.
Аз камини гиряи мо, эй фалак, ғофил машав,
Бехабар чун сел дар вайрона мерезем мо.
Қатра гавҳар мешавад чун восили дарё шавад,
Обрӯи хеш дар майхона мерезем мо.
Бар сари оби равони зиндагонӣ чун ҳубоб
Содалавҳӣ бин, ки ранги хона мерезем мо.
Нест дар тинат ҷудоӣ ошиқу маъшуқро,
Шамъ дар хокистари парвона мерезем мо.
Марди селоби гаронсанги ҳаводис нестем,
Рахти ҳастиро бурун з-ин хона мерезем мо.
Хотире маъмур кардан аз ду олам хуштар аст,
Ганҷро дар домани вайрона мерезем мо.
Пеш аз он дам, к-аз насиҳат айши мо созанд талх,
Заҳри худ бар мардуми фарзона мерезем мо.
Дигарон з-афсона мерезанд, Соиб, ранги хоб,
Сурмаи бедорӣ аз афсона мерезем мо.

* * *

Ба дӯши таваккул манеҳ бори худро,
Валинеъмати хеш кун кори худро.
Макун саргаронӣ ба арбоби ҳоҷат,
Макун бори афтодагон бори худро.
Гиреҳ зан ба сарришта тӯли амалро,
Бадал кун ба тасбеҳ зуннори худро.
Магир аз лаби хеш муҳри хамӯшӣ,
Макун рахна девори гулзори худро.
Зи дандон туро доданд осиёе,
Ки сози мулоим ту гуфтори худро.
Ҳисоби худ ин ҷо кун, осудадил шав,
Маяфкан ба рӯзи ҷазо кори худро.
Нагардад хиҷил аз маҳак сими холис,
Мусаффо кун аз зарқ кирдори худро.
Ту он рӯз, Соиб, зи арбоби ҳолӣ,
Ки созӣ чу гуфтор кирдори худро.

* * *

Гуландоме, ки медодам ба хуни дида обашро,
Чӣ сон бинам, ки гирад дигаре охир гулобашро.
Дар оғӯши насими субҳдам бепарда чун бинам
Гули рӯе, ки ман во кардаам банди ниқобашро.
Ба дасти ғайр чун бинам инони тифли худрое,
Ки вақти найсаворӣ мегирифтам ман рикобашро.
Ба хунам зад рақам, то бо қалам шуд ошно дасташ,
Парирӯе, ки мебурдам ба мактаб ман китобашро.
Ниҳолеро, ки ман чун ток парвардам ба хуни дил,
Чӣ сон бинам ба ҷоми дигарон, Соиб, шаробашро.

*   *   *

Мекунам аз сина берун ин дили ғамхораро,
Чанд битвон дар гиребон дошт оташпораро.
Хун ба ҷои об аз сарчашмаҳо ояд бурун,
Кӯҳ бардорад агар дарди мани бечораро.
Олами афсурдаро машшотае чун ишқ нест,
Суҳбати Фарҳод одам кард санги хораро.
Мекашад доман ба хуни бегуноҳон ҷилвааш,
Нест парвои Сулаймон он парирухсораро.
Осмон осуда аст аз беқарориҳои мо,
Гиряи тифлон намесӯзад дили гаҳвораро.
Душманони хешро бе ишқ дидан мушкил аст,
Мекунам қисмат ба бедардон дили садпораро.
Мекунад имрӯз, Соиб, мум пай дар нохунам,
Ман, ки нохунгир мекардам ба оҳан хораро.

*   *   *

Каҷравӣ болу пари сайр аст бадкирдорро,
Ростӣ санги раҳи рафтор бошад морро.
Риштаҳо ҳамтоб чун шуд, зуд мегардад яке,
Бо раги ҷон аст пайванди дигар зунорро.
Кош банди ҳайрате бар дасти гулчин мегузошт,
Ин ки мебандад ба рӯи ман дари гулзорро.
Ҳар саре дорад дар ин бозор савдои дигар,
Ҳар касе бандад ба оини дигар дасторро.
Мекунад аз тавқи қумрӣ домҳо дар хок сарв,
То ба дом орад магар он сарви хушрафторро.
Ин сари зулфи парешоне, ки дорад бӯи гул,
Мекунад носур захми рахнаи деворро.
Ё хати анбарфишон ё зулфи мушкин мешавад,
Пои рафтан нест дуди оташи рухсорро.
Аз фурӯғи гавҳари худ зуд, Соиб, рози ишқ
Мегузорад наъл дар оташ лаби изҳорро.

* * *

Ишқ хунгарм аз муҳаббат кард эҷоди маро,
Оҳувон аз чашм нагзоранд сайёди маро.
Гарчи ман чун ғунча дорам муҳри хомӯшӣ ба лаб,
Накҳати гул мекунад тафсир фарёди маро.
Корҳоро корфармо обуранге медиҳад
Варна ҷӯи шир зуннорест Фарҳоди маро.
Сайди лоғар дом бо худ дорад аз паҳлуи хеш,
Ҳоҷати дому каманде нест сайёди маро.
Қатрае ҳам дар саводи дидааш мебуд, кош,
Он қадар обе, ки дар теғ аст ҷаллоди маро.
Сабри ман дар беқарориҳо қиёмат мекунад
Варна мегирад аз ӯ хат оқибат доди маро.
Аз адаб, Соиб, хамӯшам варна дар ҳар водие
Рутбаи шогирдии ман нест устоди маро.

* * *

Бишнав зи ман таронаи ғайратфизойро,
Гар мардӣ, эй сипанд, нигаҳ дор пойро.
Сахтипазир бош, гар аҳли саодатӣ,
К-аз устухон гузир набошад ҳумойро.
Чанд, эй сияҳдарун, худоро, дар ин бисот
Пинҳон кунӣ ба болу пари хеш пойро.
Равшанзамир бош, ки ин боли оташин
Бар чарх бурд шабнами бедасту пойро.
Ҷамъе, ки аз мулоимат озор дидаанд,
Бар барги гул шумурда гузоранд пойро.
Бадтинатон барои шикам хуни ҳам хӯранд,
Саг душман аст бар сари рӯзӣ гадойро.
Соиб, ба ғаври нолаи ушшоқ мерасад,
Дар роҳи фикр ҳар ки фишурдаст пойро.

*   *   *

Кӯтоҳ соз риштаи омоли хешро,
Мапсанд дар шиканҷа пару боли хешро.
Парвози ман ба болу пари туст, зинҳор
Машкан маро, ки мешиканӣ боли хешро.
Дилвопасон ба ҳеҷ мақоме намерасанд,
Бифрист пештар зи аҷал моли хешро.
Он сангдил, ки ойинаи мо ба санг зад,
Медид, кош, сурати аҳволи хешро.
Дасти дуо бувад сипари новаки қазо,
Дар кори хайр сарф кун иқболи хешро.
Бо душманони дӯстнамо дар миён манеҳ,
Соиб, агар зи аҳли дилӣ, ҳоли хешро.

*   *   *

Аз ҷунбиши насими карам зиндаем мо,
Зи-ин бод ҳамчу шери алам зиндаем мо.
Равшан шавад чароғи дили мо зи якдигар,
Чун риштаҳои шамъ ба ҳам зиндаем мо.
Чун шабнам аз чаридани чашм аст ризқи мо,
Не ҳамчу дигарон ба шикам зиндаем мо.
Бори гарон сабук ба умеди фикандан аст,
Умрест бар умеди адам зиндаем мо.
Ҳарчанд ҳамчу зарраи беқадри ҳодисем,
Аз нури офтоби қидам зиндаем мо.
Даврони умри мо набувад пой дар рикоб,
Доим чу номи аҳли карам зиндаем мо.
Гулбонги зиндагӣ ба асар мешавад баланд,
Чандон ки ҷом ҳаст, чу Ҷам зиндаем мо.
Соиб, зи хони неъмати алвони рӯзгор
Чун ошиқон ба хурдани ғам зиндаем мо.

* * *

Мекунад помол тан охир дили осударо,
Мешавад доман кафан ин пои хоболудро.
Ҷуз пушаймонӣ надорад ҳосили тӯли амал,
Чанд паймоӣ мукаррар ин раҳи паймударо.
Он ки дорад орзуи роҳпаймоёни ишқ,
Кош медид ин дилу дасти қадамфарсударо.
Дил чу ғофил шуд зи ҳақ, фармонпазири тан шавад,
Мебарад ҳар ҷо, ки хоҳад асп хоболударо.
Мекашад дар ҳалқаи фармон ба андак фурсате
Гӯшмоли осмон гӯши суханнашнударо.
Аз дили шаб мекунад дарюзаи рӯзи сиёҳ,
Дид то моҳи тамом он рӯи мушколударо.
Кай баробар мекунам, Соиб, ба моҳу офтоб
Чеҳраи бар остони хоксорӣ сударо.

* * *

Чун зи дунё неъмати алвон ҳавас бошад маро,
Хуни дил чандон намеёбам, ки бас бошад маро.
Аз дили садпора гар сад сол дар ин хокдон
Зинда монам, порае ҳар сол бас бошад маро.
То наёсояд нафас аз рафтану бозомадан
Рафтану бозомадан дар ҳар нафас бошад маро.
Тарки афғон мекунам, то чанд дар ин корвон
Чун ҷарас фарёди бефарёдрас бошад маро.
Гарчи умре шуд зи мардум хешро руздидаам,
Дар сари ҳар кӯчае чандин асас бошад маро.
Гар зи дил берун диҳам хоре, ки дорам дар ҷигар,
Ошён омода дар кунҷи қафас бошад маро.
Зинда медорам ба ҳар навъе, ки бошад хешро,
Гар чу оташ аз ҷаҳон як мушт хас бошад маро.
Бод, Соиб, даъвии озодагӣ бар ман ҳаром,
Гар ба ҷуз тарки ҳавас дар дил ҳавас бошад маро.

* * *

Арақфишонии он гулузорро дарёб!
Ситорарезии субҳи баҳорро дарёб!
Ғубори хат ба забони шикаста мегӯяд,
Ки файзи субҳи баногӯши ёрро дарёб!
Ақиқ дар даҳани ташна кори об кунад,
Ба ваъдае ҷигари доғдорро дарёб!
Даруни хона хазону баҳор якранганд,
Зи хеш хайма бурун зан, баҳорро дарёб!
Зи гоҳвораи таслим кун сафинаи хеш,
Миёни баҳр ҳузури канорро дарёб!
Ғубори қофилаи умр чун намоён нест,
Дуаспа рафтани лайлу наҳорро дарёб!
Саводи ҷавҳари теғи қазо ба даст овар,
Дигар ишораи абрӯи ёрро дарёб!
Зи нуқта ҳарфшиносон китобдон шудаанд,
Зи хат бипӯш назар, холи ёрро дарёб!
Ба хуни неъмати алвон чу нофа қонеъ шав,
Таровиши нафаси мушкборро дарёб!
Машав ба барг тасаллӣ зи нахли ҳастии хеш,
Бикӯш меваи ин шохсорро дарёб!
Ту к-аз шароби ҳақиқат ҳазор хум дорӣ,
Ба як пиёла мани хоксорро дарёб!
Ҳамеша давр ба коми касе намегардад,
Ба як-ду ҷуръа мани беқарорро дарёб!
Дар он риёз чу Соиб зи ғунчахусбон шав,
Гиреҳкушоии боди баҳорро дарёб!

* * *

Оина шав, висоли париталъатон талаб,
Аввал бирӯб хона, сипас меҳмон талаб.
Гулмехи остонаи ишқ аст офтоб,
Ҳар ҳоҷате, ки дорӣ, аз ин остон талаб.
Чун сабза зери санги ҳаводис чӣ мондаӣ,
Ҳиммат зи дасту бозӯи ратли гарон талаб.
Рӯе зи сангу ҷоне аз оҳан ба ҳам расон,
Он гаҳ биёву оташ аз ин корвон талаб.
Дар нохуни насим кушоиш намондааст,
Эй ғунча, ҳиммат аз нафаси булбулон талаб.
Меъёри дӯстони дағал рӯзи ҳоҷат аст,
Қарзе ба расми таҷриба аз дӯстон талаб.
Хоҳӣ, ки ҷой дар дили ширинлабон кунӣ,
Ҳиммат зи килки Соиби ширинзабон талаб.

*   *   *

Эй хӯшачини сунбули зулфи ту мушки ноб,
Шабнамгадои гулшани ҳусни ту офтоб.
Дар маҳфили ту нола фаромӯш кунад сипанд,
Дар оташи ту гиряи шодӣ кунад кабоб.
Аз васл гашт гиряи ман ҷонгудозтар,
Аз офтоб талх шавад бештар гулоб…
Бар дидаҳои пок равон аст ҳукми ишқ,
Ҳар шабнаме, ки ҳаст, бувад ҳарчи офтоб.
Аз айб мефитад ба ҳунар чашмҳои пок,
Аз баҳри талх оби гуҳар мебарад саҳоб.
Шуд ғафлатам зи умри сабуксайр бештар,
Сангин намуд хоби маро ин садои об.
Даст аз тамаъ бишӯй, ки аз шумии тамаъ,
Дар ҳаққи худ дуои гадо нест мустаҷоб.
Пайваста аз ҳавои худ озор мекашем,
Дар хона аст душмани ман фарш чун ҳубоб.
Шоҳе, ки бар раияти худ мекунад ситам,
Масте бувад, ки мекунад аз рони худ кабоб.
Соиб, макун тавақкуи осоиш аз ҷаҳон,
Дилҳои обкарда бувад мавҷи ин сароб.

*  *  *

Даруни гунбади гардуни фитнабор махусб!
Ба зери сояи пул мавсими баҳор махусб!
Сафои чеҳраи гул шабнами саҳархез аст,
Зи якдигар бикушо чашми эътибор, махсуб!
Ба чашми дом зи шавқи шикор хоб нарафт,
Агар ту ёфтаӣ лаззати шикор, махусб!
Ба ин умед, ки сарриштае ба даст афтад,
Шавад чу сӯзан агар пайкарат низор, махусб!
Зи ҳарфи талх дар ин ҷо забони хеш бигаз,
Ба хобгоҳи лаҳад дар даҳони мор махусб!
Ҳалол нест ба бемордор хоби гарон,
Тараҳҳуме куну баҳри дили фигор махусб!
Ҳисори ҷисми ту аз чашму гӯш пур зи салост,
Насиҳати дили огоҳ гӯш дор, махусб!
Ба ним чашм задан пур зи об мегардад,
Дар ин сафинаи пуррахна зинҳор махусб!
Ба шаб зи ҳалқаи аҳли гуноҳ кун шабгир,
Диле чу оина дорӣ, ба зангбор махусб!
Камини дузд бувад хоб, агар зи аҳли дилӣ,
Дар ин камингаҳи ошӯб зинҳор махусб!
Ба ҷунбиши нафаси худ бубину уҷрат гир,
Рафиқ бар сари кӯча-ст, зинҳор махусб!
Раги фусурдаи худро ба нештар бирасон,
Чу хуни мурда ҳама шаб ба як қарор махусб!
Ду чашми равшани моҳӣ даруни пардаи об
Ду шоҳид аст, ки дар баҳри беканор махусб!
Бигир аз вараќи лола нақши бедорӣ,
Ту низ нохуни ғам бар ҷигар фишор, махусб!
Гирифт ҳола дар оғӯш моҳи худро танг,
Ту ҳам аҳли дилӣ, эй тиҳиканор, махусб!
Баҳори айш ҳамоғӯши ғунчаи боз аст,
Ба зери сояи гул паҳн сабзавор махусб!

Мабод ишқ ниҳад ҷавзи пуч дар бағалат,
Чу кӯдакон ба сари роҳ интизор махусб!
Зи ишқи сарви чаман хоб нест фохтаро,
Ту ҳам ба сояи он сарви пойдор махусб!
Мабод шуртаи тӯфон дуруст биншинад,
Набурда рахт аз ин варта бар канор, махусб!
Даруни синаи моҳӣ накард Юнус хоб,
Бурун нарафта аз ин обгун ҳисор, махусб!
Гули сари сабади умр чашми бедор аст,
Ба рағми дидаи гулчини рӯзгор махусб!
Зимоми ноқаи Лайлӣ ҳилоли шаб дорад,
Насиҳати мани Маҷнун ба ёд дор, махусб!
Нигоҳ кун, сари тори нафас куҷо банд аст,
Нигоҳ дор сари ришта, зинҳор махусб!
Зи шавқи ранги ҳино кӯдакон намехуспанд,
Чӣ мешавад ту ҳам аз баҳри он нигор махусб!
Зи чортоқи аносир шикаст меборад,
Миёни чор мухолиф ба ихтиёр махусб!
Агарчи зулмати шаб пардапӯши беадабист,
Ту беадаб, адаби худ нигоҳ дор, махусб!
Фитода зери замин аст пои сарсари марг,
Чу гард бар сари ин фарз зинҳор махусб!
Замину оби ту камтар зи ҳеҷ деҳқон нест,
Зи тухми ашк ту ҳам донае бикор, махусб!
Фалак зи Коҳкашон теғ бар каф истодаст,
Ба зери сояи шамшери обдор махусб!
Зи навбаҳор ба рақс аст зарра-зарраи хок,
Ту низ ҷузви заминӣ, дар ин баҳор махусб!
Туро ба гавҳари дил кардаанд амонатдор,
Зи дузд амонати ҳақро нигоҳ дор, махусб!
Шудаст хаймаи дилҳои мурда маркази хок,
Дар ин ҳазираи пажмурда зинҳор махусб!
Ҷавоби он ғазали Мавлавист ин, Соиб,
«Зи умри якшаба кам гиру зиндадор махусб!»

*   *   *

Ҳусни оламсӯзи ӯро соғаре даркор нест,
Чеҳраи хуршедро равшангаре даркор нест.
Каҳрабое ҳосили моро ба ғорат мебарад,
Хирмани бемағзи моро сарсаре даркор нест.
Ҳарчӣ бояд, одамӣ бо хештан овардааст,
Хоб чун афтод сангин, бистаре даркор нест.
Оташ аз худ медиҳад берун сипанди шӯхро,
Ин сабуксайри фаноро миҷмаре даркор нест.
Қатраи обе ба ҳам печад бисоти хобро,
Дар шикасти аҳли ғафлат лашкаре даркор нест.
Ҳеҷ нақше нест, к-аз оина рӯ пинҳон кунад,
Дил чу равшан шуд, китобу дафтаре даркор нест.
Сел бе раҳбар ба дарё мерасонад хешро,
Шавқ дар ҳар ҷо, ки бошад, раҳбаре даркор нест.
Мутриби мо чун хуми май синаи пурҷӯши мост,
Маҷлиси ушшоқро хунёгаре даркор нест.
Мерабояндат чу шабнам шӯхии гулҳо ба ҳам,
Сайри ин гулзорро болу паре даркор нест.
Борҳо ковидаам хокистари афлокро,
Ғайри доғи ишқ, Соиб, ахгаре даркор нест.

*   *   *

Дар сияҳхонаи афлок дили равшан нест,
Ахгаре дар таҳи хокистари ин гулхан нест.
Дил чу биност, чӣ ғам, дида агар нобиност,
Хонаи оинаро равшанӣ аз равзан нест.
Гавҳар аз гарди ятимӣ нашавад хонанишин,
Дил агар зинда бувад, ҳеҷ ғами мурдан нест.
Дидаи шӯхи туро оина дар зангор аст,
Варна як сабзаи бегона дар ин гулшан нест.
Ростӣ укдакушояндаи асрори дил аст,
Шамъро ҳавсалаи гиря фурӯ хурдан нест.
Нест дар қофилаи реги равон пешу пасе,
Мурда бечоратар аз зинда дар ин маскан нест.
Ҳирс ҳар зарраи моро ба ҷаҳоне андохт,
Мӯр худро чу кунад ҷамъ, кам аз хирман нест.
На ҳамин мавҷ зи омадшуди худ бехабар аст,
Ҳеҷ касро хабар аз омадану рафтан нест.
Сифлагонро назанад чарх чу некон бар санг,
Маҳаки симу зар аз баҳри мису оҳан нест.
Дили нозук ба нигоҳи каҷе озурда шавад,
Хор дар дида чу афтод, кам аз сӯзан нест.
Соиб, аз атласи гардун гила беинсофист,
Сарви ин боғчаро барги ду пироҳан нест.

*   *   *

Абири зулф ба ҷайби сабо набояд рехт,
Ба чашми бебасарон тӯтиё набояд рехт.
Ба сахтрӯии гардун сабур бояд буд
Вагарна дона дар ин осиё набояд рехт.
Харобҳолии қасри ҳубоб мегӯяд,
Ки регхона зи дарё ҷудо набояд рехт.
Далели иззати аҳли сухан ҳамин кофист,
Ки хурдаҳои қалам зери по набояд рехт.
Бас аст рӯзии тӯтӣ шакарфишонии хеш,
Шакар ба Соиби шириннаво набояд рехт.

*   *   *

Аз он маро шабу рӯзи сиёҳ ҳар ду якест,
Ки бо ғурури ту, оҳунигоҳ, ҳар ду якест.
Фиғон, ки пеши сабукдастии ту бепарво
Шикастани дилу тарфи кулоҳ ҳар ду якест.
Бас аст пираҳани тан муҳити ваҳдатро,
Ки пеши сели фано кӯҳу коҳ ҳар ду якест.
Баланду пасти ҷаҳон пеши худпарастон аст,
Зи худ баромадаро бому чоҳ ҳар ду якест.
Чунон газидаи аъмоли хештан гаштам,
Ки номаи ману мори сиёҳ ҳар ду якест.
Туро, ки завқи тамом аст, гул бичин, Соиб,
Ки хас ба дидаи ман ё гиёҳ, ҳар ду якест.

* * *

Чароғи хилвати ҷон рӯшноии сухан аст,
Баҳори зиндадилон ошноии сухан аст.
Агар сухан ба дил аз гӯш бештар нарасад,
Яқин шинос, ки аз норасоии сухан аст.
Макидани сари ангушти хома чун тифлон
Гувоҳи бекасиву бенавоии сухан аст.
Зулоли Хизр гиреҳ дар сиёҳии зулмот
Чу хуни мурда зи шарми равоии сухан аст.
Маро чу маънии бегона муғтанам донанд,
Ки ошноии ман ошноии сухан аст.
Чу ғунча сар ба гиребони худ фурӯ бурдан
Гули сари сабади ошноии сухан аст.
Шикасти зулфи сухан мешавад дуруст аз ман,
Дили шикастаи ман мӯмиёии сухан аст.
Агар Сикандар аз оина сохт лавҳи мазор,
Чароғи турбати ман рӯшноии сухан аст.
Гузоштӣ сари худ чун қалам дар ин савдо,
Дигар кӣ ҳамчу ту, Соиб, фидоии сухан аст?!

*   *   *

Лаби лаъли ту зи хуни дили ман ҷом гирифт,
Сарви қадди ту зи оғӯши ман ором гирифт.
Ҳеҷ кас захраи наззораи чашми ту надошт,
Намаки ашки ман ин талхии бодом гирифт.
Хуми май ҷилваи фонуси таҷаллӣ дорад,
Партави рӯи ту то дар майи гулфом гирифт.
Мечакад хун зи ҷабини араққи шарм имрӯз,
То ки аз лаъли лабат бӯсаи пайғом гирифт.
Ҳар куҷо ҳусни гулусӯзи ту манзил дорад,
Метавон бӯса ба рағбат зи лаби бом гирифт.
Нест як шамъ дар ин базм ба саргармии ман,
Сӯхт ҳар кас, ки мани сӯхтаро ном гирифт.
Кард яъқубсифат ҷомаи наззора сафед,
Чашми наргис ба тамошои ту эҳром гирифт.
То қиёмат натавонист гирифтан худро,
Ҳар кӣ, Соиб, зи кафи соқии мо ҷом гирифт.

* * *

Сел дармондаи кӯтоҳии девори ман аст,
Бесаранҷомии ман хонанигаҳдори ман аст.
Метавонам сари тӯмори шикоят во кард,
Араќи шарми ту муҳри лаби изҳори ман аст.
Дӯстон оинаи сурати аҳволи ҳаманд,
Ман хароби туаму чашми ту бемори ман аст.
Чашмаеро, ки Сикандар ба дуо металабад,
Шабнами сӯхтаи чеҳраи гулзори ман аст.
Манам он оинахотир, ки раги хоби ҷаҳон
Ҳамчу мижгон ба кафи дидаи бедори ман аст.
Накунад шуъла бадал ҷомаи рангинии мум,
Май абас дар пайи рангинии рухсори ман аст.
Мекунад кори насими саҳарӣ бо дили ман,
Хомӯшӣ гарчи ба зоҳир гиреҳи кори ман аст.
Дар харобот ман он бодапарастам, Соиб,
Ки раги талхии май риштаи зуннори ман аст.

*   *   *

Ҳар шишаҷон хазинаи асрори ишқ нест,
Номӯс шишаест, ки дар бори ишқ нест.
Базмест бечароғу кадуест бешароб,
Дар ҳар диле, ки давлати бедори ишқ нест.
Абрест парварандаву барфест хонасӯз,
Тадбир кори ақл бувад, кори ишқ нест.
Хок афканад чу луқмаи талх аз даҳан бурун
Он синаро, ки махзани асрори ишқ нест.
Реги равони водии саргаштагӣ шавад
Ҳар нуқтае, ки дар хами паргори ишқ нест.
Натвон дуруд кишти фалакро ба моҳи нав,
Сайқал ҳарифи сабзаи зангори ишқ нест.
Ҳар шевааш зи шеваи дигар базавқтар,
Як хор дар саросари гулзори ишқ нест.
Ҳарчанд дилфиреб бувад кӯчабоғи зулф,
Аммо ба хушқумошии бозори ишқ нест.
Абрест дар тилисми сароб уфтодааст,
Ҳар дидае, ки волаи рухсори ишқ нест.
Гавҳар миёни гарди ятимӣ ба сар барад,
Ғайр аз дили хароб сазовори ишқ нест.
Соиб, агарчи ҳусн фурӯшандаест сахт,
Аммо ҳарифи нози харидори ишқ нест.

* * *

Балои мардуми озода лофи яктоист,
Агар ба сарв шикасте расад, зи раъноист.
Аз он замон, ки маро ишқ баргирифт зи хок,
Чу гирдбод мадорам ба даштпаймоист.
Назар ба шохи баланд аст мурғи ваҳширо,
Талоши дор кунад ҳар саре, ки савдоист.
Ба зӯри аҷз тавон гӯшмоли гардун дод,
Ки пушти дасти ту сарпанҷаи тавоноист.
Дили рамида гул аз рӯзгор мечинад,
Нишоти рӯи замин аз ғизоли саҳроист.
Рухи латифи туро бениқоб натвон дид,
Ту чун ба парда равӣ, сарфаи тамошоист.
Ба рози ишқу хамӯшӣ куҷо расӣ, Соиб,
Ки ҳамчу хома мадорат ба сафҳаороист.

*  *  *

Кавсари бедорбахтӣ дидаи гирёни мост,
Водии саҳрои машҳар синаи сӯзони мост.
Ҳар кӣ дорад қатраи ашке, зи мо дорад назар,
Ҳар кӣ дорад оҳи гарме, аз дили сӯзони мост.
Ваҷди мо зарроти оламро ба рақс овардааст,
Ҳар куҷо саргаштае ёбед, саргардони мост.
Бо гулистоне, ки моро ошноӣ додаанд,
Осмонҳо сабзаи бегонаи бӯстони мост.
Шӯри маҳшар меҳмони захми мо имрӯз нест,
Муддате шуд ин намакдон бар канори хони мост.
Умрҳо чун мавҷ доим дар кашокаш меравад,
Рӯзии мо чун садаф ҳарчанд дар домони мост.
Мо чу тифлон тан ба шуғли хокбозӣ додаем,
Варна гӯи осмонҳо дар хами чавгони мост.
Дасти мо дар банди чини остин афтодааст,
Варна теғи Каҳкашон дар қабзаи фармони мост.
Нест оини такаллуф шеваи арбоби факр,
Ҳар кӣ рӯзӣ аз дили мо мехӯрад, меҳмони мост.
Тарки айши кӯчагардӣ оби ҷӯи боғи мост,
Чун шавад озод тифлон, фасли гулрезони мост.
Кист, Соиб, аз ҷигардорон, шавад ҳамдарси мо,
Доғи савдо нуқтаи бисмиллаҳи девони мост.

*   *   *

Маҷлис имшаб аз фурӯғи лоларуён равшан аст,
Бехабар ҳар сӯ, ки меғалтад нигоҳам, гулшан аст.
Ҷони ғофилро сафар дар чордевори тан аст,
Пои хоболударо манзил канори доман аст.
Тирарӯзон якдигарро хуб пайдо мекунанд,
Сурмаи ӯ гӯшаи чашме, ки дорад, бо ман аст.
То ба чанд, эй офтоби ҳусн, мастурӣ кунӣ,
Чашми мо ҳайратнигоҳон кам зи чашми равзан аст.
Эй, сабои бемурувват, барқтозӣ вогузор,
Руҳи бемори Зулайхо ҳамраҳи пероҳан аст.
Соиб, аҳволи мақоми дил чӣ мепурсӣ зи ман,
Хонаи ҳасратнасибони муҳаббат гулхан аст.

*   *   *

Талх шуд ишратам, он лаъли шакарбор куҷост?
Дилам аз кор шуд, он ғамзаи пуркор куҷост?
Ханда аз тангии ҷо дар даҳанаш ғунча шудаст,
Бӯсаро роҳи сухан пеши лаби ёр куҷост?
Сафари аввали парвоз ба дом афтодаст,
Булбули мо нашунидаст, ки гулзор куҷост?
Мазраи донаи тасбеҳ бувад як кафи даст,
Зуҳдро дастгаҳи риштаи зуннор куҷост?
Завқи наззораи гул дар нигаҳе пинҳон аст,
Эй муқимони чаман, рахнаи девор куҷост?
То ба кай дар таҳи девори таъаллуқ бошам,
Кӯчаи хонабадӯшони сабукбор куҷост?!
Бар сари мӯйшикофист нигоҳам, Соиб,
Чини зулфе, ки диҳад нофаи тотор куҷост?

* * *

Ҳар хори ин гулистон ангушти раҳнамоест,
Ҳар шабнаме дар ин боғ ҷоми ҷаҳоннамоест.
Ҳар ғунчаи хамӯше мактуби сарбамуҳрест,
Ҳар бонги андалебе овози ошноест.
Ҳар лахти дил шаҳидест даст аз ҳаёт шуста,
Домони ашкрезон саҳрои Карбалоест.
Оинахонаи дил аз занг гар барояд,
Ҳар барги сабзи ин боғ тӯтии хушнавоест.
Овозаи талабро Хизрест ҳар сиёҳӣ,
Киштишикастагонро ҳар мавҷ нохудоест.
То нури ҳусни мутлақ гавҳарфурӯзи хокест,
Ҳар ҷуғзи бепару бол дар чашми худ ҳумоест.
Бо дастгоҳи фирдавс як боғбон чӣ созад,
Ҳар ҷузъи ҳусни ӯро машшотаи ҷудоест.
Ҳарчанд қулзуми ишқ бар як ҳавост доим,
Дар ҳар сари ҳубобе аз шавқи ӯ ҳавоест.
Эй барқи бемурувват, поро шумурда бигзор,
Ҳар хори ин биёбон ризқи бараҳнапоест.
Дил чун зи по нишинад, ҷон чун қарор гирад,
Дар ҳар шиканҷи зулфаш ҳангомаи ҷудоест.
То ишқ соя афканд бар хомаи ту, Соиб,
Муштоқи нолаи туст ҳар ҷо, ки хушнавоест.

*   *   *

Кунун, ки аз камари кӯҳ мавҷи лола гузашт,
Биёр киштии май, навбати пиёла гузашт.
Зи шишахонаи дил чеҳраи арақнокаш
Чунон гузашт, ки бар лолазор лола гузашт.
Чунон зи ҳусни ту шуд кор танг бар хубон,
Ки даври хубии маҳ дар ҳисори ҳола гузашт.
Зи печутоби раги ҷон хабар расид ба ман,
Агар насим бар он анбарин кулола гузашт.
Дар ин муҳити пур аз хун баҳори умр маро
Ба ҷамъ кардани доман чу доғи лола гузашт.
Майи дусола дами рӯҳпарваре дорад,
Ки метавон зи салоҳи ҳазорсола гузашт.
Нашуд зи нусхаи дил нуктае маро маълум,
Агарчи умр ба тасҳеҳи ин рисола гузашт.
Гудохт аз вараҳи лола дидаам, Соиб,
Кадом сӯхта, ё Раб, бар ин рисола гузашт.

*   *   *

Лаълат ба ханда пардаи гулро даридааст,
Оина аз рухат гули хуршед чидааст.
Наззораи ту тоза кунад доғи куҳнаро,
Ин лола гӯӣ аз дили оташ чакидааст.
Асбоби тирабахтии мо даст додааст,
То сурмаат ба гӯшаи абрӯ расидааст.
Кори ту нест чораи дарди ман, эй Масеҳ,
Ин шеваро табассуми ӯ офаридааст.
Мо баркро бар оташи ғайрат нишондаем,
Симоб дар қаламрави мо орамидааст.

*   *   *

Шаби ҳиҷрон дилам аз нолаи ҳасрат шод аст,
Чӣ тавон кард, ки фарёдрасам фарёд аст.
Рутбаи ишқ зи маъшуқ баландӣ гирад,
Қумрӣ аз таънаи кӯтаҳназарон озод аст.
Кор бо ҷазбаи ишқ аст, азизон, варна
Бӯи пероҳани Юсуф гираҳе бар бод аст.
Саҳл корест ба фитрок сари мо бастан,
Сайдро зинда гирифтан ҳунари сайёд аст.
Аз саводи вараќи лола чунин шуд равшан,
Ки сияҳбахтиву хунинҷигарӣ ҳамзод аст.
Офарин бар қалами нофакушоят, Соиб,
Ки зи тардастии ӯ мулки сухан обод аст.

*   *   *

Майи дусола нишоташ кам аз ҷавонӣ нест,
Шароби куҳна кам аз умри ҷовидонӣ нест.
Кӣ боз ҳарфи гулӯгири тавбаро сар кард,
Ки дар бадеҳаи минои майи равонӣ нест?
Зи ҷодаи сухани рост по манеҳ берун,
Ки ҳеҷ илм чу илми маҷоздонӣ нест.
Барор сар зи гиребони худ бурун, Юсуф,
Ки раҳм дар дили сангини корвонӣ нест.
Макуш ба таъни гаронҷониям зи бедардӣ,
Ки барфишондани ҷон остинфишонӣ нест.
Қасам ба узлати анқо, ки кӯи хомӯшон
Ба орамидагии мулки бенишонӣ нест.
Чӣ сон ба хома диҳам шарҳи иштиёқи туро,
Чу шамъ сӯзиши пинҳони ман забонӣ нест.
Ба шохсори қафас вогузор мурғи маро,
Ки боли баста шикасти ман ошёнӣ нест.
Ба зери миннати хушки Хизир марав зинҳор,
Ки обрӯй кам аз оби зиндагонӣ нест.
Ба гӯшае бинишину хамӯш шав, Соиб,
Кунун, ки равнақи бозори нуктадонӣ нест.

* * *

Агар на ошиқӣ, ин чеҳраи хазонӣ чист?
Агар на Ҳотамӣ, ин бахти осмонӣ чист?
Чу гирдбод ба рақс аст зарра-зарраи хок,
Ту низ санги нишон нестӣ, гаронӣ чист?
Забони шамъ ба сад обутоб мегӯяд,
Ки ҷуз фасурдагӣ анҷоми зиндагонӣ чист?
Агар зи оинаи рӯи ӯ назар ёбам,
Ба тӯтиён бичашонам – шакарфишонӣ чист.
Камони лоф агар зеҳ кунад ба абрӯяш,
Ба моҳи нав бинамоям, ки шаҳкамонӣ чист.
Агар саҳоб зи ман остинфишон гузарад,
Ба доманаш бишуморам, ки зарфишонӣ чист.
Чу шамъи кушта забоноварон хамӯш шаванд,
Агар баланд бигӯям, ки тарзабонӣ чист.
Дили рамидаи моро ба чашми худ маспор,
Сияҳмаст чӣ донад нигоҳбонӣ чист.
Зи ҳайрати ту шавад оби зиндагонӣ хушк,
Ту чун хиром кунӣ, сарви бӯстонӣ чист?
Забон чу барги хазондида аст дар чаманам,
Ба ин димоғ чӣ донам, ки гулфишонӣ чист?
Фиғон, ки ғунчаи мушкилкушои дил, Соиб,
Наёфт чошние, хандаи ниҳонӣ чист?

*   *   *

Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст,
Инсоф дар қаламрави гардун намондааст.
Ҳеҷ аст сад рисолаи ҳикмат ба чашми мо,
Беҳтар асар зи хумми Фалотун намондааст.
Як умр метавон сухан аз зулфи ёр гуфт,
Дар банди ин мабош, ки мазмун намондааст.
Соиб, пиёла гир, ки то кардаӣ нигоҳ,
Як хишт аз иморати гардун намондааст.

*   *   *

Муддате шуд, к-аз ҳадиси аҳли дил гӯшам тиҳист,
Чун садаф з-ин гавҳари шаҳвор оғӯшам тиҳист.
Аз дили бедору оҳи оташину ишқи гарм
Дастгоҳи зиндагӣ чун шамъи хомӯшам тиҳист.
Дурди талхе дар қадаҳ дорам, ки гавҳар доғи ӯст,
Шишаи дил гарчи аз саҳбои сарҷӯшам тиҳист.
Гарчи умре шуд ба дарё меравам дасту бағал,
Ҳамчу мавҷ аз гавҳари мақсуд оғӯшам тиҳист.
Хиҷлате дорам, ки хоҳад пардапӯши ман шудан,
Гарчи аз саҷҷодаи тақво бару дӯшам тиҳист.
Мезанам лофи худӣ, Соиб, зи бими чашмзахм,
Гарчи аз лофи тиҳӣ оинаи ҳушам тиҳист.

*   *   *

Дар хароботи муғон манзил намебояд гирифт,
Чун гирифтӣ, кини кас дар дил намебояд гирифт.
Ё намебояд зи озодӣ задан чун сарв лоф,
Ё гиреҳ аз бебарӣ дар дил намебояд гирифт.
Чашми бад бисёр дорад дар камин осудагӣ,
Чун сипанд ором дар маҳфил намебояд гирифт.
Садди роҳи олами болост маъшуқи маҷоз,
Домани ин сарви подаргил намебояд гирифт.
Хунбаҳо беҳтар зи ҳифзи обрӯи ишқ нест,
Дар қиёмат домани қотил намебояд гирифт.
То тавон сарпанҷаи тӯфон чу дарё об дод,
Теғи мавҷ аз қабзаи соҳил намебояд гирифт.
Соф чун оина мебояд шудан бо неку бад,
Ҳеҷ чиз аз ҳеҷ кас дар дил намебояд гирифт.
Толиби ҳақро чу тире, к-аз камон берун равад,
Ҳеҷ ҷо ором то манзил намебояд гирифт.
Оҳу афсӯс аст, Соиб, ҳосили мавҷи сароб,
Домани дунёи беҳосил намебояд гирифт.

*   *   *

Ояте чун хати мушкини ту дар Қуръон нест,
Нукта чун холи ту дар доираи имкон нест.
Маҳаки одамиён чеҳраи гандумгун аст,
Дасти рад ҳар кӣ дар ин ранг занад, афшон нест.
Дидаи нофизи мавзуни туро сарви саҳӣ
Дод инсоф, ки болотар аз ин имкон нест.
Метавон дид зи симо гуҳари ҳар касро,
Чист дар синаи мактуб, ки дар унвон нест.
Чи зару сим, ки дар фақр накардем талаф,
Фақр ганҷ аст, ки дар зери замин пинҳон нест.
Кафи хокистари Соиб чӣ баландӣ гирад,
Сурмаро манзалати хок дар Исфаҳон нест.

* * *

Оҳе, ки ғам зи дил набарад, нокашиданист,
Мурғе, ки номабар набувад, пар буриданист.
Чун бодаи сабӯҳ ба рагҳои майкашон
Ҳар кӯчае, ки ҳаст ба олам, давиданист.
З-он лаъли обдор, ки май мечакад аз ӯ
Сангу сафоли майкадаи мо макиданист.
Нуқлу шароб ҳар ду ба худ ҷӯш мезананд,
Лаъли ту ҳам макиданиву ҳам газиданист.
Мавҷи шароб рахнаи дилро руфӯгар аст,
Ин риштаи умед ба сӯзан кашиданист.
Дил дар бақо мабанд, к-аз ин боғи пурфиреб
Беболу пар чу қатраи шабнам паридааист.
Чап меравад ба ростравони тариқи ишқ
Дар гӯши чарх ҳалқаи оҳе кашиданист.
Ҳарчанд дарси ишқ зи таълим фориғ аст,
Ҳар субҳ як-ду нағма зи Соиб шуниданист.

* * *

Дӯш он номеҳрубон аҳволи мо пурсиду рафт,
Сад сухан гуфтем, аммо як сухан нашниду рафт.
Ҳар кӣ омад дар ғамободи ҷаҳон чун гирдбод,
Рӯзгоре хок хӯрд, охир ба ҳам печиду рафт.
Вақти он кас хуш, ки чун барқ аз гиребони вуҷуд,
Сар бурун оварду бар вазъи ҷаҳон хандиду рафт.
Эй кам аз зан, фикри маркаб дар тариқи Каъба чист,
Ин биёбонро ба паҳлу Робиа ғалтиду рафт.
Соиб омад дар ҳаримат бо дили уммедвор,
Шуд ба сад дил аз умеди хештан навмеду рафт.

*   *   *

Зулфаш ба ҳар ду даст инонам гирифтааст,
Абрӯи ӯ ба пушти камонам гирифтааст.
Ман чун ҳадаф намеравам аз ҷои хештан,
Пайкони ӯ абас ба забонам гирифтааст.
Чун аз миёни халқ нагирам канорае,
Фикри канори ӯ ба миёнам гирифтааст.
Оташ чӣ гуна дасту гиребон шавад ба хор,
Ишқи ситезахӯй чунонам гирифтааст.
Соиб, чу абр гиря агар мекунам, равост,
Оташ чу барқ дар раги ҷонам гирифтааст.

*   *   *

Моҳе, ки зи партав ба ҷаҳон шӯру шар андохт,
Пеши рухат аз ҳола мукаррар сипар андохт.
Дар дидаи соҳибназарон мӯи зиёдам,
З-он рӯз, ки чашми ту маро аз назар андохт.
То домани маҳшар натавон дӯхт ба сӯзан,
Мижгони ту чоке, ки маро дар ҷигар андохт.
Фарёд, ки ширинсуханӣ тӯтии моро
Машғули сухан карду зи фикри шакар андохт.
Бо гӯшаи дил ғунчасифат сохта будам,
Бӯи ту маро ҳамчу сабо дар ба дар андохт.
Соиб, шудам осуда аз ин коркушоён,
То кори маро ишқ ба оҳи саҳар андохт.

*   *   *

Фатҳу зафар зи худшиканӣ зердасти мост,
Чун зулфу хат дурустии мо дар шикасти мост.
Ошӯби оламем зи ҳар мисрае чу зулф,
Сарриштаи тапондани дилҳо ба дасти мост.
Ботил ҳиҷоби дидаи ҳақбин намешавад,
Дунё биҳишт дар назари ҳақпарасти мост.
Хумхона шуд тиҳиву надорем нам бурун,
Мансур доғи ҳавсалаи дермасти мост.
Ганҷинадори гавҳари дарёи раҳматем,
Чун абр чашми поки садафҳо ба дасти мост.
Чун буттаи баҳор дар ин сабзанҷуман
Соиб, ба ҳар кӣ менигарам, дар шикасти мост.

*   *   *

Ҳарчи дорад дар хуми сарбаста гардун, аз ман аст,
Май ба ҳикмат мехӯрам, ганҷи Фалотун аз ман аст.
То хуми май дар замини хонаам дар хок ҳаст,
Касрати рӯи замин бо ганҷи Қорун аз ман аст.
Бо либоси қурби зоҳир бо хаёлаш фориғам,
Нукта аз ҳар кас, ки бошад, поси маънӣ аз ман аст.
Хилвати андешаам чун ғунча лабрези гул аст,
Хона девор аст, ҳар нақше, ки берун аз ман аст.
Аҳли маънӣ мезананд аз ғайрати ман печутоб,
Мисраеро мекунад гар сарв мавзун, аз ман аст.
Нест чун анқо зи ман ҷуз ном чизе дар миён,
Худ парастиш мекунад худрову мамнун аз ман аст.
Бӯи хун меояд аз теғи забони булбулон
Варна мегуфтам, ки рӯи боғ гулгун аз ман аст.
Мезанам нақши дигар бар об дар ҳар дам задан,
Ранги дарёи сухан, Соиб, дигаргун аз ман аст.

* * *

Вақти ҳаз паҳлӯ тиҳӣ аз ёр кардан мушкил аст,
Дар баҳорон пушт бар гулзор кардан мушкил аст.
Мерасад аз завқ ҳар коре ба меъроҷи камол,
Бар умеди корфармо кор кардан мушкил аст.
Ихтиёрӣ нест фарёди ман аз вазъи ҷаҳон,
Селро хомӯш дар кӯҳсор кардан мушкил аст.
Метавон бар худ гуворо кард марги талхро,
Зиндагониро ба худ ҳамвор кардан мушкил аст.
Баҳр аз боди мухолиф мешавад шӯридатар,
Аз насиҳат мастро ҳушёр кардан мушкил аст.
Даргузар, Соиб, зи дил, афтод чун дар қайди зулф,
Муҳра берун аз даҳони мор кардан мушкил аст.

* * *

Чашми махмуре, ки моро заҳр дар паймона рехт,
Метавонад аз нигоҳе ранги сад майхона рехт.
Ашки шодӣ узри моро охир аз сайёд хост,
Гарчи дар тасхири мо гавҳар ба ҷои дона рехт.
Мавҷ меафтад ба ҳар ҷониб чу мастони хароб,
То ки бар хоки шаҳидон гиряи мастона рехт.
Тоза гардад доғи ишқ аз лутфи хубони дигар,
Хандаи гул мушти оташ бар сари парвона рехт.
Ҳила дар шаръи муҳаббат бозии худ додан аст,
Хуни хасми хешро Парвиз номардона рехт.
Гардиши чашме, ки ҳайронам зи ҳушаш бурда буд,
К-ин ғазал аз хомаи Соиб аҷаб мардона рехт.

* * *

Ин чӣ хатт асту он чӣ рухсор аст?
Ин чӣ оина в-он чӣ зангор аст?
Ин чӣ хол, он чӣ гӯшаи абрӯст?
Ин чӣ мор, он чӣ муҳраи мор аст?
Ин чӣ абрӯву он чӣ пешонӣ?
Ин чӣ лабҳои гармгуфтор аст?
Ин чӣ теғи забони заҳролуд?
Ин чӣ лаъли лаби шакарбор аст?
Ин чӣ чашми мудом дар хоб аст?
Ин чӣ шарми ҳамеша бедор аст?
Ин чӣ оинаи хаёлнамост?
Ин чӣ пешонӣ, он чӣ рухсор аст?
Хонаи ҳушро ба об расонд,
Ин чӣ пешонии гуҳарбор аст?
Ба суханҳои оташин, Соиб,
Сӯхтӣ олам, ин чӣ гуфтор аст?

* * *

Нуқтаи ашк саросемаву шайдоии кист?
Алифи оҳ камарбаставу раъноии кист?
Тавқи қумрӣ зи сари зулфи кӣ ин ҳалқа рабуд,
Ҷилваи сарв баровардаи раъноии кист?
Пои Маҷнун ба гил аз ашки ғизолон мондаст,
Дасту домони гул аз обилафарсоии кист?
Абр бо ҷилваи хуршеди қиёмат чӣ кунад,
Домани дашти ҷунун пардаи расвоии кист?
Шӯри булбул зи намакдони кӣ бармехезад,
Араќи чеҳраи гул партави зебоии кист?
Мижаи шӯхи ту ором надорад имрӯз,
То дигар дар пайи тороҷи шикебоии кист?
Парда аз чеҳраи андешанамо афкандаст,
Дигар он оинарӯ дар пайи расвоии кист?
Гузаре нест, ки доме накашидаст ин ҷо,
Ё Раб, он зулф ба қасди дили ҳарҷоии кист?
Ҳама шаб хуни сияҳ мечакад аз мижгонаш,
Номаи Соиби савдозада савдоии кист?

* * *

Оташ ба мағзам аз майи аҳмар гирифтааст,
Ин пунба аз фурӯғи гуҳар даргирифтааст.
Нахли хазонрасида агар нестам, чаро
Ҳар пора аз дилам раҳи дигар гирифтааст?
Дил дар миёни доғи ҷигарсӯз гум шудаст,
Ин баҳрро сиёҳии анбар гирифтааст.
То оби зиндагӣ ду қадам роҳ беш нест,
Оина пеши роҳи Сикандар гирифтааст.
Мижгон ба ҳам намезанад аз офтоби ҳашр,
Оинае, ки акси ту дар бар гирифтааст.
Хунам, ки мешикофт ба тан пӯст чун анор,
Дар теғи ӯ қарор чу ҷавҳар гирифтааст.
Дилҳо ба ҷои номаи аъмол мебаранд,
Офоқ ранги арсаи маҳшар гирифтааст.
Соиб, чароғи зиндагии мост бефурӯғ,
То доғ соя аз сари мо баргирифтааст.

* * *

Аз пир гӯшагириву сайр аз ҷавон хуш аст,
Аз тир ростиву каҷӣ аз камон хӯш аст.
Тағйири ранг хуш бувад аз рӯи шармгин,
Дар чашми аҳли дида баҳору хазон хуш аст.
Ҷӯши гул аст дар қафаси мо тамоми сол,
Даҳ рӯз дар баҳор агар гулситон хуш аст.
Дар мавсими хазон чӣ самар ҳусни халқро,
Айёми гул мулоимат аз боғбон хуш аст.
Чандин ҳазор доми тамошост дар қафас,
Булбул ҳамин ба дидани гул з-ошён хуш аст.
Тифлон ба ҷӯи шир зи шакар кунанд сулҳ,
Зоҳид зи васли дӯст ба боғи ҷинон хуш аст.
Гар дигарон кунанд таманнои дӯстӣ,
Соиб ба тарки дӯстӣ аз душманон хуш аст.

* * *

Давлати рӯзгор даргузар аст,
Партави офтоб дарбадар аст.
Чашми беашк – абри беборон,
Дасти бечуд шохи бесамар аст.
Қурби симинбарон гудозандаст,
Ранҷи борики ришта аз гуҳар аст.
Ташнаи офат аст моли бахил,
Хуни фосид ҳалоки нештар аст.
Шамъи болини ин гаронхобон
Бебақо чун ситораи саҳар аст.
Рӯи хуш лафзу бӯи хуш маъност,
Маънӣ аз лафз дилпазиртар аст.
Дилаш аз май сиёҳтар гардид,
Ҳар кӣ чун лола оташинҷигар аст.
Ҳунари дигарон надидан айб,
Дидани айби хештан, ҳунар аст.
Мекунад тарки рангу бӯ, Соиб,
Ҳамчу шабнам касе, ки дидавар аст.

*   *   *

Шохи гулро аз саропо чеҳра танҳо нозук аст,
Нозукандоме, ки ман дорам, саропо нозук аст.
Орзуи бӯса дар дил хун шавад ушшоқро,
Гар бигӯям чеҳраи ӯ то кучҳо нозук аст.
Аз баёзи гарданаш пайдост хуни ошиқон,
Мешавад бепарда май чандон, ки мино нозук аст.
Метавон сад ранг гул дар ҳар нигоҳаш даста баст,
Баски ранги чеҳраи он моҳсимо нозук аст.
Сахт меларзам бад-ин занҷир чун девонагон,
Риштаи зулфи ту нозук, хӯи дилҳо нозук аст…
Нест, Соиб, мӯшикофӣ дар бисоти рӯзгор
Варна чун мӯи камар андешаи мо нозук аст.

* * *

Эй дил, тасаввури камари ёр нозук аст,
Борик шав, ки риштаи ин тор нозук аст.
Дил шох-шох гашт дар ин кор шонаро,
Парвози зулфу кокули дилдор нозук аст.
Чандин ҳазор шишаи гулро ба санг зад,
Афсонаест ин, ки дили ёр нозук аст.
Дар ҳар назар ба ранги дигар ҷилва мекунад,
Азбаски ранги он гули рухсор нозук аст.
Чун қумриён ба гардани шерон ниҳода тавқ,
Бо он ки доми зулфи ту бисёр нозук аст.
То моҷарои шонаи зулфаш куҷо расад,
Мизроб бемулоҳизаву тор нозук аст.
Булбул ба ошёнатирозӣ фитодааст,
Ғофил, ки он ниҳол чи миқдор нозук аст.
Ҳарфи миёни ӯ ба миён уфтодааст,
Эй дил, ба ҳуш бош, ки исрор нозук аст.
Сарбаста чун ҳубоб нафас мекашад муҳит,
Азбас мизоҷи он дури шаҳвор нозук аст.
Соиб чаро ба лаб наниҳад муҳри хомӯшӣ,
Сангиндиланд мардуму гуфтор нозук аст.

*   *   *

Аз хасисон миннати эҳсон кашидан мушкил аст,
Нози моҳи Миср аз ихвон кашидан мушкил аст.
Аз таҳи девор осон аст берун омадан,
Доман аз дасти гаронҷонон кашидан мушкил аст.
Дам баровардан бувад бе боди ҳақ бар дил гарон,
Далви холӣ аз чаҳи Канъон кашидан мушкил аст,
Метавон аз суступайванде ба осонӣ бурид,
Дар ҷавонӣ аз даҳан дандон кашидан мушкил аст.
Дарди бедармон ба марги талх ширин мешавад,
Аз табибон минати дармон кашидан мушкил аст.
Метавон чун ғунча, Соиб, хуни дил дар парда хӯрд,
Бодаи гулрангро пинҳон кашидан мушкил аст.

*   *   *

Дил рафта-рафта ранги лаби лаъли ӯ гирифт,
Ҷӯши май ихтиёр зи дасти сабӯ гирифт.
Гулранг гашт теғи шаҳодат зи захми мо,
Ин об аз сафои гуҳар рангу бӯ гирифт.
Таҳҷуръааш ба субҳи қиёмат шафақ диҳад
Ҷоме, ки дида аз лаби майгуни ӯ гирифт.
Гавҳар ҳадиси покии домони ӯ шунид,
Аз шарм ҳар ду дасти садафро ба рӯ гирифт.
Аз шири модар аст ба ман май ҳалолтар,
З-ин ҳалқаи ғаме, ки маро дар гулӯ гирифт.
Бар рӯи офтоб чу шабнам кушод чашм,
Ҳар покгавҳаре, ки дил аз рангу бӯ гирифт.
Дасти дуои халқ бувад пуштибони умр,
З-он хум бапой монда, ки дасти сабӯ гирифт.
Даст аз ҷаҳон нашуста, макун орзуи ишқ,
Ин нест домане, ки тавон бевузӯ гирифт.
Соиб, зи нози дояи бемеҳр фориғ аст,
Тифле, ки бо макидани ангушт хӯ гирифт.

*   *   *

Косаи сарро хатар аз мағзи пурҷӯши ман аст,
Оламе з-ин бодаи сарҷӯш мадҳуши ман аст.
Мавҷаи ман наъл ворун мезанад дар печутоб,
Варна он баҳри гаронлангар дар оғӯши ман аст.
Мегузорад ноф аз хуршеди тобон бар замин,
Гар фалак бардорад ин боре, ки бар дӯши ман аст.
Пушт бар кӯҳи Бадахшон аст махмури маро,
То сабӯи бодаи гулранг бар дӯши ман аст.
Душмани оташзабонро дар ҷигаргоҳи ғурур
Теғҳо хобида аз лабҳои хомӯши ман аст.
Мешавад дар ҳолати мастӣ ҳавосам ҷамътар,
Мавҷаи дарёи май шерозаи ҳуши ман аст.
Соиб, аз табъи равон оби ҳаёти оламам,
Тирабахтиҳои ман нили баногӯши ман аст.

*   *   *

Турки чашми махмураш масти нотавониҳост,
Фитна бо нигоҳи ӯ гарми ҳаминониҳост.
Ҷону дил сипар созам пеши новаки нозат,
Шасти ғамзае бикшо вақти шаҳкамониҳост.
Гаҳ сабӯ занам бар санг, гаҳ ба пои хум афтам,
Соқиё, маранҷ аз ман, олами ҷавониҳост.
Дурам аз висоли ӯ зиндагӣ чӣ кор ояд,
Ҷон ба лаб намеояд, ин чӣ сахтҷониҳост.
Нолаи ҳазинат ку, оҳи оташинат ку,
Лофи ишқбозӣ чанд, ишқ з-он нишониҳост,
Эй хушо, ки ҳамчун гул дар канори ман бошӣ.
Бо нигоҳи ҷонсӯзат, ваҳ, чӣ комрониҳост!
Синаҳо мушаббак шуд аз хаданги мижгонат,
Ҳоли мо намепурсӣ, ин чӣ саргарониҳост,
Рӯз бе ту бетобам, шаб намебарад хобам,
Рӯзу шаб намедонам, ин чӣ зиндагониҳост.
Соиб, ин тапидан чист, захми корие дорӣ,
Ёр бар сарат омад, вақти ҷонфишониҳост.

*    *    *

Сунбули зулф аз рухаш то бар канор афтодааст,
Гул чу тақвими куҳан аз эътибор афтодааст.
Не либоси тандурустӣ, на умеди пухтагӣ,
Меваи хомам ба санг аз шохсор афтодааст.
Дар чунин вақте, ки шохи хушки мо дар оташ аст,
Ҳуллаи раҳмат зи дӯши навбаҳор афтодааст.
Офтоби нашъа то аз машриқи мағзам дамид,
Кавкаби ақлам зи авҷи эътибор афтодааст.
Ҳаргиз аз ман чун камон бар дасти кас зӯре нарафт,
Ин кашокаш дар раги ҷонам чӣ кор афтодааст?
Ноумедӣ мекунад хун гиря бар аҳволи ман,
Кишти уммедам зи чашми навбаҳор афтодааст.
Шукри гардуни ситамгар мекунад ҳар субҳу шом,
Кори Соиб то ба аҳли рӯзгор афтодааст.

*   *   *

Сабзаи ҷӯй шаҳди нештар аст,
Хуққаи сабз заҳри пуршакар аст.
Чашми пӯшида пардадори дил аст,
Лаби хомӯш нигоҳбони сар аст.
Заҳри чашмаш миёни хандидан
Ҳамчу бодоми талх дар шакар аст.
Ҳар чи ғайр аз шароб, бори дил аст,
Ҳар чӣ ҷуз нағма аст, дарди сар аст.
Мӯшикофӣ ҳунар намебошад,
Чашм аз айб дӯхтан ҳунар аст.
Нигаҳи сери чашми ғаввосам,
Обхӯрдан зи чашмаи гуҳар аст.
Дар диёре, ки мо заифонем,
Шуъларо чашми ҳиммат аз шарар аст.
Хандаи субҳи ҳашр бо он шӯр
Шаби моро намакчаши саҳар аст.
Меваe нест беҳ зи озодӣ,
Натавон гуфт сарв бесамар аст.
Аз раги абри килки ман, Соиб,
Домани рӯзгор пургуҳар аст.

*  *  *

Кӣ ба себи зақанаш чашми ҳавас дӯхтааст,
Ки суҳайли араќи шарм барафрӯхтааст.
Чун зи оташкадаи дил ба саломат гузарад,
Он ки аз партави маҳтоби рухаш сӯхтааст.
Мо чу товус зи болу пари худ дар домем,
Доми зулфи ту чӣ сад чашм ба мо дӯхтааст?!
Тарбият кард ба мо ишқ, ба ҷое нарасид,
Абри найсон чӣ кунад, донаи мо сӯхтааст.
Хандаи субҳ ба фонус таҷаллӣ дорад,
Нози шамъи рухат оина барафрӯхтааст.
Дар забоноварии хомаи мо ҳарфе нест,
На чу тӯтӣ сухан аз оина омӯхтааст.
Бӯсае гар нарабудаст зи ёқути лабаш,
Даҳани лола чаро то ба ҷигар сӯхтааст.
Оташи хонаи ҳамсоя ба ҳамсоя фитад,
Соиб, аз паҳлуи дил дарду ғам андӯхтааст.

* * *

Ҳанӯз ханда аз он лаб бадар наёмадааст,
Намак ба пурсиши доғи ҷигар наёмадааст.
Абас ҳубоб ба соҳил ду чашм дӯхтааст,
Аз ин муҳит касе зинда барнаёмадааст.
Чӣ сон миёни камарбастагонситода шавем,
Чу шамъ гиряи мо то камар наёмадааст.
Ту завқи аз сари ҷон хостан чӣ медонӣ,
Ки номабар зи дарат бехабар наёмадааст.
Далер меравӣ аз пай сиёҳчашмонро,
Канораи нигаҳат бар ҷигар наёмадааст.
Расонд субҳи қиёмат ба зулфи шаб микроз,
Ҳанӯз рӯзи сиёҳам ба сар наёмадааст.
Дилат ба гиряи хунини мо намесӯзад,
Ба чашми обилаат нештар наёмадааст.
Чӣ гуна донаи мо сар бароварад аз хок,
Ҳанӯз мӯ зи кафи даст барнаёмадааст.
Чӣ ҳоҷат аст ба таклиф, хона хонаи ӯст,
Магар ба хонаи дил ғам дигар наёмадааст?!
Умеди бӯса аз он лаб зи тангчашмии мост,
Шарар зи оташи ёқут барнаёмадааст.
Агарчи фикри ту, Соиб, гузаштааст зи чарх,
Ҳанӯз табъ ба меъроҷ барнаёмадааст.

* * *

Аз марг ба мо нимнафас беш намондаст,
Як гом зи селоб ба хас беш намондаст.
Нозук шуда сарриштаи пайванди тану ҷон,
Мурғе ба лаби боми қафас беш намондаст.
Чун барги хазондидаву чун шамъи саҳаргоҳ,
Аз умр маро ним нафас беш намондааст.
Дар нолаи дилҳо зи иҷобат асаре нест,
Нолидани пуче зи ҷарас беш намондааст.
На Кӯҳкане ҳаст дар ин арса, на Парвиз,
Овозае аз ишқу ҳавас беш намондаст.
Вақт аст чу хуршед дарой ба канорам,
К-аз умр маро як-ду нафас беш намондааст.
Ба рӯи замин Соибу бар чарх Масеҳо,
Дар анфусу офоқ ду кас беш намондаст.

*   *   *

Чашми ту, аҷаб нест, агар масту хароб аст,
К-аз рӯи арақноки ту дар олами об аст.
Мижгони ту аз каҷқаламӣ даст надорад,
Ҳарчанд зи хат ҳусни ту дар пои ҳисоб аст.
Аз наргиси бемор бувад тозагии ҳусн,
Маъмурии офоқ зи дилҳои хароб аст.
Дар дил фиканад шӯри ҷазо гиряи талхаш,
Аз оташи рухсори ту ҳар дил, ки кабоб аст.
Аз ишқ маҳол аст, ки дилҳо нашавад об.
Ҳар гул, ки дар ин боғ бувад, сарфи гулоб аст,
Болотар аз идрок бувад мартабаи ҳусн,
Ҳар чеҳра, ки натвон ба назар дид, ниқоб аст.
Ҳар хокниҳоде, ки хамӯш аст дар ин базм,
Чун кӯзаи лаббаста пур аз бодаи ноб аст.
Додам хати покӣ ба каф аз содадилиҳо
Девонаи моро чӣ ғам аз рӯзи ҳисоб аст.
Соиб, маталаб рӯи дил аз кас, ки дар ин аҳд
Рӯе, ки нагардад зи касе, рӯи китоб аст.

* * *

Бар тифли ашк хуни ҷигар даст ёфтааст,
Дар об ранг чун ба гуҳар даст ёфтаст.
Битвон ба ҳарфи нарм дили санг об кард,
Шир аз мулоимат ба шакар даст ёфтаст.
Афтодагӣ чаро накунад кас шиори хеш,
Зулф аз фитодагӣ ба камар даст ёфтаст.
Худро чӣ сон ба бӯса тасаллӣ кунам аз ӯ,
Мӯре ба тангнои шакар даст ёфтаст.
Имрӯз нест дасти ҷафои фалак дароз,
Дерест то бар аҳли ҳунар даст ёфтаст.
Фарҳод ҳам ба кӯҳу камар бурдааст роҳ,
Хусрав агар ба ганҷу гуҳар даст ёфтаст.
Хоҳад шудан чу лола баногӯши майкашон,
Аз навбаҳори ток шарар даст ёфтаст.
Баргаштааст ҳамчу садо беасар зи кӯх,
Фарёди мо куҷо ба асар даст ёфтаст.
Чун об мавҷ мезанад аз ҷуббаи садаф,
К-аз поктинатӣ ба гуҳар даст ёфтаст.
Соиб, шакар ба танг бувад дар каломи ту,
Килки ту бар кадом шакар даст ёфтаст.

*   *   *

Ин хори ғам, ки бар дили булбул нишастааст,
Аз хуни гул хумори худ аввал шикастааст,
Ин ҷазбае, ки аз кафи Маҷнун инон рабуд,
Аввал зимоми маҳмили Лайло гусастааст.
Доғам зи шӯхчашмии шабнам, ки борҳо
Аз барги гул ба домани соқӣ нишастааст.
Пои шикаста санги раҳи мо намешавад,
Шавқи ту мӯмиёии пои шикаста аст.
Пайвастааст силсилаи мавҷҳо ба ҳам,
Худро шикаста, ҳар кӣ дили мо шикастааст.
Ҳар шабнаме, ки аз гули рӯи ту рехтаст,
Бар рӯи офтоби қиёмат нишастааст.
То хешро ба кӯчаи гавҳар расондаем,
Сад бор риштаи нафаси мо гусастааст.
Дар коми аждаҳои мукофот чун равад
Озодае, ки хотири мӯре нахастааст.
Бар ҳусни зудсери ҷаҳон эътибор нест,
Шабнам ба рӯи гул ба амонат нишастааст.
То бастааст бо сари зулфи ту ақди дил,
Соиб зи халқ риштаи улфат гусастааст.

*   *   *

Рехт дандону ҳавои маю майхона ба ҷост,
Муҳра барчида шуду бозии тифлона ба ҷост.
Дил сиёҳ аст агар, гашт баногӯш сафед,
По агар нест ба ҷо, лағзиши мастона ба ҷост.
Хор-хоре ба дил аз умри сабукрав мондаст,
Мушти хору хасе аз сел ба вайрона ба ҷост.
Нисбати шавқ ба ҳиҷрону висол аст яке,
Рафт айёми гулу шӯриши девона ба ҷост.
Гарчи дар хоби гарон умр сар омад, Соиб,
Ҳамчунон рағбати шириниии афсона ба ҷост.

*   *   *

Хотир чу хуррам аст, ба саҳбо чӣ ҳоҷат аст?
Дил чун кушода аст, ба саҳро чӣ ҳоҷат аст?
Ҳеҷ аст ганҷи олам, агар ҳаст дил ғанӣ,
Дил чун тавонгар аст, ба дунё чӣ ҳоҷат аст?
Сайри чаман бувад пайи таҳсили вақти хуш,
Бо вақти хуш ба сайру тамошо чӣ ҳоҷат?
Мо чун калиди хона ба дасти ту додаем,
Дигар дароздастии яғмо чӣ ҳоҷат аст?
Чашм аз барои рӯи азизон бувад ба кор,
Яъқубро ба дидаи бино чӣ ҳоҷат аст?
Муҳтоҷи бодбон набувад киштии сипеҳр,
Ушшоқро ба ҳиммати воло чӣ ҳоҷат аст?
Фардо чу ғам зиёда зи имрӯз мерасад,
Имрӯз хӯрдани ғами фардо чӣ ҳоҷат аст?
Аҳволи мо ба теғи ту чун об равшан аст,
Арзи ниёзи ташна ба дарё чӣ ҳоҷат аст?
Саргармии муҳаббати хубон пуроташ аст,
Соиб, маро ба нашъаи саҳбо чӣ ҳоҷат аст.

*   *   *

Оби ҳаёт шабнами он рӯи чун гул аст,
Анбар хамирмояи он зулфу кокул аст.
Як чашми пурхумор беҳ аз сад қадаҳ шароб,
Як чеҳраи шукуфта беҳ аз сад чаман гул аст.
Нақши муроди дидаи ҷавҳаршиноси мост
Чини ҷабин, ки ҷавҳари теғи тағофул аст.
З-он холи анбарин натавон сарсарӣ гузашт,
Ҳар нуқта з-ин саҳифа маҳалли тааммул аст.
Дар пирӣ аз ҳаёт иқомат тамаъ мадор,
Сел аст умру қомати хамгашта чун пул аст.
Ин хурдае, ки карда гиреҳ гул дар остин,
Соиб, сипанди шуълаи овози булбул аст.

*   *   *

Корам шаби висол ба поси назар гузашт,
Фасли баҳори ман ба таҳи болу пар гузашт.
То ҳамчу шамъ пой ниҳодам дар ин бисот,
Умрам ба гиряи шабу оҳи саҳар гузашт.
Дилро duruст дор, ки мавҷи сабукинон
Бо киштии шикаста зи баҳри хатар гузашт.
Эй кош, сарфи машқи ҷунун мешудӣ тамом,
Аз зиндагонӣ он чӣ ба касбу ҳунар гузашт.
Гар сар равад, зи теғи фано сар намекашам,
Натвон ба талхрӯии баҳр аз гуҳар гузашт.
Ашкам ҳазор марҳила аз дил гузаштааст,
Чун раҳраве, ки гарм шуд, аз роҳбар гузашт.
Нуқсон накардааст касе аз гузаштагӣ,
Васли набот ёфт чу бед, аз самар гузашт.
Соиб гирифт домани умри рамидаро,
Бар хок ҳар кӣ сояи он симбар гирифт.

* * *

Дил дар назари мардуми фарзона бузург аст,
Тифлон чӣ шиносанд, ки девона бузург аст.
Чун ашк фикандан зи назар ҳар ду ҷаҳонро
Саҳл аст, агар ҳиммати мардона бузург аст.
Бо вусъати машраб чӣ кунад кӯҳи ғами ишқ,
Дар ҳавсалаи танги ту ин дона бузург аст.
Дорад садаф аз синаи ҳар қатра дили танг,
Ҳарчанд ки он гавҳари якдона бузург аст.
Як зарра ба ҳашмат нигарад дидаи ориф,
Ҳар хурд дар ин гӯшаи майхона бузург аст.
Хун дархури паймона диҳад соқии даврон,
Мағрур нагардӣ, ки туро хона бузург аст.
Дар пояи худ ҳеҷ касе хурд набошад,
То чуғз бувад сокини вайрона, бузург аст.
Бар пушти фалакҳои парешон сафаре ҳаст,
Худро чи кунӣ ҷамъ ту, ин хона бузург аст.
Дар Каъбаву бутхона зи гуфтори диловез
Ҳар ҷо, ки равад, Соиби фарзона бузург аст.

* * *

Хоксорӣ то далели ҷони огоҳи ман аст,
Мекунад ҳамвор ҳар чоҳе, ки дар роҳи ман аст.
Интиқом аз душмани оҷиз ба некӣ мекашам,
Мекунам сарсабз ҳар хоре, ки дар роҳи ман аст.
Булбул аз ғайрат ба хуни ман гувоҳӣ медиҳад
Варна ҳар барге дар ин гулшан ҳавохоҳи ман аст.
Дашти Маҷнун оҳанинпое надорад ҳамчу ман,
Дуд аз ҳар ҷо, ки бархезад, қадамгоҳи ман аст.
Мушт бар хоро задан, бозуи худ ранҷондан аст,
Мекунад бо хеш бад, ҳар кас, ки бадхоҳи ман аст.
Ин ҷавоби он ғазал, Соиб, ки мегӯяд Калим:
«Ҳарчи ҷонкоҳ аст дар ин роҳ, дилхоҳи ман аст».

* * *

Атри он гулпераҳан то дар ҳаво печидааст,
Бӯи гул дудест, дар мағзи ҳаво печидааст.
Сарви симини ту то яктои пероҳан шуда-ст,
Барги гул аз ғунча худро дар қабо печидааст.
Дар ғубори хотири мо нолаҳои хунчакон
Ҳамчу бӯи хун ба хоки Карбало печидааст.
Аз арақ ҳар лаҳза чашми гиряолуде шудаст,
То сари зулфаш дигар дасти киро печидааст.
Бар лаби оби бақо аз ташнагӣ ҷон медиҳам,
Дасти ҳайрат ҳар касеро бар қафо печидааст.
Мешуморад пардаи бегонагӣ гулзорро,
Ҳар кӣ аз гул дар насими ошно печидааст.
Бо ту золим дарнамегирад фунуни аҷзи мо
Варна гӯши осмонро оҳи мо печидааст.
Панҷаи мумини мо сарпанҷаи фӯлодро
Борҳо аз роҳи таслиму ризо печидааст.
Эҳтиёҷи устухон бар якдигар хоҳад шикаст,
Нахвате, к-аз соя дар мағзи ҳумо печидааст.
Нест, Соиб, домани афлок рангин аз шафақ,
Хуни мо афлокро дар дасту по печидааст.

* * *

Мо на онем, ки моро ба забон бояд ҷуст,
Ё зи ҳар бесару по ному нишон бояд ҷуст.
Аҳли дилро ба дилу аҳли назарро ба назар,
Дӯстдорони забонро ба забон бояд ҷуст.
Меҳр ҳарчанд ки дар зарра нагардад пинҳон,
Ҳама зарроти ҷаҳонро ба гумон бояд ҷуст.
Бенишон гарчи ба мақсуд расидан сахт аст,
Хабари Каъба зи ҳар санги нишон бояд ҷуст.
Ҳар гулеро чамане, ҳар садаферо гуҳарест,
Аз дами пири муғон бахти ҷавон бояд ҷуст
Умрҳо нофасифат хуни ҷигар бояд хӯрд
В-он гаҳ аз дил нафаси мушкфишон бояд ҷуст.
Меҳр равшан накунад хонаи беравзанро,
Дили бедор зи чашми нигарон бояд ҷуст.
Асари нолаи мо аз дили бедор мапурс,
Новаки сахти камонро зи нишон бояд ҷуст.
Соиб, ин он ғазали Сайиди Язд аст, ки гуфт,
«Аҳли дилро ба саропардаи ҷон бояд ҷуст».

* * *

Дар ин ҳадиқаи пурмева то ҷигар нахурӣ,
Зи нахли зиндагии хештан самар нахурӣ.
Ба ҳеҷ дил назанӣ ҳамчу моҳи нав нохун,
Агар ду ҳафта дили хеш чун қамар нахурӣ.
Бувад ба қадри ҳунар доғҳои маҳрумӣ,
Фиреби шуҳрати беҳосили ҳунар нахурӣ.
Ҷаҳони сифла чӣ дорад, к-аз ӯ тамаъ дорӣ,
Зи сарв ҳосилу аз чӯби бед бар нахурӣ.
Чу мағзи писта туро субҳ дар шакар гирад,
Фиреби чошнии хоб агар саҳар нахурӣ.
Ҳазор луқма надорад зиён дар огоҳӣ,
Баҳуш бош, ки як луқма беҷигар нахурӣ.
Қазо ба дасти ту з-он додааст лангари ақл,
Ки рӯи даст зи ҳар мавҷаи хатар нахурӣ.
Гуноҳ мекуниву пас умеди раҳмат чист,
Агар ту ҷуз дили худ рӯзии дигар нахӯрӣ.
Камар мабанд ба озори ҳеҷ кас, Соиб,
Ки захми теғи мукофот бар ҷигар нахурӣ.

*   *   *

Сидқ равшангари замири ман аст,
Субҳи равшанзамир пири ман аст.
Мӯре аз ман намешавад помол,
Кафи дасти дуо сарири ман аст.
Нестам уммати танороён,
Хулқи хуш ҷомаи ҳарири ман аст.
Давлат афтодааст дар қадамам,
Пару боли ҳумо ҳасири ман аст.
Ба гиребон агар напардозам,
Ковиши сина дастгири ман аст.
Рами оҳу ба он сабукпоӣ
Доғи табъи канорагири ман аст.
Булбули хушнавои Нишопур
Хиҷил аз табъи беназири ман аст.
Офтоби шикастарӯ, Соиб,
Гуле аз гулшани замири ман аст.

* * *

Чун гузорад хишти аввал бар замин меъмор кач,
Гар расонад бар фалак, бошад ҳамон девор кач.
Мекунад як ҷониб аз хони тиҳӣ сарпӯшро,
Ҳар тиҳимағзе, ки бар сар мениҳад дастор кач.
Фақр созад нафсро оҷиз, ки чун шуд танг роҳ,
Рост созад хешро ҳарчанд бошад бор кач.
Қомати хам барнаёрад аз хасисӣ нафсро,
Беш овезад ба доманҳо чу гардад хор кач.
Ҳаст чун бар нуқтаи фармон мадори коинот,
Айб натвон кард, агар бошад хати паргор қач.
Аз тавозуъ кам нагардад рутбаи гарданкашон,
Нест айбе гар бувад шамшери ҷавҳардор кач.
Метаровад аз саропои дилозорон кaҷӣ,
Бошад аз мурғи шикорӣ нохуну минқор қач,
Рост шав, Соиб, нахоҳӣ кач агар осори хеш,
Соя афтад бар замин кач, чун бувад девор кач.

* * *

То бар лаби ту афтод чашми ситораи субҳ,
Шуд об аз хиҷолат қанди дупораи субҳ.
Аз сурмаи дили шаб равшан шавад чароғаш,
Ҳар кас зи хоб хезад пеш аз ситораи субҳ.
То оташин накардаст аз офтоб пистон,
Обе ба рӯи худ зан, эй ширхораи субҳ.
Нақди ҳаёти худро сарфи парирухон кун,
К-аз васли офтоб аст умри дубораи субҳ.
Дар барру баҳри олам шабҳо далел гардад
Чашме, ки шуд чу анҷум маҳви назораи субҳ.
Дар синаҳои соф аст дилҳои зиндаро ҷой,
Хуршед ширмаст аст дар гоҳвораи субҳ.
Пирони поктинат ройи савоб доранд,
Соиб магард ғофил аз истишораи субҳ.

*  *  *

Қасам ба хатти лаби соқиву дуои қадаҳ,
Ки оби Хизр бирезад ба рӯнамои қадаҳ.
Гузашт иди баҳору зи тангдастиҳо
Рухе ба ранг надорем аз ҳинои қадаҳ.
Ҳилол гӯшаи абрӯ намуд, бода биёр,
Ки ҳамчу мавҷ дилам мепарад барои қадаҳ.
Агарчи тухми тамаъ зардрӯӣ орад бор,
Закоти ранг ба гулшан диҳад гадои қадаҳ.
Маро зи ҳиммати мастона шарм меояд,
Ки накди ҳастии худро кунам фидои қадаҳ.
Насиҳати ту ба ҷое намерасад, зоҳид,
Туву тиловати Қуръон, ману дуои қадаҳ.
Ба андалеб бигӯ аз забони ман, Соиб,
Туву ситоиши гулшан, ману санои қадаҳ.

*  *  *

Накашидем шаробе ба дами тозаи субҳ,
Синаро чок накардем ба андозаи субҳ.
Айши имрӯз илоҷи ғами фардо накунад,
Мастии шаб надиҳад суд ба хамёзаи субҳ.
Ҳар сареро накунад дори фано дар оғӯш,
Сари хуршед сазад шамсаи дарвозаи субҳ.
Накунад тӯли амал чораи кӯтоҳии умр,
Нашавад тори нафас риштаи шерозаи субҳ.
Давлати сарднафас зуд ба сар меояд,
Ки барад як-ду нафас мастии хамёзаи субҳ.
Пеши чашме, ки дили зиндаи шабро дарёфт,
Чун гули рӯи мазор аст рухи тозаи субҳ.
Гар дили зинда чу хуршед таманно дорӣ,
Бишнав аз Соиби мо ин ғазали тозаи субҳ.

* * *

Макун зи бодаи лаъле лаби чу марҷон сурх,
Зи пушти дасти надомат масоз дандон сурх.
Зи ғӯтае, ки ба хун зад ҳаданг, донистам,
Ки оқибат раги гардан кунад гиребон сурх.
Сиёҳхонаи ин дашт доғи лола шавад,
Агар чунин шавад аз ашки ман биёбон сурх.
Ба шир тифли маро роми хеш натвон кард,
Магар ба хун кунад аз меҳр доя пистон сурх.
Ба талхрӯ макун изҳор тангдастии хеш,
Ки аз тапончаи баҳр аст рӯи марҷон сурх.
Ба гиря соил агар рӯи худ кунад рангин,
Аз он беҳ аст, ки гардад ба абри эҳсон сурх.
Чаро набошад минқори тӯтиён рангин,
Ки ҳарфи сабз кунад чеҳраи сухандон сурх.
Сухан зи хомаи Соиб гирифт рангинӣ,
Ки рӯи гул бувад аз булбули хушилҳон сурх.

* * *

Он чашм агарчи худро бемор менамояд,
Ғофил машав зи макраш, айёр менамояд.
Дуздидани табассум пайдост аз лаби ӯ,
Обе, ки дар ақиқ аст, ночор менамояд.
Ҳар кас зи равзани худ дар олам ҳаст ҳушёр,
Олам ба чашми мастон гулзор менамояд.
Дар пеши по фитода-ст мастиву ҳушёрӣ,
Дар ҳар кӣ ҳарчӣ бошад, рафтор менамояд.
Аз раҳ марав ба сурат, маънӣ талаб кун аз халқ,
Пои ба хоб рафта бедор менамояд.
Як дона бешумор аст аз осиёи гардун,
Аз чашми кӯр ашке бисёр менамояд.
Чини ҷабини дунё бо доғи зардрӯӣ
Дар чашми ин хасисон динор менамояд.
Душворие надорад роҳи фано, валекин
Роҳе, ки берафиқ аст, душвор менамояд.
Он кас, ки дар суроғаш барҳам задам ҷаҳонро,
Соиб, зи равзани дил дидор менамояд.

* * *

Одамӣ пир чу шуд, ҳирс ҷавон мегардад,
Хоб дар вақти саҳаргоҳ гарон мегардад.
Осмон дар ҳаракат аз назари равшани мост,
Об аз қуввати сарчашма равон мегардад.
Ройи равшан зи бузургони куҳансол талаб,
Обҳо соф дар айёми хазон мегардад.
Толиби халқ, агар гӯшаи узлат гирад,
Ҳамчу домест, ки дар хок ниҳон мегардад.
Осмон хоки раҳи мардуми беозор аст,
Гург аз галлаи ин қавм шубон мегардад.
Рутбаи ишқ ба тадриҷ баландӣ гирад,
Бода чун пир бувад, нашъа ҷавон мегардад.
Ҳар киро теғи забон нест ба фармон, Соиб,
Оқибат куштаи шамшери забон мегардад.

*   *   *

Рӯзгорам тираву бахтам сиёҳ афтодааст,
Гул ба чашми равзанам аз меҳру моҳ афтодааст.
Субҳи маҳшар сар заду бахти умедам сар назад,
Дар чӣ соат, ё Раб, ин Юсуф ба чоҳ афтодааст.
Дар шикасти болу пар маъзур медорад маро,
Дидаи ҳар кас ба он тарфи кулоҳ афтодааст.
Дуздро дунбол рафтан, ҷон ба ғорат додан аст,
Дил абас дунболи он холи сиёҳ афтодааст.
Фурсати хоридани сар нест мижгони маро,
То сару корам ба он ошиқнигоҳ афтодааст.
Аз хати алмосии лаъли лаби ҷонон мапурс,
Барқ дар ҷонам аз ин заррингиёҳ афтодааст.
Огаҳ аст аз беқарориҳои мо дар даври хат,
Кори ҳар кас бо чароғи субҳгоҳ афтодааст.
Ҳар сари мӯе ҳавоси ман ба роҳе меравад,
То ба он зулфи парешонам нигоҳ афтодааст.
То назар во кардаам чун шамъ дар базми вуҷуд,
Гиряе аз ҳар сари мӯям ба роҳ афтодааст.
Дар паноҳи даст дорам зинда шамъи оҳро,
Чун кунам, вайронаи дил бепаноҳ афтодааст.
Аз занахдони ту дилро нест уммеди наҷот,
Далви мо дар соати сангин ба чоҳ афтодааст.
Нест, Соиб, хокиёнро зарфи ҷурми бекарон
Варна авфи эзадӣ ошиқгуноҳ афтодааст.

*   *   *

Ҳисоби захми дили мо кӣ метавонад кард?
Шумори мавҷаи дарё кӣ метавонад кард?
Ситораҳои фалакро шумурдан осон нест,
Ҳисоби доғи дили мо кӣ метавонад кард?
Тавон ба дидаи хуршед рафт чун шабнам,
Назар бар он рухи зебо кӣ метавонад кард?
Агар зи реги равон сабҳае ба даст афтад,
Шумори обилаи по кӣ метавонад кард?
Магар зи чашми азизон савод бардорем,
Назар ба наргиси шаҳло кӣ метавонад кард?
Нигоҳ ҳавсаласӯз аст, ханда ҳушрабо,
Туро далер тамошо кӣ метавонад кард?
Инони сели сабукрав ба дасти худроист,
Туро ба ваъда тақозо кӣ метавонад кард?
Агар ба шиша кунад хуни ман сипеҳри кабуд,
Миёнҷии ману мино кӣ метавонад кард?
Магар, ки риштаи мақсуд Хизри роҳ шавад
Вагарна тавба зи саҳбо кӣ метавонад кард?
Гузоштем чаманро ба булбулон, Соиб,
Ба ин гурӯҳ мадоро кӣ метавонад кард?

*   *   *

Ҳамеша аз дили ман оҳи сард мехезад,
Аз ин хароба шабу рӯз гард мехезад.
Далер бар сафи афтодагони ишқ матоз,
Ки ҷои гард аз ин хок мард мехезад.
Нигоҳи наргиси нилуфарӣ кашидатар аст,
Ки фитна аз фалаки лоҷвард мехезад.
Сипеҳри сифла кӣ бошад, ки дасти ман гирад,
Зи хок мард ба имдоди мард мехезад.
Ба рӯи хок кашад теғи худ чу сояи бед,
Ба ман касе, ки ба қасди набард мехезад.
Куҷо муқайяди ҳамроҳ мешавад, Соиб,
Сабукраве, ки чу хуршед фард мехезад.

*   *   *

Ишқи шӯрангез ҷо гар дар дили хоро кунад,
Каъбаро чун маҳмили Лайлӣ ҷаҳонпаймо кунад.
Ҷони муштоқон ба побӯси қиёмат мерасад,
Ёри бепарвои мо то остин боло кунад.
Аз либоси зоҳир аз одам сабукдасте куҷост,
К-аз сарам андешаи дасторро ҳам во кунад.
Рутбаи озодагӣ бингар, ки нахли мевадор
Аз ҳисоби сарв натвонист сар боло кунад.
Шайхи шаҳр аз гӯшагирӣ шуҳраи офоқ шуд,
Сар ба ҷайби хок бурдан донаро расво кунад.
Дар сари андешаи ӯ ақл охир сар гузошт,
Дар дили дарё шиновар чанд даступо кунад?
Сӯзани Исо тавонад лофи бинои задан,
Риштаи сардаргуми моро агар пайдо кунад.
Гар нагардад аз шунидан табъи аҳли дил малул,
Соиб аз ҳар қатраи хун дафтаре иншо кунад.

* * *

Ҷони муштоқон ғубори чашмро сарсар бувад,
Зудтар охир шавад шамъе, ки равшантар бувад.
Мардуми кӯтаҳназар дар интизори маҳшаранд,
Дидаи равшандилон оинаи маҳшар бувад.
Боди ҳастиро зи сар берун кун, аз тӯфон матарс,
Бодбон чун ҷамъ созад хешро, лангар бувад.
Пардаи уммед бошад ноумедиҳои мо,
Хаймаи табхолаи мо бар сари Кавсар бувад.
Дар замони мо, ки бемеҳрӣ қиёмат мекунад,
Домани модар ба тифлон домани маҳшар бувад.
Бештар шаккарлабони аҳд душманпарваранд,
Варна аз хат нисбати тӯтӣ чаро камтар бувад.
Нест, Соиб, роҳ бар афлок ҷони тираро,
Қисмати хок аст ҳар дурде, ки дар соғар бувад.

* * *

Айби покон зуд бар мардум ҳувайдо мешавад,
Дар миёни шири холис мӯй расво мешавад.
Ҳирсро шири барӯмандӣ бувад мӯи сафед,
Қад дуто чун шуд, ғами рӯзӣ ду боло мешавад,
Хобро бар Кӯҳкан тасвири Ширин талх кард,
Кор чун дилчасп шуд, худ корфармо мешавад.
Заъф бар Маҷнуни ман кардаст оламро васеъ,
Ҳар кафи хоке маро домони саҳро мешавад.
Зишт дар силки накӯён менамояд зишттар,
Пои товус аз пари товус расво мешавад.
Мезанам аз бими ҷон дар кӯчаи бегонагӣ,
Ошное чун маро аз дур пайдо мешавад.
Нест, Соиб, ишқро андеша аз захми забон,
Оташи мо аз хасу хошок раъно мешавад.

*   *   *

Хорӣ аз ағёр баҳри ёр мебояд кашид,
Нози хуршед аз дару девор мебояд кашид.
Олами об аз насиме мехӯрад бар якдигар,
Дар сари мастӣ нафас бисёр мебояд кашид.
То дар ин боғӣ, ба шукри он ки дорӣ баргу бор,
Барг мебояд фишонду бор мебояд кашид.
Субҳ агар натвонӣ аз мастӣ зи ҷо бархостан,
Мадди оҳе аз дили афгор мебояд кашид.
Шишаи номусро бар тоқ мебояд гузошт,
Баъд аз он паймонаи саршор мебояд кашид.
То магар ҳамранги рӯи ӯ шавад хуршедвор,
Аз шафақ хунобаи бисёр мебояд кашид.
Об аз сарчашма, Соиб, лаззате дигар диҳад,
Бодаро дар хонаи хаммор мебояд кашид.

*   *   *

Дидаи зиндадилон ашкфишон мебошад,
Об аз қуввати сарчашма равон мебошад.
Нест дар анҷумани васл ишорат маҳрам,
Дар ҳарам сурати меҳроб ниҳон мебошад.
Тифлро ҳар сари ангушт бувад пистоне,
Рӯзии бехабарон дасту даҳон мебошад.
Дар дили пир таманнои ҷавон бисёр аст,
Ин баҳорест, ки дар фасли хазон мебошад.
Мешавад зиндагӣ аз қомати хам по ба рикоб,
Тирро шаҳпари парвоз камон мебошад,
Машав аз суҳбати бебаргу навоён ғофил,
Ки шаби қадр ниҳон дар рамазон мебошад.
Зиндагонӣ ба таҳи теғ сар орад, Соиб,
Оҳ, ҳар кас, ки ба фармони забон мебошад.

* * *

Даъвии ишқ зи ҳар булҳавасе меояд,
Даст бар сар задан аз ҳар магасе меояд.
Ӯст ғаввос, ки гавҳар ба каф орад варна,
Сайри ин баҳр зи ҳар хору хасе меояд.
Аз дили хастаи ман гар хабаре мегирӣ,
Бирасон оинаро, то нафасе меояд.
Чӣ шитоб аст, ки айёми баҳорон дорад,
Ки зи ҳар ғунча садои ҷарасе меояд.
Зоҳид аз сайди дили ом нишоте дорад,
Анкабуте зи шикори магасе меояд.
Эй сипанд, аз лаби худ муҳри хамӯшӣ бардор,
Ки аҷаб оташи фарёдрасе меояд.
Соиб, ин он ғазали Ҳофизи ширинсухан аст:
«Мужда, эй дил, ки масеҳонафасе меояд».

* * *

Дилбарӣ аз хами гесӯи сухан меояд,
Бӯи файз аз гули шаббӯи сухан меояд.
Укдаи дил, ки дар ӯ нохуни алмос нишаст,
Фатҳаш аз ҷунбиши абрӯи сухан меояд.
Панҷа дар панҷаи бозуи Масеҳо кардан
Аз сабукдастии бозуи сухан меояд.
Остин бар рухи гулзори биҳишт афшонад
Накҳате, к-аз гули худрӯи сухан меояд.
Араќи килки сабуксайри маро пок кунед,
Ки зи гулгашти сари кӯи сухан меояд.
Соиб, аз даст мадеҳ килки гуҳарборатро,
Ин ниҳолест, к-аз ӯ бӯи сухан меояд.

* * *

Килкам аз сайри Бадахшони сухан меояд,
Сурхрӯ аз сари майдони сухан меояд.
Шӯри ғайрат ба намакдони Масеҳ афкандан
Аз шакархандаи пинҳони сухан меояд.
Тир аз ҷавшани алмос тарозу кардан
Аз камин ҷунбиши мижгони сухан меояд.
Сабзии бахт ба товус диҳад раҳовард
Тӯтие, к-аз шакаристони сухан меояд.
Ҷӯи шире, ки сафед аст аз ӯ рӯи биҳишт,
Аз сияҳчашмаи пистони сухан меояд.
Ҳама ҷо даст ба дасташ ба сари килк баранд,
Ҳар матое, ки зи Юнони сухан меояд.
Ботини аҳли сухан теғ ба каф истодаст,
То кӣ густох ба майдони сухан меояд.
Чӣ шиканҳо, ки зи сарпанҷаи арбоби нифоқ
Ба сари зулфи парешони сухан меояд.
Сабр кун бар ситами чарх ду рӯзе, Соиб,
Навбати қофиясанҷони сухан меояд.

*   *   *

Хазон расиду гулафшонии баҳор намонд,
Ба дасти бӯсафиребн чаман нигор намонд.
Чунон ғубори хат он сафҳаи узор гирифт,
Ки ҷои ҳошияи зулф бар канор намонд.
Зи хӯшачинии ин чеҳраи гандумгун
Сафедро ба назар як ҷав эътибор намонд.
Зи пеши оташи хӯяш чи гуна бигрезам
Маро, ки қуввати парвози як шарор намонд.
Зи нағмасанҷии Довуд гӯш мегиранд,
Фиғон, ки нағмашиносе дар ин диёр намонд.
Хамӯшиям асари шукр нест чун Соиб,
Димоғи шикваам аз аҳли рӯзгор намонд.

*   *   *

З-ин пештар матои сухан ройгон набуд,
Гарди касодӣ аз пайи ин корвон набуд.
Шеъри баланд по ба сари арш мениҳод,
Хуршед поймол ба ҳар остон набуд.
Минқори булбулон ба шакарханда боз буд,
Дашноми талх дар даҳани боғбон набуд.
Нозук шудаст хотири гул варна пеш аз ин
Дар гӯши боғ нағмаи булбул гарон набуд.
Номи сиришк мебараду оҳ мекашад
Чашме, ки бе бадеҳаи ашки равон набуд.
Риндона кард ақл, ки аз базм зуд рафт,
Мискин ҳарифи шишаи оташзабон набуд.
Мурғи дили маро ба нафас рабти дигар аст,
Дар қайди байза буд, ки дар ошён набуд.
Аз ман мапурс лаззати оғӯши ёрро,
Дасте бувад, ки дар камараш – дар миён набуд.
Соиб чӣ хуб кард, к-аз ин нокасон бурид,
Савдогари қаламрави суду зиён набуд.

* * *

Ашке, ки гавҳараш зи нажоди ҷигар бувад,
Ҳар қатрааш ситораи субҳи саҳар бувад.
Дар ҳасрати қаламрави ором сӯхтем,
Чун офтоб чанд касе дарбадар бувад.
Аз ҷӯши алъаташ нанишинад ба оби теғ
Хуни касе, ки ташналаби нештар бувад.
Гавҳарнамои ҷавҳари зотии хеш бош,
Хокаш ба сар, ки зинда ба номи падар бувад!
Умри дарози сарв ба иқболи саркашист,
Хуни гули пиёда ба тифлон ҳадар бувад.
Қосид ба гарди ҷазбаи ошиқ намерасад,
Банди қабои гармравон болу пар бувад.
То чанд ҷинси юсуфии толеи маро
Хоки ғам аз ғубори касодӣ ба сар бувад.
Соиб, зи ашки ҳарзадаро дар ҳисоб бош,
Тифле, ки шӯхчашм бувад, пардадар бувад.

*   *   *

То диле, аз кафи арбоби вафо мегирад,
Борҳо фол зи девони ҳино мегирад.
Гиреҳи ноз ба абрӯи табассум бастан
Ғунча таълим аз он банди қабо мегирад.
Он ки чандин қафас аз нағмасароён дорад,
Кор бар булбули мо танг чаро мегирад?
Ҷуз қалам, к-аз сари худ қатъи тааллуқ карда-ст,
Ки ба тақриби сухан дасти туро мегирад.
Соиб, аз файзи ҳаводории ашки саҳарӣ
Лолаи боғи сухан ранг зи мо мегирад.

*   *   *

Намегардад ба хомӯшӣ ниҳон дард,
Зи ранги чеҳраи ман тарҷумон дард.
Бувад равшан чароғаш то саҳаргоҳ
Ба ҳар манзил, ки гардад меҳмон дард.
Шавад маҳкам бинои дардмандӣ,
Давонад реша чун дар устухон дард.
Гиреҳ гардад чу доғи лола дар дил,
Насозад оҳро гар хушинон дард.
Ҳубобе чун муҳити баҳр гардад,
Чӣ созад бим дил бо як ҷаҳон дард.

*   *   *

Саркашӣ аз тоқи абрӯи бутон пайдо шавад,
Қуввати бозӯи ҳар кас аз камон пайдо шавад.
Мешавад хун хӯрдани ман зоҳир аз рухсори ёр,
Аз гулистон ҳусни саъйи боғбон пайдо шавад.
Сарвҳо гарданд обу обҳо гарданд хушк,
Дар гулистоне, ки он сарви равон пайдо шавад.
Шодие, к-аз дил набошад, шуълаи хору хас аст,
Гиря беҳ з-он хандае, к-аз заъфарон пайдо шавад.
Бими ғаммозон маро муҳри даҳан гардидааст,
Ҳарф бисёр аст, агар гӯши гарон пайдо шавад.
Барнамехезад ба танҳоӣ садо аз ҳеҷ даст,
Лол гӯё мешавад, чун тарҷумон пайдо шавад.
Дар ҳарими васл ошиқ рост месозад нафас,
Гарди ин тири сабукрав аз нишон пайдо шавад.
Ғафлати дил нафсро, Соиб, кунад мутлақинон,
Дуздро ҷуръат зи хоби посбон пайдо шавад.

*   *   *

Ин нокасон, ки фахр ба аҷдод мекунанд,
Чун саг ба устухон дили худ шод мекунанд.
Гул бастааст роҳ ба саргӯшии насим,
Ин булбулони хом чӣ фарёд мекунанд?
Ояндаро қиёс кун аз ҳоли худ, бубин,
К-аз рафтагон ба хайр киро ёд мекунанд?
Дар мактабе, ки ишқ адиб аст, кӯдакон
Машқи ситам ба хомаи фӯлод мекунанд.
Бухл аз карам беҳ аст, ки беҳосилони бухл
Дар ҳар ҷавоб бандае озод мекунанд.
Соиб, ҷамоате, ки саворанд бар сухан,
Дар кӯҳи Қоф сайди паризод мекунанд.

* * *

Тай шуд замони пириву дил доғдор монд,
Сайқал шикасту оинаи пурғубор монд.
Чун решаи дарахт, ки монад ба ҷои хеш,
Шуд зиндагиву тӯли алам бар канор монд.
Нохун назад касе ба дили сарбамуҳри мо,
Ин ғунча ношукуфта бад-ин шохсор монд.
З-ин панҷрӯза умр, ки чун барқу бод рафт,
Ғамҳои бешумор ба ин дилфигор монд.
Хоҳад гирифт домани гулро ба хуни мо,
Ин ошёнае, ки зи мо ёдгор монд.
Аз худ барой зуд, ки гардад газандатар
Чандон, ки заҳр дар буни дандони мор монд.
Дасти ман аз раунати озодагӣ чу сарв
Бо сад ҳазор уқдаи мушкил зи кор монд.
Натвон зи ман ба ишрати рӯи замин гирифт
Гарде, ки бар ҷабини ман аз кӯи ёр монд.
Соиб, зи аҳли дард ҳамовози ман бас аст
Кӯҳи ғаме, ки бар дилам аз рӯзгор монд.

* * *

Фиғон, ки ҳастии ман сарфи ошноӣ шуд,
Баҳори умр ба торочи бенавоӣ шуд.
Дар ин қаламрави пурсайд аз нагунбахтӣ
Дароздастии мо новаки ҳавоӣ шуд.
Дар он чаман, ки ба зар мехаранд дилтангӣ,
Чу ғунча хӯрдаи мо сарфи дилкушоӣ шуд.
Шиноварест, ки бастанд кунда бар пояш,
Муҷарраде, ки гирфтори кадхудоӣ шуд.
Чунон фусурд маро ишқи оҳанинбозу,
Ки санг бар мани девона мӯмиёӣ шуд.
Агар хамӯш нишинад, дилаш сиёҳ шавад,
Чу шуъла ҳар кӣ бадомӯзи жожхоӣ шуд.
Нашуд зи шаҳпари тавфиқ ҳеҷ роҳравро
Кушоише, ки маро аз шикастапоӣ шуд.
Зи шаҳриёни харобот мешавад, Соиб,
Зи роҳу расми ҷаҳон ҳар кӣ рушноӣ шуд.

*   *   *

Аз сари хоки шаҳидон сабза гулгун медамад,
Чун набошад лолагун теғе, ки аз хун медамад.
Хокдони даҳрро тӯфон агар обе диҳад,
То ба домони ҷазо аз хок Қорун медамад.
Гар парешонихтилотӣ нест лозим ҳуснро,
Ҳар саҳаргоҳ офтоб аз машриқе чун медамад?
Доғи Маҷнуни биёбонгард дорад дар ҷигар
Лолае, к-аз синаи саҳрову ҳомун медамад.
Саркашӣ дар обу хоки мардуми афтода нест,
Дар замини хоксорӣ дона вожун медамад.
Кӯҳкан ҳар косаи хуне, ки хӯрд аз дасти рашк,
Аз мазораш дар либоси лола берун медамад.
Раҳ надорад ҷилваи озодагӣ дар кӯи ишқ,
Сарв агар коранд он ҷо, беди маҷнун медамад.
Нест бе ҳусни адо як нуқта, Соиб, шеъри ман,
Аз замини поки ман ҳар дона мавзун медамад.

* * *

Кӯҳкан кист, ба гарди мани шайдо бирасад,
Ҷунбиши кӯҳ маҳол аст ба анқо бирасад.
Ҷигари ташнаи саҳрои тааллуқ, тарсам,
Сели моро нагузорад, ки ба дарё бирасад.
Ҳайф, сад ҳайф, ки дар доираи имкон нест
Аҳли дарде, ки ба дарди сухани мо бирасад
Оламе ҳамчу садаф чашму даҳон во кардаст,
Ба кӣ то гавҳари ибрат ба тамошо бирасад.
Мегузоранд ками неъмати боқӣ фардо,
Ҳар чӣ ин ҷо ба ту аз неъмати дунё бирасад.
Ҳаргиз аз кибр накардӣ нигаҳе дар таҳи по,
Бо ту чун фоидаи файз зи боло бирасад.
Шаҳпари домани исмат ба фалак месояд,
Пайи Юсуф чи маҳол аст Зулайхо бирасад.
Ноқис аз тарбияти чарх нагардад комил,
Бодаи хом маҳол аст ба мино бирасад.
Аз камандаш начаҳад ҳеҷ шикоре, Соиб,
Ҳар киро даст ба он зулфи чалипо бирасад.

* * *

Ба чашми шӯх раги хоб тозиёна шавад,
Ки хору хас чу ба оташ расад, забона шавад.
Ба ҳеҷ ҷо нарасад ҳар кӣ ҳимматаш паст аст,
Пари шикаста хасу хори ошёна шавад.
Гуноҳи каҷравии туст ноумедии ту,
Ки тири рост хато камтар аз нишона шавад.
Диҳад ба роҳравон болу пар сабукборӣ,
Пиёда пештар аз корвон равона шавад.
Ба булбуле, ки ҳаёташ зи бӯи гул бошад,
Қафас чӣ гуна гуворо зи обу дона шавад.
Кушодарӯии гул андалеброро, Соиб,
Дар ин шукуфтачаман боиси тарона шавад.

* * *

Аҳли маънӣ ба сухан булбули бӯстони худанд,
Ба назар оинадори дили ҳайрони худанд.
Пои рағбат нагузоранд ба домони биҳишт,
Ҳама дар сайри гулистон зи гиребони худанд.
Ҷигари ташна ба сарчашмаи ҳайвон нарасад,
Ин сикандарманишон чашмаи ҳайвони худанд.
Чашм чун лола ба хуни ҷигари худ доранд,
Мизбони худу меҳмони сари хони худанд.
Дар таҳи тӯдаи хокистари ҳастӣ чун барқ
Гарми равшангарии оинаи ҷони худанд.
Фурсати дидани айбу ҳунари халқ куҷост.
Ки ба сад чашм шабу рӯз нигаҳбони худанд.
Аз Худо ранҷи худу роҳати мардум талабанд,
Марҳами захми касон, доғи намоёни худанд.
Ишваи хирмани гулро ба ҷаве настонанд,
Ғунчахусбони риёзат, гули домони худанд.
Ба насими сухани сард парешон нашаванд,
Ҳамчу дастори сари субҳ парешони худанд.
Гоҳ дар қабзаи бастанду гаҳе дар кафи қабз,
Дам ба дам қуфлу калиди дари зиндони худанд.
Партави ризқ ба афсурдадилон арзонӣ,
Хонумонсӯхтагон шамъи шабистони худанд.
Чӣ аҷаб, гар сухани талх ба шаккар гӯянд,
Ки зи ширинсуханони шакаристони худанд.
Хотири ҷамъ аз ин қавм талаб кун, Соиб,
Ки парешоншудаи фикри парешони худанд.

*   *   *

Аз ҷилваи ту барг зи пайванд бугсилад,
Нашвунамо зи нахли барӯманд бугсилад.
Тифл аз назораи ту зи модар ҷудо шавад,
Модар зи дидани ту зи фарзанд бугсилад.
Доманкашон зи ҳар дари боғе, ки бигзарӣ,
Аз реша сарв риштаи пайванд бугсилад.
Чун най навозише ба лаби хеш кун маро,
З-он пештар, ки банди ман аз банд бугсилад.
Ин риштаи ҳаёт, ки охир гусастанист,
То кай гиреҳ ба ҳам занаму чанд бугсилад?
Озодагӣ зи шаҳд маҳол аст мӯрро,
Дил чун аз он лабони шакарханд бугсилад?
Одам ба ихтиёр наёмад бурун зи хулқ,
Соиб, чӣ гуна аз дили хурсанд бугсилад?

* * *

Туро касе, ки ба гулгашти бӯстон орад,
Хати мусалламӣ боғ аз хазон орад.
Худо ба он лаби ҷонбахш бахшад инсофе,
Ки бӯсае бидиҳад, то маро ба ҷон орад.
Намекашад зи раҳоварди хештан хиҷлат,
Ба Юсуф оина ҳар кас, ки армуғон орад.
Якест ҳарфи бузургон, қиёс кун аз кӯҳ,
Ки ҳарчи мешунавад, бар забон ҳамон орад.
Ба барги сабз кунад ёди боғбон, Соиб,
Сухан ба аҳли сухан ҳар кӣ армуғон орад.

* * *

Аз кӯчае, ки он гули бехор бигзарад,
Мавҷи латофат аз дару девор бигзарад.
Чанд аз хаёли ганҷ, ки хокаш ба фарқ бод,
Умрам ба талхӣ аз даҳани мор бигзарад.
То ҳашр ҷои сабза барояд забони шукр,
Бар ҳар замин, ки сарви ту як бор бигзарад.
Эй корсози халқ, ба фарёди ман бирас,
З-он пештар ки кори ман аз кор бигзарад.
Аз сар гузаштаанд каримони ин замон,
Ку саргузаштае, ки зи дастор бигзарад.
Хорест хори ишқ, ки бедаступо шавад,
Оташ агар зи сояи он хор бигзарад.
Қатъи назар зи неъмати фирдавс мушкил аст,
Соиб чӣ сон зи лаззати дидор бигзарад?

*    *    *

Намехоҳам ниқоб аз сурати аҳволи ман афтад,
Ки дар ҷамъияти дилҳо халал аз ҳоли ман афтад.
Маро беҳосилӣ бурдаст аз ёди чаман берун,
Магар абре ба фикри сабзаи помоли ман афтад.
Сипеҳр аз хурдабинӣ мешуморад донаи рӯзӣ,
Гиреҳҳое, ки аз доми бало дар боли ман афтад.
Дар ин гулзор ҳар якро чу абр аз хок бардорам,
Зи ҳар барге забоне гардаду дунболи ман афтад.
Тавонам ҳалқаҳо дар гӯш кардан сарфарозонро,
Сари зулфи ту гар дар панҷаи иқболи ман афтад.
Зи селоби майи гулранг олам мешавад вайрон,
Зи соқӣ акс агар дар ҷоми моломоли ман афтад.
Зи ваҳшат мезанам бар кӯчаи девонагӣ, Соиб,
Ба ғайр аз санги тифон ҳар кӣ дар дунболи ман афтад.

*    *    *

Ҳаёти ман зи суханҳои дилнишин бошад,
Ғизои ман чу садаф гавҳари симин бошад.
Агарчи бар яди байзо бувад сабоҳат хатм,
Назар ба соиди ӯ субҳи аввалин бошад.
Ба рӯшноии дил ҳар кӣ сафҳае хондаст,
Чароғ дар назараш мили оташин бошад.
Шавад зи тӯли амал танг дастгоҳи нишот,
Ки чин ба қадри баландӣ дар остин бошад.
Зи гиря равшании дида мешавад афзун,
Чароғи хонаи чашм ашки оташин бошад.
Аз он ба дида диҳам ҷой ашки лаълиро,
Ки чашми хушк нигиндони бенигин бошад.
Магӯй ҳарфи насиҳат ба ғофилон, Соиб,
Мазан тапонча ба рӯе, ки оҳанин бошад.

*   *   *

Зи бори дарди ман кӯҳи гарон бар хеш мепечад,
Замин аз соям чун осмон бар хеш мепечад.
Маро аз моҷарои шамъи мум ин нукта равшан шуд,
Ки тан чандон, ки мехоҳад, равон бар хеш мепечад.
Падар хиҷлат кашад з-аъмоли ношоисти фарзандон,
Хатое чун зи тир ояд, камон бар хеш мепечад.
Набурд аз риштаи ҷон васл печутоби берунро,
Дар оғӯши гуҳар ин ресмон бар хеш мепечад.

*   *   *

Сабукмағзе, к-аз асбоби ҷаҳон бар хеш меболад,
Чу ҳаммолест, к-аз бори гарон бар хеш меболад.
Нишинад зуд бар хоки сияҳ аз гарданафрозӣ,
Чу оташ ҳар кӣ з-имдоди хасон бар хеш меболад.
Наметобад саодатманд рӯ аз сахтии даврон,
Зи мағз афзун ҳумо аз устухон бар хеш меболад.
Ба миқдори гаронӣ дар сабукборӣ бувад роҳат,
Ниҳоли мо ба уммеди хазон бар хеш меболад.
Зи муҳри хомушӣ дил файз меёбад зи нутқ афзун,
Зи неъмат беш аз сарпӯш хон бар хеш меболад.
Шавад хушвақт дил, чун нафс бар шайтон зафар ёбад,
Чу саг бар гург ғолиб шуд, шубон бар хеш меболад.
Ҷавон гардад куҳансол аз висоли нозукандомон,
Кашад дар бар чу новакро, камон бар хеш меболад.
Ба ҳар ҷо даст бар таркаш занад абрӯкамони ман,
Зи шодӣ як сару гардан нишон бар хеш меболад.
Зи дарду доғ мебошад маро нашвунамо, Соиб,
Тани мардум агар аз обу нон бар хеш меболад.

* * *

Онро, ки чашми масти ту беихтиёр кард,
Осудааш зи пурсиши рӯзи шумор кард.
Раҳме накард бар ҷигари оташини мо,
Машшотае, ки лаъли туро обдор кард.
Нагзошт чашм боз кунад дил ғубори чашм,
Ин гарди шӯхчашм чӣ бо ин савор кард.
Аз дил мапеч рӯй, ки шаккарсухан нашуд,
Ҳар тӯтие, ки пушт бар оинадор кард.
Беинтизор домани хуршедро гирифт,
Чун шабнам он ки оинае беғубор кард.
Дар коми шер бистари роҳат фикандааст
Ҳар кас, ки хоби амн дар ин рӯзгор кард…
Ин он ғазал, ки Саъдии Шероз гуфтааст:
«Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард».

*  *  *

Чун асар нагзошт аз ман ғам, зи ғамхорӣ чӣ суд?
Чун намонд аз дил ба ҷо чизе, зи дилдорӣ чӣ суд?
Кӯҳ тоқат барнамеояд ба мавҷи ҳодисот,
Пеши ин селоби безинҳор худдорӣ чӣ суд?
Захми шамшери қазо аз сина мерӯяд чу гул,
Аз зиреҳпӯшӣ чӣ ҳосил, аз сипардорӣ йи суд?
Мекунад ҳамвор сӯҳон теғи ноҳамворро,
Ҳар куҷо бояд дуруштӣ кард, ҳамворӣ чӣ суд?
Чанд битвон сохт мӯи хеш чун қир аз ҳиҷоб,
Чун намегардад ҷавон дил, з-ин сияҳкорӣ чӣ суд?
Нест ҳарфи талхро таъсир дар дилмурдагон,
Кӯр чун шуд чашми ботин, ғурраафшорӣ чӣ суд?
Пеши селоби фано яксон бувад чун кӯҳу коҳ,
Аз гаронҷонӣ чӣ ҳосил, аз сабукборӣ чӣ суд?
Фурсате то ҳаст, дилро кун тиҳӣ аз ашку оҳ,
Вақт чун гардид фавт, аз гиряву зорӣ чӣ суд?
Ёрро натвон ба макру ҳила роми хеш кард,
Чун тараф айёртар аз туст, айёрӣ чи суд?
Дар ҷавонӣ метавон бар хӯрд, Соиб, аз ҳаёт,
Дар баҳорон инчунин тухме намекорӣ, чӣ суд?

*  *  *

Аз назар як дам, ки он шаклу шамоил меравад,
Ҳосили дарёву кон аз дидаи дил меравад.
Дар биёбоне, ки наъли шавқи мо дар оташ аст,
Нақши пои ноқа пешопеши маҳмил меравад.
Кӯчабоғи зулф агар поён надорад, гӯ, мадор,
Метавон рафтан ба мижгон ҳар куҷо дил меравад.
Сояи ҳар хорбун сайёди домафканда аст,
Оҳуи мағрурро бингар, ки ғофил меравад.
Таъни нисёнам мазан, шарми рухи оина кун,
Худ бубин он чеҳра ҳаргиз аз муқобил меравад?
Гар ба фирдавс аз сари кӯи ту Соибро баранд,
Меравад, аммо чу мурғи нимбисмил меравад.

*  *  *

Ба май ғам аз дили афгор барнамехезад,
Ба об аз оина зангор барнамехезад.
Маҷӯ мулоимат аз мардуми хасисниҳод,
Ки бӯи гул зи хасу хор барнамехезад.
Гуҳар шавад чу садаф дар замини қобил тухм,
Зи хоки майкада ҳушёр барнамехезад.
Шикастаи ту иморатпазир нест чу моҳ,
Фитодаи ту чу девор барнамехезад.
Кадом сарднафас дар миёни ин ҷамъ аст,
Ки муҳр аз лаби гуфтор барнамехезад.
Ба маҳфиле, ки хушомад фасонапардоз аст,
Зи хоб давлати бедор барнамехезад.
Агар на сурмаи хоб аст тирагӣ, Соиб,
Чаро зи хоб сияҳкор барнамехезад?

* * *

Зи савдо дар димоғам накҳати гул дуд мегардад,
Ба чашмам сарви бӯстон теғи заҳролуд мегардад.
Маяндеш аз сипеҳру ҳамлаи ӯ, чун шудӣ ошиқ,
Ки дар хуршеди ишқ ин сояҳо нобуд мегардад.
Бағал во карда, метозад ба истиқболи марги худ
Дили ҳар кас ба марги дигаре хушнуд мегардад.
Ба роҳ орад мани саргаштаро раҳбар, намедонад,
Ки ҳар саргашта гирди каъбаи мақсуд мегардад.
Намедонам кадомин сайди фурсат ҷаста аз домаш,
Ки дил дар синаам чун шери хашмолуд мегардад.
Макун аз оҳи дардолуд манъи ман дар ин маҳфил,
Ки миҷмар бори хотирҳост, чун бедуд мегардад.
Манеҳ бар заррае, эй бебасар, ангушти густохӣ,
Ки меларзад дили хуршед, то мавҷуд мегардад.
Гузинад ҳар кӣ суди дигаронро бар зиёни худ,
Ба андак фурсате, Соиб, зиёнаш суд мегардад.

* * *

Тоиреро, ки ба доми ту гирифтор шавад,
Дона дар ҳавсалааш гавҳари шаҳвор шавад.
Аз хиҷолат натавонад сари худ боло кард,
Умри ҳар кас чу қалам сарф ба гуфтор шавад.
Бихурандаш ба назар гурсуначашмон чун моҳ,
Соғари ҳар кӣ дар ин майкада саршор шавад.
Пои ҳар кас, ки ба гил рафт, наёяд берун,
Риштаи сабҳа маҳол аст, ки зуннор шавад.
Тарафи ҳарф бувад сайқали равшангуҳарон,
Тӯтии лол бар ин оина зангор шавад.
Раҳ ба маънӣ набарад ҳар кӣ ба сурат, Соиб,
Ҳамчу оина тиҳидаст зи бозор шавад.

*   *   *

Омад баҳору халқ ба гулзор мераванд,
Девонагон ба домани кӯҳсор мераванд.
Гулҳо, ки дӯш рух нанамуданд аз ҳиҷоб,
Имрӯз даста-даста ба бозор мераванд.
Дарёб файзи суҳбати рӯҳониён, ки зуд
Чун бӯи гул зи синаи гулзор мераванд.
Онҳо, ки мешуданд ба шабгир сӯи кор,
Пеш аз саҳар зи бӯи гул аз кор мераванд.
Дилбастагӣ ба тор надоранд нағмаҳо,
Аз баҳри маслиҳат ба раги тор мераванд.
Аз оҳи андалеб муҳобо намекунанд,
Ин ғунчаҳо, ки дар бағали хор мераванд.
Чун боли шавқ ҳаст, зи афтодагӣ чӣ бок,
Мурғон далер бар сари девор мераванд.
Онҳо, ки бурдаанд ба гулзори ишқ бӯй,
Соиб, ба гуфтугӯи ту аз кор мераванд.

*   *   *

Ба аҳди ҳусни ту бо гулситон кӣ пардозад?
Ба лолаву сумани арғувон кӣ пардозад?
Дар он ҳарим, ки роҳи сухан надорад шамъ,
Ба шикваи мани кӯтаҳзабон кӣ пардозад?
Зи шӯри ҳашр муҳобо намекунад ошиқ,
Ба гуфтугӯи маломатгарон кӣ пардозад?
Кунун, ки булбули мо завқи хор-хор шинохт,
Дигар ба хору хаси гулситон кӣ пардозад?
Дар ин замон, ки ба дармон намонда дарди сухан,
Ба фикри Соиби оташзабон кӣ пардозад?

*   *   *

Соя бар ҳар кас, ки он сарви хиромон афканад,
Раъша чун оби равонаш дар раги ҷон афканад.
Ишқи болодаст ҳар касро, ки баргирад зи хок,
Осмонро бар замин чун соя осон афканад.
Аз гулӯи худ рабудан вақти ҳоҷат ҳиммат аст,
Варна ҳар кас вақти серӣ пеши саг нон афканад.
Ҳар киро шарми карам дар зери домон парварад,
Дар дили шаб соилонро нон ба домон афканад.
Раҳм кун бар нотавонон, к-аз даҳони шиква мӯр
Метавонад рахна дар мулки Сулаймон афканад.
Бар заифон раҳм кардан, раҳм бар худ кардан аст,
Вой бар шере, ки оташ дар найистон афканад.
Ман чӣ сон, Соиб, инондорӣ кунам худро, ки Хизр
Хешро дониста дар чоҳи занахдон афканад.

*   *   *

Қадаҳ лабрез чун шуд аз шароби ноб, меларзад,
Ба қадри об бар худ гавҳари сероб меларзад.
Наяфканда-ст пирӣ хоҷаро ин раъша бар аъзо,
Ки аз дилбастагиҳо бар сари асбоб меларзад.
На дар бутхонаҳо нокус бетоб аст аз он кофар,
Дили қандил ҳам аз шишаи меҳроб меларзад.
Наларзад ҳеҷ кас бар давлати бедор дар олам,
Ба унвоне, ки дил бар дидаи бехоб меларзад.
Чӣ шуд, гар ишқро бар ошиқон дил меҳрбон бошад,
Ки ба ҳар заррае хуршеди оламтоб меларзад.
Зи урёнӣ арақ мерезад аз дарвеши соҳибдил,
Тавонгар дар самуру қоқуму санҷоб меларзад.
Макун дар базми васл аз беқарорӣ манъи ман, Соиб,
Ки аз барқи таҷаллӣ кӯҳ чун симоб меларзад.

* * *

Аз гармии ашкам сафи мижгон гила дорад,
З-ин обила, бин, хори муғелон гила дорад.
Бар дурри ятим аст садаф домани модар,
Юсуф абас аз тангии зиндон гила дорад.
Торик шавад хонаи оина зи ҷавҳар,
Ҳайрони ҷамоли ту зи мижгон гила дорад.
Ин хоб ба сад давлати бедор набахшанд,
Дил гарчи аз он наргиси фаттон гила дорад.
Миқрози сари сабза бувад хандаи бевақт,
Аз рахнаи лаб пистаи хандон гила дорад.
Аз ахтари худ зери фалак шикваи нодон
Монад ба ғариқе, ки зи борон гила дорад.
Дармон-ш ҳамин аст, ки бо дард насозад
Дарде, ки зи носозии дармон гила дорад.
Чун донаи бемағз бувад пуч каломаш
Ҳар шӯразамине, ки зи деҳқон гила дорад.
Мову гила аз талхии дашноми ту? Ҳайҳот,
Ҳарфест, ки мӯр аз шакаристон гила дорад.
Дар олами ҳайрат бувад оромӣ, агар ҳаст,
Соиб, абас аз дидаи ҳайрон гила дорад.

*   *   *

Ғунчаҳое, ки дар ин сабзчаман ханда заданд,
Эй басо захми намоён ба дили зинда заданд.
Ҳамчу яктоии наққош нагардид касе,
Ҳама чун оина бар нақши пароканда заданд.
Ғафлати хеш гузиданд ба бедории бахт
Содалавҳон, ки дари толеи фархунда заданд.
Дасти манъе, ки фишонданд бузургон ба фақир,
Пушти поест, ки бар давлати поянда заданд.
Маркази доираи фикр мусаввар гардид,
Холи мушкин чу бар он чеҳраи зебанда заданд.
Ин садафҳо, ки хамӯшанд дар ин дарёбор
Метавон ёфт, ки бар гавҳари арзанда заданд.
Нест мижгон, ки ба тақсири парешонназарӣ
Мушти хорест ба чашми мани бинанда заданд.
Соиб, онҳо, ки гузиданд зи ғамҳо ғами ишқ,
Даст бар синаи ғамҳои пароканда заданд.

* * *

Касе, ки айби туро пеши чашм бингорад,
Бибӯс, дидаи ӯро, ки бар ту ҳақ дорад.
Ба дасти ғам нашавад мубтало гиребонаш
Касе, ки домани шабро зи даст нагзорад.
Бузург ӯст, ки бар хок ҳамчу сояи абр
Чунон равад, ки дили мӯрро наёзорад.
Ту бар хилофи бадон тухми некномӣ кор,
Ки ҳар кас он даравад аз ҷаҳон, ки мекорад.
Чу даври укдакушой ба ман расад, Соиб,
Ба нохуни маҳи нав чарх пушти сар хорад.

* * *

Пой бар чарх ниҳад ҳар кӣ зи сар мегузарад,
Ришта чун бегираҳ афтад, зи гуҳар мегузарад.
Ҷигари шер надорӣ, сафари ишқ макун,
Сабзаи теғ дар ин раҳ зи камар мегузарад.
Дар чунин фасл, ки нам дар қадаҳи шабнам нест,
Хори девори туро об зи сар мегузарад.
Ғунчаи зиндадилӣ дар дили шаб механдад,
Файз обест, ки аз ҷӯи саҳар мегузарад.
Дили душман ба тиҳидастии ман месӯзад,
Барқ аз ин мазраа бо дидаи тар мегузарад.
Дар биёбони фано қофилаи шавқи ман аст
Корвоне, ки ғубораш зи хабар мегузарад.
Орифон аз сухани сард парешон нашаванд,
Умри гул дар қадами боди саҳар мегузарад.
Чун садаф муҳри хамӯшӣ назанад бар лаби хеш,
Сухани Соиби покизагуҳар мегузарад.

*   *   *

Зи ваъдаҳои дурӯғаш дил изтироб надорад,
Сари каманди фиреби маро сароб надорад.
Дар он муҳит, ки ман меравам чу мавҷ саросар,
Сипеҳр завқи тамошои як ҳубоб надорад.
Шикаста хор ба чашмам зи бадгумонии ғайрат,
Ки аз хаёли кӣ чашми ситора хоб надорад?
Ба нозболиши гул такя карда қатраи шабнам,
Хабар зи доғи мулоқоти офтоб надорад.
Кадом роҳрав ин ҷо дам аз суботи қадам зад,
Ки ҳам зи нақши қадам пой дар рикоб надорад.
Дилат зи ҷаҳли мураккаб сияҳ шуда-ст варна
Кадом хишт, ки дар сина сад китоб надорад.
Ҳалоки ҳусни худододи ӯ шавам, ки саропо
Чу шеъри Ҳофизи Шероз интихоб надорад.
Шуда-ст баста чунон роҳи файз бар дили Соиб,
Ки аз хаданги ту уммеди фатҳи боб надорад.

* * *

Дасте зи рӯи лутф барорӣ, чӣ мешавад?
Моро дигар ба мо нагузорӣ, чӣ мешавад?
Як умр ганҷ дар дили вайрона орамид,
Як шаб дар ин хароба сар орӣ, чӣ мешавад?
Эй хунии умед, дар ин дастгоҳи ҳусн
Ин як-ду бӯсаро нашуморӣ, чӣ мешавад?
Баъд аз ҳазор сол, ки як ваъда додаӣ,
Дар узри ланг по нафишорӣ, чӣ мешавад?
Дилро ба чеҳраи арақолуд тоза кун,
Тухме дар ин баҳор бикорӣ, чӣ мешавад?
Эй абри беҷигар, ки зи дарёст дахли ту,
Бар мазраи умед биборӣ, чӣ мешавад?
Шарми гуноҳ дӯзахи аҳли ҳаё бас аст,
Ҷурми маро ба рӯй наёрӣ, чӣ мешавад?
Ин як нафас, ки дидаи мо меҳмони туст,
Оина пеши рӯ нагузорӣ, чӣ мешавад?
Дар қулзуме, ки саъй ба ҷое намерасад,
Соиб, инон ба мавҷ супорӣ, чӣ мешавад?

* * *

Дилро нигоҳи гарми ту девона мекунад,
Оинаро рухи ту парихона мекунад.
Дил мехӯрад ғами ману ман мехӯрам ғамаш,
Девона ғамгусории девона мекунад.
Озодагон ба машварати дил кунанд кор,
Ин уқда кори сабҳаи саддона мекунад.
Эй зулфи ёр, сахт парешону дарҳамӣ,
Дасти буридаи кӣ туро шона мекунад?
Ғофил зи беқарории ушшоқ нест ҳусн,
Фонус пардадории парвона мекунад.
Ёрон талоши тозагии лафз мекунанд,
Соиб талоши маънии бегона мекунад.

*   *   *

Қадди туро зи ҷилваи ноз офаридаанд,
Рӯи маро зи хоки ниёз офаридаанд.
Лаъли туро, ки нуқтаи паргори ҳайрат аст,
Пӯшидатар зи гавҳари роз офаридаанд.
Дар хирагӣ нигоҳи маро нест кӯтаҳӣ,
Рӯи туро назорагудоз офаридаанд.
Суратпазир нест ҷамоли латифро,
Дилро чӣ шуд, ки оинасоз офаридаанд.
Хуршедталъатон дили ушшоқро чу моҳ
Сад раҳ ба ҳам шикаставу боз офаридаанд.
Дил об шуд зи партави он лаъли оташин,
Ин бодаро чӣ шишагудоз офаридаанд…
Кӯтаҳ зи офтоби қиёмат намешавад,
Шабҳои ҳаҷрро чӣ дароз офаридаанд.
Кабкам, валек хуни мани бегуноҳро
Гирандатар зи чангали боз офаридаанд,
Соиб, зи дилшикастагии худ ғамин мабош,
К-он зулфро шикастанавоз офаридаанд.

* * *

Ғаме ҳар дам ба дил аз синаи садчок мерезад,
Зи сақфи хонаи дарвеш доим хок мерезад.
Замин як қатраи лаъл аст аз хуни шаҳидонаш,
Ҳанӯзаш рағбати хун аз хами фитрок мерезад.
Арақ афшондӣ аз рух, об шуд дилҳои муштоқон,
Қиёмат мешавад чун анҷум аз афлок мерезад.
Сари мино аз он сабз аст дар майхонаи ҳиммат,
Ки сарҷӯши атои хешро бар хок мерезад.
Нишоти бодаи гулрангро гар Хизр дарёбад,
Зулоли зиндагиро зери пои ток мерезад.
Зи соғар манъи Соиб мекунад зоҳид, намедонад,
Ки май дар сина ранги шуълаи идрок мерезад.

* * *

Доғ аз ҳарорати ҷигарам дод мезанад,
Оташ ба сӯзи синаи ман бод мезанад.
Ҳар лолае, ки аз ҷигари санг медамад,
Доман ба оташи дили Фарҳод мезанад.
Аз турктози ишқ касе ҷон намебарад,
Ин сел бар харобаю обод мезанад.
Оинахонаи дили ман аз аз хаёли ӯ
Чун кӯҳи Қоф мавҷи паризод мезанад.
Дар хонумонхаробии худ саъй мекунад,
Чун ғунча ҳар кӣ дам зи дили шод мезанад.
Аз дил намерасад нафаси ошиқон ба лаб,
Булбул зи беғамист, ки фарёд мезанад.
Соиб, ба пои хеш занад теша бехабар
Он беадаб, ки ханда ба устод мезанад.

*   *   *

Ба завқе такя бар шамшер ҷисми лоғарам дорад,
Ки шабнам дар канори гул ҳасад бар бистарам дорад.
Ба дарёи пур аз шӯри ҳаводис он сабурам ман,
Ки беоромии дарё хатар аз лангарам дорад.
Надорад базми ҷонон маҳраме маҳрумтар аз ман,
Адаб лабташна дар оғӯши ноби Кавсарам дорад.
Ба ин тардоманӣ дар ҳашр агар аз хок бархезам,
Хатарҳо оташи дӯзах зи домони тарам дорад.
Намегардад ба куштан соф бо ман синаи гардун,
Ки ин оина чашми сайқал аз хокистарам дорад.
Дили мӯре нашуд маҷрӯҳ аз теғи забони ман,
Чаро дар печу хам гардун чу мавҷи ҷавҳарам дорад.
Чу ҷӯши май назар дар бахри хум во кардаам, Соиб,
Кай аз дасти сабӯ чашми навозиш соғарам дорад.

*   *   *

Шаб, ки сарви қомати ӯ шамъи ин кошона буд,
То саҳаргаҳ баргрезони пари парвона буд.
Турраи мавҷи навомӯзи кашокаш нестам,
Умрҳо аз арраи пушти наҳангам шона буд.
Рӯзии оташ шавад нахле, ки дастомӯз кард
Санги тифлонро, ки ризқи мардуми девона буд.
Соҳиби хирман нагаштам, то наафтодам зи по,
Мӯри ман то дасту пое дошт, қаҳти дона буд.
Кӯҳро чун ноқаи Лайлӣ биёбонгард кард
Нолаи гарме, ки дар занҷири ин девона буд.
Шеваи оҷизкушӣ аз хусравон зебанда нест,
Бетакаллуф ҳиллаи Парвиз номардона буд.
Шамъи эмин роҳ дар вайронаам, Соиб, надошт,
Шаб, ки маҳтоби хаёлаш шамъи ин ғамхона буд.

*   *   *

Ҷигари ташна маҳол аст, ки сероб шавад,
Гар ақиқи лаби ӯ дар даҳанам об шавад.
Чӣ ғам аз тобиши хуршеди қиёмат дорад,
Ҳар кӣ дар сояи мижгони ту дар хоб шавад.
Тухми уммед барӯманд нагардад зи баҳор,
Сабз вақте шавад ин дона, ки дил об шавад.
Хор дар пераҳани бехабарон гул гардад,
Мижаи дидаи бедор раги хоб шавад.
Аз дами гарми ту, Соиб, ки заволаш марасод,
Дил агар байзаи фӯлод бувад, об шавад.

*   *   *

Нестам гул, ки маро барги нисоре бошад,
Туҳфаи сӯхтагон мушти шароре бошад.
Боғи ман домани дашт асту ҳисорам сари кӯҳ,
Ман на онам, ки маро боғу ҳисоре бошад.
Тирарӯзони ҷаҳонро ба чароғе дарёб,
То пас аз марг туро шамъи мазоре бошад.
Хасу хоре, ки зи роҳи дигарон бардорӣ,
Дар дили хок туро боғу баҳоре бошад.
Зинда дар гӯр кунад ҳашри мукофот туро,
Бар дили мӯре агар аз ту ғуборе бошад.
Ба шумори нафас афтод туро кор зи ҳирс,
Ҳар сари мӯи ту машғул ба коре бошад.
Ишқ беҳуда сари тарбияти ӯ дорад,
Соиб он нест, ки шоистаи коре бошад.

* * *

Дар гулшане, ки ҳусни ту арзи ҷамол кард,
Гул з-обу ранги худ арақи инфиол кард.
Дар рӯзгори ҳусни ту аз хиҷлате, ки дошт,
Гулзор хуни хеш ба гулчин ҳалол кард.
Гул кард чун шафақ зи гиребони доманаш
Чандон, ки чарх хуни маро поймол кард.
Шерозаи баҳори тамошо гузашта буд,
То мурғи паршикастаи мо фикри бол кард.
Печад забони сабзаи хокаш зи якдигар,
Ҳайронии рухи ту касеро, ки лол кард.
Ҳар сели тирае, ки аз он тиратар набуд,
Равшангари муҳит ба мавҷи зулол кард.
Ҳар булбуле, ки аз рухи гул нусхае гирифт,
Айши баҳор фасли хазон зери бол кард.
Соиб, бас аст, чанд кунӣ фикри он даҳан,
Натвон тамоми умр хаёли маҳол кард.

*   *   *

Ҳусн он рӯз, ки ташрифи ҳаё мепӯшид,
Ишқ пероҳани якранги вафо мепӯшид.
Боли парвона агар поси адабро медошт,
Шамъ пероҳани фонус чаро мепӯшид?
Ёди он қурб, ки он шуълаи бепарвоӣ
Ба салоҳи мани якранг қабо мепӯшид.
Чӣ шуд он лутф, ки гар барги гуле мечинад,
Зулф доман ба чароғи дили мо мепӯшид.
Ин замон дастзади бӯсаи ҳар булҳавас аст,
Пушти дасте, ки рух аз ранги ҳино мепӯшид.
Соиб, имрӯз чу гул масту гиребончок аст,
Ғунчаи ман, ки рух аз боди сабо мепӯшид.

*   *   *

Умр рафту хор-хораш дар дили бетоб монд,
Мушти хошоке дар ин вайрона аз селоб монд.
Икди дандон дар канорам рехт аз тори нафас,
Риштаи хушке, ки чандин гавҳари ноёб монд.
Танпарастӣ фурсати молидани чашме надод,
Рӯи матлаб дар ниқоби пардаҳои хоб монд.
Дил зи беишқӣ даруни санаам афсурда шуд,
Доғи ин қандили равшан дар дили меҳроб монд.
Ақл аз кори дили саргашта сар берун набурд,
Дар дили баҳри вуҷуд ин қатраи ноёб монд.
Корвони Юсуф аз Канъон ба Миср овард рӯй,
Давлати бедор рафту пои мо дар хоб монд.
Аҳли дарде, Соиб, аз олам дучори мо нашуд,
Дар дили мо ҳасрати ин гавҳари ноёб монд.

* * *

Агар зи чеҳраи доғам ниқоб бардоранд,
Ҷаҳониён назар аз офтоб бардоранд.
Гуҳаршиносии ин беғамон намак дорад,
Ки хуни дидаи моро ба об бардоранд.
Зи шарми васл шудам об, дӯстон чӣ шуданд,
Ки нахли муми ман аз офтоб бардоранд.
Зи чашми шӯри тамошоиён машав ғофил,
Ки ранги нашъа зи рӯи шароб бардоранд.
Агар ба маҷлиси руҳониён расӣ, Соиб,
Бигӯ, ки қисмати моро шароб бардоранд.

* * *

Дили озода аз тӯли амал бисёр мепечад,
Ки мусҳаф бар худ аз шерозаи зуннор мепечад.
Ба ин бенохунӣ чун мехарошам синаи худро,
Садои тешаи Фарҳод дар кӯҳсор мепечад.
Аз ин бӯстонсаро дар дасти холӣ меравад берун,
Сабукдасте, ки бар ҳар домане чун хор мепечад.
Ба даври чашми ӯ ангушти зинҳорест ҳар мижгон,
Ки аз бемори бадхӯ рӯзу шаб ғамхор мепечад.
Намедонам чӣ мерезад зи килки номапардозам,
Ки ҳар сатре ба худ аз дард чун тӯмор мепечад.
Махӯр, Соиб, фиреби фазл аз аммомаи зоҳид,
Ки дар гунбад зи бемағзӣ садо бисёр мепечад.

* * *

Кучо парвои мо саргаштагон он маҳҷабин дорад,
Ки хуни сад чароғи меҳрро дар остин дорад.
Асар бугзор, то эмин шавӣ аз марги гумномӣ,
Ки аз оина Искандар ҳисори оҳанин дорад.
Зи ҷамъият умеди бениёзӣ доштам, ғофил,
Ки он ҷо соҳиби хирман назар бар хӯшачин дорад.
Умеди ҷони ширин доштам аз лаъли серобаш,
Надонистам, ки аз хат заҳр дар зери нигин дорад.
Адолат ин тақозо мекунад, к-аз хирмани қисмат
Наёбад нони ҷав ҳар кас, ки нони гандумин дорад.
Агар ориф сафар аз худ кунад, якбора меёбад,
Ки домони баҳори айшро саҳронишин дорад.
Надидам, то ба хок афтод нури меҳрро, Соиб,
Нашуд равшан, ки чархи бевафо бо меҳр кин дорад.

* * *

Баргирифтӣ парда аз рух, гулситон омад падид,
Остини ноз афшондӣ, хазон омад падид.
Хокдони даҳр муфлис буд аз накди мурод,
Дастҳо бар ҳам задӣ, дарёву кон омад падид.
То шууре доштам, мекард васл аз ман канор,
Ман чу рафтам аз миён, он хушмиён омад падид.
Чашмаи хуршед дар гарди кудурат ғӯта зад,
То ғубори хат зи рӯи дилситон омад падид.
Килки гавҳарбор, Соиб, то суханпардоз шуд,
Зиндаруди тозае дар Исфаҳон омад падид.

* * *

Зи ҷилваи ту дили рӯзгор мерезад,
Бинои сабру шикебу қарор мерезад.
Давоми ҳусни туро нест нисбате бо гул,
Ба пои сарви ту хуни баҳор мерезад.
Ба хоксории ман нест ҳеҷ кас дар ишқ,
Ба чашми оина аксам ғубор мерезад.
Чӣ нисбат аст ба Фарҳод шавқи кори маро,
Арақ зи ҷабҳаи ман чун шарор мерезад.
Чӣ ғам зи рафтани чашм аст пири Канъонро,
Шукуфа барги худ аз баҳри бор мерезад.
Чу гирдбод зи бас захми хору хас хӯрдам,
Зи ҷунбиши нафаси ман ғубор мерезад.
Ба аҳли сабр фалак беш мекунад ковиш,
Ки тир бар ҳадафи пойдор мерезад.
Кадом дидаи бад дар камини ин боғ аст,
Ки бе насим гул аз шохсор мерезад.
Раги кадом муҳит аст хомаи Соиб,
Ки ин қадар гуҳари шоҳвор мерезад.

* * *

Аз машраби ман субҳ, чӣ гӯям, чӣ асар дод,
Ин шир маро ғӯта ба дарёи шакар дод.
Ҳар мӯри камарбаста самандест дар ин дашт,
З-он ҳусни гулӯсӯз, ки лаълат ба шакар дод.
То мард зи гуфтор наистони вуҷуд аст,
Чун най натавонад зи мақомот хабар дод.
Бар шуълаи бетобии дил ҳар кӣ савор аст,
Майдони фано тарҳ тавонад ба шарар дод.
Ин он ғазали Мир Фасеҳист, ки фармуд:
«Беди чамани мо гули хуршед самар дод».

*   *   *

Нест аз хуршеду моҳ ин гунбади гардон сафед,
З-устухони бегуноҳон аст ин зиндон сафед.
Тири оҳ аз синаи беранг меояд бурун,
Вой аз сайде, к-аз ӯ ояд бурун пайкон сафед.
Юсуфи ман з-он ҳама қасру сарои дилписанд
Хонаи чашме зи ҷонон дошт дар Канъон сафед.
Қатъи пайванд аз рухи оҳунигоҳон мушкил аст,
Аз ҷудоӣ нофаро шуд мӯи сар з-инсон сафед…
Пок кун аз ғайбати мардум даҳони хешро,
Эй ки аз мисвоки мардум мекунӣ дандон сафед.
Хонапардозӣ чароғи хонаи кӯр асту ту
Мекунӣ аз содалавҳӣ хонаи девон сафед.
Поктинат мерасонад файз баъд аз сӯхтан,
Уд хокистар чу гардад, мекунад дандон сафед.
Гарди роҳи ишқ бармехезад аз дарёи нур,
Мешавад зангӣ дар ин майдон ба як ҷавлон сафед.
Субҳи пирӣ дар рикоби партави минат бувад,
З-он ба як шаб гашт абрӯи маҳи тобон сафед.
Моҳрӯён баски дар ҳар кӯча ҷавлон мекунанд,
Моҳ натвонад шудан, Соиб, дар Исфоҳон сафед.

* * *

Пир гардидиву кишти амалат зард нашуд,
Бӯи кофур шунидиву дилат сард нашуд.
Ишқи тардасти ту сад хонаи дил кард хароб,
Ки зи як сина намоён асари гард нашуд.
Аз ҳаводис дили озод чӣ парво дорад,
Чеҳраи сарв зи бедоди хазон зард нашуд.
Бӯи кофур аз ин мурдадилон меояд,
Кӣ ба ин тоифа пайваст, ки номард нашуд?
Хом чун сарв ба боғ омаду берун шуд хом,
Ҳар кӣ, Соиб, ба ҷаҳон ҳодисапарвард нашуд.

* * *

Чунин ки гул ба сари шохсор меояд,
Ба пои худ сари ошиқ ба дор меояд.
Маро таваққуи эҳсон зи корфармоест,
Ки музди кори ман аз завқи кор меояд.
Ғараз таҳияи оғӯши хоксории мост,
Зи баҳр мавҷ агар бар канор меояд.
Агар ба кори ҷаҳон ман наёмадам, Соиб,
Каломи беғарази ман ба кор меояд.

* * *

Ушшоқро хироми ту аз хеш мебарад,
Сели баҳор ҳар чӣ канад, пеш мебарад.
Ҳар кас, ки бе рафиқи мувофиқ сафар кунад,
Бо худ ҳазор қофила ташвиш мебарад.
Бигзар зи ҷамъи мол, ки занбӯри бенасиб
Бо хештан зи шони асал неш мебарад.
Аз буттаи гудоз зари нақдро чӣ нуқс,
Аз некӯвон чӣ сарфа бадандеш мебарад.
Онро, ки тозиёна зи рагҳои гардан аст,
Ҳар даъвии ғалат, ки кунад, пеш мебарад.
Кай тир рост мешавад аз қурби ростон,
Соиб, агар зи тир каҷӣ пеш мебарад.

*   *   *

Гарданкашӣ ба сарви сарафроз мерасад,
Озодаро ба оламиён ноз мерасад.
Ҳарчанд бесадост чу оина оби умр,
Аз рафтанаш ба гӯши ман овоз мерасад.
Ҳиммат баланд дор, к-аз ин хокдони паст
Шабнам ба осмон ба як андоз мерасад.
Ҷӯёи номаҳои сиёҳ аст абри файз,
Оинаи гирифта ба пардоз мерасад.
Яъқуб чашми бохтаро ёфт оқибат,
Охир ба коми хеш назарбоз мерасад.
Хун гиря мекунад дару девори рӯзгор,
Дигар кадом хонабарандоз мерасад.
Аз дӯстони боғ дар ин гӯшаи қафас
Гоҳе насими боғ ба ман боз мерасад.
Ин шишапораҳо, ки дар ин хок рехтаст,
Дар буттаи гудоз ба ҳам боз мерасад.
Он рӯз мешавем зи саргаштагӣ халос,
К-анҷоми мо ба нуқтаи оғоз мерасад.
Соиб, хамӯш, мешавем зи саргаштагӣ халос,
Аз лаб бурун нарафта ба ғаммоз мерасад.

* * *

Оташи қофилаи мо дили равшан бошад,
Гарди мо сурмаи бедории раҳзан бошад.
Чӣ ҳаёт аст шавад рӯзии мо шодии васл,
Гар ғамашро нагузоранд, ки бо ман бошад.
Ҷилва зоеъ макун, эй шӯх, ки бетобии мо
Оташе нест, ки муҳтоҷ ба доман бошад.
Дидаи танг кунад фахр ба дунёи хасис,
Хасу хошок шарори раги гардан бошад.
Ҳусн ҳар ҷо, ки бувад, дар назари ман бошад,
Меҳрро оина аз дидаи равзан бошад.
Ҳар кӣ чун ришта зи борикхаёлон гардид,
Рӯзияш тангтар аз дидаи сӯзан бошад.
Юсуф аз домани ихвон ба ғарибӣ афтод,
Хатари мардуми огоҳ зи маъман бошад.
Мӯр дар ҳасрати як дона дили хеш хӯрад,
Рӯзии барқи ҷаҳонсӯз ба хирман бошад.
Аз сияҳбахтии худ шиква надорад, Соиб,
Ки сафои дили оина зи гулхан бошад.

* * *

Аз қазо чашми сиёҳи ту ба ёдам омад,
Қадарандози нигоҳи ту ба ёдам омад.
Таркаши тири ҷигардӯзи қазоро дидам,
Сафи мижгони сиёҳи ту ба ёдам омад.
Баркро дасту гиребони гиёҳе дидам,
Бегунаҳсӯз нигоҳи ту ба ёдам омад.
Мӯи пурпечу хаме бар сари оташ дидам,
Зулфи хуршедпаноҳи ту ба ёдам омад.
Ба дили содаи худ роҳи нигоҳам афтод
Сафҳаи рӯи чу моҳи ту ба ёдам омад.
Андалебе ба сари шохи гуле меларзид,
Ҷунбиши парри кулоҳи ту ба ёдам омад.
Соиб, аз ҷилваи барке, ки ба хирман афтод,
Синапардозии оҳи ту ба ёдам омад.

*  *  *

Маро аз ғафлати худ бар сар ин бедод меояд,
Набошад сайд агар ғофил, чӣ аз сайёд меояд?
Дили сахти ту санги сурма мегардад фиғонҳоро
Вагарна кӯҳ аз як нола дар фарёд меояд.
Дили бесабр хоҳад тӯтиё кард устухонашро
Ба ин тамкин, ки Ширин бар сари Фарҳод меояд.
Надорад сарфаи хун рехтан, мо, бегуноҳонро,
Ки хуни захми мо аз дидаи ҷаллод меояд.
Аз он маъмур мебошад хароботи муғон, Соиб,
Ки он ҷо ҳар кӣ ғамгин меравад, дилшод меояд.

*  *  *

Соқӣ аз ҷоме агар хотири мо шод кунад,
Беҳ аз он аст, ки сад майкада ободкунад.
Чашми хуфта-ст ғизоле, ки надорад шухӣ,
Ману он сайд, ки хун дар дили сайёд кунад.
Охир, эй подшаҳи ҳусн, чӣ инсоф аст ин,
Ки дар айёми ту ишқ ин ҳама бедод кунад.
Ёди айёми ҷунун бар сари ман борад санг,
Кӯдаконро чу зи мактаб касе озод кунад.
Мотами воқеаи Лайливу Маҷнун дорад
Ҳар дарое, ки дар ин бодия фарёд кунад.
Бар забонаш ба ҷуз аз номи Худо н-ояд ҳеҷ,
Ҳар кӣ наззораи он ҳусни худодод кунад.
Хандаи кабк шавад нолаи хунин, Соиб,
Бесутун ёд чу аз рафтани Фарҳод кунад.

*    *    *

Он ки манъи мани махмур зи саҳбо мекард,
Лаби майгуни туро кош тамошо мекард.
Ишқ дар каф зи дили сӯхта хокистар дошт,
Ҳусн он рӯз, ки оина мусаффо мекард.
Он ки тасбеҳ зи дасташ нафитодӣ ҳаргиз,
Дидамаш дӯш сари шиша ба лаб во мекард.
Ёди он аҳд, ки хун дар қадаҳам гар мерехт,
Ба нигаҳ кардани дуздида гуворо мекард.
Шаб, ки аз тоби май он чеҳра барафрӯхта буд,
Шамъ болу пари парвона таманно мекард.
Гар намебуд тамошои ғизолон монеъ,
Гарди моро кӣ дар ин бодия пайдо мекард.
Гар зи афтодагӣ ин роҳ намешуд кӯтоҳ,
Дурии каъбаи мақсуд чӣ бо мо мекард.
Соиб аз Хоҷа мадад хост дар ин тоза ғазал,
Ки дар эҳёи сухан кори Масеҳо мекард.

*   *   *

Агар як ҷуръаи худ ёр бар хоки ман афшонад,
Ғубори ман зи истиғно ба гавҳар доман афшонад.
Магар бетоқатиҳо боли парвозам шавад варна
Киро дорам, ки мушти хоки ман бар гулшан афшонад.
Касе аз риштаи сардаргуми ман огаҳӣ дорад,
Ки шаб аз хор-хори дил ба бистар доман афшонад.
Димоғи гул парешонтар шавад аз нолаи булбул,
Абири зулфи ӯро бод агар дар гулшан афшонад.
Асири ишқро аз ишқ озодӣ намебошад,
Чӣ имкон дорад аз худ барг нахли эман афшонад.
Зиҳӣ хиҷлат Зулайхоро, ки Юсуф дар ҳарими ӯ
Ғубори дидаи Яъқуб бо пероҳан афшонад.
Ба афшондан ғубори мо нарафт аз домани покаш,
Гуҳар гарди ятимиро чӣ сон аз доман афшонад.
Зи савдо хушк шуд хун дар дили манончунон, Соиб,
Ки мавҷи набзи ман дар роҳи Исо сӯзан афшонад.

* * *

Зи чеҳраи ту нигаҳ доғдор баргардад,
Насим сӯхта з-ин лолазор баргардад.
Куҷо ба дасти ман афтад, ки панҷаи хуршед
Зи тарфи домани ӯ раъшадор баргардад.
Мадор бӯса аз он рӯи шармнок тамаъ,
Ки Хизр ташна аз ин чашмасор баргардад.
Зи мор муҳра ба афсун ҷудо намегардад,
Чӣ гуна дил зи сари зулфи ёр баргардад?
Раҳини минати дунон наметавон гардид,
Хушо, касе, ки аз ӯ рӯзгор баргардад.
Марез ранги иқомат дар ин тамошогоҳ,
Ки гул пиёда дарояд, савор баргардад.
Намешавад зи магас хирагӣ ба рондан дур,
Зи манъ сифла куҷо шармсор баргардад.
Зи бевафоии он шӯхчашм наздик аст,
Ки Соиб аз сари меҳру қарор баргардад.

*   *   *

Туро зи аҳли вафо ҳеҷ кас намедонад,
Маро сазои ҷазо ҳеҷ кас намедонад.
Ба ғайри ман, ки дар ин буттаҳо гудохтаам,
Иёри шарму ҳаё ҳеҷ кас намедонад.
Ҳиҷоб нест дари баста айбгӯёнро,
Бахилро чу гадо ҳеҷ кас намедонад.
Чу мавҷае, ки ба дарёи беканор афтад,
Қароргоҳи маро ҳеҷ кас намедонад.
Ба ғайри наргиси бемори гулрухон, Соиб,
Илоҷи дарди маро ҳеҷ кас намедонад.

*   *   *

Зи баски санги маломат фалак ба корам кард,
Нуҳуфта дар ҷигари санг чун шарорам кард.
Зи оби ман ҷигари ташнае нашуд сероб,
Чӣ суд аз ин, ки фалак лаъли обдорам кард.
Давида буд ба олам сабукинонии ман,
Гаронрикобии аҳди ту пойдорам кард.
Зи ҳарфи шиква лабам буд теғи заҳролуд,
Ба як табассуми дуздида шармсорам кард.
Маро ба ҳоли худ, эй ишқ, беш аз ин магзор,
Ки беғамӣ яке аз аҳли рӯзгорам кард.
Ҳамон зи пардаи дил гашт ҷилвагар, Соиб,
Касе, ки хун ба дил аз дарди интизорам кард.

*   *   *

Аз ҳусни ғарибі ту ҷаҳон субҳи ватан шуд,
Ин шӯразамин аз гули рӯи ту чаман шуд.
Комам шакарин бод, ки ҳар рахнае аз дил
Ширин зи шакарханди ту чун кунҷи даҳан шуд.
Бӯи хуши оҳуи ту дар дашт гузар кард,
Доғи ҷигари лоласитон нофи Хутан шуд.
Бар савмаа афтод зи чашми ту нигоҳе,
Сад зоҳиди паймонашикан тавбашикан шуд.
Гардун, ки дар ин боғ самар буд ба талхӣ,
Аз тоби суҳайли лаби ту себи зақан шуд.
Дар нашъаи сардаргуми худ роҳ набурдам,
Ҳарчанд ки дар ҷоми ман ин бода куҳан шуд.
Ҳар қатра, ки дар пардаи шаб рехт зи чашмам,
Чун шабнами гул оинаи рӯи чаман шуд.
Соиб, ба такаллуф гиреҳи дил бикушояд,
Дасте, ки гирифтори сари зулфи сухан шуд.

*   *   *

Сухансанҷе саромад дар фани гуфтор мегардад,
Ки чун паргор гирди нуқтае сад бор мегардад.
Ҳазар кун зинҳор аз иттифоқи душмани оҷиз,
Ки чун пайваста гардад мӯр бо ҳам, мор мегардад.
Надорад ҳамчу ман девонае домони ин саҳро,
Ки кӯҳ аз нолаам кабки сабукрафтор мегардад.
Ҳубоб аз тарки сар дар як нафас дарёи гавҳар шуд,
Хушо масте, ки дар майхона бе дастор мегардад.
Намонд аз дарду доғи ишқ доғам дар ҷигар, Соиб,
Насим аз гӯши гул беруни ин гулзор мегардад.

*   *   *

Гаронӣ мекунад бар тан чу сар бе ҷӯш мегардад,
Сабӯ холӣ чу аз май гашт, бори дӯш мегардад.
Зи нури орият бигзар, ки шамъи моҳи тобонро
Агар сад бор равшан мекунӣ, хомӯш мегардад.
Зи хиҷлат тавқи қумрӣ доми зери хок хоҳад шуд,
Агар сарви чаман бо қоматаш ҳамдӯш мегардад.
Дар он маҳфил гул аз кайфияти май метавон чидан,
Ки соқӣ бештар аз дигарон мадҳуш мегардад.
Қаноат кун, к-аз ин гулшан ба бӯе ҳар кӣ қонеъ шуд,
Чу занбӯри асал кошонааш пурнӯш мегардад.
Хатар бисёр дорад дар камин ҳамвораи душман,
Зи саг ғофил машав зинҳор чун хомӯш мегардад.
Машав бо пурдилӣ эмин зи хасми нотавон, Соиб,
Ки аз андак насиме баҳр ҷавшанпӯш мегардад.

*   *   *

На гул, на лола дар ин хорзор мемонад,
Давидане ба насими баҳор мемонад.
Маоли ханда бувад гиряи пушаймонӣ,
Гулоби талх зи гул ёдгор мемонад.
Магар шаҳид ба ин теғи кӯҳ шуд Фарҳод,
Ки лолааш ба чароғи мазор мемонад.
Маҳи тамом ҳилолу ҳилол шуд маҳи бадр,
Ба як қарор кӣ дар рӯзгор мемонад?
Ба ишқ кун дили худ зинда, к-аз насими аҷал
Чароғи зиндадилӣ барқарор мемонад.
Чунин ки танг гирифта-ст бар садаф дарё,
Чӣ об дар гуҳари шоҳвор мемонад.
Зи лолаву гули ин боғу бӯстон, Соиб,
Ба боғбон ҷигари доғдор мемонад.

*   *   *

Бо ишқ интиқом тавон з-осмон кашид,
Натвон ба зӯри бозуи ақл ин камон кашид.
Дигар чӣ лозим аст, ки машқи ҷунун кунад
Девонае, ки хат ба саводи ҷаҳон кашид.
Бо хомӯшӣ бисоз, ки талхӣ намекашад,
Ин шаҳдро касе, ки ба кому забон кашид.
Девони ошиқон ба қиёмат намекашад,
Хат интиқоми мо зи рухи дилситон кашид.
Шуд кунд аз мулоимати ман забони хасм,
Дандони морро ба намад метавон кашид.
Мустағриқи висоли худаш сохт бесухан,
Аз коми баҳр ҳар кӣ чу моҳӣ забон кашид.
Соиб, ба ғайри гӯшаи дил нест дар ҷаҳон
Имрӯз гӯшае, ки нафас метавон кашид.

*   *   *

Кӣ сокин дар дили вайронаи мо метавонад шуд.
Кӣ ғайр аз бекасӣ ҳамхонаи мо метавонад шуд.
Зи базм он шамъ моро дур месозад, намедонад,
Ки суҳбат гарм аз парвонаи мо метавонад шуд.
Зи кофирнеъматӣ аз пояи худ он ки менолад,
Заминаш осмони хонаи мо метавонад шуд.
Инони сели безинҳорро ҳар кас, ки мепечад,
Ҳарифи гиряи мастонаи мо метавонад шуд.
Сари озодае дорем, Соиб, бо тиҳидастӣ,
Ки хирман хӯшачини донаи мо метавонад шуд.

* * *

Дӯш бар ман соя он сарви равон афканда буд,
Шохи гул дасте ба дӯши боғбон афканда буд.
Шарми рӯяш аз арақ сад дидаи бедор дошт,
Чашмро ҳарчанд дар хоби гарон афканда буд.
Гарчи об аз сояаш чун абри раҳмат мечакид,
Аз нигоҳи гарм оташ дар ҷаҳон афканда буд.
Ҷилваи мастонааш аз турраи анбарфишон
Ҳамчу дарё мавҷи анбар дар карон афканда буд.
Сабру ақлу ҳушро боди баҳори ҷилвааш
Бар сари хам ҳамчу авроқи хазон афканда буд.
Наргиси мастонааш аз сурмаи шарму ҳаё
Шӯхчашмони ҳавасро аз забон афканда буд.
Муҳри хомӯшӣ ҳиҷоби чеҳраи матлаб набуд,
Нури рӯяш парда аз рози ниҳон афканда буд.
Аз шукӯҳи ҳусн хуршеди ҷаҳонафрӯзи ӯ
Чок дар ҷайби фалак чун Каҳкашон афканда буд.
Дар замин аз ҷилваи мастона нақши пои ӯ
Ҳар тараф тарҳи биҳишти ҷовидон афканда буд.
Рост буда-ст ин ки резад дард бар узви заиф,
Печутоби зулф дар мӯи миён афканда буд.
Аз ҳиҷоби ишқ, Соиб, буд ҷонам зери теғ,
Гарчи бар ман соя он абрӯкамон афканда буд.

* * *

То дида маҳви рӯи ту шуд, комёб шуд,
Шабнам ба офтоб расид, офтоб шуд.
Як чашм хоби талх ҷаҳон дар бисот дошт,
Он ҳам насиби дидаи шӯри ҳубоб шуд.
Аз шарми зулфу рӯи ту дар нофи оҳувон
Сад бор мушк хун шуду хун мушки ноб шуд.
Аз рафтани ҳубоб чӣ парвост баҳрро,
Ишқи туро аз ин чӣ, ки олам хароб шуд.
То чеҳраи ту дар арақи шарм ғӯта зад,
Ҳар орзу, ки дар дили ман буд, об шуд.
Оби ҳаёти Хизр гилолуди миннат аст,
Хуш вақти ташнае, ки диёри сароб шуд.
Соиб, зи файзи ҷозибаи ишқ оқибат
Бо офтоб зарраи ман ҳамрикоб шуд.

* * *

Чораи дил ақли пуртадбир натвонист кард,
Хизр ин вайронаро таъмир натвонист кард.
Розҳо аз пардаи дил оқибат берун фитод,
Ғунча бӯи хешро тасхир натвонист кард.
Маҳв шуд ҳар кас, ки дид он чашми хоболудро
Ҳеҷ кас ин хобро таъбир натвонист кард.
Неъмати дунё ҳарифи иштиҳои ҳирс нест,
Чашми мӯреро Сулаймон сер натвонист кард.
Ҳалқаи дар аз даруни роз бошад бехабар
Матлаби дилро забон тақрир натвонист кард.
Бо балои осмонӣ панҷа кардан мушкил аст,
Барқро дур аз наистон шер натвонист кард.
Дар канори хок умри мо ба хун хӯрдан гузашт,
Модари бемеҳр хунро шир натвонист кард.
Аз таҳи дил ҳеҷ кас, Соиб, дар ин бӯстонсаро
Хандае чун ғунчаи тасвир натвонист кард.

* * *

Шикастаҳолии ман пеши ёр бояд дид,
Хазони ранги маро дар баҳор бояд дид.
Мақоми арзи таҷаммул миёни дарё нест,
Чу мавҷ гавҳари ман дар канор бояд дид.
Маро зи рӯзи қиёмат ғаме, ки ҳаст ин аст,
Ки рӯи мардуми олам дубор бояд дид.
Харобҳолии ин қасрҳои маҳкамро
Зи равзани назари эътибор бояд дид.
Куҷост фурсати гардондани варақ, Соиб,
Ба рӯи кор ҳам аз пушти кор бояд дид.

*   *   *

Нолае, к-аз дили бедард бурун меояд,
Теғе аз панҷаи номард бурун меояд.
Ранг дар обу гилам гиряи хунин нагузошт,
Лола аз турбати ман зард бурун меояд.
Чун гуҳар гарчи ҷигаргӯшаи ин дарёям,
Аз ятимӣ зи дилам гард бурун меояд.
Ғами дунё на ҳарифест, ки мағлуб шавад,
Мард аз ин маърака номард бурун меояд.
Моҳ дар зери сипар мешавад аз ҳола ниҳон,
Ҳар шабе, к-он маҳи шабгард бурун меояд.
Сабабаш тангии хона-ст, на бедардии мо,
Аз дили Соиб агар дард бурун меояд.

*   *   *

Агар аз ҳамсафарон пештар афтам, чӣ шавад?
Пеш аз ин қофила ҳамчун хабар афтам, чӣ шавад?
Соя чун кӯҳи гарон аст ба ваҳшатзадагон,
Гар зи худ як-ду қадам пештар афтам, чӣ шавад?
Ҳар кӣ дар мағз расад, пӯст бар ӯ зиндон аст,
Агар аз ҳар ду ҷаҳон бехабар афтам, чӣ шавад?
Пари парвона шуд аз сӯхтагӣ сурмаи шамъ,
Дар фурӯғи ту гар аз болу пар афтам, чӣ шавад?
Ин ки дар ҷустани айби дигарон сад чашмам,
Ба уюби худ агар дидавар афтам, чӣ шавад?
Умрҳо рафт, ки чун зулф парешони туам,
Зери пои ту шабе гар ба сар афтам, чӣ шавад?
Мурдаам, то зи дили санг бурун омадаам,
Дар дили сӯхтае чун шарар афтам, чӣ шавад?
Нест дарюзаи дидор гадоӣ, Соиб,
Аз назарбозӣ агар дарбадар афтам, чӣ шавад?

* * *

Аз ёди васл дидаи ман сер мешавад,
Маҳтоб дар пиёлаи ман шир мешавад.
Золим ба марг даст намедорад аз ситам,
Охир пари уқоб пари тир мешавад.
Ҳаргиз ба сӯи хеш намебинӣ аз ҳиҷоб,
Дар хилвати ту оина дилгир мешавад.
Даври нишот зуд ба анҷом мерасад,
Май чун ду сол умр кунад, пир мешавад.
Тӯмори шикваи ту ба афлок мерасад,
Як лаҳза рӯзии ту агар дер мешавад.
Онро, ки рӯзгор нагирад ба ҳар гуноҳ,
Чун ҷамъ шуд гуноҳ, худогир мешавад.
Аз чашми оҳувонаи Лайлӣ ҳазар кунад,
Маҷнун агарчи дар даҳани шер мешавад…
Ашки надомати ту ба доман намерасад,
Ҳарчанд бештар зи ту тақсир мешавад.
Соиб ба гиря гард баровард аз ҷаҳон,
Сели баҳорро кӣ инонгир мешавад?

*   *   *

Бе сухан ғунчалабон масти мудомам карданд,
Бода аз нашъаи сарбаста ба ҷомам карданд.
Шудам аз лоғарӣ ангуштнамо чун маҳи нав,
То дар ин доира чун моҳи тамомам карданд.
Солҳо сахтии айём кашидам чу ақиқ,
То азизони ҷаҳон соҳиби номам карданд.
Лиллаҳулҳамд, ки аз хони ҷаҳон рӯзии ман
Рағбате буд, ки мардум ба каломам карданд.
Соиб, аз бедаҳанӣ буд, ки шириндаҳанон
Қонеъ аз бӯсаи ширин ба паёмам карданд.

*   *   *

Дили санг аз шикасти донаи ман об мегардад,
Зи оҷизнолии ман осиё гирдоб мегардад.
Зи болафшонии парвона мерезам зи якдигар,
Сиришки шамъ дар вайронаам селоб мегардад.
Ба он мӯи миён аз печутоб уммедҳо дорам,
Ки мегардад яке, чун риштаҳо ҳамтоб мегардад.
Манам он моҳии ҳайрон дар ин дарёи саргардон,
Ки аз хушкӣ нафас дар коми ман қуллоб мегардад.
Надорад ҳеҷ кас чун абр оини саховатро,
Ки гавҳар мефишонад в-аз хиҷолат об мегардад.
Ба бебаргӣ қаноат бо дили бедор кун, Соиб,
Ки асбоби фароғат пардаҳои хоб мегардад.

*   *   *

Кадомин оташинсимо ба ин вайрона меояд,
Ки аз девору дар бӯи пари парвона меояд.
Тааҷҷуб нест, гар ҷон рафт бо тираш зи тан берун,
Ки бо меҳмон бурун аз хона соҳибхона меояд.
Сабук бархез, эй хори маломат, аз сари роҳам,
Ки кори сел аз занҷири ин девона меояд.
Садои шер буд овози най з-ин пеш дар гӯшам,
Кунун аз най ба гӯшам наъраи шерона меояд…
Агар бар кулбаи ман чуғзро, Соиб, гузор афтад,
Ба ҷони бенафас берун аз ин ғамхона меояд.

*   *   *

То ба кай дар хоби сангин рӯзгорам бигзарад,
Зиндагӣ дар санги хоро чун шарорам бигзарад.
Чанд авқоти гиромӣ ҳамчу тифли бесавод
Дар варақгардонии лайлу наҳорам бигзарад.
Баски нози корнашносон малулам сохтаст,
Даст мемолам ба ҳам, то вақти корам бигзарад.
Чун чароғи кушта гирам зиндагониро зи сар,
Оташинрухсорае гар бар мазорам бигзарад.
Бо хаёли ӯ қаноат мекунам, ман кистам
То висолаш дар дили умедворам бигзарад?
Аз дили пурдарду доғам захра мебозад паланг,
Пар бирезад, гар уқоб аз кӯҳсорам бигзарад.
Бо заифӣ бар забардастони олам ғолибам,
Барқ меларзад ба ҷон, к-аз хорзорам бигзарад.
Аз шукӯҳи хоксорӣ баҳр бо он дастгоҳ
Мешавад борик, то аз ҷӯйборам бигзарад.
Ман, ки чун хуршеди тобон лаъл созам сангро,
Аз шафақ, Соиб, ба хуни дил мадорам бигзарад.

*  *  *

Аз зери хок нолаи мо метавон шунид,
Беруни боғ низ наво метавон шунид.
Бовар кӣ мекунад, ки аз он чашми сурмадор
Овози дурбоши ҳаё метавон шунид.
Сангиндилӣ вагарна зи тарфи кулоҳи худ
Овози дилшикастани мо метавон шунид.
Ҳоли даруни сӯхтаҷонони шавқро
Як бор, эй биҳиштлиқо, метавон шунид.
Пайваста аст силсилаи ошиқон ба ҳам,
Аз булбулон таронаи мо метавон шунид.
Барги хазонрасида бувад тарҷумони боғ,
Аз ранги чеҳра ҳоли маро метавон шунид.
Ҳарчанд бар дили ту гарон аст бӯи гул,
Ҳарфе зи мо барои Худо метавон шунид.
Ором нест қофилаи мумкинотро,
Аз зарра-зарра бонги даро метавон шунид.
Аз дастбозии мижаҳои дарози ӯ
Соиб, сафири тири қазо метавон шунид.

*   *   *

Аввал санои ишқ фасеҳон адо кунанд,
Оре, таомро ба намак ибтидо кунанд.
Зоҳир шавад, ки халқ чӣ доранд дар бисот
Дар кишваре, ки Юсуфи моро баҳо кунанд.
Нақши мурод тарҳ ба иқбол медиҳанд
Ҷамъе, ки такягоҳи худ аз бӯрё кунанд.
Захми даҳони шиква намоён намешавад,
Мардум ба қадри ҳоҷат агар иктифо кунанд.
Олам ҳарифи душмании мо намешавад,
Моро агар ба бекасии мо раҳо кунанд.
Бошад беҳ аз мулоимати мардуми хасис,
Аҳли карам дуруштӣ агар бо гадо кунанд.
Соиб, ҷамоате, ки ба маънӣ расидаанд,
Тасхири дил ба як сухани ошно кунанд.

*   *   *

Мактуби ман ба хидмати ҷонон кӣ мебарад?
Барги хазонрасида ба бӯстон кӣ мебарад?
Ашки ману таваққуи гулгунаи асар
Тифли ятимро ба гулистон кӣ мебарад?
Девонае ба тозагӣ аз банд ҷастааст,
Ин муждаро ба ҳалқаи тифлон кӣ мебарад?
Ҳар мушкиле, ки ҳаст, гирифтам, кушуд ақл,
Раҳ дар ҳақиқати дили инсон кӣ мебарад?
Соиб, саводи шаҳр маро хуни мурда кард,
Ин дилрмидаро ба биёбон кӣ мебарад?

*   *   *

Теғи забон ба ошиқи ҳайрон чӣ мекунад?
Бо пои хуфта хори мағелон чӣ мекунад?
Як бор сар барор зи ҷайби қабои ноз,
Дасти маро бубин, ба гиребон чӣ мекунад.
Онро, ки ишқ нест, чӣ лаззат зи зиндагист?
Онро, ки ҷонситон набувад, ҷон чӣ мекунад?
Шарми ту чашмбанди тамошоиён бас аст,
Он рӯи шармнок нигаҳбон чӣ мекунад?
Дар кони лаъл лолаи сероб, гӯ, мабош,
Шамъу чароғи хоки шаҳидон чӣ мекунад?
Бе мавҷ як сафина ба соҳил намерасад,
Юсуф ҳазар зи силии ихвон чӣ мекунад?
Дил чун намонд, гӯ, хираду ҳуш ҳам намон,
Ин хонаи хароб нигаҳбон чӣ мекунад?
Беҳуда даст бар дили мо мениҳад табиб,
Бо шӯри баҳр панҷаи марҷон чӣ мекунад?
Парвонаро сароб бувад нури моҳтоб,
Лабташнаи ту чашмаи ҳайвон чӣ мекунад?
Бе ғам наёфтаст касе васли ғамгусор,
Соиб шикоят аз ғами ҳиҷрон чӣ мекунад?

* * *

Пиронасар ҳумои саодат ба ман расид,
Вақти завол сояи давлат ба ман расид.
Софе, ки буд, қисмати ёрони рафта шуд,
Дурди шаробхонаи қисмат ба ман расид.
Бе осиё зи дона чӣ лаззат барад касе,
Дандон намонда буд, чу неъмат ба ман расид.
Шуд меҳрубон сипеҳр ба ман охири ҳаёт,
Дар вақти субҳ хоби фароғат ба ман расид.
Шуд синачок ҳамчу садаф устухони ман,
То қатрае зи абри мурувват ба ман расид.
Чун чашми ёр аз нафасам гарди сурма хост,
То гӯшаи зи олами ваҳшат ба ман расид.
Сайёд бе камин ба шикоре намерасад,
Ин файзҳо зи гӯшаи узлат ба ман расид.
Ин хӯшаҳои гавҳари сероб ҳамчу тоб
Соиб, зи файзи ашки надомат ба ман расид.

*  *  *

Бутон, ки хуни шаҳодат чу об менӯшанд,
Кучо зи соғари мино шароб менӯшанд?
Чу риштаанд ба хуни ҳичоб хубоне,
Ки бода бо ҳама кас беҳичоб менӯшанд.
Чӣ кишварест муҳаббат, ки хоксоронаш
Зи косаи сари гардун шароб менӯшанд.
Дили сиёҳдарунон намешавад равшан,
Агар май аз қадаҳи офтоб менӯшанд.
Расидаанд ба сарчашмаи ризо чамъе,
Ки оби талх ба чои гулоб менӯшанд.
Ба марг шуста нагардад зи дил муҳаббати май,
Ба хоб ташналабон доим об менӯшанд.
Магар зи рӯзи ҳисобанд бехабар, Соиб,
Чамоате, ки майи беҳисоб менӯшанд.

*  *  *

Ку чунун, то хоки бозигоҳи тифлонам кунад,
Рӯ ба ҳар чониб, ки орам, сангборонам кунад.
Ҳаст бемории маро сиҳҳат чу чашми дилбарон,
Мешавам маъмуртар чандон, ки вайронам кунад.
Рӯи гул шуд оташин аз шуълаи овози ман,
Аз мурувват нест берун з-ин гулистонам кунад,
Бастаам чашм аз тамошои Зулайхои фалак,
Чашми он дорам, ки бо Юсуф ба зиндонам кунад.
Мефишорам чун садаф дандони ғайрат бар чигар,
Гар ба чои обрӯ гавҳар ба домонам кунад.
Гар ба даст афтад чу моҳи нав лаби ноне маро,
Халқ з-абрӯи ишорат тирборонам кунад.
Нури ман чун барқ, Соиб, пардасӯз афтодааст,
Нестам барқе, ки пинҳон зери домонам кунад.

* * *

Ҳусн чун бепарда шуд, дилҳо ба хун ғалтон шавад,
Хок атласпӯш гардад, теғ чун урён шавад…
Нолаи ушшоқ созад ҳуснро бераҳмтар,
Оташи гулро фиғони булбулон домон шавад.
Марг натвонад зи кӯяш пои ман кӯтоҳ кард,
Хор дар айёмӣ хушкӣ ҳофизи райҳон шавад.
Май гарон гардидааст аз майпарастиҳои ман,
Тавба аз май мекунам чандон, ки май арзон шавад.
Ишқ моро бениёз аз дарду доғи даҳр сохт,
Мулки вайрон аз адолат зуд ободон шавад.
Дар нагирад суҳбати зоҳид ба софимашрабон,
Зишт дар як дидан аз оина рӯгардон шавад.
Мерасад файзи сабукрӯҳон ба атрофи ҷаҳон,
Мешавад офоқ равшан, субҳ чун хандон шавад.
Мекунад нони бахил оинаи дилро сиёҳ,
Вой бар он кас, ки бар хони фалак меҳмон шавад.
Ҷанг дорад золим аз беолатӣ бо хештан,
Хуни худро мехӯрад гурге, ки бедандон шавад.
Сел бекор аст, чун аз худ барорад хона об,
Нафс чун туғён намояд, бартар аз шайтон шавад.
Хомаи Соиб чу оғози гуҳаррезӣ кунад,
Зиндарӯди тозае пайдо дар Исфоҳон шавад.

* * *

Беғараз чун шуд сухан, таъсири дигар медиҳад,
Оби равшанро садаф ташрифи гавҳар медиҳад.
Азм чун афтод содиқ, роҳбар даркор нест,
Иштиёқи васли шаккар мӯрро пар медиҳад.
Доғро дар синаи ман чун сипанд ором нест,
Ин замини гарм ёд аз дашти маҳшар медиҳад.
Оҳ аз ин гардуни камфурсат, ки мегардад саҳар,
Дар сари шаб ҳар киро чун шамъ афсар медиҳад.
Ҳар киро шамшери ғайрат дар ниёми занг нест,
Номаро рангинӣ аз хуни кабӯтар медиҳад.
Ҳар гадочашме надорад роҳ дар даргоҳи дил
Варна коми ҳар ду оламро ҳамин дар медиҳад.
Мо ба дасти танг хурсандем варна рӯзгор
Ин гиреҳро дар ивaз сад иқди гавҳар медиҳад.
Мекунад, Соиб, гаронбораш зи доғи бебарӣ,
Дил ба ҳар кас чарх афзун чун санавбар мекунад.

* * *

Ба кафи шуъла агар нақди шарар меояд,
Дили рамкардаи мо ҳам зи сафар меояд.
Ҳаст то бар фалак аз ахтари сайёра асар,
Санг бар шишаи арбоби ҳунар меояд.
Даст печидану дил бурдану пинҳон гаштан –
Ҳар чӣ мегуӣ, аз он мӯйкамар меояд.
Ин на дарёст, ки аз ковиши ин сангдилон –
Ашки талхест, ки аз чашми гуҳар меояд.
Лола дорад хабар аз барқи сабуксайри баҳор,
Ки нафассӯхта аз хок бадар меояд.
Чархро оҳи шарарбори ман аз ҷо бардошт,
Деги камҳавсалагон зуд ба сар меояд.
Соиб, аз сайри гулистони сухан меоям,
Гули хуршед маро кай ба назар меояд.

*   *   *

Подшоҳӣ на ба симу зару гавҳар бошад,
Ҳар киро садди рамақ ҳаст, Сикандар бошад.
Ҳарфи сомон мазан, эй хоҷа, ки дар кишвари ишқ
Ҳар кӣ оҳаш ба ҷигар нест, тавонгар бошад.
Ҳеҷ дарде батар аз офияти доим нест,
Талхии тоза беҳ аз қанди мукаррар бошад…
Зиндагӣ бе ҷигари сӯхта зулм аст, арна
Ҷоми табхолаи мо бар лаби Кавсар бошад.
Пеши ҷамъе, ки зи миннат дилашон сӯхтааст,
Ташналаб мурдан аз иқболи Сикандар бошад.
Най маҳол аст, ки аз банд халосӣ ёбад,
То дилаш дар гарави суҳбати шаккар бошад.
Бо адаб бо ҳама сар кун, ки дили шоҳу гадо
Дар тарозуи мукофот баробар бошад.
Масти нозе, ки дили ваҳшии мо кард шикор,
Шоҳбозаш майи чун хуни кабӯтар бошад.
Сабр бар сӯзи дилу ташналабӣ кун, Соиб,
Ки чу дил об шавад, чашмаи Кавсар бошад.

*   *   *

Ёди рӯяш на чароғест, ки хомӯш кунанд,
Намаке нест лаби ӯ, ки фаромӯш кунанд.
Накунад бодаи равшан ба хирадҳои заиф,
Он чӣ чашмони сияҳмасти ту бо ҳуш кунанд.
Кори сад ратли гарон мекунад аз шодобӣ,
Гавҳареро, ки зи гуфтори ту дар гӯш кунанд.
Доим аз ғайрати хунобакашонанд кабоб
Нотавонон, ки шабу рӯз қадаҳ нӯш кунанд.
Қад барафроз, ки симинбаданон нақди ҳаёт
Ҳамчу гул сарф ба хамёзаи оғӯш кунанд.
Ишқ болотар аз он аст, ки пинҳон гардад,
Шуъла раънотар аз он аст, ки хомӯш кунанд.
Софтабъон, ки ба зиндони бадан маҳбусанд,
Хиштро аз сари хум дур ба як ҷӯш кунанд.
Нест мумкин, ки ба меъроҷи иҷобат нарасад,
Ҳар дуое, ки дар он субҳи баногӯш кунанд.
Сардмеҳрони ҷаҳон гар ҳама сарсар гарданд,
Дили равшан на чароғест, ки хомӯш кунанд.
Маст оянд ба саҳрои қиёмат, Соиб,
Халқ агар аз дили худ фикри туро гӯш кунанд.

*    *    *

Ҳар кӣ дар занҷири он мушкинсалосил монд, монд.
Укдае, к-аз печутоби зулф дар дил монд, монд.
По кашидан мушкил аст аз хоки домангири ишқ,
Ҳар киро чун сарв ин ҷо пой дар гил монд, монд.
Ноқис аст он кас, ки аз файзи ҷунун комил нашуд,
Дар чунин фасли баҳорон ҳар кӣ оқил монд, монд.
Мебарад ишқ аз замин бар осмон арвоҳро,
З-ин далели осмонӣ ҳар кӣ ғофил монд, монд.
Роҳпаймоӣ нагардад ҷамъ бо осудагӣ,
Ҳар кӣ ӯ домон таҳи девори манзил монд, монд.
Ташнаи оғӯши дарёро таносоӣ балост,
Чун садаф ҳар кас, ки дар домони соҳил монд, монд.
Нест мумкин нақши поро аз замин бархостан,
Ҳар гаронҷоне, ки дар дунболи маҳмил монд, монд.
Фурсате то ҳаст, берун ой аз зиндони ҷисм,
Дар баҳорон тухми бедардӣ, ки дар дил монд, монд.
Ҳар диле, к-аз бими оташҳои безинҳори ишқ
Чун сипанди хом дар беруни маҳфил монд, монд.
Сел, ҳайҳот аст, то дарё кунад ҷое маком,
Як қадам ҳар кас, ки дар ҳамроҳии дил монд, монд.
Чашми қурбонӣ нагардонад варақ то рӯзи ҳашр,
Дидаи ҳар кас, ки дар дунболи қотил монд, монд.
Мешавад ҳар дам аҷабтар нақши рӯзафзуни ҳусн,
Ҳар киро аз ҳайрат ин ҷо даст бар дил монд, монд.
Бесаранҷомист Хизри роҳи бепоёни ишқ,
Ҳар кӣ дар фикри сарусомони манзил монд, монд.
Барнамегардад зи гулшан шабнам аз оғӯши меҳр,
Ҳар кӣ, Соиб, маҳви он шириншамоил монд, монд.

*   *   *

Бе рӯи ту дил ҳар кӣ ба оина гузорад,
Чун ташна, ки бар реги равон сина гузорад.
Ҳар дасти нигорин, ки барорад зи бағал сарв,
Пеши қади раънои ту бар сина гузорад.
Ҳар рӯз ниҳад дар дили ман санги маломат,
Дасте, ки гуҳар дар дили ганҷина гузорад.
Ин даст, ки ишқи ту ба тороҷ барорад,
Мушкил, ки ба мо хирқаи пашмина гузорад.
Муфт аст агар сангдилиҳои муаллим,
Дилҷӯии атфол ба одина гузорад.
Соиб, сухан аз меҳр ҳамон беҳ, ки нагӯяд
Ҳар кас, ки ба дилҳо асар аз кина гузорад.

* * *

Зи ҳарф бар лаби ширини ӯ асар монад,
Кӣ дида нақши пайи мӯр бар шакар монад?
Нисори сӯхтагон соз хӯрдаи ҷонро,
Ки чун ба сӯхта пайвастаӣ, шарар монад.
Зи навбаҳор чӣ гул чинад он назарпардоз,
Ки дар мушоҳидаи нақши болу пар монад.
Ба сар наёмада тӯмори умр, ҷаҳде кун,
Ки чун қалам зи ту дар ҳар қадам асар монад.
Хушо касе, ки аз ин хокдон чу даргузарад,
Зи нақши пой чароғе ба раҳгузар монад.
Куҷост гӯшаи осудае, ки чун наълайн
Хаёли пучи ду олам буруни дар монад?
Дар ин баҳор, ки як дона зери хок намонд,
Раво мадор, сари мо ба зери пар монад.
Ба ханда зиндагии хешро мадеҳ бар бод,
Ки дар чаман гули нашкуфта бештар монад.
Ду зулфи ёр ба ҳам он қадар намемонад,
Ки рӯзи мову шаби мо ба якдигар монад.
Зи фикри бешуками ризқ дил махӯр, Соиб,
Ки роҳ тай шаваду тӯша дар камар монад.

*   *   *

Осмон то буд, бо мо дар сари бедод буд,
Рӯи мо доим ба тарфи силии устод буд.
Сарв чун шамшери заҳролуда меояд ба чашм,
Баски аз сайри гулистон бе ту дил ношод буд.
Зинҳор аз хирқаороён машав ғофил, ки ман
Ҳар хашанпӯше, ки дидам, хонаи сайёд буд.
Аз қабули халқ дил сарриштаро гум карда буд,
Дасти рад дар синаи мо силии устод буд.
Ёди айёме, ки моро бар сар аз озодагӣ
Сояи боли ҳумо чун сояи ҷаллод буд.
Мекунад аҳли ҳунар номи бузургонро баланд,
Бесутун овозае гар дошт, аз Фарҳод буд.
Кам балое нест, Соиб, пурсиши арбоби расм,
Чашмзахми иди мо доим муборакбод буд.

*   *   *

Оқибат дар синаам дил аз тапидан бозмонд,
Баски пар зад дар қафас ин мурғ, аз парвоз монд.
Рафт айёми шабобу хор-хори ӯ нарафт,
Мушти хошоке зи сели навбаҳорон бозмонд.
Нохуне бар дил назад моро дар ин олам касе,
Нағмаи маҳбуби мо дар пардаи ин соз монд.
Марди ҳақро чун шиносад зоҳиди худношинос,
Чун расад дар дигаре ҳар кас, ки аз худ бозмонд?
Аз забони нарм хокистар бар оташ даст ёфт,
Шамъ аз оташзабонӣ дар даҳони гоз монд.
Сӯхтам, аз хотирам занги кудурат барнахост,
Рафт хокистар ба бод, оина бе пардоз монд.
Хомӯшӣ, Соиб, калиди бастагиҳои дил аст,
Булбули мо дар қафас аз шуълаи овоз монд.

*   *   *

Ба заҳри чашм битвон кушт душманро чу кор афтад,
Намехоҳам, ки чашми ман ба чашми рӯзгор афтад.
Ҳуҷуми зоғ хоҳад нахли мотам кард сарвашро,
Ба фикри андалебон инчунин гар навбаҳор афтад.
Аз он рухсори шабнамхез чун гул парда як сӯ кун,
Ки чун барги хазон булбул ба хок аз шохсор афтад.
Тамоми шаб назарбозӣ кунад бо доми зулфи худ,
Надидам ҳеҷ сайёде чунин ошиқшикор афтад.
Чӣ афтода-ст сар аз байза берун оварад, Соиб,
Навосанҷе, ки дар фикри қафас аз шохсор афтад.

*   *   *

Ба ин мангар, ки бар лаб муҳр он хуршедрӯ дорад,
Ки бо ҳар зарра чун хуршед чандин гуфтугӯ дорад.
Ба ғайр аз гармрафторӣ мани бекас киро дорам,
Дар ин шабҳо чароғам пеши роҳи ҷустуҷӯ дорад.
Варақгардонии боди хазон дорад нафасгираш,
Зи гул ҳар кас, ки чун булбул назар бар рангу бӯ дорад…
Кунад аз хоксорон ағниё дарюзаи ҳиммат,
Ки соғарҳои заррин чашм бар дасти сабӯ дорад.
Гуворо бод завқи гиряи пинҳон бар он булбул,
Ки гулро дар либоси ашки шабнам тозабӯ дорад.
Мабош, эй покдоман, аз шабехуни ҳавас эмин,
К-аз ин беобрӯ пероҳани Юсуф руфӯ дорад.
Чунон носозгорӣ ом шуд дар рӯзгори мо,
Ки тифл аз шири модар устухон андар гулӯ дорад.
Марез оби рухи худ баҳри оби зиндагӣ, Соиб,
Ки Хизри вақт гардад ҳар кӣ поси обрӯ дорад.

*   *   *

Ба даври ҳусни ту бо гулситон кӣ пардозад?
Ба лолаву сумaну арғувон кӣ пардозад?
Насим дар сакарот асту гул парешонҳол,
Ба андалеб дар ин бӯстон кӣ пардозад?
Ба водие, ки сабил аст, хуни нофаи мушк,
Ба ашки гарму дили хунчакон кӣ пардозад?
Зи шӯри ҳашр муҳобо намекунад ошиқ,
Ба гуфтугӯи маломатгарон кӣ пардозад?
Намекунанд таваҷҷуҳ ба Хизр гармравон,
Ба нақши пову ба санги нишон кӣ пардозад?
Дил аз ҳавосу ҳавосам зи дил парешонтар,
Ба ҷамъ кардани ин корвон кӣ пардозад?
Чунин, ки сели ҳаводис сабукинон шудааст,
Дар ин замона ба хоби гарон кӣ пардозад?
Ба оби теғи ту бурданд роҳ сӯхтагон,
Дигар ба зиндагии ҷовидон кӣ пардозад?
Дар он ҳарим, ки роҳи сухан надорад шамъ,
Ба шикваи мани кӯтаҳзабон кӣ пардозад?
Ба рӯи гарми баҳорон намекунад иқбол,
Ба ҳусни по ба рикоби хазон кӣ пардозад?
Кунун, ки булбули мо завқи хор-хор шинохт,
Дигар ба хору хаси ошён кӣ пардозад?
Бисоти оинатабъон ба гарди ҳодиса рафт,
Дигар ба тӯтии шаккарзабон кӣ пардозад?
Дар ин замон, ки ба дармон намонд дарди сухан,
Ба фикри Соиби оташзабон кӣ пардозад?

*   *   *

Барқи мо нагзошт дуд аз хору хас гардад баланд,
Пеши мо кай нолаи аҳли ҳавас гардад баланд.
То зи дарё сар бурун овард, холӣ шуд ҳубоб,
Зуд мерезад биное, к-аз нафас гардад баланд.
Сабр чун дандони навмедӣ гузорад бар ҷигар,
Нолаи мазлум аз фарёдрас гардад баланд.
Ончунон лабрези афғонам, ки аз ҳар захми ман
Нола чун чоки гиребони ҷарас гардад баланд.
Аз сари мастӣ сурохӣ гардане афрохтаст,
Оҳ, агар дасти гулӯгири асас гардад баланд.
Ҷазбаи булбул чу даст аз остин берун кунад,
Оташи гул, Соиб, аз чӯби қафас гардад баланд.

*   *   *

То нагардад маҳв анҷум, меҳр тобон кай шавад?
То нарезад ашк гардун, субҳ хандон кай шавад?
Ҷилваи адл аст дар чашми ситамгар зулмро,
Осмон аз кардаҳои худ пушаймон кай шавад?
Гирдбоди осмон дар водии ишқ аст маҳв,
Дар чунин даште ғубори мо намоён кай шавад?
Синаи ошиқ намебошад тиҳӣ аз дарду доғ,
Хонаи аҳли карам холӣ зи меҳмон кай шавад?
Ҳар ҳавасноке, ки сӯзад доғ, аҳли ишқ нест,
Дев агар ангуштарӣ ёбад, Сулаймон кай шавад?
Бо чароғи барқ меҷӯяд заифонро саҳоб,
Дар баҳор ин дона зери хок пинҳон кай шавад?
Ошиқи пурдил намеандешад аз захми забон,
Сел аз дарё ба хоре рӯйгардон кай шавад?
Пеши мардон мекушояд ишқ, Соиб, хешро,
Ҳар кучо марде набошад, теғ урён кай шавад?

* * *

Набинад зери пои хеш, раъно инчунин бояд,
Напардозад ба кас, оинасимо инчунин бояд.
Зи шаккархандааш ҳар чашми мӯре тунги шаккар шуд,
Такаллуф бартараф, лаъли шакарҳо инчунин бояд.
Фалакро сабзаи хобида донад қадди раънояш,
Қиёматҷилвагонро қадду боло инчунин бояд.
Нашуд аз дидаи Фарҳод ғоиб сурати Ширин,
Бинои Бесутунро корфармо инчунин бояд.
Зи гардиш монд даври осмон чун чашми қурбонӣ,
Иёри ҷилваҳои ҳайратафзо инчунин бояд.
Зи нақши пои ман рӯи замин дарёи оташ шуд,
Талабгори туро оташ таҳи по инчунин бояд.
Ба нили чашмзахмаш нест чархи нилгун кофӣ,
Азизи Мисрро рухсори зебо инчунин бояд.
Надорад водии мо лолазоре ғайри бӯи хун,
Зи худ рамкардаро домони саҳро инчунин бояд.
Ниҳодам даст то бар дил, ҷунуни ман яке сад шуд,
Зи лангар мешавад шӯрида, дарё инчунин бояд.
Накард аз хоби ҳайрат ҷӯши дил бедор Соибро,
Нигоҳи ошиқон маҳви тамошо инчунин бояд.

* * *

Ҳар кӣ гуфтори савоб аз сари ғафлат шунавад,
Мояи ҷаҳл шавад, ҳарчи зи ҳикмат шунавад.
Дили огоҳ дар ин ғамкада чун шод шавад,
Ки зи ҳар зарраи ӯ нолаи ҳасрат шунавад.
Аз забонбозии амвоҷ садаф осуда-ст,
Ғарқаи ишқ куҷо ҳарфи маломат шунавад.
Рутбаи замзамаи ишқ надорад зоҳид,
Бигузоред, ки овозаи ҷаннат шунавад.
Рӯзгорест, ки тасдиқ намебояд кард,
Агар аз субҳ касе ҳарфи садоқат шунавад.
Сахтрӯе, ки ба худ роҳи насиҳат баста-ст,
Бош то як ба як аз ашки надомат шунавад.
Дили огоҳ зи ҳар зарра шавад пандпазир,
Мурдадил аз даҳани гӯр насиҳат шунавад.
Андалебе, ки зи таъҷили баҳор огоҳ аст,
Аз шакарханди гул овозаи реҳлат шунавад.
Ҳар кӣ аз нармзабонӣ нашавад нарм дилаш,
Сухани сахт зи ҳар санги маломат шунавад.
Нест пеши ту хабар варна зи ҳар зарраи хок
Гӯши маъниталаб асрори ҳақиқат шунавад.
Қиссаи ишқ кунад об дили мардонро,
Нест афсона, ки ҳар тифл ба рағбат шунавад.
Дари тавфиқ шавад боз ба рухсори касе,
К-аз таҳи дил сухани аҳли ҳақиқат шунавад.
Ҳамчу парвона ҷигарсӯхтае мебояд,
Ки зи хокистари мо бӯи муҳаббат шунавад.
Бодаи ноб ба соғар кунад аз пардаи гӯш,
Ҳар кӣ, Соиб, сухани талх ба рағбат шунавад.

* * *

Висол бо мани хунинҷигар чӣ хоҳад кард?
Ба талхкомии дарё шакар чӣ хоҳад кард?
Аз он фасурдатарам, к-аз маломат андешам,
Ба хуни мурдаи ман нештар чӣ хоҳад кард?
Манам, ки пой ба доман кашидаам чун кӯҳ,
Дароздастии мавҷи хатар чӣ хоҳад кард?
Чӣ сарфа мебарад аз интиқоми ман дӯзах,
Ба домани тари ман як шарар чӣ хоҳад кард?
Нашуд зи бепаруболӣ кушода кор маро,
Ба ман мусоидати болу пар чӣ хоҳад кард?
Гирифтам ин ки шавад рӯзгор рӯинтан,
Ба теғбозии оҳи саҳар чӣ хоҳад кард?
Маро зи ёди ту бурду туро зи хотири ман,
Ситам замона аз ин бештар чӣ хоҳад кард?
Зи пой то ба сараш нозу ишва меҷӯшад,
Ба он ниҳол ҳуҷуми самар чӣ хоҳад кард?
Ба ғунчае, ки зи пайкон фасурдатар шудааст,
Гиреҳкушоии боди саҳар чӣ хоҳад кард?
Ба тӯтие, ки зи заҳри фироқ сабз шудаст,
Зи дур дидани тунги шакар чӣ хоҳад кард?
Зи хушксол нагардад даҳони гавҳар хушк,
Фалак ба мардуми равшангуҳар чӣ хоҳад кард?
Зи ақли яктана, Соиб, дилам шикоят дошт,
Сипоҳи ишқ ба ин буму бар чӣ хоҳад кард?

* * *

Панди носеҳ ба ҷунуни мани афгор фузуд,
Шарбати талх ба бадхӯии бемор фузуд.
Ишқ аз рӯзи азал ин ҳама душвор набуд,
Ҳар кӣ дар дил гиреҳе дошт, ба ин тор фузуд.
Ҳеҷ кас уқдае аз кори ҷаҳон боз накард,
Ҳар кӣ омад, гиреҳе чанд бар ин кор фузуд.
Ҳар кӣ омад, ғаме аз рӯи дилам бардорад,
Рахнае чанд бар ин синаи афкор фузуд.
Гармтар кард мани сӯхтаро захми забон,
Шуълаи оташи сӯзон зи хасу хор фузуд.
Оҳ, аз ин расм, ки ҳарчанд, ки мушкил шуд роҳ,
Ишқи Соиб ба дили роҳравон бор фузуд.

*   *   *

Ҷон ба танг омад зи кулфат, ғамгусоронро чӣ шуд?
Дил ба ҷон омад зи ваҳшат, дилшикоронро чӣ шуд?
Зоҳидони сангдил бастанд агар киштӣ ба хушк,
Ҳиммати дарёрикоби майгусоронро чи шуд?
Барнамеоранд хоре ҳамраҳон аз пои ҳам,
Гар дили сӯзан зи оҳан гашт, ёронро чӣ шуд?
Офият дар рӯзгору равшанӣ дар сӯз нест,
Кас намедонад, ки рӯзи рӯзгоронро чӣ шуд?
Сардӣ аз ҳам мебарад боди хазон бо гулситон,
Нолаҳои синаи гарми ҳазоронро чӣ шуд?
Умрҳо шуд хок аз таҳҷуръае лаб тар накард,
Ҳиммати беихтиёри бодахоронро чӣ шуд?
Нест гар оби мурувват дидаи аҳбобро,
Гиряи мастонаи абри баҳоронро чӣ шуд?
Не зи дил мондаст дар олам асар, не з-аҳли дил,
Ё Раб, ин оинаи оинадоронро чӣ шуд?
Бахт чун баргашт, баргаштанд ёрон сар ба сар,
То ба кай, Соиб, хабар пурсӣ, ки ёронро чӣ шуд?

* * *

То манзили ман бодияи бехабарӣ буд,
Ҳар мавҷи саробам ба назар болу паре буд.
Чун сарв дар ин боғ зи озодагии хеш
Боре, ки маро буд ба дил, бесамарӣ буд.
З-он рӯз, ки шуд дидаи ман боз чу наргис,
Авроқи дилам сарфи парешонназарӣ буд.
Буд аз дами шамшер дами субҳи нишотам,
То ҷавшани довудии ман бехабарӣ буд.
Расвоии шамъ аст зи пироҳани фонус,
Дар парда сухан гуфтани ман пардадарӣ буд.
Аз аҷз чу шабнам нафитодем дар ин боғ,
Афтодагии мо гули равшангуҳарӣ буд.
Ёре, ки ғубор аз дили ғамдидаи мо бурд,
Беминнату бемузд насими саҳарӣ буд.
Чун партави хуршед, ки дар оина афтад,
Аз умр ҳамин баҳраи ман ҷилвагарӣ буд.
Соиб, чӣ тавон кард ба таклифи азизон
Варна тарафи Хоҷа шудан бебасарӣ буд.

* * *

Маро, ки бастагии қуфл аз калид бувад,
Дигар чӣ дилнигаронӣ ба маҳи ид бувад.
Ҷаҳон зи субҳи шакархандаи ту равшан шуд,
Кӣ дидааст шакар ин қадар сафед бувад?
Агар сипеҳр ба беҳосилон надорад лутф,
Набот баҳри чӣ паҳлунишини бед бувад?
На дил, на бӯса, на дашном медиҳад лаби ӯ,
Балост душмани ҷоне, ки нопадид бувад.
Агар ду ид бувад халқро ба соли дароз,
Маро зи номи ту ҳар соате баид бувад.
Ба як табассуми дуздида сайди Соиб кун,
Зи хони лутфи ту бо он ки ноумед бувад.

* * *

Бодро роҳ дар он турраи печон набувад,
Шонаро даст бар он зулфи парешон набувад.
Дар шаҳодат дили ман ҳиммати дигар дорад,
Нашавам кушта ба захме, ки намоён набувад.
Андалебе, ки ба ҳар ғунча дилаш меларзад,
Беҳтар он аст, ки дар саҳни гулистон набувад.
Шонаро нохуни тадбир ба сарпанҷа намонд,
Мушкили зулф кушудан зи ҳам осон набувад.
Дил зи тасхири сари зулфи ту шуд шодимарг,
Мӯрро ҳавсалаи мулки Сулаймон набувад.
Суҳбати духтари раз турфа хуморе дорад,
Ҳеҷ кас нест, ки аз тавба пушаймон набувад.
Шармгинон ба хамӯшӣ адаби хасм кунанд,
Теғи ин тоифа дар маърака урён набувад.
Мисрае сар назанад аз лаби фикрат, Соиб,
Агар он зулфи сияҳ силсилаҷунбон набувад.

* * *

Чун зи тоби май рухат бар лола паҳлӯ мезанад,
Ғунча дар пеши гули рӯи ту зонӯ мезанад.
Чун шавад аз оразаш оби тароват мавҷзан,
Аз хиҷолат дасти худ оина бар рӯ мезанад.
Аз шабехуни хазон сангаш ба мино мехӯрад,
Боғ, к-аз бодом хоби чорпаҳлу мезанад.
Дар хилофи ваъдаат абрӯ саромад гаштааст,
Дар каҷиҳо ин тарозу, ростӣ, мӯ мезанад.
Кист, то ҳамчашми ёри шӯхчашми мо шавад,
Ҳар нигоҳаш бар сари сад дашт оҳу мезанад.
Соиб, аз бас синаро аз меҳр сайқал додаем,
Пеши мо, софидилон, оина зонӯ мезанад.

*   *   *

Мунъим аз хоби адам тираравон бархезад,
Ҳар кӣ шаб сер хӯрад, субҳ гарон бархезад.
Ҳар киро сайри мақомот бувад дар хотир,
Беҳ, ки чун най зи замин баста миён бархезад.
Шукр ҳангоми шикоят ба забон меорам,
Сабза аз оташи ман ҷои духон бархезад.
Ҳама бар ҷои худ, эй тозаниҳолони чаман,
Бинишинед, ки он сарви равон бархезад.
Бар сари турбати ҳар кас гузарӣ чун наргис,
То қиёмат дилу чашми нигарон бархезад.
Дилбарӣ нест ба абрӯи каҷу қомати рост,
Бе камондор чӣ аз тиру камон бархезад?
Эй, ки чун ғунча ба шерозаи худ менозӣ,
Бош, то силсилаҷунбони хазон бархезад.
Аз хазон зеру забар гашт гулистон, Соиб,
Шабнами мо нашуд аз хоби гарон бархезад.

*   *   *

Сурохие, ки дами субҳ қулқуле дорад,
Чу булбул аст, ки мадди назар гуле дорад.
Забони шона зи васфаш ба якдигар печад,
Куҷо биҳишт чу он зулф сунбуле дорад.
Сарам зи шуълаи савдо чу дуд мегардад,
Магар дилам сари пайванди кокуле дорад.
Кулоҳ шуъла агар каҷ ниҳад, сазовор аст,
Гули чароғ чу парвона булбуле дорад.
Зи ҳоли Соибу навмедияш чӣ мепурсӣ,
Намерасад ба ту告 дасташ, таваккуле дорад.

* * *

Маст асту ханда бар мани маҳҷур мекунад,
Кони намак бубин чӣ ба носур мекунад.
Наздики ӯ агарчи маро роҳи ҳарф нест,
Аммо нигоҳбониям аз дур мекунад.
Мо сулҳ мекунем ба як кавкаб аз фалак,
Хирман чаро музоиқа бо мӯр мекунад.
Сарсабз бод ток, ки зуҳҳоди хушкро
Силизанон зи сояи худ дур мекунад.
Ғайр аз сипанди сӯхтаҷон дар ҳарими ӯ
Дигар кӣ ёди Соиби маҳҷур мекунад?

* * *

Гардиши сол аст май дар соғари ишрат кунед,
Гӯши миноро тиҳӣ аз пунбаи ғафлат кунед.
Сураи ёсин чӣ мехонед чил навбат ба ёр,
Норпистоне ба даст ореду сад ишрат кунед.
Офтоб имрӯз дар бурҷи шараф по мениҳад,
Даст пеш ореду бо ҷоми сабӯ байъат кунед.
Шабнишин бо маҳҷабинон чашм равшан мекунад,
Ҳамчу шамъи қадрдон сар дар сари суҳбат кунед.
Осмон дар санги анҷум санглохи тафриқаст,
То муяссар ҳаст, эй аҳбоб, ҷамъият кунед.
Бармадоред аз нигоҳи чашм, агар афтад ба даст,
Гӯшаи чашме, к-аз ӯ идроки кайфият кунед.
Юсуфи мо дар тарозу чанд бошад ҳамчу санг,
Эй, ба ҳиммат аз Зулайхо камтарон, иззат кунед.
Ин ғазалро тоза Соиб дар қалам овардааст,
Дар навиштан, дӯстон, бар якдигар сабқат кунед.

*  *  *

То ғунчаи шикояти ман во намешавад,
Ин уқдаҳо зи зулфи сухан во намешавад.
Сад ханда булбул аз гули тасвир во кашид,
Он ғунчалаб ҳанӯз ба ман во намешавад.
Занги кудурат аз дили ғурбатпарасти ман
Бе сайқали ҷилои ватан во намешавад.
Аз санги кӯдакон битарошед лавҳи ман,
К-ин хор-хор аз сари ман во намешавад.
Хуш вақти булбуле, ки тавонад сафир зад,
З-афсурдагӣ лабам ба сухан во намешавад.
Эй ақли хушкмағз, бирав, дарди сар мадеҳ,
Бе бода табъи аҳли сухан во намешавад.
Соиб, куҷо равем, ки ҳар ҷо, ки меравем,
Аз сар ҳавои ҳубби ватан во намешавад.

* * *

Хуш он гурӯҳ, ки масти баёни якдигаранд,
Зи ҷӯши фикр майи арғувони якдигаранд.
Намезананд ба санги шикаст гавҳари ҳам,
Пайи ривоҷи матои дукони якдигаранд.
Даромадам чу ба маҷлис, сипанд ҷой намуд,
Ситорасӯхтагон қадрдони якдигаранд.
Зананд бар сари ҳам гул зи мисраи рангин,
Зи фикри тоза гули бӯстони якдигаранд.
Ҳубобвор надоранд чашм бар Кавсар,
Зи шеърҳои тар оби равони якдигаранд.
Зи хони ризқ ба як ранг чашм дӯхтаанд,
Чу доғи лола ба хун меҳмони якдигаранд.
Чӣ эҳтиёҷ ба гулзор ғунчачинонро,
Ки аз кушоди ҷабин гулситони якдигаранд.
Фитодагон ба фалак сар фурӯ намеоранд,
Ки аз баландии табъ осмони якдигаранд.
Ба ғайри Соиби маъсуму нуктасанҷ Калим,
Дигар кӣ з-аҳли сухан меҳрбони якдигаранд.

*   *   *

Кайфияти май зоҳиди фарзона надонад,
То сар накунад дар сари паймона, надонад.
Зоҳид, ки бувад хушктар аз донаи тасбеҳ,
Ҳаққи намаки гиряи мастона надонад.
Дар Каъбааму «ё санам» ояд ба забонам,
Саргарми ҷунун Каъбаву бутхона надонад.
Бо он ки дусад майкада пардохтаи мост,
Май хӯрдани моро лаби паймона надонад.
Он булбули мастам, ки агар дар шикани дом
Дар бол гиреҳ афтадам аз дона, надонад.
Шӯхе, ки надорад нигаҳи гарм ба ошиқ,
Шамъест, ки дилсӯзии парвона надонад.
Ҳар кас ба сухан хешии наздик надорад,
Соиб, мазаи маънии бегона надонад.

* * *

Зи дини ноқисам аз сабҳа истиғфор бархезад,
Зи нанги куфри ман мӯ бар тани зуннор бархезад.
Бигир аз оташи сӯзанда таълими сабукрӯҳӣ,
Ки бо он саркашӣ дар пеши пои хор бархезад.
Ба худ чун мор мепечам зи рашки зулф, кай бошад,
Ки ин абри сияҳ з-он домани гулзор бархезад.
Агар васфи сари зулфи ту дар тӯмор бинвисам,
Чу шамъи кушта дудам аз сари тӯмор бархезад.
Абас сайқал арақ мерезад аз баҳри ҷилои ман,
Аҷаб дорам, ки аз оинаам зангор бархезад.
Чунин, к-афтодаам аз кохи дил, нашъунамо мушкил,
Ки мӯ аз пайкарам чун коҳ аз девор бархезад.
Зи тарзи тоза, Соиб, доғ созам нуктасанҷонро,
Аҷаб дорам, к-аз Омул чун ту хушгуфтор бархезад.

* * *

Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд.
Равшандилон чу барқ гузаштанд аз ҷаҳон,
Хокистаре ба ҷой аз ин корвон намонд.
Дарбаста монд дидаи Яъқуб з-интизор,
Аз қосидони Мисри мурувват нишон намонд.
Мурғони нағмасанҷ ҷилои ватан шуданд,
Ҷуз байзаи шикаста дар ин ошён намонд.
Дар гулшани ҳамешабаҳори биҳишти ҷуд
Барге зи боддастии фасли хазон намонд.
Аз чашми сурмадори давот об шуд равон,
Ширинзабонии қалами нуктадон намонд.
Соиб, забони хома ба коми давот каш,
Имрӯз чун суханталабе дар ҷаҳон намонд.

*  *  *

На ҳар суханбишиносе суханварӣ донад,
На ҳар сиёҳдиле кимиёгарӣ донад.
Иёри обилаи дастро, кӣ медонад?
На қимати гуҳар аст, он кӣ ҷавҳарӣ донад.
Намози зоҳиди худбин кучо расад ҷое,
Ки чархи саҷдаи худро сикандарӣ донад.
Ту саъй кун, ки дар ин баҳр нопадид шавӣ
В-агарна ҳар хасу хоре шиноварӣ донад.
Камоли Ҳофизи Шерозро зи Соиб пурс:
«Ки қадри гавҳари шаҳвор ҷавҳарӣ донад».

*  *  *

Ёди айёме, ки гулчин дар гулистонат набуд,
Булҳавасро даст бар себи занахдонат набуд.
Бӯса аз ёқути оташмашрабат ранге надошт,
Тӯтии хат хушнишини шаккаристонат набуд.
Бӯи пероҳан яке аз синачокони ту буд,
Накҳати гул маҳрами чоки гиребонат набуд.
Кокулат паҳлу тиҳӣ мекард аз боди сабо,
Шонаро дасте ба зулфи анбарафшонат набуд.
«Алъаташ» мезад таманно дар биёбони талаб,
Маҳшари лабташнагон чоҳи занахдонат набуд.
Заҳри бепарвоӣ аз теғи нигоҳат мечакид,
Сурмаро дасти сияҳкорӣ ба мижгонат набуд.
Лавҳи рухсори ту аз нақши тамошо сода буд,
Дасти яғмоӣ дар оғӯши гулистонат набуд.
Ин замон гардид вақфи ом варна пеш аз ин
Ғайри Соиб булбуле дар боғу бӯстонат набуд.

* * *

Арақ на аз рухи он гулъузор мерезад,
Ситора аз фалаки фитнабор мерезад.
Бинои зиндагии Хизр ҳам ба об расид,
Ҳанӯз аз лаби теғаш хумор мерезад.
Ҳазар зи суҳбати ноҷинс ҳирзи офият аст,
Ки хуни гул зи сарангушти хор мерезад.
Дар ин замона, ки расми гирифтагӣ ом аст,
Чӣ гуна ранг зи дасти баҳор мерезад.
Чу токи сарзада ҳар ҷо, ки ҳарфи ӯ гузарад,
Сиришкам аз мижа беихтиёр мерезад.
Маро ба захми забон хасм медиҳад таҳдид,
Ба чоки пераҳани шуъла хор мерезад.
Сафири хомаи Соиб баланд чун гардад,
Зи обгинаи дилҳо ғубор мерезад.

* * *

Кӯр бод он ки зи рӯи ту назар мепечад,
Сар мабодаш, ки зи шамшери ту сар мепечад.
Сунбуле аз таҳи ҳар санг бурун меояд,
Оҳи Фарҳод чу дар кӯҳу камар мепечад.
Шеваи дил бувад аз чашм, ки дар хона садо
Доим аз раҳгузаре ҳалқаи дар мепечад.
То қиёмат дари дил баста нахоҳад мондан,
Оқибат дасти дуо қуфли асар мепечад.
Дар тиҳидастии оғӯш бигирям, Соиб,
Ҳолаеро чу бубинам ба қамар мепечад.

* * *

На ҳамин фикр маро рӯз ба ман нагзорад,
Ки ба хобам гули шаббӯи сухан нагзорад.
Ҳар ақиқе, ки дилаш дар гарави ном бувад,
Пушт осуда ба девори Яман нагзорад.
Сари зулфе, ки ман аз шоми ғарибон дидам,
Ҳеҷ савдозадаеро ба ватан нагзорад.
Гул агар шарм зи рӯи чаманоро накунад,
Орзӯ дар дили мурғони чаман нагзорад.
Чун суҳайли арақи шарм дилам меларзад,
Ки касе даст ба он себи зақан нагзорад.
Дар фусунсозии он чашми сияҳ ҳайронам,
Ки хамӯш асту касеро ба сухан нагзорад.
Чун барам сар ба гиребони хамӯшӣ, Соиб,
Ки гиребони ман аз даст сухан нагзорад.

* * *

Захми ишқи ту чун рӯ дар биёбон оварад,
Лолаи хунгарм хокистар ба домон оварад.
Осмони сустпай марди шукӯҳи ишқ нест,
Рахш мебояд, ки Рустамро ба майдон оварад.
Сахт метарсам, ки охир норасоиҳои шарм
Ташна берунам аз он чоҳи занахдон оварад.
Дар сари болини ман ҳар шаб хаёли зулфи ӯ,
Даста-даста сунбули хоби парешон оварад.
Бӯи пероҳан ғуборе аз дили мо барнадошт,
Ҷазбае хоҳам, ки Юсуфро ба Канъон оварад.
Гиряҳо дар парда дорад айшҳои бегумон,
Хандаи беихтиёри барқ борон оварад.
Ишқи шӯрангез пеш аз осмон омад падид,
Мизбон аввал намакдон бар сари хон оварад.
Ин қадар гавҳар зи дарёи маонӣ бар канор
Соиб аз ишқи сухансанҷони Кошон оварад.

* * *

Чашми пурҳарфу лаби бӯсарабо мебояд,
Ҳусн саҳл аст, зи маъшуқ адо мебояд.
Сунбули зулфи туро як сари мӯ нест каҷӣ,
Гули рухсори туро ранги ҳаё мебояд.
Ба сари зулф тасаллӣ натавон дод маро,
Дасти густохи маро банди қабо мебояд.
Натавон рафт ба як пой фитодан аз даст,
По чу аз кор фитад, дасти дуо мебояд.
Натавон даст ба як коса ба яксон кардан,
Косаю кӯзаи зуҳҳод ҷудо мебояд.
Барги коҳе чи қадар роҳнавардӣ бикунад,
Ҷазбаи ӯ тарафи коҳрабо мебояд.
Ҳама асбоби сафар карда муҳайё Соиб,
Ҷунбиши абрӯе аз роҳнамо мебояд.

*  *  *

Дил метапад, магар хабари ёр мерасад,
Ҷон дар тараддуд аст, ки дилдор мерасад.
Аз чашмхона рахт бурун мебарад ғубор,
Гӯё, ки бӯи пераҳани ёр мерасад.
Эй боғбон, ту низ бурун рав, ки васли гул
Як рӯз ҳам ба мурғи гирифтор мерасад.
Чун дарди ман расад ба даво, к-аз ҳуҷуми шавқ
Дил меравад зи даст, чу дилдор мерасад.
Бо хоксори хеш чунин бадгумон мабош,
Аз офтоб файз ба девор мерасад.
Шабзиндадор бош, ки шабнам ба офтоб
Аз обрӯи дидаи бедор мерасад.
Ризқ ончунон хуш аст, ки кам-кам фитад ба даст,
Заҳр аст рӯзие, ки ба якбор мерасад.
Аз кори ман гиреҳ накушудаст ҳеҷ кас,
Гоҳе ба доди обилаам хор мерасад.
Мастон зи фили маст муҳобо намекунанд,
Зӯри фалак ба мардуми ҳушёр мерасад.
Хоҳад расид рутбаи Соиб ба Мавлавӣ,
Гар Мавлавӣ ба рутбаи Аттор мерасад.

*   *   *

Ёди айёме, ки базми айши мо маъмур буд,
Мағзи мо дар нашъаи май пардадори ҳур буд.
Шишаи май ҳам ҳавое дошт аз ҳамсуҳбатон,
Рӯи маҷлис дар ниқоби бехудӣ мастур буд.
Лоларӯёнро дили мо ташнаи наззора сохт,
Оби ин сарчашмаи оина гӯё шӯр буд.
Он чи бо чашм аз ҳубоби оби ҳайвон доштам,
Дар ҳиҷоби пардаи занбӯрии ангур буд.
Қурби манзил наъли моро бар сари оташ гузошт,
Доштем осоише, то манзили мо дур буд.
Оби лаъли ӯ зи хат шуд тира варна баъд аз ин
Софии ин хона шамъи хонаи занбӯр буд,
Хотири равшан дари фирдавс бар рӯям кушод,
Қаҳти Юсуф буд, то оинаам бенур буд.

*  *  *

Мудом чашми ту масти шароб мебояд,
Ҳамеша хонаи золим хароб мебояд.
Ба хуни хеш дили доғдори ман ташна-ст,
Кабоби сӯхтаро ин шароб мебояд.
Кам аст мастии ғафлат туро, ки чун тифлон
Фасонаи дигар аз баҳри хоб мебояд.
Зи тозиёнаи мавҷ аст об зеру забар,
Забон хамӯш ба базми шароб мебояд.
Кадом ганҷи гуҳар нест дар харобаи дил,
Дар ин хароба ҳамин моҳтоб мебояд.
Ба шиша накл кунӣ, то аз ин сафолин хум
Ҳазор ҷӯш туро чун шароб мебояд.
Аз ин қаламрави зулмат гузаштан осон нест,
Диле ба равшании офтоб мебояд.
Чу зулф то ба ҳам орӣ ду мисраи мавзун,
Ҳазор ҳалқа туро печутоб мебояд.
Илоҷи мурдадилон ҷисмро гудохтан аст,
Замини сӯхтаро ин саҳоб мебояд.
Либоси ориятӣ дур кун, ки дарёро
Камар зи мавҷу кулоҳ аз ҳубоб мебояд.
Гадоии дари дил мекунӣ агар, Соиб,
Дили шикаставу чашми пуроб мебояд.

*   *   *

Баҳор рафту гулфишонии димоғ намонд,
Шароб дар қадаҳу нур дар чароғ намонд.
Муоширони сабуксайр аз ҷаҳон рафтанд,
Ба ғайри оби равон ҳеҷ кас ба боғ намонд.
Чунон фасурдадилӣ аҳли базмро дарёфт,
Ки бӯи сӯхтагӣ дар гули чароғ намонд.
Ба зулфи сунбулу хатти бунафша кай печам,
Маро, ки завқи парешонии димоғ намонд.
Чӣ сел буд, ки аз кӯҳсори ҳодиса рехт,
Ки дар фазои замин гӯшаи фароғ намонд.
Мабод чашми баде дар камини ишрати кас,
Намак ба захми ман аз чашми шӯри доғ намонд.
Дигар касе зи каримон чӣ тарф барбандад,
Дар ин замона, ки дасту дили аёғ намонд.
Дар он ҳарим, ки Соиб чароғи килк афрӯхт,
Зи парфишонии парвона як чароғ намонд.

* * *

Каъба аз кӯи ту лаббайкзанон мегузарад,
Замзам аз хоки дарат ашкфишон мегузарад.
Бо ҳама тори тааллуқ, ки дар ӯ печидаст,
Шамъ дар нимнафас аз сари ҷон мегузарад.
Соф шав, то ҳама хубон ба ризоят бошанд,
Дар гулистони сухан оби равон мегузарад.
Агар ин аст фалак, рӯзу шаби ишрати мо
Дар шаби ҷумъаву рӯзи рамазон мегузарад.
Қиссаи ханҷари алмос магӯед ба мо,
Ки дар ин ҷо сухан аз теғи забон мегузарад.
Ғайрат аз муддаиён хуни маро хоҳад хост,
Боғбон кай зи сари ҷурми хазон мегузарад.
Соиб, аз шарм бурун о, ки дар ин як ду-се рӯз
Навбати хубии он ғунчадаҳон мегузарад.

* * *

То ҳаё сурмакаши наргиси ҷодуи ту буд,
Шабнами хулд назарбози гули рӯи ту буд.
Шуълаи мавҷи малоҳат зи рухат метобид,
Оби ҳайвони сабоҳат ҳама дар ҷӯи ту буд.
Чашм бар сурма намекард сияҳ мижгонат,
Вусма аз тоқи дил афтодаи абрӯи ту буд.
Сарви барҷастаи бӯстони раунат будӣ,
Шохи гул дастнишони қади дилҷӯи ту буд.
Барқ бо ин ҳама шӯхӣ, ки ҷаҳон месӯзад,
Шарари мурдаи оташкадаи хӯи ту буд.
Лаб ниҳодӣ ба лаби соғару рафтӣ аз даст,
Ҳайф аз он ҳайкали шарме, ки ба бозӯи ту буд.

*  *  *

Тарки ёрон кардаӣ, эй бевафо, ёр ин кунад?
Дил зи паймон баргирифтӣ, ҳеҷ дилдор ин кунад?
Тарки мо кардиву кардӣ душманӣ бо дӯстон,
Шарм бодат з-ин амалҳо, ёр бо ёр ин кунад?
Ҷаври ту бо ошиқи саргашта имрӯзӣ набуд,
Озмудам ишқро сад бор, ҳар бор ин кунад.
Толиби ишқи рухи хуби ту будам солҳо,
Худ надонистам, ки бо ман охири кор ин кунад.
Наргисат дар айни беморӣ кунад қасди дилам,
Кас надидам дар ҷаҳон бо ҳеҷ бемор ин кунад.

*  *  *

Як шаб намеравад, ки дил аз ҷо намеравад,
Оҳам ба сайри олами боло намеравад.
Ҷое намеравӣ, ки дили бадгумони ман
То бозгаштани ту ба сад ҷо намеравад.
Оби ҳаёт оташи афсурдадоман ,аст.
Маҷнун абас ба домани саҳро намеравад.
Моро мабар ба Каъба, ки мастони ишқро
Ҷуз пои хум ба ҷои дигар по намеравад.
Эй ашки шӯхчашм, ба рафтан шитоб чист,
Юсуф чунин зи пеши Зулайхо намеравад.
Аз дил набурд талхии заҳри фироқ васл,
Занг аз сиришти шиша ба саҳбо намеравад.
З-он рӯи оташин, ки ду олам кабоби ӯст,
Дуд аз кадом калла ба боло намеравад.
Соиб, агар ба сояи тӯбо ватан кунам,
Аз пеши чашм он қади раъно намеравад.

*   *   *

Хушо дарде, ки аз чашми бадандешон ниҳон бошад,
Хушо чоке, ки чун хурмо ба ҷайби устухон бошад.
Ҳамеша корвонро гард аз дунбол меояд,
Маро гарди касодӣ пеш-пеши корвон бошад.
Хамӯшӣ тарҷумони суҳбати ҷон аст зиндонро,
Касе ин ҷо сухан гӯяд, ки муҳраш бар забон бошад.
Дилат аз шикваи ман чун чароғи Тур месӯзад,
Чаро кас дар шикоят ин қадар оташзабон бошад.
Хазон аз дур мебӯсад замину бозмегардад,
Дар он гулшан, ки булбул Соиби оташбаён бошад.

*   *   *

Аз қайди фалак барзада доман бигурезед,
Чун барқ аз ин сӯхтадоман бигурезед.
Як авҷ ба андозаи парвози шарар нест,
Дар синаи сангу дили оҳан бигурезед.
Чун ахтари дилзинда аз ин сардмизоҷон
Дар пардаи хокистари гулхан бигурезед.
Ҳар ҷо, ки намояд ғаме аз дур сиёҳӣ,
Зери алами бодаи равшан бигурезед.
Мотамкадаи хок сазовори ватан нест,
Чун сел аз ин дашт ба шеван бигурезед.
Аз новаки дилдӯзи қазо амн мабошед,
Ҳарчанд ки дар дидаи сӯзан бигурезед.
Чун Соиб агар захми ниҳонест шуморо,
Зинҳор, ки аз дидаи сӯзан бигурезед.

* * *

Бар он сарам, ки бишӯям зи дида нақши савод,
Чӣ фитнаҳо, ки маро з-ин шаби сиёҳ назод.
Бинои шеър ба мотам гузошт чун одам,
Сиёҳрӯз аз онанд аҳли хатту савод.
Назар ба матлаи абрӯ наметавонам кард,
Зи баски бар дили ман рафт аз сухан бедод.
Чунон зи мисраи мавзун дилам газида шудаст,
Ки зулф дар назарам гаштааст мӯи зиёд.
Ҳазар зи сояи тӯтӣ кунад газидаи ҳарф,
Зи оби Хизр кунад рам дили рамидасавод.
Зи шӯхчашмии анҷум дилам чиҳо накашид,
Ки ҳеҷ сӯхтаро кор бо шарор мабод.
Аз он замон, ки маро ғунча кард печиши фикр,
Дигар кушоди дил оғӯш бар рухам накшод.
Ба дасти хок қалам дид панҷаи худро,
Касе, ки бар даҳани зулфиқор даст ниҳод.
Паи шикасти сипоҳи худам ҷавонмардам,
На кӯдакам, ки ба изломи хасм гардам шод.
Маро ба гӯшаи узлат далер гар диданд,
Худой беадабонро ҷазои хайр диҳод!
Хушо касе, ки дар ин коргоҳи миноӣ
Чу акси оина пинҳон шуду камар накшод.
Яқин шинос, ки дар тинаташ хатое ҳаст,
Ба фикри Соиб ҳар кас хато кунад устод.

* * *

Ҷони мо тоб зи ҳар зулфи парешон нахӯрад,
Дили мо об зи ҳар чоҳи занахдон нахӯрад.
То касе нашканад оинаи худбиниро,
Об чун Хизр зи сарчашмаи ҳайвон нахӯрад.
Майи ин базм ба хуноби ҷигар оғӯшта-ст,
Тифл бегиря даме шир зи пистон нахӯрад.
Ба тиҳидастию бебаргии худ сохтаем,
Чун сари дор сари мо ғами сомон нахӯрад.
Турраи хам ба хамаш шаб ҳама шаб меларзад,
Ки насиме ба чароғи дили сӯзон нахӯрад.
Нашавад воситаи ризқи ҷаҳон Юсуфро,
Ҳар кӣ якчанд дили хеш ба зиндон нахӯрад.
Дили мо танг зи андешаи беҳосили мост,
Нон касе мехӯрад ин ҷо, ки ғами нон нахӯрад.
Нест саргаштагии ишқ ба Соиб махсус,
Киштие нест дар ин баҳр, ки тӯфон нахӯрад.

* * *

Ба бебаргӣ қаноат мекунам, то навбаҳор ояд,
Ба захми хор дорам сабр, то гул дар канор ояд.
Гуле нашкуфт бар рухсорам аз майхонапардозӣ,
Магар дар хуни худ ғалтам, ки рангам бар қарор ояд.
Сиришки талхи ман он рӯз нақли анҷуман гардад,
Ки ёрам бо лаби ширинтар аз хоби баҳор ояд.
Ба фурсат метавон хасми сабуксарро адаб кардан,
Мадоро мекунам бо ақл, то фасли баҳор ояд.
Ба роҳи ишқ гар хоре дар доман овезад,
Чунон гирям ба дарди дил, ки хун аз чашми хор ояд,
Магар ашки пушаймонӣ ба фарёдам расад варна
Чӣ дорам дар бисоти зиндагӣ, то дар шумор ояд.
Намеояд ба коре, Соиб, авроқи парешонам,
Магар он рахнаи деворро рӯзе ба кор ояд.

* * *

Зарраам чашм ба хуршедлиқое дорад,
Устухонам сари пайванди ҳумое дорад.
Дар гулӯи ҷарасаш нолаи хунин гираҳ аст,
Корвоне, ки зи пай обилапое дорад.
Даҳрро роҳбарие ҷуз кашиши хотир нест,
Хонаи Каъба агар қибланамое дорад.
Дард дармони талабҳост, ки бедармон аст
Варна ҳар дард, ки дидем, давое дорад.
Дар сафи аҳли риё аз ҳама кас дар пеш аст,
Чун алам ҳар кӣ асоеву ридое дорад.
Мижжа бар ҳам назанад оина з-андешаи чашм,
Хоби роҳат накунад ҳар кӣ сафое дорад.
Тарафи фохтаро сарв ба булбул надиҳад,
Ҳар наво гӯшаеву ҳар гӯш навое дорад.
Соиб, ин он ғазали Ҳофизи ширинсухан аст:
«Мутриби ишқ аҷаб созу навое дорад».

* * *

Кам-кам дили маро ғаму андеша мехӯрад,
Ин бода оқибат сари ин шиша мехӯрад.
Хуни дил аст рӯзии ғампешагони фикр,
Бечора он, ки рӯзӣ аз ин пеша мехӯрад.
Нахл аст осмон, ки дили мост решааш,
Ин нахли саркаш об аз ин реша мехӯрад.
Ҷое, ки хун зи нохуни хуршед мечакад,
Фарҳоди содалавҳ ғами теша мехӯрад.
Парвардаанд шишаи афлокро ба заҳр,
Бечора он ки захм аз ин шиша мехӯрад.
Мавқуфи як пиёла бувад зуҳди хушки мо,
Аз чашми шер барқ ба ин беша мехӯрад.
Ё Раб, чӣ кардаам, ки чу ҳаҷҷоми сангдил
Хуни маро сипеҳр сари шиша мехӯрад?!
Соиб, куҷо расад ба ҳумо устухони мо,
Моро чунин, ки оташи андеша мехӯрад.

* * *

Бода ку, то ба ман он талхзабон ром шавад,
Талхии ман намаки талхии бодом шавад.
Бӯса дар зоиқааш бодаи лабширин аст,
Талхкоме, ки бадомӯз ба дашном шавад.
Раҳнавардони туро марг нагирад доман,
Бар шаҳиди ту кафи ҷомаи эҳром шавад.
Лаби ҷом аз ҳаваси бӯса даҳан ғунча кунад,
Чун зи май сафҳаи рухсори ту гулфом шавад.
Мавҷи гирдоб наям, гардиши паргор наям,
То ба кай нуқтаи оғози ман анҷом шавад?!
То дар он зулф тавон рафт саросар, Соиб,
Дили рамкарда, чӣ афтод, ба ман ром шавад.

* * *

Чӣ шуд қадри маро гар чархи дунпарвар намедонад,
Садаф аз содалавҳӣ қимати гавҳар намедонад,
Ба ҳоҷат ҳусни ҳар чизе шавад зоҳир, ки оина
Нагардад то сияҳдил, қадри хокистар намедонад.
Дар иқлими тасаввур нест аз шаҳ то гадо фарқе,
Ҷунун мӯи сари худро кам аз афсар намедонад.
Гули ҳушёрмағзиҳост фарқи неку бад аз ҳам,
Лаби шамшерро маст аз лаби соғар намедонад.
Дурангӣ дар баҳористони яктоӣ намебошад,
Хазаф худро дар ин дарё кам аз гавҳар намедонад.
Амал бо талху ширин фикри мулки оштӣ дорад,
Мазоқи қонеи мо ҳанзал аз шаккар намедонад.
Ба дармони дили бетоб дармонда-ст мижгонаш,
Забони ин раги печидаро наштар намедонад.
Дар оғӯши садаф он қатра гавҳар мешавад, Соиб,
Ки дар қатъи раҳи мақсуд по аз сар намедонад.

* * *

Давлат зи дастгирии мардум ба по бувад,
Фонуси ин чароғ зи дасти дуо бувад.
Ҳар ғунча во шавад ба насиме дар ин чаман,
Мифтоҳу қуфли ҷуд зи дасти гадо бувад.
Бозичаи насим шавад косаи сараш
Ҳар дил, ки чун ҳубоб асири ҳаво бувад.
Шарми ҳузури чашм зи тардоманон мадор,
Оинаро ба чашм чӣ нури ҳаё шавад.
Пайкон даҳан ба ханда чу сӯфор боз кард,
То кай гиреҳ ба кори мани бенаво бувад?!
Омодаи шикасти худам зери осмон,
Чун донае, ки дар даҳани осиё бувад.
Рӯзӣ дар ин бисот ба бахт асту иттифоқ
Варна шакар хуш аст, ки ризқи ҳумо бувад.
Соиб, зи хонақаҳ ба харобот рӯй кун,
К-он ҷо шикастае, ки бувад, бӯрё бувад.

* * *

Рӯзгори тарабу навбати ғам мегузарад,
Мотаму сури ҷаҳон зуд зи ҳам мегузарад.
Хоби осудагию арсаи ҳастӣ, ҳайҳот,
Сабр з-ин марҳала бо теғи дудам мегузарад.
Чӣ кунад арсаи эҷод ба дилтангии мо,
Сухан аз тангии саҳрои адам мегузарад.
Моҳу хуршед натобад рухе аз силии ишқ,
Сиккаро ҳукм ба динору дирам мегузарад.
Ҳеҷ кас нест, ки дар фикри дили худ бошад,
Умри мардум ҳама дар фикри шикам мегузарад.
Лаби лаъли ту ба ин об нахоҳад мондан,
Даври фармондиҳии хотами Ҷам мегузарад.
Ин чӣ чашмаст, ки аз ғамзаи безинҳораш
Оби теғ аз сари оҳуи ҳарам мегузарад.
Соиб, аз аҳли ҳасад мегузарад бар дили ман
Он чӣ бар оина аз суҳбати нам мегузарад.

*   *   *

Нолаи оташинонам рахна дар гардун кунад,
Гиряи по дар рикобам шаҳрро ҳомун кунад.
Домани фикри баланд осон намеояд ба даст,
Сарв мепечад ба худ, то мисрае мавзун кунад.
Дасти Лайлиро ғурури ҳусн дорад дар нигор,
Панҷаи шерон магар дилҷӯии Маҷнун кунад.
Пои мо аз хор саҳрои ҷунунро сода кард,
Вой бар дасте, ки хор аз пои мо берун кунад.
Кор бо аммомаву даври шикам афтодааст,
Хум дар ин маҳфил бузургиҳо ба Афлотун кунад.
Сафҳаро ҷайбу бағал ганҷинаи гавҳар шумурд,
Хомаи Соиб чу даст аз остин берун кунад.

*   *   *

Оҳи ушшоқи сияҳрӯз асарҳо дорад,
Шаби ин тоифа дар парда саҳарҳо дорад.
Бар сари рози ту чун бед дилам меларзад,
Шиша аз бодаи пурзӯр хатарҳо дорад.
Дил аз он мӯи миён чун ба саломат гузарад,
Аз камар ваҳшии рамкарда хатарҳо дорад.
Адаби ишқи забонбанди талаб изҳор аст
Варна ҳар зарра зи хуршед хабарҳо дорад.
Сарв аз замзамаи фохта мавзун гардид,
Нафаси сӯхтагон турфа асарҳо дорад.
Хабар аз ошиқи саргашта гирифтан шарт аст,
Шамъ аз баҳри ҳамин кор шарарҳо дорад.
Гул фитодаст ба чашми ту ба ғафлат варна
Хор дар ҳар сари ангушт ҳунарҳо дорад.
Марав аз роҳ ба овозаи дарё, Соиб,
Садафи хомуши мо низ гуҳарҳо дорад.

* * *

Сели ашки ман бисоти сабзаро помол кард,
Гӯшмоли нолаи ман булбулонро лол кард.
Илтифоте ҳаст бо нозукхаёлон ҳуснро,
Соғари худро ҳилол аз меҳр моломол кард.
Андалеби мо зи қайди байза то озод шуд,
Дар шабистони қафас машқи шикасти бол кард.
Дар ҳарими каъбаи фонус дигар раҳ наёфт,
То сабо хокистари парвонаро помол кард.
Шикваи бетоқатон ёқутро созад кабоб,
Лаълаш аз оташзабониҳои мо табхол кард.
Хандаат муҳри хамӯшӣ бар лаби паймона зад,
Чашми шӯхат шишаи оташзабонро лол кард.
Соиб, аз чашму дилам афтода моҳу офтоб,
То ба сайди ман нигоҳи гарми ӯ иқбол кард.

* * *

Чӣ хуш аст нолаи ман ба наво расида бошад,
Дили пошикастаи ман ба даво расида бошад.
Нафас он замон барорам ба фароғат аз таҳи дил,
Ки ғубори ҳастии ман ба ҳаво расида бошад.
Ҳама рӯз беқарорам, ҳама шаб дар интизорам,
Ки дили рамидаи ман ба куҷо расида бошад.
Ба касе бувад мусаллам сафари диёри ваҳдат,
Ки даруни хона бошад, ҳама ҷо расида бошад.
Пари Ҷабраил ин ҷо гираҳи шикаст дорад,
Ба далели ақл зоҳид ба куҷо расида бошад.
Ҳама ҳайратему даҳшат зи шукӯҳи ҳусни ҷонон,
Наравад ба ҷое он кас, ки ба мо расида бошад.
Асари ҷамоли Юсуф зи ҷабини гург тобад,
Агар обгинаи дил ба сафо расида бошад.
Ба куҷо расида бошад такупӯи ақли ноқис,
Чу ба кунҳи рой кӯре ба асо расида бошад.
Ду-се рӯз шуд, ки гардун ба ҷафо саре надорад,
Ба балои осмонӣ чӣ бало расида бошад?!
Касе огоҳ аст, Соиб, зи таби ниҳонии ман,
Ки ба мағзи устухонҳо чу ҳумо расида бошад.

* * *

Зери сипеҳр дасти дуо мавҷ мезанад,
Дар хонаи карим гадо мавҷ мезанад.
Ғафлат нигар, ки пушт ба меҳроб кардаем,
Дар кишваре, ки қибланамо мавҷ мезанад.
Офоқро тараддуди хотир гирифтааст,
Ҳар қатра з-ин муҳит ҷудо мавҷ мезанад.
Бар дор метапад сари Мансуру тан ба хок,
Дарё куҷо, сафина куҷо мавҷ мезанад.
Дар ҳайратам, ки он гули бехор чун гузашт,
Аз синае, ки хори ҷафо мавҷ мезанад.
То хурд устухони мани дилшикастаро,
Ҷавҳар зи устухони ҳумо мавҷ мезанад.
Чун сар бароварам, ки дар ин баҳри нилгун
Шамшери обдори бало мавҷ мезанад.
Теғи бараҳнаи ту зи ҷавҳар муназзаҳ аст,
Ин баҳр аз кашокаши мо мавҷ мезанад.
Соиб, макаш сар аз хати таслим зинҳор,
К-ором дар мақоми ризо мавҷ мезанад.

* * *

Гиря абрест, ки аз домани дил мехезад,
Оҳ гардест, ки аз рафтани дил мехезад.
Дами ҷонбахш ба ҳар тирадаруне надиҳанд,
Ин насимест, ки аз гулшани дил мехезад.
Дар ҳарими дил агар моҳрухе меҳмонест,
Ин чӣ нур аст, ки аз равзани дил мехезад.
Ҳар ҳиҷобе, ки ба илми назар аз пеш нахост,
Ба ду паймони майи равшани дил мехезад.
Чашми бад дур аз он силсилаи зулфи дароз,
Ки зи ҳар ҳалқаи ӯ шевани дил мехезад.
Манъи Соиб натавон кард зи фарёду фиғон,
К-ин навоест, ки аз рафтани дил мехезад.

* * *

Шаб, ки рӯи ту зи май дар арақафшонӣ буд,
Дил саросематар аз киштии тӯфонӣ буд.
Хор дар пероҳанам ҷавҳари зотӣ мерехт,
Баски чун теғ маро завқ зи уренӣ буд.
То ба ҳуш омадам аз арш ба фарш афтодам,
Ёди он рӯз, ки дил маркази ҳайронӣ буд.
Шишаву санг бағалгирии ҳам мекарданд.
Чӣ сафо буд, ки дар олами рӯҳонӣ буд.
Шавқ рӯзе, ки ба гирди ту маро мегардонд,
Осмон сурати девори гаронҷонӣ буд.
Шаҳр аз ҳусни ғариби ту биёбоне шуд,
Ошиқи Лайлӣ агар як-ду биёбонӣ буд.
Аз сари кӯи ту рӯзе, ки ба ҷаннат рафтам,
Тӯшаи роҳи ман аз ашки пушаймонӣ буд.
Чун қалам то камари ҳастии ноқис бастам,
Теғ доим ба сарам аз хати пешонӣ буд.
То баровард сар аз ҳалқаи ҳастӣ Соиб,
Дили мо шонакаши зулфи парешоне буд.

*   *   *

Гуле, ки аз арақи шарм дидабон дорад,
Хати амон зи шабехуни булбулон дорад.
Либоси мотами булбул ҳамеша омода-ст,
Ба ҳар чаман, ки дар ӯ зоғе ошён дорад.
Ба ишқ нисбати хосест нотавононро,
Гуҳар алоқаи дигар ба ресмон дорад.
Фароғи бол зи мурғони ин чаман маталаб,
Ки гар ҳумой бувад, дарди устухон дорад.
Вафо ба ваъда накардан, хилофи одоб аст
В-агарна шикваи мо муҳр бар даҳон дорад.
Фиғон, ки оинарухсори ман намедонад,
Ки ошноии тардоманон зиён дорад.
Ба ҷон расонд маро доғи дӯстон дидан,
Чӣ дилхушӣ Хизр аз умри ҷовидон дорад?
Чаро зи ғайрат парвона хешро накушад,
Ки шамъ бо ҳамаи анҷуман забон дорад.
Чӣ ҳолат аст мани хастаро намедонам,
Ки ҳар чӣ ҷуз дили худ мехӯрам, зиён дорад.
Чӣ гуна дидаи Соиб гуҳарфишон нашавад,
Ки рӯзи мулки Хуросон ба Исфаҳон дорад.

*   *   *

Шӯхии ҳусн кай ниҳон зери ниқоб мешавад,
Хандаи баркро куҷо абр ҳиҷоб мешавад.
Сӯхтаи муҳаббатам, ғайрати ишқ мекашам,
Ман дили хеш мехӯрам, ҳар кӣ кабоб мешавад.
Аз дами сарди носеҳон гармии ман зиёда шуд,
Ғӯра ба чашми пухтагон бодаи ноб мешавад.
Мардуми чашм мешавад доираи муҳитро,
Косаи ҳар кӣ сарнагун ҳамчу ҳубоб мешавад.
Ранг намонд дар лабаш аз нафаси фасурдагон,
Бода ҳаво чу мехӯрад, по ба рикоб мешавад.
Бо ҳама кас ягонаам, аз асари ягонагӣ
Гард барояд аз дилам, ҳар кӣ хароб мешавад.
Соиб, агар чунин занад ҷӯши арақ зи оразаш,
Хонаи ақлу сабру дин зуд хароб мешавад.

*   *   *

Дар шӯразор дона агар сабз мешавад,
Аз чарх бахти аҳли ҳунар сабз мешавад.
Рӯзе, ки барфи сурх биборад зи осмон,
Бахти сиёҳи аҳли ҳунар сабз мешавад.
Аз дил дар ин ҷаҳон тамаи хуррамӣ мадор,
К-ин дона дар замини дигар сабз мешавад.
Олудаам чунон ки агар хори хушкмағз
Часпад маро ба домани тар, сабз мешавад.
Пирон ҳам аз хизоб барӯманд мешаванд,
Барги хазонрасида агар сабз мешавад.
Соиб, зи ашки талх паруболи тӯтиён
Аз иштиёқи тунги шакар сабз мешавад.

*   *   *

То ҳусни гулӯсӯзи ту дар ҷон шарар афканд,
Дар синаи ман доғ муқаррар сипар афканд.
Ман хурдаи ҷонро чу шарар бохтам ин ҷо,
Парвона дар ин роҳ агар болу пар афканд.
То сабзаву гул ҳаст, зи май тавба ҳаром аст,
Натвон ғами дилро ба баҳори дигар афканд.
Аз ҳеҷ диле нест, ки огоҳ набошам,
Азбаски маро дарди талаб дарбадар афканд.
Дасте, ки ба ороиши зулфи сухан овехт,
Ахгар натавонад зи гиребон бадар афканд.
Дар домани таслим даровез, ки чун ток
Ҳар дам натавон даст ба шохи дигар афканд.
Ҳангомаи арбоби сухан чун нашавад гарм,
Соиб сухан аз Мавлавии Рум дарафканд.

* * *

Зулфи мушкинат даҳони шона пуранбар кунад,
Сурмаи хомӯшро чашмат забоновар кунад.
Он ки мегӯяд қиёмат барнамехезад, куҷост,
То дар он мижгон тамошои сафи маҳшар кунад.
Иштиёқи сафҳаи рухсори шабнамзеби ӯ
Домани гулро ба шабнам оташинбистар кунад.
Аз адолат нест афкандан дар оташ рӯзи ҳашр,
Уди хомеро, ки хун дар дидаи миҷмар кунад.
Синаи худ оламе чун субҳ сайқал додаанд,
Офтоби маърифат то аз куҷо сар бар кунад.
Аз нигоҳи талх, Соиб, заҳр мерезам бар ӯ,
Дояи бедард дар ширам агар шаккар кунад.

* * *

Хушо касе, ки дили худ ба чашми масти ту дод,
Зи сар гузашту ба дунболи ин бало афтод.
Ту то шукуфта шудӣ, гул ба хештан болид,
Ту то баланд шудӣ, қад кашид нахли мурод.
Чӣ гуна дил ба ду зулфи муанбараш надиҳам?
Наметавон ба ду олам ба як тараф афтод.
Чунин ки раҳмати ӯ бедареғ мебахшад,
Чаро хамӯш набошад забони истеъдод.
Равад зи панҷаи ҷавҳар кунун чу мум бурун,
Диле, ки буд ба сахтӣ чу байзаи фӯлод…
Дуруст чун нагузоранд хишти аввалро,
Агар ба чарх расад, каҷ бувад ҳамон бунёд,
Ҳанӯз аз ҷигари чоки Бесутун, Соиб,
Ба гӯш мерасад овози тешаи Фарҳод.

* * *

Ҷамъе, ки афсар аз хиради хом кардаанд,
Аз баҳр ихтисор ба як ҷом кардаанд.
Дар банди ғам манол, ки мурғони дурбин
Сайри чаман зи равзанаи дом кардаанд.
Мастон зи қайди шанбаву одина фориғанд,
Рӯ бар пиёла, пушт ба айём кардаанд.
Сад барг зери нохуни тадбир дидааст,
Ин ғунчаи гиреҳ, ки дилаш ном кардаанд.
Соиб, зи огаҳист, ки дарёкашони ишқ
Одат ба хомӯшӣ чу лаби ҷом кардаанд.

* * *

Фурӯғи зарра зи чашми ман об меорад,
Кӣ тоби шаъшааи офтоб меорад?
Фидои обилаи пои ҷустуҷӯ гардам,
Ки аз сароб сабӯи пуроб меорад.
Шикастарангии моро илоҷ хоҳад кард
Рухе, ки ранг ба рӯи ниқоб меорад.
Зи ишқ қисмати мо нест ғайри синаи чок,
Катон чӣ аз сафари моҳтоб меорад?
Зи файзи ишқ заифон чунон қавӣ шудаанд,
Ки мавҷ рахш ба қасри ҳубоб меорад.
Дар он риёз ба беҳосилӣ самар шудаам,
Ки нахли мум гули офтоб меорад.
Ҳазор майкада хун мекунад тиҳӣ, Соиб,
Касе, ки як сухани талх тоб меорад.

* * *

Хотири озурдаро сайри гулистон мегазад,
Шӯри булбул, хандаи гул, бӯи райҳон мегазад.
Мӯсӣ аз шарми сафои соиди симини ӯ
Ҳамчу тифлон остини худ ба дандон мегазад.
Ҳар киро афтод дар лабҳои майгуни ту чашм,
То шакарханди қиёмат лаб ба дандон мегазад.
Барқ мехоҳад ба ман таълими биноӣ диҳад,
Шуълаи шавқи маро таҳрики домон мегазад.
То зи каф дода-ст Соиб домани васли туро,
Гоҳ пушти даст, гоҳе лаб ба дандон мегазад.

* * *

Нестам оташ, ки ҳар хоре ба занҷирам кунад,
Офтоби бениёзам, то кӣ тасхирам кунад.
То дағал аз дӯстдорон дидаам, ранҷидаам,
Покбозам, бад ҳарифе зуд дилгирам кунад.
Обрӯи саъйро гавҳар кунад вайронаам,
Ганҷ бардорад сабукдасте, ки таъмирам кунад.
Чун қафас дар ҳар рагам чоке саросар меравад,
Сӯзани Исо ба танҳоӣ чӣ тадбирам кунад.
Дояи бедард шаккар мекунад дар шири ман,
Шермарде ку, ки оби теғ дар ширам кунад?
Кай ба мурдан осмон аз хокмолам бигзарад,
Болам аз парвоз чун монад, пари тирам кунад.
Миннати рӯзӣ чаро аз хирмани дунон кашам,
Ман, ки чашми мӯр гандум дидаи тирам кунад.
Мекунам аз сар бурун, Соиб, ҳавои хулдро,
Бахт агар аз сокинони шаҳри Кашмирам кунад.

* * *

Сафар гузин, ки сухан дар ватан ғариб нагардад,
Шикастапои ватанро сухан ғариб нагардад.
Наметавон ба ватан нолае ба дард кашидан,
Навои мурғи чаман дар чаман ғариб нагардад.
Ту то ба шуъла нағалтӣ, сухан сиришта нагардад,
Ту то ятим нагардӣ, сухан ғариб нагардад.
Ба ҳар тараф, кӣ равӣ, гул назар ба рӯи ту дорад,
Марав зи боғ, ки гул дар чаман ғариб нагардад.
Ғарибі рӯи замин гаштам аз ғарибхаёлӣ,
Ки ҳеҷ кас ба ватан ҳамчу ман ғариб нагардад.
Гузашт Кӯҳкани доғдида бо дили пурхун,
Чӣ гуна лолаи хунинкафан ғариб нагардад.
Фурӯғи шамъу насими гул аз пайи ту бурун рафт,
Зи рафтани ту чаро анҷуман ғариб нагардад.
Набинад аз назарам гарм то ғарибнавозе,
Навои Соиби ширинсухан ғариб нагардад.

* * *

Сухан ғариб чу шуд, дар ватан намемонад,
Азизи Миср ба байтулҳазан намемонад.
Гулӯи хеш абас пора мекунад булбул,
Чу гул шукуфта шавад, дар чаман намемонад.
Мабанд дил ба ҷигаргӯша, чун расад ба камол,
Ки хун чу мушк шавад, дар Хутан намемонад.
Абас Суҳайл назарбанд кардааст маро,
Ақиқи номталаб дар Яман намемонад.
Садаф ба суҳбати гавҳар абас диле баста-ст,
Сухан бузург чу шуд, дар даҳан намемонад.
Ба фикри чашмбароҳони хеш меафтад,
Сухан зи Юсуфи гулпираҳан намемонад.
Хурӯҷ мекунад аз байза оташиннафасе,
Ҳамеша боғ ба зоғу zaған намемонад.
Сухан зи файзи ғарибӣ ғариб шуд, Соиб,
Ғариб нест, агар дар ватан намемонад.

* * *

Куҷост май, ки маро ҳамчу шер гардонад,
Димоғи хушки маро ҷӯи шир гардонад.
Хумори сарднафасро маҷоли ҳарф мадеҳ,
Ки субҳро нафаси сард пир гардонад.
Суханпазир диле нест дар қаламрави хок,
Сухан барои чӣ кас дилпазир гардонад?
Намешавад зи таби шиква оташин нафасам,
Агар қазо ватанам коми шер гардонад.
Маро чӣ рутбаи пайғоми он даҳан, Соиб,
Ҳамин бас аст маро дар замир гардонад.

*   *   *

Зи моҳи навсафарам то хабар намеояд,
Ҳузури хотири ман аз сафар намеояд…
Раги буридаи ток аз гиристан бас кард,
Забони гиряи ман чун ба сар намеояд?!
Ғами замона чунон танг кард доираро,
Ки субҳро нафас аз сина барнамеояд.
Чӣ гуна бесабаб ояд зи дил сухан ба забон,
Гуҳар ба пои худ аз баҳр барнамеояд.
Сухан шикаста таровад зи килки худ, Соиб,
Гиреҳкушоие аз найшакар намеояд.

*   *   *

Сабоҳи мастиву шоми хумор мегузарад,
Хушиву нохушии рӯзгор мегузарад.
Агар зи шаш ҷиҳат оина пеши рӯ орам,
Зи ҳафт пардаи чашмам ғубор мегузарад.
Биё, ки ҷӯши гули бӯса аст рӯи туро,
Марав, ки умр чу абри баҳор мегузарад.
Ғубори хат ба забони шикаста мегӯяд,
Ки файзи субҳи баногӯши ёр мегузарад.
Ба домани уфуқ он субҳи шӯрабахтам ман,
Ки умри хандаи ман дар хумор мегузарад.
Ба ғайри хомаи дарёнажоди ман, Соиб,
Кӣ аз сари гуҳари шоҳвор мегузарад?

*   *   *

Агар ба пираҳани гул гулоб боз ояд,
Умед ҳаст ба ҷӯи ман об боз ояд.
Шикастаи пару болам дуруст хоҳад шуд,
Ба ошёна чу мурғи кабоб боз ояд.
Рам аз табиати оҳуи чашм агар биравад,
Умед ҳаст, ки умр аз шитоб боз ояд.
Ҳузури рафта зи даврон маҷӯй, ҳайҳот аст,
Ки шабнам аз сафари офтоб боз ояд.
Ду бор аҳли назарро ба об натвон ронд,
Ба чашми ман кай аз афсона хоб боз ояд.
Чу истод зи гардиш, кабоб месӯзад,
Чунон макун, ки дил аз изтироб боз ояд.
Дилам зи оинарӯён ба сина баргардид,
Ба ҳасрате, ки Сикандар зи об боз ояд.
Инони оҳ тавон боз зад зи дил, Соиб,
Агар ба равзание дуди кабоб боз ояд.

*   *   *

Шӯриши ишқам зи тадбири насиҳатгар фузуд,
Каъба бар занҷири Маҷнун ҳалқаи дигар фузуд.
Хасмии бахти сияҳ мо бекасонро бас набуд,
К-осмон бар рӯи он доғе ҳам аз ахтар фузуд.
Меҳрбонӣ об дар ҷӯи ҳунар меоварад,
Рӯи гарми шуъла бар хушбӯии анбар фузуд.
Ҷавҳари зотӣ раҳини миннати машшота нест,
Баҳр натвонад ба кӯшиш об бар гавҳар фузуд.
Оҳи Соибро ба саҳрои қиёмат чун ниҳод,
Шуълаҳо бар гармии ҳангомаи маҳшар фузуд.

* * *

Чашм дорам, ки маҳи навсафарам боз ояд,
Равшанибахши чароғи назарам боз ояд.
Чун садаф машриқи хамёза шуда-ст оғӯшам,
Ба умеде, ки гиромӣ гуҳарам боз ояд.
Нафаси побарикобам дами Исо гардад,
Агар он мояи ҷонҳо зи дарам боз ояд.
Ба пари коғазе аз оташи ҳиҷрон гузарам,
Нома дар даст агар номабарам боз ояд.
Ба тамошои сари зулфи ту ақл аз сари ман
На чунон аст, ки дигар ба сарам боз ояд.
Соиб, аз умри гиромӣ гараве мегирам,
Агар он сарви хиромон зи дарам боз ояд.

* * *

Шавқи ман қосиди бедард куҷо медонад,
Он қадар шавқи ту дорам, ки Худо медонад.
Ту ҳамин саъй куну гоҳ сабукрӯҳ бишав,
Равиши ҷозибаро коҳрабо медонад.
Ҳар кӣ фарҳодсифат ҷавҳари мардӣ дорад,
Тешаро бар сари худ боли ҳумо медонад.
Буттаи хоре агар дар кафи сарсар бинад,
Дили саргаштаи ман роҳнамо медонад.
Гоҳ дар хобу гаҳе масту гаҳе махмур аст,
Чашми пуркори ту кай ҳоли маро медонад.
Соиб, аз лолаузорон чи таваққуъ дорӣ,
Гули даҳрӯза чӣ оини вафо медонад?

* * *

Аз он Фарҳод доим ҷой дар кӯҳу камар дорад,
Ки аз ҳар лола нақши пои гулгун дар назар дорад.
Гаҳе бар дил шабехун мезанад, гоҳе бар имонам,
Ҳамеша кокули ӯ фитнае дар зери сар дорад.
Шикаст аз саркашиҳои ниҳоли ӯ пару болам,
Хушо қумрӣ, ки бори хешро дар зери пар дорад.
Саводи турраи мавҷ аз баёзи гардани мино
Хушоянд аст, аммо зулф аз ҷои дигар дорад.
Дилам аз фикри мижгонаш намеояд бурун, Соиб,
Ҳамеша хуни гарми ман бадал бо нештар дорад.

* * *

Гиреҳ то кай зи абрӯи суханпардоз накшояд?
Дари раҳмат ба рӯям чанд он танноз накшояд?
Саросар гирди дом аз сояи гул роҳ гардонад,
Бадомӯзи қафас оғӯш бар парвоз накшояд.
Зи бахти тира уммеди кушоиш нест дар корам,
Ба саъйи сурма ҳаргиз уқдаи овоз накшояд.
Ба хони нағма рангин бод минқори навосанҷе,
Ки боли беғамӣ дар чангали шаҳбоз накшояд.
Агар завқи сухан дорӣ, бирав, Соиб, қалам сар кун,
Касе ин уқдаро бе нохуни эъҷоз накшояд.

*   *   *

Нишоти ман зи суханҳои дилнишин бошад,
Ғизои ман чу садаф гавҳари самин бошад.
Ба лаъл дар ҷигари санг обуранг расид,
Барои ризқ дигар кас чаро ғамин бошад?
Ба ҷурми покии гавҳар зи чашмаи хуршед
Чу лаъл қисмати ман оби оташин бошад.
Шукуфаи яди байзо, ки субҳи эъҷоз аст,
Назар ба соиди ӯ субҳи аввалин бошад.
Кабоб шуд дили Соиб зи нолаат, булбул,
Тараққии нафаси оташин ҳамин бошад.

*   *   *

Аз диёри мардумӣ дайёр дар олам намонд,
Ошнорӯе ба ҷуз девор дар олам намонд.
Гӯшаи чашме намонд аз мардумӣ дар рӯзгор
Сурмаворе, нармии гуфтор дар олам намонд.
Тешаи фӯлод ангушти надомат мегазад,
Ҳайф, як Фарҳоди ширинкор дар олам намонд.
Ҳар куҷо хорест, дар пероҳани ман мехалад,
Гарчи аз чашми тари ман хор дар олам намонд.
Аз бинои устувори шаръ бо он маҳкамӣ
Ғайри барфин гунбади дастор дар олам намонд.
Толиби Омул гузашту табъҳо афсурда шуд,
К-аз чи рӯ он оташингуфтор дар олам намонд?

*   *   *

Он хирмани гул чун зи дари боғ дарояд,
Сарв аз лаби ҷӯ чанд қадам пештар ояд.
Гар дар бағали ғунчаи фирдавс дароям,
Чун чоки гиребони қафас дар назар ояд.
Бо оҳи ҷигарсӯхтагон ашк набошад,
Ғаввос чу таъҷил кунад, бегуҳар ояд.
Ҳуш дор, ки чун булбули мо бол фишонад,
Аз сад қафас овози парубол барояд.
Бо беҳунарон ахтари бад кор надорад,
Ин санг бар оинаи аҳли ҳунар ояд...

*   *   *

Кай зи сели гармрав бар рӯи саҳро меравад
Он чи аз мижгон ба зери дидаи мо меравад.
Ишқро дар кишвари мо эътибори дигар аст,
Юсуф ин ҷо бар сари роҳи Зулайхо меравад.
Бар умеди ваъдаи шаб дар миёни зулфи ӯ
Рӯзгоре шуд, ки рӯз аз кисаи мо меравад.
Сарви машраб дар замини Ҳинд боло мекашад,
Об меояд ба ин гулзор, саҳбо меравад.
Рафтиву бо бадгумониҳои ишқи дурбин
То ту меоӣ ба маҷлис, дил ба сад ҷо меравад.
Бештар арбоби дунё зар ба мунъим медиҳанд,
Оби ин беҳосилон як сар ба дарё меравад.
Кай ниҳад, Соиб, қадам бар дидаи гирёни ман,
Он ки аз ранги ҳинояш хор дар по меравад.

*   *   *

Кучо тадбири пирони куҳансол аз ҷавон хезад,
Наёяд аз дами теғ он чи аз пушти камон хезад.
Ба рӯзи аҷз тамкини бузургӣ барнамеояд,
Ба андак нолае фарёд аз кӯҳи гарон хезад.
Сироят мекунад дар золимон озори мазлумон,
Ки фарёд аз дили сахти камон беш аз нишон хезад.
Машав дар даври хат аз фитнаи рухсори ӯ эмин,
Ки гарди фитна пеш аз домани охирзамон хезад.
Дили сангин, гирифтам,Ю об шуд аз шарми исёнам,
Ба як шабнам чӣ гард аз чеҳраи он бӯстон хезад?
Фасон шамшерро дар худнишонӣ тез месозад,
Набошад чун дили сангин, чӣ аз теғи забон хезад?
Дар он гулшан, ки Соиб ғунчае минқор накшояд,
Ба ҷои нола аз оташзабонон аламон хезад.

*   *   *

Нахли қадди ту ба боғе, ки хиромон гардад,
Сарв дар зери пари фохта пинҳон гардад.
Чун ба гулзор равӣ хоб хуморолуда,
Гул зи хамёзаи оғӯш парешон гардад.
Ҳар сияҳрӯз ба кайфияти чашмаш нарасад,
Сурмаро ҷавҳари он нест, ки ҳайрон гардад.
Ранг аз чеҳраи гулҳои ҳавас маҳв шавад,
Чун суҳайли araқи шарм фурӯзон гардад.
Шарти ишқ аст, ки то шӯри муҳаббат боқист,
Захми носур ба дунболи намакдон гардад.
Соиб аз партави ҳусн аст, ки булбул шудааст,
Тӯтӣ аз суҳбати оина сухандон гардад.

*    *    *

Бар замин аз ноз зулфи ӯ чу домон мекашад,
Бӯи пероҳан сари худ дар гиребон мекашад.
Турраи шамшодро дар хоку хун хоҳам кашид,
Шона гар дасте ба он зулфи парешон мекашад.
Гар хазон бар чеҳра ранге дорад аз гулзори ишқ,
Интиқоми андалебон аз гулистон мекашад.
Мо сабукрӯҳон ба бӯи себи ғабғаб зиндаем,
Сабзаи мо об аз чоҳи занахдон мекашад.
Дар ҳарими хулд агар бо ҳур ҳамзону шавад,
Хотири Соиб ба хубони Сифоҳон мекашад.

*    *    *

Чу ҳалқа бар дари дил шавқи Исфаҳон бизанад,
Сиришк дар сафи мижгони хунчакон бизанад.
Маро рухест, ки чун офтоби рӯзи хазон
Ҳазор хандаи рангин ба заъфарон бизанад.
Бигир дасти маро, эй каманди ҷазбаи ток,
Майи дуоташа чанд оташам ба ҷон бизанад.
Фиғон, ки булбули масти маро кашокаши дом
Наҳишт як нафаси хуш ба гулситон бизанад.
Ҳаром бод бар он сангдил саросари боғ,
Ки захми хор хӯрад, гул ба боғбон бизанад.
Намезанам гираҳи интиқом бар абрӯ,
Агар ба дидаи ман хасм сад синон бизанад.
Канори субҳ зи хуни шафақ лаболаб шуд,
Сазои он ки дами хуш дар ин ҷаҳон бизанад.
Чи неъматест, Соиб, зи Ҳинд баргардад,
Саросаре ду ба бозори Исфаҳон бизанад.

* * *

Арақ зи шарми рӯи ту барн рӯи офтоб давид,
Зи шавқи лаъли ту хун дар раги шароб давид.
Ситора холи туро диду чашмро пӯшид,
Ҳилоли ид туро ёфт, дар рикоб давид.
Паи назораи он чашмҳои хоболуд,
Ҳазор марҳиларо пои ман ба хоб давид.
Даҳони танги ту бар зарра кор танг гирифт,
Ғубори хатти ту бар рӯи офтоб давид.
Ниқоби шарм чу аз рӯи оташин бардошт,
Арақ ба чеҳраи оташ ба изтироб давид.
Пайи шикастани дил қатрае бизан чу ҳубоб,
Ки ҳамчу мавҷ тавонӣ ба рӯи об давид…
Магар на баҳр кулаҳгӯшаи ғурур шикаст,
Ки мавҷ теғ ба каф бар сари ҳубоб давид.
Чу Соиб ин ғазали тоза хонд дар маҳфил,
Сипанд бар сари оташ ба изтироб давид.

* * *

Ишрати рӯи замин бесарупоён доранд,
Дахли бехарҷ агар ҳаст, гадоён доранд.
Фориғанд аз ғами дастору саранҷоми либос,
Чӣ ҳузур аст, ки хуршедқабоён доранд.
Гарчӣ чун ғунчаи навруста ба зоҳир гираҳанд,
Дар саропардаи дил уқдакушоён доранд.
Сарв аз кашмакаши боди хазон озод аст,
Бе кулоҳаш чӣ ғам аз фӯтарабоён доранд.
Бар сари ганҷ ба хуни ҷигар ифтор кунанд,
Ин чӣ фақр аст, ки ин хоҷанамоён доранд.
Рӯзгорест, ки арбоби танаум, Соиб,
Чашми рағбат ба лаби нони гадоён доранд.

*   *   *

Ҳар кучо қиссаи он турраи кокул гузарад,
Мавчи ошуфтагӣ аз домани сунбул гузарад.
Кӣ гузаштаст аз ин боғ, ки то домани ҳашр
Араки шарм варақ бар вараки гул гузарад.
Доманаш дар гарави хори маломат монад,
Шӯхчашме, ки зи ошиқ ба тағофул гузарад.
Домани ҳусни ғаюри ту аз он погир аст,
Ки таманнои ту дар хотири булбул гузарад.
Наниҳам пои иродат ба ҳариме, ки дар ӯ
Ҳарфи тӯли амалу арзи таҳаммул гузарад.
Гиряи ҳасрати мо аз сари афлок гузашт,
Сел пурзӯр чу афтад, зи сари пул гузарад,
Киштии ақл хароботии ин гирдоб аст,
Заҳраи кист далер аз қадаҳи мул гузарад?
Баски дар ҳар гузаре роҳбаре пинҳон аст,
Ришта аз кӯчаи гавҳар ба тааммул гузарад.
Агар аз умри гаронмоя биёбад муҳлат,
Соиб он нест зи Кашмир ба Кобул гузарад.

*   *   *

Даъвии бӯса ба он ғунчадаҳан натвон кард,
Дар миён чун набувад ҳеҷ, сухан натвон кард.
Баски тақриб пайи об шудан меҷӯяд,
Такяи гарм ба он себи зақан натвон кард.
Хилвате нест, ки холӣ зи суханчин бошад,
Пеши оина дар ин аҳд сухан натвон кард.
Он ки бар оташи гул дошта даст аз рӯзӣ,
Ханда бар нолаи мурғони чаман натвон кард.
Даъвии хуни ману даъвии дилдор кам аст,
Ки ба афсуни маҳу сол куҳан натвон кард.

*   *   *

Ҷамъе, ки дар андешаи он чашми хуморанд,
Дар пардаи дил шаб ҳама шаб бодагусоранд.
Ҳарчанд ки дар пардаи шамъанд накӯён,
Чун бози назардӯхта дар фикри шикоранд.
Лоғаркуни дилҳо зи суринҳои гаронсанг,
Фарбеҳкуни ғамҳо зи миёнҳои низоранд.
Дар рехтани дил ҳама чун барги хазонанд,
Дар парвариши ҷон ҳама чун абри баҳоранд.
Ё Раб, нарасад гарди ғаме бар дили эшон,
Ҳарчанд ғами Соиби бечора надоранд.

*   *   *

Чу кор аз ёрии даврон барояд,
Ба ҳиммат корҳо осон барояд.
Сарояд чун замони ноумедӣ,
Ба хобе Юсуф аз зиндон барояд.
Ҳам аз кӯдакмизоҷиҳои ҳирс аст,
Ки дар садсолагӣ дандон барояд.
Чу мебояд гузашт охир зи сомон,
Хушо, он сар, ки бесомон барояд.
Намегирад танӯри сард нонро,
Тани афсурда чун то ҷон барояд.
Бувад мижгони хунин ҳосили ишқ,
Зи дарё панҷаи марҷон барояд.
Ба зери пӯст ҳар дилрост мағзе,
Чу писта бо лаби хандон барояд.
Дил аз ёди муроди ишқ, Соиб,
Аз ин дарёи бепоён барояд.

*  *  *

Ҳар соғаре ба он лаби хандон намерасад,
Ҳар ташналаб ба чашмаи ҳайвон намерасад.
Кори маро ба марг нахоҳад гузошт ишқ,
Ин киштии шикаста ба тӯфон намерасад.
Вақти хуше, ки даст диҳад муғтанам шумор,
Доим насими Миср ба Канъон намерасад.
Кӯтоҳӣ аз ман аст, на аз сарви нози ман,
Дасти зи коррафта ба домон намерасад.
Оҳи ман аст дар дили шабҳои интизор
Тӯмори шиквае, ки ба поён намерасад.
Ошиқ кучову бӯсаи он лаъли обдор,
Оби гуҳар ба хори мағелон намерасад.
Аз ҷӯши ошиқон нашавад танг хулқи ишқ,
Тангӣ зи корвон ба биёбон намерасад.
Дар кишваре, ки пораи дил харҷ мешавад,
Ангуштаре ба доди Сулаймон намерасад.
Ҳарчанд файзи ид зи дил занг мебарад,
Соиб, ба файзи чоки гиребон намерасад.

*   *   *

Ёди он аҳд, ки дил дар хами гесӯи ту буд,
Шаби ман мӯи туву рӯзи хушам рӯи ту буд.
Нур чун чашм зи пешонии ман меборид,
То маро қиблаи тоат хами абрӯи ту буд.
Он ки мебурд маро аз худу аз роҳи карам
Боз медод ба худ ҳар нафасе, бӯи ту буд.
Ғамгусоре, ки ба рӯям гаҳи беҳушӣ об
Мезад аз роҳи мурувват, арақи рӯи ту буд.
Ҳамзабоне, ки ғаме аз дили мо бармедошт,
Дар саропардаи дил чашми сухангӯи ту буд.
Тухми уммеди ман он рӯз барӯмандӣ дошт,
Ки сувайдои дилам холи лаби ҷӯи ту буд.
Холи рухсори ҷаҳон буд сияҳрӯии ман,
Дили савдозада он рӯз, ки ҳиндуи ту буд…
Буд бар хуни гул он рӯз шараф хоки маро,
Ки дили хуншудаам нофаи оҳуи ту буд.
Пардае буд ба чашми мани густохнигоҳ
Ҳайкали шарму ҳаёе, ки ба бозӯи ту буд.
Хор дар пераҳани шабнами гул буд аз рашк,
То маро такягаҳ аз хоки сари кӯи ту буд.
То ту рафтӣ зи назар, дидаи ман шуд торик,
Сайқали дидаи ман оинаи рӯи ту буд.
Ишрати рӯи замин буд саросар аз ман,
То сарам дар хами чавгони ту чун гӯи ту буд.
Дили Юсуф ҳаваси ҳалқаи занҷири ту дошт,
Соиб, он рӯз, ки дар силсилаи мӯи ту буд.

*   *   *

Ишқи болодасту ҷони беқарорам додаанд,
Соғари лабрезу дасти раъшадорам додаанд.
Аз сари ҳар хор сад захми намоён хӯрдаам,
То дами ҷонбахш чун боди баҳорам додаанд.
Чун набошам мунфаил аз сурати кирдори хеш,
Бо ҳама зиштӣ дусад оинадорам додаанд.
Гар бибозам ҳар ду оламро пушаймон нестам,
Булъаҷаб дасту диле дар ин қиморам додаанд.
Аз раги ман нештар беранг меояд бурун,
Тангчашмони ҷаҳон аз бас фишорам додаанд.
Гарчи чун мижгон тиҳидастам зи асбоби ҷаҳон
Ҳиммате чун гиряи беихтиёрам додаанд.
Кори ман, Соиб, чунин аз бадгумонӣ дарҳам аст,
Варна дар рӯзи азал сомони корам додаанд.

*   *   *

Тӯфони гулу ҷӯши баҳор аст, бубинед,
Акнун, ки ҷаҳон бар сари кор аст, бубинед.
Ин оинаҳое, ки назар хира намоянд,
Дар дасти кадом оинадор аст, бубинед.
Дар сабзаву гул оби равон парданишин аст,
Моҳе, ки дар ин сабзҳисор аст, бубинед.
Аз шавқи ҳамоғӯшии он қомати мавзун
Гулҳо ҳама оғӯшу канор аст, бубинед.
Мижгон бикушоед, бубандед забонро,
Офоқ пур аз ҷилваи ёр аст, бубинед.
Қонеъ машавед аз хати устод ба хондан,
Ҳусне, ки ниҳон дар хати ёр аст, бубинед.
Он нӯш, ки дар неш ниҳон аст, биҷӯед,
Он ганҷ, ки дар кисвати мор аст, бубинед.
Аз дидани сайёд агар ранг надоранд,
Ин дашт, ки пурхуни шикор аст, бубинед.
Чун нест шуморо назари дидани оташ,
Ин ҷӯш, ки дар мағзи баҳор аст, бубинед.
Ин гард, ки бар арш кулаҳгӯша шикастаст,
Аз ҷилваи он шоҳсавор аст, бубинед.
З-он пеш, ки аз чеҳраи ҷон гард фишонанд,
Он моҳ, ки дар зери ғубор аст, бубинед.
З-он пеш, ки аз ҳар ду ҷаҳон гард барорад,
Эй бехабарон, ин чӣ савор аст, бубинед.
Дар ҷомаи худ чок задан бе сабабе нест,
Дар пираҳани ғунча чӣ хор аст, бубинед.
Аз чашмаи Кавсар наравад тирагии бахт,
Холе, ки ба кунҷи лаби ёр аст, бубинед.
Ин он ғазали Авҳадии мост, ки фармуд:
«Эй беназарон, ин чӣ баҳор аст, бубинед».

* * *

Фалак ба обилаи хордида мемонад,
Замин ба домани дар хун кашида мемонад.
Шукуфта чун шавам аз бӯстон, ки лолаву гул
Ба синаҳои ҷароҳатрасида мемонад.
Гуле, ки дидаи шабнам ба хун ташнаи ӯст,
Ба пушти дасти надоматгазида мемонад.
Зи оби чашми кӣ ин хок сабз гардидаст?
Ки ин шароб ба хуни чакида мемонад.
Зибаски обилаи дил зи ҳам намегусилад,
Нафас ба риштаи гавҳаркашида мемонад.
Замини сокину хуршеди оташинҷавлон
Ба дасту зонуи мотамрасида мемонад…
Зибаски мардуми дунё тамом мадҳушанд,
Ҷаҳон ба хонаи сураткашида мемонад.
Каманди ҳодисаро чини норасоӣ нест,
Рамиданӣ ба ғизоли рамида мемонад.
Магар ҳумои саодат ҳавои ман дорад,
Ки дил ба тоири шаҳбоздида мемонад.
Ҷавоби он ғазал аст ин ки гуфт орифи Рум:
«Хазон ба дидаи ҳиҷронкашида мемонад».
Суханшинос агар дар ҷаҳон бувад, Соиб,
Маро кадом ғазал аз қасида мемонад?

* * *

Дар хеш чу гардун накунӣ то сафаре чанд,
Аз собиту сайёра наёбӣ хабаре чанд.
Дасти ту нагардад садафи гавҳари шаҳвор,
То сар нанихӣ дар сари мавҷи хатаре чанд.
Аз хонаи занбӯри ҳаводис нахурӣ шаҳд,
То дар раги ҷонат наравад нештаре чанд.
Шерозаи дарёи ҳаловат раги талхист,
Шукронаи ҳар шаҳд бинӯшон шакаре чанд.
Аз лол ҳар ангушт забонест сухангӯй,
Як дар чу шавад баста, кушоянд даре чанд.
Аз худнашиносон маталаб дидаи ҳақбин,
Ҳақро чӣ шиносанд зи худ бехабаре чанд?
Сарчашмаи ин бодия аз заҳраи шер аст,
Зинҳор машав ҳамсафари беҷигаре чанд.
Ҳарчанд раҳоӣ зи қафас қисмати мо нест,
Он нест, ки бар ҳам назанам болу паре чанд.
Бинмой ба соҳибназаре гавҳари худро,
Исо натавон гашт ба тасдиқи харе чанд.
Дар сояи девори саломат манишинад,
Аз санги маломат нахӯрад ҳар кӣ баре чанд.
Соиб, сари хуршед ба фитрок набандӣ,
Бар хоб шабехун назанӣ то саҳаре чанд.

*   *   *

Дардро сӯхтагони ту ба дармон надиҳанд,
Ҷигари ташна ба сарчашмаи ҳайвон надиҳанд.
То дар ин боғ чу шабнам нашавад об дилат,
Раҳ ба сарчашмаи хуршеди дурахшон надиҳанд.
Рӯзгорест, ки бо пои малах наздикон
Мӯрро роҳи сухан пеши Сулаймон надиҳанд.
Беқаророни ту чун домани саҳро гиранд,
Хорро фурсати гироии домон надиҳанд.
Илми расмӣ вараҳи сина сипар сохтан аст,
Орифон кӯдаки худро ба дабистон надиҳанд…
Ин чӣ расмест, ки арбоби саховат, Соиб,
Ба касе, то дили худро нахӯрад, нон надиҳанд.

* * *

На зару симу на лаълу на гуҳар хоҳад монд,
Дар бисоти ту ҳамин гарди сафар хоҳад монд.
З-ин гулистон, ки ба рангинии он мағрурӣ,
Мушти хоке ба ту, эй боди саҳар, хоҳад монд.
Коми бебаргунавоён ба самар ширин кун,
Дар риёзе, ки на баргу на самар хоҳад монд.
Тӯшаи раҳ дил аз ин олами фонӣ бардор,
Ки ҳамин бо ту зи асбоби сафар хоҳад монд.
Чун фалак номи аносир зи ту вопас гирад,
Аз ту, эй хоҷа, назар кун – чӣ дигар хоҳад монд!
Ишқ дилро, чӣ хаёлест, ба мо бигзорад,
Ба садаф синаи холӣ зи гуҳар хоҳад монд.
Хишт болини ту созанд парасторонат,
Аз ту ҳарчанд дусад болиши пар хоҳад монд.
Ин ҷаҳон оинаву ҳастии мо нақшу нигор,
Нақш дар оина охир чӣ қадар хоҳад монд?!
З-ин ҳама лолаи бедоғ, ки дар гулзор аст,
Доғи афсӯс бар авроқи ҷигар хоҳад монд.
Нақши парвоз зи беболупарӣ кун, Соиб,
Ки дар ин бодия на бол, на пар хоҳад монд.

*    *    *

Забони шиква ба хашми замона афзояд,
Ки хас ба оташи сӯзон забона афзояд.
Чунин ки ҳирси фалак мефизояд аз пирӣ,
Ба ризқи ман чӣ умед аст, дона афзояд.
Агар зи хоб шикоят ба рӯзгор барам,
Ба рағми ман ба фусуну фасона афзояд.
Расидааст туро хоби бехудӣ ҷое,
Ки огаҳӣ зи шароби шабона афзояд.
Макун зи чарх шикоят, ки тавсани бадрав
Лағад ба каҷравӣ аз тозиёна афзояд.
Кунад пиёлаи хун хурдани ту чарх васеъ,
Ба қадри он ки туро боғу хона афзояд.
Зи шукру шиква мазан пеши чарх дам, Соиб,
Ки он баҳонаталаб бар баҳона афзояд.

*    *    *

Дил аз мушоҳидаи лолазор накшояд,
Зи дастҳои ҳинобаста кор накшояд.
Зи ихтиёри ҷаҳон укдаест дар дили ман,
Ки ҷуз ба гиряи беихтиёр накшояд.
Хуш он садаф, ки гар аз ташнагӣ кабоб шавад,
Даҳони хеш ба абри баҳор накшояд.
Агарчи зарра сазовори меҳри тобон нест,
Намешавад, ки зи партав канор накшояд.
Маҷӯй хотири ҷамъ аз ҷаҳони ноамнӣ,
Ки теғро зи камар кӯҳсор накшояд.
Зи хун зиёда шавад ранги ғунчаи пайкон,
Дили ғамин зи майи хушгувор накшояд.
Замину чарх ба ғайр аз ғубору дуде нест,
Хуш он ки чашм ба дуду ғубор накшояд.
Марост аз дили мағрур ғунчае, Соиб,
Ки дар ба рӯи насими баҳор накшояд.

* * *

Зи хештан сафаре ихтиёр хоҳам кард,
Дили пиёдаи худро савор хоҳам кард.
Миёни роҳ чу Исо намекунам манзил,
Аз ин карева ба ҳиммат гузор хоҳам кард.
Либоси орияти навбаҳор рехтанист,
Чу анбар аз нафаси худ баҳор хоҳам кард.
Зи ашк рӯи заминро чу домани афлок
Пур аз ситораи шабзиндадор хоҳам кард.
Маро ба ҳиммати мардона дастгир шавед,
Ки даст дар камари кӯҳсор хоҳам кард.
Ҳамин қадар, ки сарам з-ин шароб гарм шавад,
Нигоҳ кун, ки чӣ бо рӯзгор хоҳам кард.
Агар кунад хиради шишадил гаронҷонӣ,
Ба ратлҳои гарон сангсор хоҳам кард.
Расад ба домани он офтоб гар дастам,
Чу субҳ зиндагии худ дубор хоҳам кард.
Чу субҳ як-ду нафас, к-аз ҳаёти ман боқист,
Ба офтобҷабинон нисор хоҳам кард.
Агар ҳаёт бувад, накди ҳастии худро
Нисори сӯхтагон чун шарор хоҳам кард.
Агар диҳанд ба ман боғи хулдро, Соиб,
Ҳузури гӯшаи дил ихтиёр хоҳам кард.

* * *

Ҳирсро ташнагӣ афзун ба зару мол шавад,
Чашми оина кучо сер зи тимсол шавад.
Бахраи хоча зи асбоб ба чуз меҳнат нест,
Арақ аз бори гарон қисмати ҳаммол шавад.
То намирад, зи тараддуд накашад пой ҳарис,
Роҳати мӯр дар он аст, ки помол шавад.
Чун шаби тор ба як рӯзи сиях месозӣ,
Гар туро рӯи замин номаи аъмол шавад.
Ба шикасте, ки зи даврон расад, озурда мабош,
Ки қафас чун шиканад, шаҳпари иқбол шавад.
Маслиҳат нест зи ширинсуханон хомӯшӣ,
Занги оина бувад тӯтӣ, агар лол шавад.
Талаби дил макун аз зулф, ки сар мебозад,
Дуздро ҳар кӣ шаби тор ба дунбол шавад.
Соиб аз чарх ҳамин ком таманно дорад,
Ки сараш дар қадами сарви ту помол шавад.

* * *

Зи мотамхонаи мо нағмаи ишрат куҷо хезад,
Сипанд аз оташи мо тангдастон бенаво хезад.
Ба хомӯшӣ мабош аз интиқоми оҷизон эмин,
Ки сел аз кӯхсори хоксорон бесадо хезад.
Ба васл аз домани ошиқ надорад даст дилгирӣ,
Ки мумкин нест занги оҳан аз оҳанрабо хезад.
Даруни пардаи дил бо хаёлаш хилвате дорам,
Ки суҳбат мехӯрад барҳам, сипанде гар зи ҷо хезад.
Ду оламро ба як паймона мебахшанд махмурон,
Агар Қорун нишинад бо майошомон, гадо хезад.
Зи ишқи покдоман муддао ин аст ошиқро,
Ки аз базми ту як раҳ бо дили бемуддао хезад…
Аз он, Соиб, назар аз хоки пояш барнамедорам,
Ки созад чашм равшан, гиряе, к-аз тӯтиё хезад.

* * *

Дил чӣ талхиҳои рангоранг аз он дилбар кашид,
Қатраи хуне чӣ дарёҳои хун бар сар кашид.
Дар миёни ошиқон ман бенасиб афтодаам
Варна қумрӣ сарвро дар зери болу пар кашид.
Пухтагонро зиндагӣ бо хомкорон мушкил аст,
Ахгари мо хешро дар зери хокистар кашид.
Аз канори оби ҳайвон хушклаб боз омадан
Маргро дар зиндагӣ бар рӯи Искандар кашид.
Гарчи миҷмар аз ситамкорӣ зад оташ дар сипанд,
Дуди талхаш интиқом аз дидаи миҷмар кашид.
Ман ба зӯри ишқ печидам инони маргро
Варна чандин шамъро бар хок ин сарсар кашид.
Сода буд аз тору пуди роҳ саҳрои ҷунун,
Ҳарзагардиҳои ман ин сафҳаро мистар кашид.
Ҳар кӣ, Соиб, аз қаноат кард ҳифзи обрӯ,
Дар ҳамин ҷо об аз сарчашмаи Кавсар кашид.

*   *   *

Рухсори ҷаҳонсӯзи ту бепову сарам кард,
Назорраи зулфи ту парешонназарам кард.
Уммеди наҷоти ман аз он зулф ба хат буд,
Сар зад хати бераҳму гирифтортарам кард…
Ҳар хор зи рухсораи ӯ хори ғарибист,
Он ҳусни ғарибе, ки чунин дарбадарам кард.
Фарёд, ки он наргиси мастона, ки ҳар гоҳ
Рафтам, ки хабар ёбам аз ӯ, бехабарам кард.
Шуд мардумаки дидаи ман гардиши афлок,
То тарбияти ишқи ту соҳибназарам кард.
Хуршеди қиёмат ҷигари ташналабонро
Сероб зи афшурдани домони тарам кард.
З-он рӯз, ки афтод ба болои ту чашмам,
Ҳар мӯй синоне шуду аз худ бадарам кард.
Ҳаргиз нашуд аз ҷилваи ӯ сер ду чашмам,
Ин оби равон ҳар нафасе ташнатарам кард.
Аз марг маҳол аст шавад талх даҳонам,
З-он қанд, ки лутфи ту дар оби гуҳарам кард.
Дониста қадам бар сари мӯре наниҳодам,
Соиб, фалаки сифла чаро бесипарам кард.

* * *

Зи гул муҳофизати рангу бӯ намеояд,
Ба ғайри лутф зи рӯи накӯ намеояд.
Сафои ҳусни бутон аз дили гудохта аст,
Зи оби оина ин шустушӯ намеояд.
Зи ҷунбиши мижа осудааст қурбонӣ,
Тараддуд аз дили беорзӯ намеояд.
Шавад зи бахяи анҷум фузун ҷароҳати субҳ,
Илоҷи синаи мо аз руфӯ намеояд.
Ба пои хум бирасонед мушти хоки маро,
Ки дастгирии ман аз сабӯ намеояд.
Марез оби рухи худ барои нон, к-ин об
Чу рафт, навбати дигар ба ҷӯ намеояд.
Забони ишқ напечад ба ҳарфи тӯли амал,
Ба нӯки хомаи тақдир мӯ намеояд.
Диле, ки раҳ ба мақоми вафо барад, Соиб,
Дигар ба ҳеҷ мақоме фурӯ намеояд.

* * *

Ман киям, то ёри бепарво ба фарёдам расад?
Оҳи субҳу гиряи шабҳо ба фарёдам расад.
Домани саҳро набурд аз чеҳраам гарди малол,
Меравам чун сел, то дарё бар фарёдам расад.
Аз саводи шаҳр хоки тарнишин шуд ахгарам,
Ку ҷунун, то домани саҳро ба фарёдам расад?
Кӯҳи ғам шуд об аз фарёди оламсӯзи ман,
Кист дигар дар дили шабҳо ба фарёдам расад?
Меравам аз хеш берун пойкӯбон чун сипанд,
То куҷо он оташинсимо ба фарёдам расад.
Метавонам рӯзи маҳшар шуд шафеи оламе
Нолаи имрӯз агар фардо ба фарёдам расад.
Шуълаи фарёди Соиб барқи зангори дил аст,
Мутрибе ку, то дар ин савдо ба фарёдам расад?

* * *

Мол рафт аз дасту чашми хоҷа дар дунбол монд,
Аз дусад хирман тиҳичашмӣ ба ин ғирбол монд.
Риштаи тӯли амал карда-ст мардумро маҳор,
Хизр шуд з-ин корвон, ҳар кас, ки дар дунбол монд.
Гавҳари дандон зи пирӣ рехт чун шабнам ба хок,
Укдаҳо дар риштаи умр аз шумори сол монд.
Аз ҳарисон нест чизе дар ҷаҳон ҷуз оҳи сард,
Ёдгор аз анкабутон риштаи омол монд.
Об шуд дил з-интизору чеҳраи матлаб надид,
Дар дили оинаи мо ҳасрати тимсол монд.
Аз ҷавонӣ нест ғайр аз оҳи ҳасрат дар дилам,
Нақши пое чанд аз ин товуси зарринбол монд.
Шавқи Лайло бурд моро, Соиб, аз олам бурун,
Ҳасрати девонаи мо дар дили атфол монд.

* * *

Оташи ишқи ту чун забона барорад,
Аз дили санг оҳи ошиқона барорад.
То ба яке бӯса хуш кунад дили ошиқ,
З-он даҳани танг сад баҳона барорад.
Ғӯта ба хуни шафақ диҳанд чу субҳаш,
Ҳар кӣ нафасҳои беғамона барорад.
Ҳар кӣ фурӯ бурд сар ба ҷайби тааммул,
Киштӣ аз ин баҳри бекарона барорад.
Рӯзии барқ аст хирмане, ки нахоҳад
Ҳоҷати мӯре ба як-ду дона барорад.
Тарки каҷӣ кун, ки тир рост чу гардад,
Гард ба як ҳамла аз нишона барорад.
Донаи уммедро чу хӯшаи парвин
Аз дили шаб гиряи шабона барорад.
Мутриби оташ навои хомаи Соиб
Аз ду ҷаҳонат ба як тарона барорад.

* * *

Шавқи май аз баҳори гуландом тоза шуд,
Пайванди бӯсаҳо ба лаби ҷом тоза шуд.
Аз чеҳраи кушодаи симинбарони боғ
Оғӯшсозии тамаи хом тоза шуд.
З-он бӯсаҳои тар, ки зи шабнам ба гул расид,
Уммеди ман ба бӯсаву пайғом тоза шуд.
З-он хандае, ки ғунча ба рӯи насим кард,
Шоҳидпарастии дили худком тоза шуд.
Майле, ки доштанд ҳарифон ба нуқлу май,
Аз чашмаки шукуфаи бодом тоза шуд…
Соиб, туро зи сардии даврон хазон мабод,
К-аз навбаҳори табъи ту айём тоза шуд.

* * *

Ҷон дар бадани хокии мо занг баровард,
Ин гавҳари соф аз садаф ин ранг баровард.
Дар ҳар ҳунаре дасти дигар буд чу сарвам,
Дар ҷайб зи афсурдагиям занг баровард.
Ишқи ту ҳаволат ба дили сӯхтаам кард,
То ҳамчу шарорам зи дили санг баровард.
Тамкини хирадро, ки зи кӯҳ аст гаронтар,
Селоби хироми ту сабуксанг баровард.
Аз хушкии зуҳҳод фурӯ шуст ҷаҳонро,
Ин мутриби тардаст чӣ оҳанг баровард.
Бар оинаам тӯтии хушҳарф гарон аст,
Равшангуҳарӣ хулқи маро танг баровард.
Ё Раб, нашавад тангдил он ғунчаи хандон.
Ҳарчанд ки моро зи дили танг баровард.
Чашми ту ғизолест, ки девонаи моро
Аз панҷаи шерони қавичанг баровард.
Соиб, ту қадаҳ нӯш, ки кайфияти он чашм
Моро зи хумори майи якранг баровард.

*   *   *

Мардуми рӯи замин  - бесарусомоне чанд,
Дар раҳи сели ҳаводис - деҳи вайроне чанд.
Чарх, к-аз хуни шафақ чеҳраи худ дорад сурх,
Чӣ саранҷом диҳад кори парешоне чанд?
З-ин гулистон, ки чу гул хайма дар он ҷо задаӣ,
Чист дар дасти ту ҷуз чоки гиребоне чанд?
Нест аз мардуми бешарм аҷаб пардадарӣ,
Пӯшиш уммед чӣ доред зи урёне чанд?
Дил сияҳ шуд зи парешонсуханон, субҳ куҷост,
То бигирад сари ин шамъи парешоне чанд?
Доғи дигар ба дил аз лоласитонам афзуд,
Чӣ таровиш кунад аз синаи сӯзоне чанд?
Он ки бар оташи ман оби насиҳат мерехт,
Кош мезад ба дили сӯхта домоне чанд.
Чӣ кунам, оҳ, ки ҳар лаҳза бурун меорад
Араќи шарми ту аз парда нигаҳбоне чанд…
Набарад оина аз оина ҳаргиз зангор,
Чӣ диҳӣ ҳайрати худ арз ба ҳайроне чанд.
Соиб, аз қаҳти сухандон ҳама кас мавзун аст,
Кош мебуд дар ин аҳд сухандоне чанд.

* * *

Зар вуболи мунъимон рӯзи қиёмат мешавад,
Оқибат ҳар фулси моҳӣ доғи ҳасрат мешавад.
Дасти ҳар касро, ки мегирӣ дар он ошӯбгоҳ,
Бар чароғи зиндагӣ дасти ҳимоят мешавад.
Мешавад ширин ба муҳлат оби дарё дар сафар,
Майгусорӣ мояи ашки надомат мешавад.
Бӯи хун меояд аз теғи забони эътироз,
Хурдагирӣ оқибат тухми адоват мешавад.
То парешон аст дил дар шаҳрбанди касрате,
Хешро ҳар гоҳ созӣ ҷамъ, ваҳдат мешавад.
Ишқро санги маломат мешавад санги фасон,
Аҳлком аст он ки дилсард аз насиҳат мешавад.
Аз тамошо дидаи ошиқ намегирад қарор,
Лангари ин баҳри хуношом ҳасрат мешавад.
То баромад аз ватан Юсуф, азизи Миср шуд,
Дона гавҳар дар замини поки ғурбат мешавад.
Ҳар касеро ҳадди худ бошад ҳисори офият,
Ҷуғз дар вайрона аз аҳли саодат мешавад.
Соиб, аз ҳар кас, ки дорӣ ранҷише, изҳор кун,
Шиква чун дар дил гираҳ шуд, доғи кулфат мешавад.

*   *   *

Чеҳраат ранг зи гулдастаи мино дорад,
Ғунчаат дарси табассум зи Масеҳо дорад.
Арсаи хонаи хишту гилу хум дилгир аст,
Духтари раз ҳаваси чодари мино дорад.
Дилам аз гиряи мастона мадад металабад,
Ин гули абр назар бар лаби дарё дорад.
Бӯи пероҳан ,агар тунд равад, маъзур аст,
Душмане дар пай чун чашми Зулайхо дорад.
Соиб, ин завқ, ки аз нашъаи май ёфтааст,
Ҷон агар дар гарави бода кунад, ҷо дорад.

*   *   *

Зи дил рам мекунад, чашми балоҷӯ инчунин бояд,
Намегардад ба Маҷнун ром, оҳу инчунин бояд.
Нигаҳ мелағзад аз рӯяш, хирад меларзад аз мӯяш,
Такаллуф бартараф, рӯ ончунон, мӯ инчунин бояд.
Ба худ карда-ст рӯи ҳар ду олам чун сафи мижгон,
Тасарруф дар хами меҳроби абрӯ инчунин бояд.
Баровард аз хуморе бӯи пероҳан азизонро,
Бале, ҳамчашми моҳи Мисрро бӯ инчунин бояд.
Ба ваҷд омад замину осмон аз шӯриши Соиб,
Майошомони маъниро ҳаёҳу инчунин бояд.

*  *  *

Рабуда хоби маро ҳусни бемисоли дигар,
Гарон чу хоб ба чашмам бувад хаёли дигар.
Гузаштан аз сари тақсири ман ба рӯи кушод,
Ба инфиоли ман афзуд инфиоли дигар.
Агар диҳӣ зи нафас ҷон ба халқ чун Исо,
Нафас макаш, ки хамӯшӣ бувад камоли дигар.
Гадо зи луқма маҳол аст серчашм шавад,
Ки мешавад лаби нонаш лаби саволи дигар.
Зиён накард Сулаймон зи дилнавозии мӯр,
Ба ҳусни салтанати худ фузуд холи дигар.
Масоз рӯ туруш аз хӯрдани ғазаб, Соиб,
Ки дар ҷаҳон набувад луқмаи ҳалоли дигар.

*  *  *

Баҳор мегузарад, соғари чу лола бигир,
Ҳазор бӯса зи кунҷи лаби пиёла бигир.
Зи нашъаи пари товусе ар надорӣ ранг,
Ба тоқи абрӯи қавси қузаҳ пиёла бигир.
Баҳори умр сабуктар зи барқ мегузарад,
Чу лола коми дил аз бодаи пиёла бигир.
Бинӯш бодаи гулгуну рӯ ба бӯстон кун,
Ҳазор нуктаи рангин ба барги лола бигир.
Мизоҷи соғари гул нозук аст, эй булбул,
Худойро, пари худ пеши санги жола бигир.
Насиҳатест зи пири муғон ба ёд маро,
Ғаме фурӯ чу бигирад туро, пиёла бигир.
Ба умри Хизр чӣ хамёза мекашӣ, Соиб,
Ту низ коми дил аз бодаи дусола бигир.

* * *

Эй сафҳаи рухсори ту аз гул басафотар,
Мижгони баландат зи сари зулф расотар.
Аз чашм ҳаваснокта р афтода дили ман,
Аз барг бувад решаи ман сар ба ҳавотар.
Ин турфа, ки гунҷоиши ғам мешавад афзун,
Ҳарчанд шавад шишаи ман тангфазотар.
Хун аст зи рангинии лафзам дили маънӣ,
Аз бода бувад шишаи ман ҳушработар.
Соиб, чӣ ниҳон дорам аз ӯ сурати аҳвол,
К-аз оина он рӯй бувад рӯйнамотар.

* * *

Эй сабо, барге аз он гулшани бехор биёр,
Ҳарфи рангине аз он лаъли гуҳарбор биёр.
Ба баҳорон бирасон қиссаи бебаргии ман,
Барги сабзе пайи ороиши дастор биёр.
Ҳарчи мегӯӣ аз он лаъли шакарбор, бигӯ,
Ҳарчи меоварӣ аз муждаи дидор, биёр,
Ваъдаи омадане гар ҳама бошад ба дурӯғ,
Ба мани содадил аз ёри ҷафокор биёр.
Хабаре дорӣ агар аз даҳани ёр, бигӯ,
Ҳарфи сарбастае аз олами асрор биёр.
Соибо, ин ғазали Ҳофизи ширинсухан аст:
«К-эй сабо, накҳате аз хоки раҳи ёр биёр».

* * *

Аз дили пурхуни булбул кай хабар дорад баҳор,
Ҳар тараф чун лола сад хунинҷигар дорад баҳор.
Мастии ғафлат ҳиҷоби нашъаи бегонагист
Варна беш аз бода дар дилҳо асар дорад баҳор.
Аз қумоши пераҳан ғофил зи Юсуф гаштаанд,
Шикваҳо аз мардуми кӯтаҳназар дорад баҳор.
Хоби осоиш куҷо ояд ба чашми симтан,
Ҳамчу бӯи гул азизе дар сафар дорад баҳор.
Аз барои мӯшикофон дар раги ҳар сунбуле
Маънии печида чун мӯи камар дорад баҳор.
Ҳар забони сабзаи ӯ тарҷумони дигар аст,
Аз хамири хокиён як сар хабар дорад баҳор.
Нолаи булбул куҷо аз хоб бедораш кунад,
Болиши нарме, ки аз гул зери сар дорад баҳор..
Мекунад аз тавқ қумрӣ ҳалқа номи сарвро,
Кадди мавзуни гаронрав дар назар дорад баҳор.
Қосиди мактуби мо, Соиб, ҳамон мактуби мост,
Аз шукуфа ноқаҳои номабар дорад баҳор.

*   *   *

Доғи дил аст айши гулистони рӯзгор,
Дуди дил аст сунбулу райҳони рӯзгор.
Чун шамъ то тамом насӯзӣ, намедиҳанд
Хатти амон туро зи шабистони рӯзгор.
Дар нӯшханди барқ хатарҳост зинҳор,
Бозӣ махӯр зи чеҳраи хандони рӯзгор.
Дандон ба дил фишор, к-аз ин роҳ кардаанд
Ҷонҳои пок рахнаи дандони рӯзгор.
Дода-ст ҳамчу дидаи қурбониён наҷот
Ҳайрат маро зи хоби парешони рӯзгор.
Гардид тӯтиёи қалам устухони ман,
Соиб, зи бори миннати эҳсони рӯзгор.

*   *   *

Чу шамъ ҷон зи насими саҳар дареғ мадор,
Зи дӯстони сабукрӯҳ сар дареғ мадор.
Дар ин ҳадиқа агар дӯстдори чашми худӣ,
Назар зи мардуми равшангуҳар дареғ мадор.
Ба кори душмани хунхори худ гиреҳ мабанд,
Зи ҳеҷ обилае нештар дареғ мадор.
Чу офтоб агар майли тоҷи зар дорӣ,
Зи ҳеҷ зарра фурӯғи назар дареғ мадор.
Саре зи рахнаи девори боғ берун кун,
Зи ҳеҷ роҳнаварде самар дареғ мадор.
Яке шумор даҳони наҳангу коми садаф,
Зи ҳар кӣ лаб бикушояд, гуҳар дареғ мадор.
Дар ин баҳор, ки мироби ин чаман шудаӣ,
Назар зи Соиби оташҷигар дареғ мадор.

* * *

Аз ҷаҳон бархостан чашм аз заминдорон мадор,
Рост гардидан таваққуъ з-ин гаронборон мадор.
Мардуми бедардро парвои аҳли дард нест,
Марҳабои чашм зинҳор аз парасторон мадор.
Ҳусн бетоб аст дар изҳори рози ошиқон,
Пардапӯшӣ чашм аз оинарухсорон мадор.
Чун алам шуд сарнагун, лашкар парешон мешавад,
Пой чун лағжид, умед аз ҳаводорон мадор.
Дар хазон аз андалебон бонги афсӯсе нахост,
Чун варақ баргашт, чашми ёрӣ аз ёрон мадор.
Хонаи обу гил аз селоб меларзад ба хеш,
Чун шудӣ аз хонабардӯшон, ғами ёрон мадор.
Корвони умрро наъли сафар дар оташ аст,
Истодан чашм аз ин селобрафторон мадор.
Садди роҳи нашъаи май мешавад чин дар ҷабин,
Рӯ туруш зинҳор дар базми қадаҳхорон мадор.
Ҷуз надомат нест ҳосил мардуми мағрурро,
Гӯш бар афсонаи беҳудагуфторон мадор.
Ҳарфи дил, Соиб, макун сар пеши арбоби ҳавас,
Зинҳор оина пеши ин сияҳкорон мадор.

*  *  *

Биёву тоза кун имон ба навбаҳор имрӯз,
Ки шуд қиёмати мавъуд ошкор имрӯз.
Шукуфа аз уфуқи шохсор ахтар рехт,
Нишони субҳи қиёмат шуд ошкор имрӯз.
Зи ҷӯши лолаву гул, к-аз рикоб мегузарад,
Пиёда ҷилва кунад дар назар савор имрӯз.
Чаман чунон басафо шуд, ки ҳар ниҳолеро
Тавон кашид ба оғӯш ҷои ёр имрӯз.
Ҳаво хуморшикан, гул пиёлагардон аст,
Пиёла нӯшу маяндеш аз хумор имрӯз.
Муҳити раҳмати ҳақ дар талотум омадааст,
Каф аз шукуфа фиканда-ст бар канор имрӯз.
Ба шуғли айш шабу рӯзро баробар кун,
Ки адл гашт тарозӯи рӯзгор имрӯз.
Чӣ бодбон, ки муҳайё накардааст зи абр
Барои киштии май мавсими баҳор имрӯз.
Зи лола ҷӯши хуми бода мезанад кӯҳсор,
Шароби лаъл бароял зи чашмасор имрӯз.
Биҳишти нақд талаб мекунӣ агар, Соиб,
Чу ғунча сар зи гиребони худ барор имрӯз.

* * *

Ба мижгон ашк пӯшидан маёмӯз,
Ба абри тира боридан маёмӯз.
Ба зулфи оҳ печидан мадеҳ ёд,
Ба дарё ашк ғалтидан маёмӯз,
Ҳавас бетоқатиро хоб дорад,
Ба сармохӯрда ларзидан маёмӯз.
Зи худ берун шудан зоҳид чӣ донад,
Ба чӯби хушк нолидан маёмӯз.
Маҷӯ вачди самоъ аз зоҳиди хушк,
Ба хуни мурда ҷӯшидан маёмӯз.
Худодод аст нозу шеваи ҳусн,
Ба чашми оҳувон дидан маёмӯз.

* * *

Суҳбати ишқу хирад соз нагардад ҳаргиз,
Булбулу чуғд ҳамовоз нагардад ҳаргиз.
Мани майхораву ҳамроҳии зоҳид? Ҳайҳот!
Суҳбати сангу сабӯ соз нагардад ҳаргиз.
Аз худоро тамаи сирати шоиста хатост,
Ки бурунсоз дарунсоз нагардад ҳаргиз.
То касе гил назанад равзани биноиро,
Бар рухаш рахнаи дил боз нагардад ҳаргиз.
Аҷзро муҳр ба лаб зан, чу бало нозил шуд,
Зи камон тири қазо боз нагардад ҳаргиз.
Кабк гар хандаи беҷо накунад, ман зомин,
Ки гирифтор ба шаҳбоз нагардад ҳаргиз.
То ту, Соиб, зи хасу хор наяфшонӣ даст,
Шуълаи оҳ сарафроз нагардад ҳаргиз.

* * *

Ҳадиси ишқ нагирад ба зоҳидон ҳаргиз,
Зи бӯи гул нашуда чуғд шодмон ҳаргиз,
Миёни оинаву зиштрӯ сафое нест,
Ба аҳли дил нашавад чарх меҳрбон ҳаргиз.
Ба талху шӯри ҷаҳон ҳамчу баҳр сохтаем,
Нахӯрдаем ғами ризқ дар ҷаҳон ҳаргиз.
Агарчӣ кӯҳи ғами рӯзгор бар дили мост,
Набудаем ба табъи шаҳон гарон ҳаргиз.
Ҳамеша ҳамсафари ҳиммати баланди худем,
Надодаем ба дасти касе инон ҳаргиз.
Агарчӣ ғунчаи ин гулшанем мо, Соиб,
Набастаем дили худ ба гулистон ҳаргиз.

* * *

Боло накарда соиди ӯро ҳаё ҳанӯз,
Байъат накардааст ба дасташ ҳино ҳанӯз.
Овози андалеб ба гӯшаш нахӯрдааст,
Бар гирди ӯ нагашта насими сабо ҳанӯз.
Дар ғунча аст хандаи гулзори савсанаш,
Дасташ гуле начида зи ранги ҳаё ҳанӯз.
Гул айби бевафоии худро илоҷ кард,
Нашнидааст аҳди ту номи вафо ҳанӯз.
Сад бор чини абруи ӯ дод рухсатам,
Ман сар намекашам зи каманди вафо ҳанӯз.
Эй дида, аз ғубори раҳи ӯ чӣ дидаӣ,
Дар парда аст хосияти тӯтиё ҳанӯз.
Соиб, ҳазор қосиди пос омаду гузашт,
Чун барқ мепарад ба раҳаш чашми мо ҳанӯз.

* * *

Аз худ бурун наомада девонаам ҳанӯз,
Машғули хокбозии тифлонаам ҳанӯз.
Дар хуни худ музоиқа бо теғ мекунад,
Хом аст ҷӯши бодаи майхонаам ҳанӯз.
Ҳарчанд умрҳост, ки бегонаам зи ақл,
Дар боғи ишқ сабзаи бегонаам ҳанӯз.
Умрест гарчи дур зи майхона мондаам,
Гардад зи бӯи май сари паймонаам ҳанӯз.
Хокистарам ба боди фано рафту шамъҳо
Хун мекунанд бар сари парвонаам ҳанӯз.
Ҳарчанд ҳафт хони фалакро шикастаам,
Дар шашдар аст ҳиммати парвонаам ҳанӯз.
Бо он ки хӯшаам зи Сурайё гузаштааст,
Аз рӯи ғайрат аст хиҷил донаам ҳанӯз.
Пирӣ агарчи болу парамро ба ҳам шикаст,
Дил медавад ба суҳбати тифлонаам ҳанӯз.
Соиб, гузаштааст зи сар обу меҷаҳад
Беихтиёр, «алъаташ! аз донаам ҳанӯз.

*  *  *

Чу офтоб ба ҳар заррае нигоҳ андоз,
Чу абр сояи раҳмат ба ҳар гиёҳ андоз.
Баланду пасти ҷаҳон дар якдигар аст,
Агар ба моҳ барой, назар ба чоҳ андоз.
Шабе барой ба гулгашти моҳтоб бурун,
Чу меҳр раъшаи ғайрат ба ҷони моҳ андоз.
Бипӯш ҷомаи фатҳ аз шикасти худ ғофил,
Катони тоқати худро ба пеши моҳ андоз.

*  *  *

Сабук зи синаи мо, эй ғубори ғам, бархез,
Зи ҳамнишинии мо мекашӣ алам, бархез.
Сари қалам бишикан, муҳр кун даҳони давот,
Ба ин сиёҳдилон кам нишину кам бархез.
Гузаштан аз сари ганҷу гуҳар саховат нест,
Каримӣ, аз сари овозаи карам бархез.
Бидор иззати мӯи сафеди пиронро,
Зи ҷои хеш ба таъзими субҳдам бархез.
Дар ин ду вақт иҷобат кушодапешонист,
Дили шаб ар натавонӣ, сапедадам бархез...
Калиди гулшани фирдавс дасти эҳсон аст,
Биҳишт металабӣ, аз сари дирам бархез.
Гирифт домани гул шабнам аз саҳархезӣ,
Зи гарди хоб бишӯ дастурӯ ту ҳам бархез.
Умеди фатҳу зафар ҳаст, то алам барҷост,
Фурӯғи субҳ нахобонда то алам, бархез.
Ба фикри дӯст ба болин гузор сар, Соиб,
Чу офтоб дар оғӯши субҳдам бархез.

*   *   *

Ёд дорам ба назар хатти ғуборе, ки мапурс,
Соя кардаст ба ман абри баҳоре, ки мапурс.
Кардаам аҳд, ки коре нагузинам ҷуз ишқ,
Бетааммул задаам даст ба коре, ки мапурс.
Шаб, ки он мӯймиён танг дар оғӯшам буд,
Доштам аз ғами айём каноре, ки мапурс.
Ман на онам, ки хӯрам бори дигар бозии чарх,
Хӯрдаам з-ин қафаси танг фишоре, ки мапурс.
Ғунчачинони гулистони ҷаҳонро, Соиб,
Ҳаст дар пардаи дил боғу баҳоре, ки мапурс.

*   *   *

Зи дил бурун наравад чашми ошнорӯяш,
Саре ба домани Маҷнун ниҳода оҳуяш.
Фиканд аз сари гарданкашони олам хок,
Кулоҳи ақл тамошои тоқи абрӯяш.
Ҳазор сайд ба як тир метавонад кушт,
Фитод бар сари хам баски сайд дар кӯяш.
Ба ғунчае сарукор аст андалеби маро,
Ки аз ҳаё ба гиребон намерасад бӯяш.
Зи хоб ҳайрати оинаро кунад бедор,
Агар чунин шавад аз май арақфишон рӯяш.
Зи ҳоли дил хабарам нест, ин қадар донам,
Ки дасти шона нигорин бароя аз мӯяш.
Кӣ дида, нофа зи оҳу давандатар бошад,
Кӣ дид зулф, ки бошад расотар аз бӯяш.
Зи бори дил кунад озод сарвро, Соиб,
Дар он чаман, ки кунад ҷилва қадди дилҷӯяш.

*  *  *

Агарчи мезанад оташ ба олам рӯи тобонаш,
Гулӯ тар мешавад аз дидани себи занахдонаш.
Итобу нозу дашномаш чӣ хоҳад буд, ҳайронам,
Ситамгоре, ки бошад чини абрӯ мадди эҳсонаш.
Гули шабнам ба чашмаш рӯи ашколуд меояд,
Нигоҳи ҳар кӣ афтодаст бар рухсори хандонаш.
Надорад ҳоҷате оина аз баҳри худорой,
Зи бас, к-аз ҳар тараф оинарӯёнанд ҳайронаш.
Зи домангирии ӯ остинҳо ҷӯи хун гардад,
Зи хуни ошиқон азбаски сероб аст домонаш.
Гуворо бод шарми ҳиммат он лабҳои навхатро,
Ки ҷонбахшӣ кунад дар пардаи шаб оби ҳайвонаш.
Ба азми рафтан аз гулзор чун қомат барафрозад,
Гул аз бетоқатӣ чун хор овезад ба домонаш.
Кашад дар ҳар қадам ҷои қадаҳ минои май бар сар
Замин аз ҷилваи мастонаи сарви хиромонаш.
Забони алаташгӯест ҳар гарде, к-аз ӯ хезад,
Ба хуни ошиқон ташна-ст аз бас хоки майдонаш.
Аз он бар меваи фирдавс бошад дидаи зоҳид,
К-аз он себи зақан хунин нагардидаст дандонаш.
Ба оби зиндагонӣ чеҳра шӯяд тозарухсоре,
Ки чун Соиб навосанҷе бувад дар боғу бӯстонаш.

*   *   *

Кош медидӣ ба чашми ошиқон рухсори хеш,
То дареғ аз чашми худ медоштӣ дидори хеш.
Сар ба дилҳо додаӣ мижгони хоболудро,
Барнамеоӣ магар бо теғи лангардори хеш.
Ҳусни оламсӯзро машшотае даркор нест,
Гарм дорад аз фурӯғи шуълаи рухсори хеш.
Эй ки меҷӯӣ кушоди кори хеш аз осмон,
Осмон аз мо бувад саргаштатар аз кори хеш.
Меравам чун лағзиши мастон ба пои бехудӣ,
То куҷо сар бар кунам з-ин сайри бепаргори хеш.
Рӯзгори барқи фурсат хандаворе беш нест,
Магзарон, Соиб, ба ғафлат давлати бедори хеш.

*   *   *

Чунон зи дил гузарад соф тири мижгонаш,
Ки гарди сурма нарезад зи тарфи домонаш.
Нуҳуфтааст дар ин ришта уқда гавҳарҳо,
Машав ба чини ҷабин ноумед аз эҳсонаш.
Чу шона ҳар дили чоке кафи ниёз шудаст,
Фитад ба дасти кӣ то зулфи анбарафшонаш.
Дигар ба риштаи тадбир барнамеояд,
Нигоҳи ҳар кӣ фитад бар чаҳи занахдонаш...
Ба зӯр чеҳраи худро шукуфта медорам,
Чу пистае, ки кунад захми санг хандонаш.
Умеди гавҳари сероб аз ин муҳит мадор,
Ки ғайри чини ҷабин нест мадди эҳсонаш.
Ба сидқ ҳар кӣ баровард дам зи дил, Соиб,
Чу субҳ машриқи хуршед шуд гиребонаш.

* * *

Бар ту дӯзах шуда аз касрати исён оташ
Варна дар чашми Халил аст гулистон оташ.
Дӯзах аз сардии айём биҳиште шудааст,
Мекунад ҷилваи гул фасли зимистон оташ.
Дӯзахи сӯхтагон ҷилваи бемағзон аст,
Ки ба фарёд дарояд зи наистон оташ.
Жожхоро набувад бе сухани пуч ҳаёт,
Мешавад дар хасу хошок фурӯзон оташ.
Сарв дудест, ки аз оташи гул хостааст,
То ки зад аз нафаси гарм ба бӯстон оташ.
Дар таҳи домани фонус гурезад, Соиб,
Баски доғ аст аз он чеҳраи хандон оташ.

* * *

Мурғест рӯҳ, қатраи май обу донааш,
Дил тавсанест, нолаи най тозиёнааш.
Дар вақти хеш ҳар кӣ даҳан боз мекунад,
Аз гавҳар аст ҳамчу садаф обу донааш.
Уммеди ҳеҷ кас ба қиёмат намондааст,
Азбаски рӯз мегузаронад баҳонааш.
Нармӣ зи ҳад мабар, ки чу дандони мор рехт,
Ҳар тифли найсавор кунад тозиёнааш.
Ҳар кас кунад зи пояи худ бештар бино,
Фоли нузул мезанад аз баҳри хонааш,
Соиб агар ба ёри суханфаҳм мерасид,
Мешуд ҷаҳон пур аз ғазали ошиқонааш.

*   *   *

Пеш аз хазон ба хок фишондам баҳори хеш,
Мардон ба дигаре нагузоранд кори хеш.
Чун шишаи шикаставу токи буридаам,
Оҷиз ба дасти гиряи беихтиёри хеш.
Аз вақти танг чун гули раъно дар ин чаман
Як коса кардаем хазону баҳори хеш.
Инсоф нест, гарди ятимӣ шавад ғариб
Варна шикастаме гуҳари обдори хеш.
Санги тамом дар кафи атфол ҳам намонд,
Охир ҷунуни ноқиси мо кард кори хеш.
Доим миёнаи ду бало сайр мекунад
Ҳар кас шинохта-ст ямину ясори хеш.
Анҷум ба офтоб шаби тираро расонд,
Дорам умедҳо ба дили доғдори хеш.
Соиб, чӣ фориғ аст зи бебаргии хазон
Мурғе, ки дар қафас гузаронад баҳори хеш?

*   *   *

Баски омехтаи ноз бувад рафтораш,
Бошад эмин зи чакидан araқи рухсораш.
Гӯ, биё, сайри руху зулфу баногӯшаш кун,
Ҳар кӣ дину дилу тоқат набувад дар кораш.
Мекунад номаи сарбаста лаби қосидро,
Нақли пайғом зи лаъли лаби шаккарбораш.
Мекунад ҳур сафороии мижгон дар хулд,
Ба умеде, ки шавад хори сари девораш.
Суфта резад гуҳари ашк ба домон, Соиб,
Чашми ҳар кас, ки фитад бар мижаи хунбораш.

*  *  *

Алифқаде, ки манам синачоки болояш,
Сипеҳр сабзаи хобидаест дар пояш.
Зи соя сарву санавбар алиф кашад бо хок
Ба ҳар чаман, ки кунад ҷилва қадди раънояш.
Дили назорагиёнро зи ҷилва об кунад,
Аз он ҳамеша бувад тоза сарви болояш.
Ғизолае, ки маро кардааст саҳрой,
Сиёҳхаймаи Лайлист доғи савдояш.
Мудом давр занад доғи ошиқӣ, Соиб,
Ки бошад аз дили пурхуни хеш саҳбояш.

*  *  *

Субҳ аст, соқиё, қадаҳи хушгувор бахш,
Ҷоме чу офтоб ба ин хоксор бахш.
Чун ток агарчи пои адаб кач ниҳодаем,
Моро ба резиши мижаи ашкбор бахш.
З-он пештар, ки хуни ту ризқи аҷал шавад,
Ин ҷуръаро ба наргиси махмури ёр бахш.
Дил нозук аст, партави ҳиммат гаронрикоб,
Оинаро ба талъати оинадор бахш.
Эй он ,ки пои кӯҳ ба доман шикастаӣ,
Як зарра сабр ҳам ба мани беқарор бахш.
Чун барқ хушк бигзар аз ин дашти оташин,
Обе зи ҷӯи обилаи дил ба хор каш.
Нуқсон накард Хизр зи сарчашмаи ҳаёт,
Ҷонро ба ҷабҳаи арақолуди ёр бахш.
Май дар сари бараҳна пару бол во кунад,
Дастори хешро ба майи хушгувор бахш.
Ин он ғазал, ки Ҳофизи Шероз гуфтааст:
«З-он баҳр қатрае ба мани хоксор бахш».

*   *   *

Эй фалакҳо зи фурӯғи рухи зебои ту хуш,
Олами хок ҳам аз сояи болои ту хуш.
Рӯзат аз рӯзи дигар хуштару некӯтар бод,
Ки шуд имрӯзи ман аз ваъдаи фардои ту хуш!
Нест мумкин, ки кушояд зи тамошои биҳишт
Дили ҳар кас, ки набошад зи тамошои ту хуш.
Чун маҳи ид ба ангушт намояндаш халқ,
Лаби ҳар кас шавад аз лаъли шакархои ту хуш.
Чашми бад дур зи абрӯи баланди ту, ки ҳаст
Чун маҳи ид дили халқ ба имои ту хуш.
Файз дар абри сиёҳу дили шаб мебошад,
Мешавад вақти дил аз зулфи сумансои ту хуш.
Кист дар бори ту, эй Юсуфи Канъон, ки шуда-ст
Дили як шаҳр зи андешаи савдои ту хуш.
Бар ту, Соиб, намаки ишқу ҷунун бод ҳалол,
Ки маро вақт шуд аз шӯри суханҳои ту хуш.

*   *   *

Гуландоме, ки ман дорам назар ба рӯи гулрангаш,
Зи ранги моҳтобӣ офтобӣ мешавад рангаш,
Бувад чун сабза зери санг аз нашъунамо оҷиз
Забони арзи ҳоли ман зи тамкини гаронсангаш.
Намедонам қумоши дасти симинаш, ҳамедонам
Ки кори мӯмиёӣ мекунад бо синаам сангаш.
Зи турки тангчашме мардумӣ, Соиб, тамаъ дорам,
Ки талх афтод чун бодом, гӯӣ, дидаи тангаш.

* * *

Гирифт аз сари хум хишт пири бодафурӯш,
Чароғи айш бурун омад аз сари сарпӯш.
Зи ҳарфи талх маломатгарон наяндешанд,
Ба гӯши ҳар кӣ расидаст бонги нӯшонӯш.
Ҳазор хирқаи олударо ба қимати май
Гирифта аз сари инсоф пири бодафурӯш.
Ба офтоб расонидаем партавро,
Зи боди субҳ нагардад чароғи мо хомӯш...
Зи ҷӯши лоф дили чашмаҳо тиҳӣ гардид,
Дар ин ду ҳафта, ки дарёи мо нишаста зи ҷӯш.
Фиғон, ки ташналабони сухан намедонанд,
Ки кори теғи дудам мекунад лаби хомӯш...
Шароби талх куҷо чораи ту хоҳад кард,
Туро, ки нолаи Соиб намерасад бар гӯш.

* * *

Ғофил зи ҳоли тӯтии ширинзабон мабош,
Бо сабзкардаҳои сухан саргарон мабош.
Дар ҷабҳаи кушодаи гулҳо нигоҳ кун,
Дилгир аз гирифтагии боғбон мабош...
Дар чашмҳо сабук зи гаронӣ шаванд халқ,
Дар маҳфиле, ки роҳ наёбӣ, гарон мабош.
Эй ғунчае, ки дил ба зари хеш бастаӣ,
Ғофил зи боддастии боди хазон мабош.
Ҳар кас зи хони қисмати худ ризқ мехӯрад,
Аз камбизоатӣ хиҷил аз меҳмон мабош.
Ёрони рафтаро ба накӯӣ кунанд ёд,
Гар умр зуд мегузарад, дилгарон мабош.
Оби равони умр зи истода хуштар аст,
Озурда аз гузаштани ин корвон мабош.
Дар мавсиме, ки рӯи замин як табақ гул аст,
Соиб, чу байза дар бағали ошён мабош.

* * *

Аз оббозии мижаи ашкбори хеш
Кардем ҳамчу домани саҳро канори хеш.
Роҳи сухан ба маҳфили мақсуд ёфтем
Ҳамчун ҷарас зи нолаи беихтиёри хеш...
Duздони бӯса хол зи рухсор мебаранд,
Ғофил машав зи лаъли лаби обдори хеш.
Номуси дудмони ҳаё меравад ба бод,
Чун гул масоз хандаи рангин шиори хеш.
Хун лола-лола мечакад аз чашми офтоб,
Тар кардаӣ зи шабнами май то узори хеш.
Санги ғурур бар даҳани ҷоми Ҷам занем,
Чун бишканем аз он лаби майгун хумори хеш.
Оғӯшам аз кашокаши ҳасрат чу гул дарид,
Шохи гуле надид шабе дар канори хеш.
Ҷӯши сиришк бар сари мижгон надидаӣ,
Эй шуъла, барманоз ба рақси шарори хеш.
Саҳл аст кори душманиии хасми кинаҷӯй,
Ғофил машав зи дӯстии дӯстдори хеш.

* * *

Дар гулистон булбулу дар анҷуман парвона бош,
Ҳар куҷо доми тамошое, ки бинӣ, дона бош...
Домани ҳар гул магиру гирди ҳар шамъе магард,
Толиби ҳусни ғарибу маънии бегона бош...
То шавӣ чашму чароғи ин ҷаҳон чун офтоб,
Пӯшиши ҳар тангдасту фарши ҳар вайрона бош.
Суҳбати шабҳои майхорон надорад бозгӯ,
Чун зи маҷлис меравӣ берун, лаби паймона бош.
Мо забони шикваро дар сурма хобонидаем,
Эй сипеҳри бемурувват, дар ҷафо мардона бош.
Ҳизри роҳи растагорӣ дил ба даст овардан аст,
Дар мазоқи кӯдакон ширинии афсона бош.
Бе муҳаббат магзарон умри азизи хешро,
Дар баҳорон андалебу дар хазон парвона бош.
То магар, Соиб, чароғи куштаат равшан шавад,
Ҳар дили гарме, ки ёбӣ, гирди ӯ парвона бош.

*   *   *

То ба ҳамворӣ бароя̄д кор, дар тундӣ макӯш,
Бад хуморе дорад аз пай ин шароби хомҷӯш.
Тӯтӣ аз ҳамвории оина меояд ба ҳарф,
Эй ки мехоҳӣ сухан аз мо, ба ҳамворӣ бикӯш.
Ҳуҷҷати хомӣ бувад ваҷду самои сӯфиён,
То раги хомӣ бувад дар бода, биншинад зи ҷӯш.
Пардаи мардум даридан пардаи айби худ аст,
Айби худ мепӯшад аз чашми халоиқ айбпӯш.
Зуд мегирад ба дандони надомат пушти даст,
Ҳар кӣ ҳарфи некхоҳон вонамегирад ба гӯш.
Дар карам чандон ки афзоянд арбоби карам,
Тан ба хорӣ дармадеҳ, Соиб, ба истиғно бикӯш.

*   *   *

Ба дам чу оташи сӯзон, ба чеҳра чун зар бош,
Бар осмони сухан офтоби анвар бош.
Садаф ба дасти тиҳӣ сад ятимро парвард,
Ту ҳам зи обилаи каф ятимпарвар бош.
Дили шикаста ба даст ор бо тиҳидастӣ,
Ҳамеша сабзу сарфароз чун санавбар бош.
Ба мева коми ҷаҳон гар намекунӣ ширин,
Чу сарву бед ба ҳар ҳол соягустар бош.
Ғанои табъи туву кимиёи рӯҳонӣ,
Чу нест мол муяссар, ба дил тавонгар бош.
Зи гоҳвораи таслим кун сафинаи хеш,
Миёни баҳри бало дар канори модар бош.
Агар гирифтадилӣ аз ҷаҳониён, Соиб,
Зи хеш хайма бурун зан, ҷаҳони дигар бош.

*   *   *

Зи мавҷи лутф он симинбаногӯш
Маро кардаст чун хат ҳалқа дар гӯш.
Ба чашми ман биҳишту ҷӯи шир аст
Рухи гулрангу он субҳи баногӯш.
Ҳамон дар зери хокам мепарад чашм,
Ки ин май дар қадаҳ биншаста аз ҷӯш.
Халад чун хор гул дар пардаи чашм,
Гарон чун санг бошад пунба дар гӯш.
Хироми хомаи мушкини Соиб
Бувад аз шӯхчашмони хатопӯш.

*   *   *

Сарв гар ҷилва кунад пеши қади раънояш,
Қумрӣ аз шаҳпари худ арра ниҳад бар пояш.
Ҷуръаи аввалаш аз хуни Масеҳо бошад,
Чун кашад теғи ситам ғамзаи бепарвояш...
Ҳар кӣ ҳамвориву оҳистагарӣ пеша кунад,
Чун нигаҳ чашм диҳад дар бағали худ ҷояш.
Ҳар кӣ ангушт ба шаҳди дигар олуда кунад,
Неши занбӯр чу мӯ сар занад аз аъзояш.
Соиб, ин он ғазали Хоҷа Камол аст, ки гуфт:
«Сарв девона шуда аз ҳаваси болояш».

*  *  *

Ҳарфи сабук намебарадам аз қарори хеш,
Аз ҳар садо чу кӯҳ набозам виқори хеш.
Гар бигзарад чу хӯшаи парвин сарам зи чарх,
Афтам чу соя дар қадами шохсори хеш.
Шайтони роҳи мо нашавад гандуми биҳишт,
Моро бас аст нони ҷавини диёри хеш.
То кай касе ба сабҳаи реги равон кунад
Дар дашти ғам шумори ғами бешумори хеш...
Фурсат ба шӯрчашмии ахтар намедиҳем,
Худ мешавем чашми бади рӯзгори хеш.
Бар шамъи музтарибшуда дасти ҳимоятам,
Оҷизкушӣ чу бод насозам шиори хеш.
Ширин кунад ба хун даҳани тешае маро,
Чун Кӯҳкан надорам толеъ ба кори хеш.
Аз дидаи ҳасуд ҳамон неш мехӯрам,
Чун доғи лола гар кунам оташ ҳисори хеш.
Чун шишаи шикаставу токи буридаам,
Оҷиз ба дасти гиряи беихтиёри хеш.
Аз ман кулоҳгӯшаи шохе нагашта хам,
Чун сарв бастаам ба дили танг бори хеш.
Чун офтоб гавҳарам аз кони иззат аст,
Бар хок агар фитам, нафитам з-ихтиёри хеш.
Чун шамъ оташам ба раги ҷон агар зананд,
Барҳам намезанам мижаи ашкбори хеш.
Сад ваъдаи умед ба дил додаам дурӯғ,
Чун ман мабод ҳеҷ касе шармсори хеш.
Пӯшида чашм мегузарад аз дари биҳишт,
Соиб фитодааст ба фикри диёри хеш.

*   *   *

Сиҳисарве, ки ман дорам назар бар қадди раънояш,
Ду олам чун ду зулфи анбарин афтода дар пояш.
Агар чи сарв дорад дар бағал маншури раъноӣ,
Ба ҷои қад хиҷолат мекашад аз нахли болояш.
Хумору хобу бедориву шӯхиву сияҳмастӣ
Зи як паймона менӯшанд май дар чашми шаҳлояш.
Сухан чандон, ки мерезад зи чашми дил ба осонӣ,
Ба душворӣ бурун меояд аз лаъли шакархояш.
Ба домони қиёмат мекашад домони ҳусни ӯ,
Ки хубиро раҳоӣ нест аз мижгони гирояш.
Аз он он сарви симин дар назарҳо сабз меояд,
Ки печидаст дуди оҳи ошиқ дар саропояш.
Зи мастӣ гарчи натвонад гирифтан чашми ӯ худро,
Надорад дар гирифтан кӯтаҳӣ мижгони гирояш.
Забони алъаташгӯест ҳар мижгони он золим,
Ба хуни ошиқон ташна-ст аз бас чашми шаҳлояш.
Гулистон косаи дарюза созад лолаву гулро,
Зи тоби май чу гардад шабнамафшон рӯи зебояш.
Ба оби зиндагӣ чун нисбати ҷонон кунам, Соиб,
Ки серӣ ҳаст аз ҷон, нест серӣ аз тамошояш.

*   *   *

Чӣ сон дилро нигаҳ дорад касе аз чашми қаттолаш,
Ки гиротар зи шоҳин аст мижгони сабукболаш.
Надида аз ғурури ҳусн ҳаргиз сояи худро,
Надорад раҳм бар худ ҳар кӣ меафтад ба дунболаш.
Зи рӯяш чун нигаҳ дорам нигоҳи тифлмашрабро,
Ки сад доми тамошо ҳаст дар ҳар донаи холаш.
Маро оинарӯе ҳамчу партав музтариб дорад,
Ки аз шӯхӣ набандад нақш дар оина тимсолаш.
Надорад заҳраи гуфтори Соиб дар қаноат ҳам
Гирифторе, ки месозад шукӯҳи ҳусни ӯ лолаш.

*   *   *

Худ кардаам зи шиква туро хасми ҷони хеш,
Кофар мабод кушта ба теғи забони хеш.
Як мард дар қаламрави ҷуръат наёфтам,
Дар дил чу офтоб шикастам синони хеш.
Оташ ба мусҳафи пари парвона мезанад,
Ин шамъ ҳеҷ раҳм надорад ба ҷони хеш.
Гар маст меравам зи ҷаҳон, ҷои таън нест,
Як кас наёфтам, ки бипурсам нишони хеш.
Нонаш мудом гар бувадам ҳамчу офтоб,
Ҳар кас ба зарра файз расонад зи хони хеш.
Дар водие, ки Хизр занад ҷӯши алъаташ,
Дорам ақиқи сабр ба зери забони хеш.
Чун сарв дар мақоми ризо истодаам,
Осудахотирам зи баҳору хазони хеш.
Соиб ба гирди каъбаи мақсад куҷо расад,
Дорад ҳазор марҳала то остони хеш.

*   *   *

Майпарастон бар сари кӯи муғон гарданд ҷамъ,
Тирҳои рост дар пеши камон гарданд ҷамъ.
Гарчи чун барги хазон имрӯз бе шерозаанд,
Зери як пероҳан охир ғунчасон гарданд ҷамъ.
Ин парешонқатраҳо, к-аз ҳам ҷудо афтодаанд,
Дар канори лутфи баҳри бекарон гарданд ҷамъ...
Росткешони муҳаббат новаки як таркашанд,
Чун кушоде шуд ба назди як нишон гарданд ҷамъ.
Барфароз, эй қаҳрамони ишқ, қадде чун алам
То зи атроф ин силоҳи бекарон гарданд ҷамъ.
Соиб аз дарди ҷудоӣ хуни худро мехӯрад,
Ҳар куҷо бо ҳам ду ёри меҳрбон гарданд ҷамъ.

* * *

Дар кашокаш аз забони оташин будам чу шамъ,
То напайвастам ба хомӯшӣ, наёсудам чу шамъ.
Диданам нодиданӣ, мадди нигоҳам оҳ буд,
Дар шабистони ҷаҳон то чашм бикшудам чу шамъ.
Сӯхтам, то гарм шуд ҳангомаи дилҳо зи ман,
Бар ҷаҳон бахшудаму бар худ набахшудам чу шамъ.
Сӯхтам сад бору аз беихтиёриҳо нагашт
Қатраи обе ба чашми равзан аз дудам чу шамъ.
Поси суҳбат доштан осоиш аз ман бурда буд,
Зери домони хамӯшӣ рафтам, осудам чу шамъ.
Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро,
Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.
Чун садаф дар пардаҳои дил нуҳуфтам ашкро,
Гавҳари худро ба ҳар бедард нанмудам чу шамъ.
Пардаҳои хобро месӯхтам аз ашки гарм,
Дидабони давлати бедори худ будам чу шамъ.
Рӯзии мо дар дили ин тангчашмон боз буд,
Гарчи дар маҳфил забон бар хок месудам чу шамъ.
Мояи ашки надомат гашту оҳи оташин
Ҳарчи аз танпарварӣ бар ҷисм афзудам чу шамъ.
Ин замон афсурдаам, Соиб, в-агарна пеш аз ин
Мечакид оташ зи чашми гиряолудам чу шамъ.

*   *   *

Чандон ки баҳор асту хазон аст дар ин боғ,
Чашму дили шабнам нигарон аст дар ин боғ.
Пайдост зи доман ба миён барзадани гул,
К-омодаи парвози хазон аст дар ин боғ...
Чун булбул агар чашми туро ишқ кушудаст,
Ҳар шабнами гул ратли гарон аст дар ин боғ.
Муҳри лаби худ бош, ки хамёзаи афсӯс
Бо хандаи гул дасту даҳон аст дар ин боғ.
Сад ранг сухан дар лаби ҳар барги гуле ҳаст,
Фарёд, ки гӯши ту гарон аст дар ин боғ.
Ҳар гул, ки сар аз пераҳани ғунча баровард,
Бар ғафлати мо хандазанон аст дар ин боғ.
Эй дидаи гулчин, баадаб бош, ки шабнам
Аз дур ба ҳасрат нигарон аст дар ин боғ.
Ғам гирди дили мардуми озод нагардад,
Пайваста аз он сарв ҷавон аст дар ин боғ.
Аз барги сафар нест тиҳӣ домани як гул,
Осуда ҳамин оби равон аст дар ин боғ.
Булбул на ҳамин мезанад аз хуни ҷигар ҷом,
Гул низ зи хунобакашон аст дар ин боғ.

* * *

Дамид субҳу нагаштем ошнои чароғ,
Шабе ба рӯз накардем зери пои чароғ.
Ба ноумедии ман раҳм кун, ки месӯзад
Табиб бар сари болини ман ба ҷои чароғ.
Ҳамеша зери сиёҳист доғи равзани ман
Дар он ҳарим, ки торик нест пои чароғ.
Бас аст маъзарати куштанам пушаймонӣ,
Ки оҳи сард насимест хунбаҳои чароғ.
Агарчи рехт зи ҳам тору пуди фонусам,
Ба гардиш аст ҳамон дар сарам ҳавои чароғ.
Агар ситора ба хуршед мерасад, Соиб,
Куҷо расад ба рухи оташин сафои чароғ.

*   *   *

Ҳар сароеро, ки бошад аз дили равшан чароғ,
Меҷаҳад шабҳои тор аз дидаи равзан чароғ.
Мехӯрад хун аз фурӯғи синаи ман доғи ишқ,
Мекашад хиҷлат зи худ дар водии эман чароғ.
Сӯхтам з-афсурдагӣ, ё Раб, дар ин маҳфил куҷост
Синаи гарме, ки битвон кард аз ӯ равшан чароғ?
Нест ғайр аз гармрафторӣ дар ин зулматсаро
Ёри дилсӯзе, ки дорад пеши пои ман чароғ.
Суҳбати ноҷинс оташро ба фарёд оварад,
Об дар равған чу бошад, мекунад шеван чароғ.
Тирабахтӣ лозими бахти баланд афтодааст,
Пои худро чун тавонад доштан равшан чароғ.
Қадри ошиқ мешиносад, марқадаш пурнур бод,
Мотами парвона дорад то дами мурдан чароғ.
Дар дилу дар синаи ман рӯсиёҳӣ кимиёст
Варна дорад синаи ман аз дили равшан чароғ.
Дудмони дӯстӣ аз партави ман равшан аст,
Мефурӯзад хуни гармам дар раҳи душман чароғ.
Дар шабистоне, ки гардад килки Соиб шуъларез,
Чок созад ҷомаи фонусро бар тан чароғ.

* * *

Ба фикри дил нафитодӣ ба ҳеҷ боб, дареғ,
Ба ганҷ роҳ набурдӣ дар ин хароб, дареғ.
Ба кишваре, ки дили сода механд он ҷо,
Ҳазор нақши парешон задӣ бар об, дареғ.
Ба хатту хол муқаййид шудӣ зи чеҳраи дӯст,
Нашуд насиби ту ҷуз гард аз ин китоб, дареғ.
Дар ин баҳор, ки як чеҳраи нашуста намонд,
Рухе ба ашк нашустӣ зи гарди хоб, дареғ.
Ҳанӯз роҳи сафар мекананд роҳравон
Ту пеши пой надидӣ ба офтоб, дареғ!
Ба ваъдаҳои дурӯғи замона дил бастӣ,
Шудӣ фирефтаи мавҷаи сароб, дареғ.
Зи печутоб шавад риштаи амал кӯтоҳ,
Ту тан чу ришта надодӣ ба печутоб, дареғ.
Зи бодае, ки ҳарифон сабӯ-сабӯ хӯранд,
Ба ним давр шудӣ пой дар рикоб, дареғ.
Зи васли дӯст ба фирдавс оштӣ кардӣ,
Сафои чеҳра надонистӣ аз ҳиҷоб, дареғ.
Тамоми умри ту дар фикрҳои пуч гузашт,
Нашуд муҳити ту софӣ аз ин ҳубоб, дареғ.
Зи акс дидаи оина сер шуд, Соиб,
Ту серчашм нагаштӣ зи хӯрду хоб, дареғ.

* * *

Беҳ, ки нутқи хеш аз аҳли замон дорам дареғ,
Нағмаи довудӣ аз оҳандилон дорам дареғ.
Ҳарфҳои ростро чун тир бар дил бишканам,
Ин хаданги ростравро аз камон дорам дареғ.
Дархури бечавҳарон гавҳар ба бозор оварам,
Ҳарфи ҷавҳардор аз теғи забон дорам дареғ.
Гавҳари ман бебаҳову аҳли олам муфлисанд,
Гавҳари худро зи чашми муфлисон дорам дареғ.
Гӯши гул аз пардаи инсоф чун холӣ шудаст,
Беҳ, ки ман ҳам нағмаро аз бӯстон дорам дареғ.
Дар ниқоби хомушӣ якчанд рӯ пинҳон кунам,
Бикри маъниро аз ин номаҳрамон дорам дареғ.
Дидаи юсуфшиносе нест дар Мисри вуҷуд,
Беҳ, ки ҷинси хешро з-ин корвон дорам дареғ.

* * *

Азбаски шуд зи лаъли ту boобутоб ҳарф,
Шӯяд ғубори ақл зи дил чун шароб ҳарф.
Ғайр аз даҳони танги суханофарини ту
Дар нуқта кас надид ниҳон як китоб ҳарф.
Ҳар ҳарф аз даҳони ту печида номаест,
Аз бас хӯрад зи тангии ҷо печутоб ҳарф.
Шодобии лаби ту аз он аст, к-аз ҳиҷоб
Дар лаъли оташини ту мегардад об ҳарф,
Гар ҳуш кӯтаҳӣ накунад метавон шунид
Аз чашмҳои шӯхи ту дар айни хоб ҳарф.
Соиб, раҳи савоб хамӯшист як қалам
Варна бувад миёни хатову савоб ҳарф.

* * *

Нест бар оинаи дурдикашон гарди хилоф,
Метавон чун ҷоми май дидан таҳи дилҳои соф.
З-он шароби лаъл саргармам, ки камтар ҷуръааш
Сӯхт коми лолаи оташзабонон то ба ноф.
Бодаи бедард аз майхонаи даврон маҷӯ,
Лола натвонист як паймона майро кард соф.
Хоксорони муҳаббатро шукӯҳе дигар аст,
Сабза аз болупари симурғ дорад кӯҳи Қоф.
Дарнагирад суҳбати ишқу хирад бо якдигар,
Чун ду шамшер аст ақлу ишқу дил чун як ғилоф.
Ҳар кӣ дасташ бар забон сабқат кунад, мард аст, мард
В-ар на ҳар ноқис ҷавонмард аст дар майдони лоф.
Дар ҷавоби ин ғазал густох агар пеш омада аст,
Қосими Анвор хоҳад дошт Соиброро маоф.

*  *  *

Канора гир аз ин қавми бемурувввати хушк,
Ки доғи ташналабӣ буд зебу зиннати хушк.
Назад бар оташи ман об сабзаи хати ӯ
Фузуд ташнагии шавқ аз китобати хушк.
Ба талхкомӣ аз он навбаҳор хуррам бош,
Ки ишқҳо самаре нест ҷуз муҳаббати хушк.
Дар ин муҳити гаронмоя он кафи мавҷам,
Ки дар бисот надорам ба ҷуз надомати хушк.
Зи рӯи хуб талабгори ҳусни маънӣ бош,
Марав зи роҳ чу нодидагон ба сурати хушк.
Фиғон, ки зоҳиди бемаърифат намедонад,
Ки кори ҳезуми тар мекунад ибодати хушк.
Сухан, ки нест дар ӯ дард, теғи беоб аст,
Забон хушк шавад, Соиб, аз насиҳати хушк.

*  *  *

Омад баҳору шуд дару девор лоларанг,
Аз ҷӯши лола шишаи пурбода гашт танг.
Аз бас кашида абр ба бар танг боғро,
Майдони ханда бар даҳани ғунча гашт танг.
Боғ аз бунафша сафҳаи рухсори Юсуф аст,
Гардида аз тапончаи ихвон кабудранг.
Бутхонаи фаранг кун аз бода мағзро,
Акнун ки гашт рӯи замин сурати фаранг.
Мутриб чӣ ҳоҷат аст касеро, ки мезанад
Бар санги хора шишаи номус бедиранг.
Соиб, дар ин ду ҳафта, ки гул ҷӯш мезанад,
Чун доғи лола бодаи лаъле мадеҳ зи чанг.

*   *   *

Чарх аст ҳалқаи дари давлатсарои дил,
Арш аст парда дар ҳарами кибриёи дил.
Бо он ки пой бар сари гардун ниҳодааст,
Бар хок мекашад зи дарозӣ қабои дил.
Ҳаргиз намешавад сафари аҳли дил тамом,
Дар хок ҳам ба гард бувад осиёи дил.
Чандон ки меравӣ, ба ниҳоят намерасад,
Беинтиҳост олами беибтидои дил.
Даст аз китобхонаи юнониён бишӯй,
Сад шаҳри ақл гарди сари рустои дил.
Дил ончунин ки ҳаст, агар ҷилвагар шавад,
Нуҳ атласи сипеҳр нагардад қабои дил.
Дар зери осмон нафасаш танг мешавад
Ҳар кас кашидааст нафас дар қазои дил.
Мо худ чӣ зарраем, ки нуҳ маҳмили сипеҳр
Рақси ҷамал кунанд зи бонги дарои дил.
Худро агар гирифт, ҷигардори олам аст
Онро, ки аз хироми ту лағжид пои дил.
Бо нури офтоб ба анҷум чӣ мекунад?
Бо халқ ошно нашавад ошнои дил.
Соиб, агар ба дидаи ҳиммат назар кунӣ,
Афтодааст тоҷи фалак зери пои дил.

*  *  *

То чанд гирди Каъба бигардам ба бӯи дил,
То кай ба сина санг занам з-орзӯи дил.
Афтад зи тавфи Каъбаву бутхона дар ба дар,
Саргаштае, ки роҳ наёбад ба кӯи дил.
Соҳил зи ҷӯши синаи дарёст бехабар,
Бо зоҳидони хушк макун гуфтугӯи дил.
Гар ошиқӣ, зи гарди алоиқ ғамин мабош,
К-он лаъли обдор бувад шустушӯи дил.
Дар ҳар шикаст фатҳи дигар ҳаст ишқро,
Пур мешавад зи санги маломат сабӯи дил.
Тифли баҳонаҷӯ ҷигари доя мехӯрад,
Бечора он касе, ки шавад чораҷӯи дил.
Майхона аст косаи сар фили мастро,
Соиб, зи худ шароб барорад сабӯи дил.

*  *  *

Макаш, эй силсиламӯ, рӯ ба ҳам аз зории дил,
Ки шаби зулф бувад зинда зи бедории дил.
Банди занҷири маро кист, ки аз ҳам гусалад,
Ман, ки озод нагаштам зи гирифтории дил.
Ду-се рӯзе, ки дар ин ғамкада меҳмони туам,
Буд чун ғунча мадорам ба ҷигархории дил.
Дар раҳи сел кашад пой ба доман чун кӯҳ,
Ҳар кӣ бо ҷилваи ӯ кард инондории дил.
Теғи хуршед зи хокистари шаб нуронист,
Сабзаи бахт бувад пардаи зангории дил.
Ба парастории дил рӯзи ҷазо дармонад,
Ҳар кӣ, Соиб, накунад чораи бемории дил.

*   *   *

Ҳайрат нигар, ки дар бағали ғунча бӯи гул
Занҷир пора мекунад аз орзӯи гул.
Дар гулшане, ки булбули мо нола сар кунад,
Шабнам гиреҳ чу гиря шавад дар гулӯи гул.
Миношикастаест маро сарв дар назар,
То маст гаштам аз қадаҳи рангу бӯи гул.
Дуди хамӯшӣ аз дили оташ бароварад,
Хоре, ки тарзабон шавад аз гуфтугӯи гул.
Аз чоки сина сайри биёбони гул кунад,
Онро, ки бениёз зи гул сохт бӯи гул.
Шабнам зи шавқи рӯи ту, эй навбаҳори ҳусн,
Хуноба ҳасрат аст зи ҷому сабӯи гул.
Шарми рамидаро натавон роми ҳусн кард,
Ранги парида боз наёяд ба рӯи гул.
Обе назад бар оташи булбул дар ин баҳор
Холист аз гулоб ба рӯи сабӯи гул.
Гирад зи ашки ман раги талхӣ гулобҳо,
То реша кард дар дили ман орзӯи гул.
Кардам нуҳуфта дар дили садпорп рози ишқ,
Ғофил, ки беш мешавад аз рангу бӯи гул.
Ҳарчанд хандарӯ ба назар ҷилва мекунад,
Эмин машав зи барқи ҷаҳонсӯзи хӯи гул.
Соиб, зи гулшане, ки надорад насими ранг.
Пур кардаам чу ғунча гиребон ба бӯи гул.

* * *

Чун нест пои он ки зи олам бадар занам,
Дасте ба дил гузораму дасте ба сар занам.
Гар мезанам ба ҳам кафи афсӯс дур нест,
Болупаре намонда, ки бар якдигар занам.
Акнун, ки теғи ман сипару тир шуд камон,
Дасте магар ба таркаши оҳи саҳар занам.
Аз гиряи шумурдаи ман шуд ҷаҳон хароб,
Эй вой, агар ба обилаҳо нештар занам.
Эй сарви хушхиром, зи пеши назар маро
Чандон марав, ки домани ҷон бар камар занам.
Дар зери чарх даст ба ҷое намерасад,
Дар тангнои байза чӣ беҳуда пар занам.
Соиб, ҳазор неш зи ҳар хор мехӯрам,
Дар роҳи ишқ гоме агар пештар занам.

* * *

Адаб гузошта бар рӯи якдигар дастам
В-агарна ҳамчу садаф нест бегуҳар дастам.
Ҷудо чу дасти сабӯ аз сарам намегардад,
Зи бас ба фикри ту монда-ст зери сар дастам.
Кунун ки шамъ бурун омадаст аз фонус,
Зи болу пар кафи хокистарест дар дастам.
Гиреҳ зи кори ду олам кушудан осон аст,
Намеравад пайи ин кори мухтасар дастам.
Ба фикри мӯймиёне фитодаам, Соиб,
Аҷаб раге зи сухан омада-ст дар дастам.

* * *

Дасти тамаъ зи моидаи чарх шустаем,
Аз ҷони сахти худ ба шикам санг бастаем.
Барги хазонрасидаи гулзори оламем,
Пайванди шохсори иқомат шикастаем.
Мавқуфи турктози насим аст гарди мо,
Бар рӯи барги гул ба амонат нишастаем.
Дар банди як ишораи мавҷ аст ин тилисм,
Дил чун ҳубоб бар нафаси худ набастаем.
Фардо ба рӯи мусҳафи дил чун нигаҳ кунем,
Шерозааш ба риштаи зуннор бастаем.
Мардум чаро ба хирмани мо уфтодаанд.
Ҳаргиз ба саҳв хотири мӯре нахастаем.
Мактуби хеш аз алифи оҳ бастаем,
Коғаз даридаему қаламро шикастаем.
Соиб, ба айби хеш фитода-ст кори мо,
З-он рӯ забон зи неку бади халқ бастаем.

*   *   *

Забони шикваолуде зи чархи бевафо дорам,
Диле дар гарди кулфат чун чароғи осиё дорам.
Биё, эй ишқ, агар дорӣ димоғи ҷилвапардозӣ,
Ки аз доғи ҷунун оинаҳои хушҷило дорам.
Хабар шарт аст, эй душман, зи хоки остони ӯ
Макун кӯтоҳ поямро, ки дасте дар дуо дорам.
Зулоли зиндагӣ дар соғари ман ранг гардонад,
Ҳамон хун мехӯрам, гар дар қадаҳ оби бақо дорам.
Ба махмалдастгоҳон хоби ширин талх месозад
Шакархобе, ки ман бар рӯи фарши бӯрё дорам.
Ба як олам таваҷҷуҳ аз ту чун қонеъ тавонам шуд,
Ки ман аз ҷумлаи олам туро дорам, туро дорам.
Рамад аз сояи худ сарву афтад дар қафои ӯ,
Инони дил чи сон маҳкам мани бедаступо дорам,
Гузашт он шохи гул, нагрифт бетобона домонаш,
Чӣ хунҳо дар ҷигар, Соиб, зи бахти норасо дорам.

*  *  *

Чӣ бувад ҳастии фонӣ, ки нисори ту кунам,
Ин зари қалб чӣ бошад, ки ба кори ту кунам.
Ҷони боқӣ ба ман аз бӯса каромат фармой,
То ба шукрона ҳамон лаҳза нисори ту кунам.
Ҳама шаб ҳоласифат гирди дилам мегардад
Ки зи оғӯши худ, эй моҳ, ҳисори ту кунам.
Чу сари зулф умеди мани ноком ин аст,
Ки шабу рӯз дар оғӯшу канори ту кунам.
Доми ман нест ба оҳуи ту лоиқ, бигзор,
То ба доми сари зулфи ту шикори ту кунам.
Зулф шуд чашм саропову туро сер надид,
Ман ба як дида чӣ сон сайри узори ту кунам.
Он қадар бош, ки холӣ кунам аз гиря диле,
Нест чун гавҳари дигар, ки нисори ту кунам.
Ману бе рӯи ту наззораи Юсуф, ҳайҳот,
Чун ба ин ҷоми тиҳӣ дафни хумори ту кунам?
Кам нашуд дарди ту, Соиб, ба мудовои Масеҳ,
Ман чӣ тадбири дили хастаю зори ту кунам?

*   *   *

Хезед, то зи олами сурат сафар кунем,
То равшан аст, роҳи харобот сар кунем.
Ҳарчанд нест қофила даркор шавқро,
Ҳуе кашему ҳамсафаронро хабар кунем.
Чун мӯр дар ҳавои шакар пар бароварем,
Бар ҳам занем болу зи гардун гузар кунем.
То нақши пои гармравон пеши пои мо
Дорад чароғ, ин раҳи торик сар кунем.
Шабранги рӯзгор агар тавсанӣ кунад,
Ромаш ба тозиёнаи оҳи саҳар кунем.
Берун занем хайма зи дорулғурури Миср,
Чун бӯи пираҳан сӯи Канъон сафар кунем.
Аз дудмони шуъла бигирем ҳиммате,
Парвоз то ба авҷи фано чун шарар кунем.
Ҳарчанд раҳравон сухани роҳ гуфтаанд,
Мо тай кунем роҳу сухан мухтасар кунем.
Боди мурод зуд нафасгир мешавад,
Доман гиреҳ ба домани мавҷи хатар кунем.
Ё ҳамчу мавҷ бар лаби дарё шавем маҳв,
Ё чун ҳубоб сар зи дили баҳр бар кунем.
То метавон ба олами маънӣ сафар намуд,
Соиб, чаро ба олами сурат сафар кунем?

*   *   *

Ба доман медавад ашкам, гиребон медарад ҳушам,
Намедонам чӣ мегӯяд насими субҳ дар гӯшам.
Ба андак рӯзгоре бодбони киштии май шуд
Зи зулфи соқиён саҷҷодаи тазвир бар дӯшам.
Ба коми дигарон кун, соқӣ, ин ҷоми сабӯҳиро,
Ки то фардои маҳшар ман хароби суҳбати дӯшам.
Ҳанӯз аз таъни хомӣ неш мехӯрдам дар ин айём,
Ки бармедошт аз ҷо сақфи ин майхона аз ҳушам.
Канори модари айёмро он тифли бадхӯям,
Ки натвонад ба коми ҳар ду олам кард хомӯшам.
Ман он ҷинси ғарибам корвони офаринишро,
Ки ҷои силии ихвон бувад нили баногӯшам.
Зи хорӣ он ятимам домани саҳрои имконро,
Ки гар хокам сабӯ гардад, намегиранд бар дӯшам.
Фалак беҳуда, Соиб, саъй дар ихфои ман дорад,
Ман он шамъам, ки натвон дошт пинҳон зери сарпӯшам.

* * *

Сияҳмасти ҷунунам, водию манзил намедонам,
Канори даштро аз домани соҳил намедонам.
Назар бар ҳоли ман доранд ҳар касро, ки мебинам,
Касеро чун худ аз аҳволи худ ғофил намедонам.
Шикори лоғарам, машшотагӣ аз ман намеояд,
Нигорин кардани сарпанҷаи қотил намедонам.
Сипандеро ба таълими дили ман номзад гардон,
Ки одоби нишастухост дар маҳфил намедонам.
Ба ғайр аз укдаи дил, к-аз кушодан оҷизам, оҷиз,
Дигар ҳар укда, к-ояд пеш, ман мушкил намедонам.
Ман он сели сабуксайрам, ки аз ҳар ҷо, ки бархезам,
Ба ғайр аз баҳри бепоёни дил манзил намедонам.
Агар сеҳр инчунин, Соиб, ки аз килки ту мерезад,
Такаллуф бартараф, ман сеҳрро ботил намедонам.

* * *

Агарчи нек наям, хоки пои неконам,
Аҷаб, ки ташна бимонам, сафоли райҳонам.
На завқи будану на рӯи бозгардидан –
Чу ханда бар лаби мотамрасида ҳайронам.
Зи шарм нолаам аз бас ба хок рехтааст,
Забон чу барг тавон рӯфт аз гулистонам.
Шавам ба хонаи мардум нахонда чун меҳмон,
Ки ман ба хонаи худ чун нахонда меҳмонам.
Маро ба кунҷи қафас бар зи бӯстон, Соиб,
Ки мағз мешавад аз бӯи гул парешонам.

*   *   *

Шиква аз качравии толеи ворун чӣ кунам?
Аждаҳо мешавад ин мор ба афсун, чӣ кунам?
Дилам аз захми забон коғази сӯзанзада шуд,
Ҳамчу Исо накашам рахт ба гардун, чӣ кунам?
Дару девор ба ваҳшатзадагон зиндон аст,
Наниҳам рӯи худ аз шаҳр ба ҳомун, чӣ кунам?..
Чашми бахти фалак аз оби мурувват холист,
Тамаи бода аз ин косаи ворун чӣ кунам?
Дардҳо кам шавад аз гуфтану дарде, ки марост,
Аз тиҳӣ кардани дил мешавад афзун, чӣ кунам?
Ман, ки доғ аст, к-аз он бар сари савдо задаам,
Чатри Кайхусравиву тоҷи Фаридун, чӣ кунам?
Ман, ки аз хуни ҷигар нашъаи май меёбам,
Лолагун рӯи худ аз бодаи гулгун чӣ кунам?
Созгорони ҷаҳонро дил аз ӯ пурхун аст,
Ман ба ин толеи носоз ба гардун чӣ кунам?
Ман, гирифтам, ба гиристан шавадам дида тиҳӣ,
Бо лаби пурсухану бо дили пурхун чӣ кунам?
Буд то аз дили садпора асар, кардам сабр,
Рафт якборагӣ аз даст дил, акнун чӣ кунам?
Ман на онам, ки таровиш кунад аз ман гилае,
Медиҳад хуни ҷигар ранг ба берун, чӣ кунам?
Натавон сохт тиҳӣ дил чу дар ин олами хок,
Даст, Соиб, наниҳам бар дили пурхун, чӣ кунам?

*   *   *

Як умр пушти даст ба дандон гирифтаем,
То бӯсае аз он лаби хандон гирифтаем.
Гардидааст дар назари мо ҷаҳон сиёҳ,
То ҷуръае зи чашмаи ҳайвон гирифтаем.
Дар буттаи гудоз чу маҳ об гаштаем,
К-аз хони офтоб лаби нон гирифтаем.
Афтодаем дар таҳи по солҳо чу мӯр,
То ҷо ба рӯи дасти Сулаймон гирифтаем.
Ангушти ҳайратест, ки дорем дар даҳон,
Коме, ки мо аз он лаби хандон гирифтаем.
Чун субҳ аз азимати содиқ ба як нафас
Рӯи замин ба чеҳраи хандон гирифтаем.
Ҷуз печутоб нест, ки умраш дароз бод,
Коме, ки мо зи силсиламӯён гирифтаем.
Моро зи чӯби манъ матарсон, ки ҳамчу субҳ
Мо теғи офтоб ба дандон гирифтаем.
Бе чашмзахми гавҳари шаҳвори иззат аст,
Соиб, машаққате, ки зи даврон гирифтаем.

*   *   *

Муддате чун ғунча дар хуни ҷигар печидаам,
То дар ин гулзор чун гул як замон хандидаам.
Аз сари ҳар хор сад захми намоён хӯрдаам,
То чу шабнам рӯшиноси ин чаман гардидаам.
Хизр дорад доғҳо бар дил зи истиғнову ман
Обрӯи зиндагиро бар замин молидаам.
Мекунад теғи забони шуъларо дандонадор,
Ҷомаи фатҳе, ки ман аз бӯрё пӯшидаам.
Шуълаи паймонаам, бо хору хас дар доругир,
Хӯрдаам сад захм, то як пераҳан болидаам.
Зуд бар фитрок мебандад сари хуршедро,
Шаҳсавореро, ки ман дар хонаи зин дидаам.
Метавон чун об хондан аз баёзи чашми ман,
Номаи ӯро зи бас бар чашми тар молидаам.
Бода месанҷам кунуну шукри толеъ мекунам,
Дар тарозуе, ки гавҳар борҳо санҷидаам.
То чу май, Соиб, каломам пухтаву рангин шудаст,
Дар ҳарими синаи худ солҳо ҷӯшидаам.

* * *

Рӯзе, ки чашм бар рухи ӯ боз мекунам,
Бар худ зиёда аз ҳама кас ноз мекунам.
Ибром дар шикастани ман ин қадар чаро,
Охир на ман ба боли ту парвоз мекунам.
Аз бас рамидааст зи ҳамсуҳбатон дилам,
Аз боли хеш ваҳшати шаҳбоз мекунам.
Аз сӯхтан сипанди маро нест шиквае,
Аҳбобро ба сӯи худ овоз мекунам.
Аз бас нишони дурии ин раҳ шунидаам,
Анҷомро тасаввури оғоз мекунам.
Бо синае, ки нест дар ӯ оҳро қарор,
Соиб, талоши маҳрамии роз мекунам.

* * *

Чашми уммед ба мижгони тари худ дорем,
Рӯи худ тоза ба оби гуҳари худ дорем.
Нест бар нохуни мо нақши дилозории мӯр,
Ҳар чӣ дорем ба лахти ҷигари худ дорем.
Бе гули абри баҳорон набувад деҳқонро
Ин умеде, ки ба домони тари худ дорем.
Мову андешаи дастор, Худо напсандад,
Ба сари дӯст, агар фикри сари худ дорем.
Хизри ин бодия дунболи хатар мегардад,
Чӣ хабар мо зи сари бехабари худ дорем.
Соиб, он рӯз сияҳ бод, ки равшан дорем,
Барқи оҳе, ки ниҳон дар ҷигари худ дорем.

*   *   *

Гӯшае ку, ки дил аз фикри сафар ҷамъ кунам,
По ба домони садаф ҳамчу гуҳар ҷамъ кунам?
Тухми худ чанд дар ин хоки сияҳ чун анҷум
Шаб парешон кунаму вақти саҳар ҷамъ кунам?
Аз парешонии хотир ду нафасро чун субҳ
Нест мукин, ки мани хастаҷигар ҷамъ кунам.
Рахна дар кор зи тасбеҳ фузун аст маро,
Чун дили хеш зи сад роҳгузар ҷамъ кунам?
Сарв аз бесамарӣ хилъати озодӣ ёфт,
Чӣ фитода-ст, мани хом самар ҷамъ кунам.
Ман на онам, ки ба шерозаи маҳшар, Соиб,
Ҷисми вайроншударо бори дигар ҷамъ кунам.

*   *   *

Мо доғи тавба бар дили соғар гузоштем,
Даври тараб ба нашъаи дигар гузоштем.
Як ҷабҳаи кушода надидем дар ҷаҳон,
Пӯшида буд рӯй, ба ҳар дар гузоштем.
Абри зуком мағзи ҷаҳонро гирифтааст,
Беҳуда уди хеш ба миҷмар гузоштаем.
То дар шумори обилапоён даромадем,
Чун баҳр пой бар сари гавҳар гузоштем.
Рӯи замин чу сафҳаи мистар кашидааст,
Аз бас ба хок паҳлӯи лоғар гузоштем.
Оинаест обнамо соғари сипеҳр,
Беҳуда лаб бар ин лаби соғар гузоштем.
Соиб, зи инфиол надорем рӯи халқ,
Мо хешро ба хок баробар гузоштем.

* * *

Мо гул ба дасти худ зи ниҳоле начидаем,
Дар дасти дигарон гуле аз дур дидаем.
Чун лола софу дурди сипеҳри дурангро
Дар як пиёла кардаву бар сар кашидаем.
Навкисаи мусибати айём нестем,
Чун субҳ сад ҳазор гиребон даридаем.
Рӯй аз ғубори ҳодиса аз ҳам намекашем,
Мо нофи дил ба ҳалқаи мотам буридаем.
Дил нест укдае, ки кушояд ба зӯри фикр,
Беҳуда сар ба ҷайби тааммул кашидаем.
Имрӯз нест синаи мо доғдори ишқ,
Чун лола мо зи субҳи азал доғ дидаем.
Ҷангу гурез шеваи мо нест чун шарор,
Сад бор чун насим бар оташ давидаем.
Бо бахти тира аз ситами ишқ фориғем,
Дар дасти зангӣ оинаи зангдидаем.
Аз ҷабри рӯзгор надорем шиквае,
Ин гургро ба қимати Юсуф харидаем.
Соиб, зи барги айш тиҳӣ нест дасти мо,
Чун ғунча то ба кунҷи дили худ хазидаем.

* * *

Дар он шабҳо, ки аз ёди ту соғар буд дар дастам,
Зи ҳар нохун ҳилоли иди дигар буд дар дастам.
Зи тӯфони ҳаводис з-он накардам дастуморо гум,
Ки аз ратли гарон пайваста лангар буд дар дастам.
Ду олам чун Сулаймон буд дар зери нигини ман,
Дар ин майхона чандоне, ки соғар буд дар дастам.
Чӣ бо ман метавонад шӯриши рӯзи ҷазо кардан,
Ки аз дил солҳо домони маҳшар буд дар дастам.
Намеҷунбам чу хуни мурда аз наштар, хушо вақте
Ки хун аз изтироби ишқ наштар буд дар дастам.
Зи ҳушёрӣ забуни гардиши гардун шудам варна
Ба мастиҳо инони сайри ахтар буд дар дастам...
Зи қаҳти дилрабоён рехтам дар пои худ, Соиб,
В-агарна як ҷаҳон дил чун санавбар буд дар дастам.

* * *

Медавад ашки ятимӣ баски бар рухсораам,
Сина чун киштӣ ба дарё мезанад гаҳвораам.
Дидани як рӯи оташнокро сад дил кам аст,
Ман ба як дил ошиқи сад оташинрухсораам.
Санги тифлон чун фалохун боли парвози ман аст,
Сахтии даврон чӣ созад бо дили хунхораам.
Навниёзи ишқ чун Фарҳоду Маҷнун нестам,
Буд аз санги маломат муҳраи гаҳвораам.
Шарми рухсори ту месозад пару боли нигоҳ,
Нест ҳоҷат рӯй гардонидан аз назораам.
Бехудӣ чун ғунча дар ман дасту дил нагзошта,
Мекунад боди саҳаргоҳӣ гиребон пораам.
Баски, Соиб, резад аз чашмам сиришки оташин,
Риштаи шамъ аст гӯӣ риштаи наззораам.

*   *   *

Туро аз хондани мактуби ман нанг аст, медонам,
Ҷавоби номаи нохондаам ҷанг аст, медонам.
Наям аз дурбоши хору манъи боғбон дарҳам,
Ки бо хуниндилон он ғунча якранг аст, медонам.
Аз он чун захм месозам гиребон пора аз шодӣ,
Ки хунам ризқи он лабҳои гулранг аст, медонам.
Умеди бӯса ҳар дам дастгоҳи тоза мепечад,
Зи хат ҳарчанд вақти он даҳан танг аст, медонам.
Зи оҳу нолаи беҷо чаро худро сабук созам,
Ки тамкинаш ба кӯҳи Қоф ҳамсанг аст, медонам.
Чаро, Соиб, зи санги кӯдакон паҳлӯ тиҳӣ созам,
Кушоди кори ман чун шиша аз санг аст, медонам.

*   *   *

Зи холи анбарин афзун зи зулфи ёр метарсам,
Ҳама аз мору ман аз муҳраи ин мор метарсам.
Аз он чун шабнами гул хоб дар чашмам намегардад,
Ки аз чашми тамошоӣ бар ин гулзор метарсам.
Зи хоби ғафлати сайёд эмин нестам аз ҷон,
Шикори лоғарам, аз теғи лангардор метарсам.
Хатар дар оби зери коҳ беш аз баҳр мебошад,
Ман аз ҳамвории ин хулқи ноҳамвор метарсам.
Зи бас номардумӣ аз чашми нарми дӯстон дидам,
Агар бар гул гузорам по, зи захми хор метарсам.
Зи тири рostрав чашми ҳадаф чандон наметарсад,
Ки ман аз гардиши гардуни каҷрафтор метарсам.
Балои мурғи зирак доми зери хок мебошад,
Зи тори сабҳа беш аз риштаи зуннор метарсам.
Бад аз некону некӣ аз бадон бас дидаам, Соиб,
Зи хори бегул афзун аз гули бехор метарсам.

* * *

То зи аҳли ҳайратам, хотирпарешон нестам,
Шамъи бефонусам он рӯзе, ки ҳайрон нестам.
Теғи беобам ба дасти корфармоёни ишқ,
Чун раги абри баҳоронам, ки гирён нестам.
Мерасонам хонаи оинаи худро ба об,
Чун Сикандар дар талоши оби ҳайвон нестам.
Барқи офат дар камини хирмани ҷамъият аст,
То парешонхотирам, хотирпарешон нестам.
Нест аз дорулфано андешае Мансурро,
Оташам, аз чӯби дораш рӯйгардон нестам.
Шабнами худро ба ҳиммат мебарам бар осмон,
Дар камини ҷазбаи хуршеди тобон нестам.
Хешро фарбеҳ намесозам зи хони дигарон,
Чун маҳи нав косалеси меҳри тобон нестам.
Нақши уммеде, ки ман аз ишқ дорам дар назар,
Гар бибозам ҳар ду оламро, парешон нестам.
Мекунам гавҳар ба ҳиммат, Соиб, ашки хешро,
Чун садаф дар зери бори абри найсон нестам.

* * *

На имрӯз аст савдои ҷунунро реша дар ҷонам,
Ба чӯби гул адаб кардӣ муаллим дар дабистонам.
Азизи Мисрам, аммо дар фаромӯшхонаи чоҳам,
Гули хуршед, аммо дар канори тоқи нисёнам.
Лаби афсӯс гар ғофил ба дандон ошно созам,
Дучандон мебурад миқрози қисмат аз лаби нонам.
Чунон маҳвам, ки ашки талх дар чашмам намегардад,
Қиёмат гар намакдон бишканад дар чашми ҳайронам.
Зи ман санҷид вазъи оламу санг аст ризқи ман,
Ҳамоно ман дар ин бозори пурошӯб мизонам.
Таманнои танаъум чун ба гирди хотирам гардад,
Ки чашми шӯр бошад дар ҷигар хӯрдан намакдонам.
Ба гирди хони мардум чун магас нохонда чун гардам,
Ки ман дар хонаи худ аз ҳаё нохонда меҳмонам.
Намеафтам чу Искандар ба дунболи Хизр, Соиб,
Ман он Хизрам, ки бошад обрӯ аз оби ҳайвонам.

*   *   *

Мо дар ин ваҳшатсаро оташинон афтодаем,
Акси хуршедем, дар оби равон афтодаем.
Рафтааст аз дасти мо берун инони ихтиёр,
Дар рикоби дӯст чун барги хазон афтодаем.
На саранҷоми иқомат, на умеди бозгашт,
Мурғи беболупарем, аз ошён афтодаем.
Аз замингирон бувад чун сабзаи хобида Хизр
Дар биёбоне, ки мо, саргаштагон, афтодем.
Дар хатаргоҳе, ки бо кабк аст ҳампарвози кӯҳ,
Мо, гаронҷонон, ба фикри хонумон афтодаем.
Сахтҷонӣ бар дили мо кор мушкил кардааст,
Ҳамчу пайкон дар тилисми устухон афтодаем.
Чеҳраи ошуфтаҳолон номаи во кардаест,
Гарчи мо дар арзи матлаб безабон афтодаем.
Каҷравӣ дар пеши мо куфр аст, Соиб, ҳамчу тир,
Аз чӣ доим дар кашокаш чун камон афтодаем.

* * *

Агарчи бо гуле дамсоз мешавад шабнам,
Чу субҳ шуд, ба фалак боз мешавад шабнам.
Даруни дидаи хуршед ҷои худ дидаст,
Ки зуд хонабарандоз мешавад шабнам.
Зи парда хирагии чашм чун бурун ояд,
Бар офтоб назарбоз мешавад шабнам.
Дар ин ҳадиқаи зангоргун намемонад,
Ба васли меҳр сарафроз мешавад шабнам.
Агар зи домани гул такягоҳ созандаш,
Чу бӯи гул ба ҳаво боз мешавад шабнам.
Сафои дил ба каф овар, к-аз ин раҳи равшан
Сабук ба олами оғоз мешавад шабнам.
Чу поя домани ғафлат кашидаӣ, Соиб,
Қарини меҳр ба парвоз мешавад шабнам.

* * *

Аз хеш меравему туро ёд мекунем,
Дар кӯҳи Қоф сайри паризод мекунем.
Ҳар қисм бандагӣ, ки барояд зи дасти мо,
Нисбат ба сарву савсани озод мекунем.
Аз иштиёқи баҳр ду селоби навбаҳор
Дар кӯҳу дашт нолаву фарёд мекунем.
Дар шодмонии дили хасм аст фатҳи мо,
Бо халқ дар шикасти худ имдод мекунем.
Аз душманон дареғ надорем оби хеш,
Зуҳҳодро ба майкада иршод мекунем.
Лаззат намондааст дар оинаи ҳаёт,
Бар айшҳои рафта диле шод мекунем.
Мақсуди оламем агарчи, даҳони талх
Ширин ба хуни тешаи Фарҳод мекунем.
Чун сояи ҳумо назари илтифоти мо
Соиб, ба ҳар замин фитад, обод мекунем.

*   *   *

Агар ду рӯз дар ин тира хокдон мондам,
Гумон макун, ки зи парвози ломакон мондам.
Ба бозгашти рақибон умедҳо дорам,
Агарчи хуфта ба дунболи корвон мондам.
Ба бӯи васли гул аз ошён сафар кардам,
Ба васли гул нарасидам, аз ошён мондам.
Чунон ки маънии нозук зи норасоии лафз
Нуҳуфта монд дар ин тангно, чунон мондам.
Зи гул насими сабукдаст дафтаре во кард,
Ки ман хамӯш чу савсан ба сад забон мондам.
Ғурури ҷамъравон садди роҳи тавфиқ аст,
Гузаштам аз ду ҷаҳон то зи корвон мондам.
Зи фикри ҷисм напардохтам ба ҷон, Соиб,
Зи сад шикор ба як мушт устухон мондам.

*   *   *

Аз зулфи ӯ чӣ гуна диле нотавон кашам,
Дар дасти дигарест инонам, чӣ сон кашам?
Домони барги гул на ба андозаи ман аст,
Хоре ба ошён магар аз гулситон кашам.
Аз бими чашм чун гули раъно дар ин чаман
Бар рӯи навбаҳор ниқоби хазон кашам.
Чун мавҷ дар миёну канорам кашад муҳит,
Ҳарчанд хешро ба канор аз миён кашам.
Соиб, зи гул чу қисмати ман нест ғайри хор
Беҳуда нози хушк чӣ аз осмон кашам.

*   *   *

Паёми дӯст зи боди баҳор мешунавам,
Зи чоки синаи гул бӯи ёр мешунавам.
Ҳазор нуктаи сарбаста бе миёнҷии ҳарф
Зи ғунчаи даҳани танги ёр мешунавам.
Аз он зи сайри чаман мебурам зи худ пайванд,
Ки зикри арра зи ҳар шохсор мешунавам.
Чӣ оташ аст, ки дар мағзи хок афтодаст,
Ки «алъаташ» зи лаби ҷӯйбор мешунавам.
Шикоятест, ки мардум зи якдигар доранд,
Ҳикояте, ки дар ин рӯзгор мешунавам.
Маро чу тешаи Фарҳод мехарошад дил,
Садои кабк гар аз кӯҳсор мешунавам.
Ба гӯш пунбаи симоб мениҳам, Соиб,
Зи ҳар кӣ ҳарфи дили беқарор мешунавам.

*   *   *

Зи хол рӯзи сиёҳе, ки доштам, дорам,
Зи зулф риштаи оҳе, ки доштам, дорам.
Расид агарчи ба поён чу шамъ гиряи ман,
Зи ашку оҳ сипоҳе, ки доштам, дорам.
Ту доди ваъдахилофӣ бидеҳ ба хотири ҷамъ,
Ки ман ҳамон сари роҳе, ки доштам, дорам.
Бирав, агарчи гуноҳи маро наёварданд,
Зи инфиол гуноҳе, ки доштам, дорам.
Зи хони васл нашуд сер дидаам, Соиб,
Гурусначашм нигоҳе, ки доштам, дорам.

*   *   *

Ба ҷои бода агар дар пиёла об кунем,
Зи тангҳавсалагӣ мастии шароб кунем.
Чу мавҷ бар сари дарё занему хуш бошем,
Ба хеш кор чаро танг чун ҳубоб кунем.
Агар на хотири рӯи ту дар миён бошад,
Зи оҳ чашмаи оинаӣ сароб кунем.
Баёзи гардани ӯ гар ба дасти мо афтад,
Чӣ бӯсаҳои гулӯсӯз интихоб кунем.
Кадом айш бад-ин айш мерасад, Соиб,
Ки мову духтари раз сайри моҳтоб кунем.

*   *   *

Лаб чун садаф ба оби гуҳар тар намекунам,
Гавҳар ба оби рӯй баробар намекунам.
Шохи шукуфтаам, ки сабил аст хуни ман,
Бо хоки раҳ музоиқаи зар намекунам.
Дар коми бениёзии ман обу хун якест,
Нафйи хазар зи покии гавҳар намекунам.
Натвон ба об бурд ба сар ҳамчу зоҳидон,
То ҳаст май, нигоҳ ба Кавсар намекунам.
Оина аст нусхаи таълими тӯтиён,
Бе чеҳраи кушода сухан сар намекунам.
Дар каъбаи дил аст шабу рӯз рӯи ман,
Чун офтоб саҷдаи ҳар дар намекунам.
Соиб, зи бас ба фикри даҳонаш фурӯ шудам,
Субҳи қиёмат омаду сар барнамекунам.

*   *   *

Солҳо гар дар замин чун осмон гардидаам,
То чунин равшандилу софиравон гардидаам.
Сабз гардида-ст чун тӯтӣ пару болам зи заҳр,
То дар ин ибратсаро ширинзабон гардидаам.
Аз харидорони ман танг аст чун Юсуф замин,
Аз чӣ бори хотири ин корвон гардидаам.
Сояи ман гарчи мебахшад саодат халқро,
Аз ҷаҳон қонеъ ба мушти устухон гардидаам.
Зиндагӣ дар чордевони аносир чун кунам,
Ман, ки дар домони дашти ломакон гардидаам.
Барнамеоям зи фикри он даҳону он миён,
Ман, ки асрори ҷаҳонро тарҷумон гардидаам.
Зарраам, аммо зи файзи боғи оламсӯзи ишқ
Равшанибахши замину осмон гардидаам.
Ҳар гуле хореву ҳар хоре забони шикваест,
Гирди ин гулзор чун оби равон гардидаам.
Дӯстон аз бадгумонӣ ваҳшат аз ман мекунанд
Варна ман бар душмани худ меҳрубон гардидаам.
Нест обе ғайри оби теғ бар ман созгор,
Ман, ки аз захми намоён гулситон гардидаам.
Бедимоғӣ, Соиб, аз олам маро бегона кард,
Бо кӣ созам ман, ки аз худ дилгарон гардидаам.

* * *

Аз мавҷи ашк коми наҳанг аст масканам,
Аз барқи оҳ дидаи шер аст равзанам.
Парвози ман ба шаҳпари санги маломат аст,
Дар дасти рӯзгор ҳамоно фалохананам.
Сели фано маро натавонад зи реша канд,
Овехт баски хори алоиқ ба доманам.
Нахли санавбарам, ки дар ин боғи дилфиреб
Хушвақт мешаванд ҳарифон зи шеванам.
Дар хоби ноз буд насими саҳаргаҳӣ
Дар фурсате, ки буд димоғи шукуфтанам.
Чун анбар аст хомии ман беҳ зи пухтагӣ,
Хиҷлат кашад расидагӣ аз норасиданам.
Парвои боди субҳ надорад чароғи ман,
Чун оҳ зиндакардаи дилҳои равшанам.
Ку сели ашк, то барад аз ҷои худ маро?
К-аз боди оҳ пок нагардид хирманам.
Азбаски дар ниёми хамӯшӣ нуҳуфтаам,
Зангор баст теғи забон ҳамчу савсанам.
Чун бӯи гул, ки мешавад афзун зи барги хеш,
Бе парда гашта рози ман аз пардаи танам.
Бо ин бараҳнагӣ, ки маро нест риштае
Дар пои ҳар кӣ мешиканад хор, сӯзанам.
Дар тинати мулоими ман нест саркашӣ,
Бориктар зи мӯи миён аст гарданам.
Соиб, талоши гулшани фирдавс мекунам,
Чун хору хас агарчи сазовори гулханам.

*   *   *

Бе гули рухсори ту ҳар гоҳ дар бӯстон шудам,
Хандаи бедардии гул дидаму ҳайрон шудам.
Ишқ бар ҳар кас, ки зӯр овард, ман гаштам хароб,
Сел дар ҳар ҷо, ки по афшурд, ман вайрон шудам.
Беқаророн пой натвонанд дар домон кашид,
Домани матлаб ба даст афтод, саргардон шудам.
Ханда, мегӯянд, субҳи навбаҳори ишрат аст,
Ман надидам рӯзи хуш, чун ғунча то хандон шудам.
Баҳри раҳматро тасаввур карда будам беканор,
Аз ғубори хат ба гирди оразаш ҳайрон шудам.
Косаи дарюза пеши Хизр, Соиб, чун барам,
Ман, ки аз фикри даҳонаш чашмаи ҳайвон шудам.

*   *   *

На он ҷинсам, ки дар қаҳти харидор аз баҳо афтам,
Ҳамон хуршеди тобонам, агар дар зери по афтам.
Ба завқи нолаи ман осмон мастона мерақсад,
Ҷаҳон мотамсаро гардад, агар ман аз наво афтам.
Чу ошиқ соф аз қайди тааллуқ кардаам худро,
Ба гирди нақши паҳлӯям агар бар бӯрё афтам.
Хабар аз худ надорам чун сипанд аз беқарориҳо,
Намедонам куҷо хезам, намедонам куҷо афтам.
Кушоиш нест дар пешонии тухми умеди ман,
Гиреҳ дар кори об афтад, агар дар осиё афтам.
Пайи таҳсили рӯзӣ даступое мезанам, Соиб,
Намерӯяд зар аз чашмам, ки чун гул бар қафо афтам.

*   *   *

Зи холи гӯшаи абрӯи ёр метарсам,
Аз ин ситораи дунболадор метарсам.
Чу муҳра дар даҳани мор метавонам рафт,
Аз он ду силсилаи тобдор метарсам.
Шикасти душмани оҷиз на аз ҷавонмардист,
Туро гумон, ки ман аз неши мор метарсам.
Зи тангҳавсалагон барнаметавон омад,
Зи баҳр беш ман аз чашмасор метарсам.
Маро зи оташи дӯзах наметавон тарсонд,
Зи шармсории рӯзи шумор метарсам.
Зи сели ҳодиса аз ҷо намеравам, Соиб,
Зи шабнами рухи он гулузор метарсам.

* * *

Ин сатрҳои оҳ, ки ҳар ҷо навиштаем,
Аз рӯи он ду зулфи чалипо навиштаем.
Дар хоби ғафлат аст фалак варна мо зи оҳ
Бар кӯдакон бароти тамошо навиштаем.
Гоҳе, ки ҳарфи зулфу хату хол гуфтаем,
Тӯморҳо ба олами боло навиштаем.
Натвон ҳазор сол ба тӯфони Нӯҳ шуст
Шарҳе, ки мо ба дил зи таманно навиштаем.
Ҳарчанд нест дарди дили мо навиштанӣ,
Аз ашки худ ду сатр ба имо навиштаем.
Аз пастфитратист, ки мо ризқи хешро
Бар хӯшаи баланди Сурайё навиштаем.
Мо шарҳи беқарории Маҷнуни хешро
Аз мавҷҳо сароб ба саҳро навиштаем.
Ҳарчанд ғарқаем, ҳамон аз ҳубобу мавҷ
Мактуби сарбамуҳр ба дарё навиштаем.
Бар фарди офтоб қалам мекашем мо,
То нусхае аз он рухи зебо навиштаем.
Афтодааст шақ чу қалам бар забони мо,
То аз дили дуним сухан вонавиштаем.
Ризқи ҳазор хор дар ин дашти оташин
Бар донаҳои обилаи по навиштаем.
Бар сафҳаи диле, ки ғами ишқро сазост,
Мо шӯхдидагон ғами дунё навиштаем.
Соиб, зи табъи нозуки равшандилони аҳд
Шармандаему шеър ба ҳар ҷо навиштаем.

*   *   *

Дар намуди нақшҳо беихтиёр афтодаам,
Муҳраи мумам, ба дасти рӯзгор афтодаам.
З-инқилоби чарх меларзам ба оби рӯи хеш,
Ҷоми лабрезам, ба дасти раъшадор афтодаам.
Дар лаби боми хатар натвон ба хоби амн рафт,
Дар биҳиштам, то зи авҷи эътибор афтодаам.
Ҳар кӣ бардорад маро аз хок, андозад ба хок,
Меваи хомам ба санг аз шохсор афтодаам.
Нест дасте бар инони умр печидан маро,
Сояи сарвам, ба рӯи ҷӯйбор афтодаам.
Дасти мавҷ аз захми дандони гуҳар нилӣ шудаст,
То ман аз дарёи ҳастӣ бар канор афтодаам.
Ҳеҷ кас ҳаққи намак чун ман намедорад нигоҳ,
Додаам ҳосил, агар дар шӯразор афтодаам.
Хандаи гул дар рикоби чашми хунбори ман аст,
Гиряру ҳарчанд чун абри баҳор афтодаам.
Хорию беқадрии гавҳар касоди ҷавҳарист,
Нест ҷурми ман, агар дар раҳгузор афтодаам.
Чун нагардад доғи ҳасрат фулс бар андоми ман,
Аз муҳити бекарон дар чашмасор афтодаам.
Дидаам дар нуқтаи оғоз анҷоми фано,
Чун шарар дар ҷонфишонӣ беқарор афтодаам.
Нест ғайр аз содалавҳӣ хатти поке дар ҷаҳон,
Ман чу тифлон дар пайи нақшу нигор афтодаам.
Нест, Соиб, бесаранҷомӣ маро монеъ зи ишқ,
Гарчи баднақшам, вале ошиққимор афтодаам.

* * *

Чеҳраро аз ишқи хубон арғувонӣ кардаам,
Шӯхчашмӣ бин, ки дар пирӣ ҷавонӣ кардаам.
Кас забони чашми хубонро намедонад чу ман,
Рӯзгоре ин ғизолонро шубонӣ кардаам.
Сад қадам биншаст аз мо хоки роҳи эътибор,
Гарчи дар роҳи ту умре ҷонфишонӣ кардаам.
Офтобу моҳро дар хилвати мо роҳ нест,
Шамъи болини худ аз равшанравонӣ кардаам.
Номуродиҳои мо, Соиб, ба олам равшан аст,
Бар муроди халқ доим зиндагонӣ кардаам.

* * *

Гуфтугӯи ишқро ман дар миён андохтам,
Тарҳи ҷавҳар ман ба шамшери забон андохтам.
Номе аз сӯзи муҳаббат бар забонҳо монда буд,
Ин намак ман дар хамири хокиён андохтам.
Дошт бар даври ҳадаф ҷавлон хаданги фикрҳо,
Ин парешон тирро ман бар нишон андохтам.
Рӯи дарёи суханро хору хас пӯшида буд,
Ин хасу хошокро ман бар карон андохтам.
Ҷилваи Юсуф наяфкандаст дар бозори шавқ,
Соиб, ин шӯре, ки ман аз Исфаҳон андохтам.

*   *   *

Садои рӯҳ зи ҷӯши шароб мешунавам,
Сарири боби биҳишт аз рубоб мешунавам.
Тафовутест миёни шунидани ману ту,
Ту бастани дару ман фатҳи боб мешунавам.
Давидани майи гулрангро ба кӯчаи раг
Ба сад расоии овози об мешунавам.
Сафои пардагиёни хаёл мебинам,
Садои пои ғизолони хоб мешунавам.
Садои шаҳпари Ҷабрили ишқ ҳар соат
Зи ҷунбиши пари мурғ изтироб мешунавам.
Чи ҳарфҳои сабук, Соиб, аз сиёҳдилон
Ба пуштгармии он офтоб мешунавам.

*   *   *

Гарчи дар таъмири ҷисмам, ғофил аз дил нестам,
Даст дар гил дорам, аммо пой дар гил нестам.
Бо асар коре надорад ашки бепарвои ман,
Тухм меафшонаму дар фикри ҳосил нестам.
Моҳ натвонад ба доми ҳола овардан маро,
Пеши ҳар ношустарӯе пой дар гил нестам.
Гарчи аз манзил бурун нанҳодаам ҳаргиз қадам,
Бехабар аз роҳу расми ҳеҷ манзил нестам.
Бо ҳама озодагӣ аз ман касе озурда нест,
Оҳанинҷонам, валекин оҳаниндил нестам.
Дарнамеоям зи ҷо аз рӯи гарми анҷуман,
Чун сипанди беадаб нодидамаҳфил нестам.
Ваҳшиёни орзуро сар ба саҳро додаам,
Ҳамчу Маҷнун гӯш бар овози маҳмил нестам.
Мезанад мавҷи шикастан пайкарам чун бӯрё,
Дар дабистони риёзат фарди ботил нестам.
Гарчи, Соиб, шустаам аз дил ғубори орзу,
Як нафас бе оҳу як дам бе ғами дил нестам.

*   *   *

Ку бахт, ки дар майкада бо ёр нишинем?
Дар мотами ғамҳои ҷигархор нишинем.
Монанди ҳубоб аз дили май сар бадар орем,
Бо нағма ба як пардаю як тор нишинем.
Ҳар маслиҳати ақл кам аз кӯҳи ғаме нест,
Ку ратли гароне, ки сабукбор нишинем.
Ҳусни рухи гул чашм ба роҳи нигаҳи мост,
Аз ҳиммати паст аст, ки бо хор нишинем.
Оҳ, ин чӣ ҳиҷоб аст, ки аз шарми рухи ту
Дар хонаи худ рӯй ба девор нишинем.
Соиб, чӣ кунӣ манъи ман аз ошиқиву шеър,
Инҳо беҳ аз он аст, ки бекор нишинем.

*   *   *

Мо рӯи дил ба ҳар касу нокас намекунем,
Чун бод илтифот ба ҳар хас намекунем.
Дар гардишем мо ба сари худ чу офтоб,
Мононади соя пайравии кас намекунем.
Пушти ҳазор сахткамонро шикастаем,
Андеша аз сипеҳри муқаввас намекунем.
Мо чун сабӯ зи хонабадӯшони машрабем,
Дар майкашӣ мулоҳиза аз кас намекунем.
Сел ар расад ба хонаи мо, гӯ, чӣ медиҳем,
Мо пештоқи хона муқарнас намекунем.
Бар туъмаи хасон, ки пур аз мӯи миннат аст,
Олуда чанги ҳирс чу каргас намекунем.

*  *  *

Ёди айёме, ки рӯ бар рӯи ҷонон доштам,
Обрӯе ҳамчу шабнам дар гулистон доштам.
Боғбон бе рухсати ман гул намечид аз чаман,
Имтиёзе дар миёни андалебон доштам.
Шохи гул як об хӯрдан фориғ аз ҳолам набуд,
Барги бахти сабз бар сар дар гулистон доштам.
Ҳар саҳар, к-аз хор-хори ишқ меҷастам зи ҷо,
Ҳамчу гул бар сина сад доғи намоён доштам.
Ин замон омад сарам бар санг варна пеш аз ин
Болиши осоиш аз зонӯи ҷонон доштам.
Бӯи гул берун намебурд аз чаман дузди насим,
Посбоне дар буни ҳар хор пинҳон доштам.
Сурмаро дасти хамӯшӣ бар даҳони ман набуд,
Роҳи ҳарфе пеши он чашми сухандон доштам.
Ҳар ғуборе, к-аз сари кӯи ту меруфтам ба чашм,
Миннати рӯи замин бар дӯши мижгон доштам.
Соиб, он рӯзе, ки механдидам аз васлаш чу субҳ,
Кай хабар аз рӯзгори шоми ҳиҷрон доштам.

* * *

Зи бурдбории мо хору зор шуд олам,
Зи кӯҳи тоқати мо сангсор шуд олам.
Бас аст силсилаҷунбони насим дарёро,
Зи беқарории мо беқарор шуд олам.
Зи гӯшаи дили худ сар бурун наёвардем,
Агар хазону ва гар навбаҳор шуд олам.
Биҳишт барги хазондидаест орифро,
Зи чашмсерии мо шармсор шуд олам.
Кадом даст барояд зи остин, ё Раб!
Ки як пиёла майи бехумор шуд олам.
Кунад фузулии меҳмон бахилро бадхӯ,
Зи созгории мо созгор шуд олам?
Кабоби сӯхтаро ашк нест, ҳайронам,
Ки чун зи хуни дилам лолазор шуд олам.
Зи нолаҳои ҷигарсӯзи хомаи Соиб
Чу лола як ҷигари доғдор шуд олам.

* * *

Рӯзгоре шуд, зи чашми эътибор афтодаам,
Чун нигоҳи ошно аз чашми ёр афтодаам.
Дасти рағбат кас ба сӯи ман намесозад дароз,
Чун гули пажмурда бар рӯи мазор афтодаам.
Ихтиёрам нест чун гирдоб бар саргаштагӣ,
Набзи мавҷам, дар тапидан беқарор афтодаам.
Уқдае ҳаргиз накардам боз аз кори касе,
Дар чаман бекор чун дасти чинор афтодаам.
Нестам як чашмзад эмин зи осеби шикаст,
Гӯиё оинаам, дар зангбор афтодаам.
Ҳамчу гавҳар гар дилам аз санг гардад, дур нест,
Дур аз мижгони абри навбаҳор афтодаам.
Ман, ки Соиб, кор якрӯ кардаам бо коинот,
Дар миёни мардуми олам чӣ кор афтодаам?

* * *

Дар таҳи як пираҳан аз ёр дур афтодаам,
Оҳ, к-аз наздикии бисёр дур афтодаам.
Мекашам хамёза бар оғӯш дар оғӯши ёр,
Ҳамчу марказ аз хати паргор дур афтодаам.
Нест тадбире ба ҷуз дурӣ зи наздикӣ маро,
Ман, ки аз наздикии бисёр дур афтодаам.
Аз биҳишт афтод берун Одаму хандон нашуд,
Чун нагирям ман, ки аз дилдор дур афтодаам.
Тешаи Фарҳод гардидаст ҳар мӯ бар танам,
То аз он маъшуқи ширинкор дур афтодаам.
Гоҳ механдам зи шодӣ, гоҳ мегирям зи дард,
З-он ки ҳам аз ёру ҳам з-ағёр дур афтодаам.
Нест мумкин бозгашти ман ба умри ҷовидон,
Инчунин, к-аз базми ӯ ин бор дур афтодаам.
Шуд нафас зинҳори ангушт аз даҳони талхи ман,
То аз он лабҳои шаккарбор дур афтодаам.
Пири Канъон чун ба ман дар гиря ҳамчашмӣ кунад,
Ӯ зи Юсуф, ман зи юсуфзор дур афтодаам.
Мепарад чашмам ба хоби нестӣ ҳамчун шарор,
Аз ту то, эй оташинрухсор, дур афтодаам.
Чун тавонам умр сарфи ҷустуҷӯи ёр кард,
Ман, ки аз худ бештар аз ёр дур афтодаам.
Кист, Соиб, то зи ҳоли ӯ хабар созад маро,
Муддате шуд, к-аз дили афгор дур афтодаам.

*   *   *

Гарчи аз ваъдаи эҳсони фалак пир шудем,
Неъмате буд, ки аз ҳастии худ сер шудем.
Нест з-ин сабзчаман кулфати ман имрӯзӣ,
Ғунча будем дар ин боғ, ки дилгир шудем.
Ҷуз надомат чӣ бувад кӯшиши моро ҳосил,
Мо, ки дар субҳдам омодаи шабгир шудем.
Гарчи аз кӯшишу тадбир начидем гуле,
Ин қадар буд, ки таслим ба тақдир шудем.
Шуст он рӯз қазо даст зи ободии мо,
Ки гирифтор ба обу гили таъмир шудем.
Устухонсӯхтае буд шаби ҳастии мо.
Домани субҳ гирифтем, табошир шудем.
Дили хушмашраби мо дошт ҷавон оламро,
Шуд ҳамон рӯз ҷаҳон пир, ки мо пир шудем.
Тан надодем ба оғӯши Зулайхои ҷаҳон,
Розӣ аз силсилаи зулфи чу занҷир шудем.
Солҳо гирди сари сарв чу қумрӣ гаштем,
То сазовор ба як ҳалқаи занҷир шудем.
Сулҳ кардем ба як нақш зи наққоши ҷаҳон,
Маҳви як чеҳра чу оинаи тасвир шудем.

*   *   *

Талхе зи лаби лаъли ту нашнуфтаму рафтам,
Хуш бош, ки ноком дуо гуфтаму рафтам.
Кардам сафар аз хеш ба овозаи Юсуф,
Бонги ҷарас аз қофила нашнуфтаму рафтам.
Чун сели сабуксайр зи рухсораи пургард,
Хору хаси ин бодияро руфтаму рафтам.
Ғофил нагузаштам зи сари хори маломат,
Аз обила ҳар гом гуҳар суфтаму рафтам.
Чун уд зи хомӣ назадам ҷӯши шикоят,
Бӯи ҷигари сӯхта бинҳуфтаму рафтам.
Наъли сафарам ҷои дигар буд дар оташ,
Дар сояи дунёи парӣ хуфтаму рафтам.
Доданд ба ман арзи матои ду ҷаҳонро,
Ҷуз ҳасрат аз инҳо напазируфтаму рафтам.
Чун ғунча зи боғе, ки насимаш дами Исост,
Аз ҳиммати ман буд, ки нашкуфтаму рафтам.
Дуд аз ҷигари ҳавсалаи Тур баровард,
З-ин доғи ҷигарсӯз, ки бинҳуфтаму рафтам.
Ҳар кас гуҳаре суфт дар ин базм чу Соиб,
Ман низ чу ёрон гуҳаре суфтаму рафтам.

* * *

Ба хун оғушта неъматҳои алвони ҷаҳон дидам,
Забони хеш чун хуршед бар девор молидам.
Маро дил сард кард аз аҳли давлат дидани дарбон,
Ба як дидан зи сад нодиданӣ осуда гардидам.
Нашуд рӯзи қиёмат ҳеҷ коре дастгири ман,
Ба ҷуз дасте, ки бар якдигар аз афсӯс молидам.
Ба ман ҳамчун Хизр доданд умри ҷовидон, аммо
Гиреҳ шуд риштаи умрам зи бас бар хеш печидам.
Забон то буд гӯё, теғ меборид бар фарқам,
Ҷаҳон доруламон шуд, то забон дар ком дуздидам.
Макаш сар аз маломат, гар сарфарозӣ тамаъ дорӣ,
Ки ман чун шуълаи оташ зи захми хор нолидам.
Аз ин сангиндилон, Соиб, чаро чун тир нагрезам?
Ки пурхун шуд даҳонам аз ҳамон дасте, ки бӯсидам?

*  *  *

Хуш он рӯзе, ки манзил дар саводи Исфаҳон созам,
Зи васфи Зиндарӯдаш хомаро рутбуллисон созам.
Сабоосо ба гирди сар бигардам чорбоғашро,
Ба ҳар шохе, ки биншинад дили ман, ошён созам.
Шавад равшан ду чашмам аз саводи сурмахези ӯ,
Зи мижгон зиндарӯди гиряи шодӣ равон созам.
Зи Шаккар бишканам Хусравсифат бозори Ширинро,
Ба мулки Исфаҳон Шабдезро оташинон созам.
Салои оби ҳайвон мезанад теғи ҷавонмардаш,
Чаро чун Хизри камқимат ба умри ҷовидон созам.
Ба он гармӣ, ки ман рӯ аз ғарибӣ дар ватан дорам,
Агар бар санг бугзорам қадам, реги равон созам.
Ба мижгон хоби махмал медиҳад ҷо чашми зорамро,
Чаро оромгоҳи хеш аз теғу синон созам.
Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтам, аммо
Намедонам туро бар хештан чун меҳрубон созам.
Баланд афтода, Соиб, он қадар табъи худододам,
Ки шамъи Турро хомӯш аз теғи забон созам.

* * *

Даст агар кӯтоҳ бошад, орзӯе мекунем,
Зулфи мушкини туро аз дур бӯе мекунем.
Тоати мо нест ғайр аз шустани даст аз ҷаҳон,
Гар намоз аз мо намеояд, вузӯе мекунем.
Нест ғамхоре, ки бошад хонаи моро сафо,
Синаро аз оҳ гоҳе рӯфтурӯе мекунем.
То расад вақте, ки бояд бар замин андохтан,
Хонаи танро ба обу нон руфӯе мекунем.
Пеши мо аз зоҳидон имсок беинсоф нест,
Ин ғуборолудагонро шустушӯе мекунем.
Қатра чун дар баҳри мавҷ омехт, дарё мешавад,
Ҷони зори хешро пайванди мӯе мекунем.
Дар ҷаҳони бевафо андешаи манзил куҷост,
Меравад селоб, то мо фикри ҷӯе мекунем.
Гарчи натвон ёфтан он гавҳари ноёбро,
То нафас боқист, Соиб, ҷустуҷӯе мекунем.

*   *   *

Чанд рӯзе аз дари майхона сар во мезанам,
Пушти дасте бар қадаҳ, санге ба мино мезанам.
Чанд дар гирдоб саргардон бигардам чун ҳубоб,
Мекашам чун мавҷ майдону ба дарё мезанам.
Барнаметобад ғубори кулфатам оғӯши шаҳр,
Мешавам селоб, бар домони саҳро мезанам.
Булбулам, аммо майи гулранг маъшуқи ман аст,
Қумриям, аммо наво бар сарви мино мезанам.
Хешро мурғони ашкам бар сари мижгон зананд,
Ман куҷо мижгон ба ҳам баҳри тамошо мезанам?
Тешае, к-аз ғамзаи хубон дилаш нозуктар аст,
Аз ҷунун ман дам ба дам бар санги хоро мезанам.
Ман, ки ҷонбахшӣ чу Хизри шиша дорам дар бағал,
Хандаи қаҳқаҳ бар эъҷози Масеҳо мезанам.
Мефитад ҳар рӯз дар кораш шикасти тозае,
Ман зи савдои сари зулфе, ки сар во мезанам.
Умрҳо, Соиб, ба шаҳри ақл будам кӯчбанд,
Муддате ҳам бо ғизолон сар ба саҳро мезанам.

*   *   *

Хол ё тухми умеди ошиқи шайдост ин?
Зулф ё шерозаи ҷамъияти дилҳост ин?
Зулфаш аз маъмураи дилҳо баровардаст гард,
Ё баҳори бехазон, ё анбари сорост ин?
Фитнаи рӯзи қиёмат дар рикобаш меравад,
Рояти ҳусни баландиқбол, ё болост ин?
Нест мумкин фикри зулфашро баровардан зи дил,
Мешавад ҳар рӯз афзун, решаи савдост ин.
Гар сари хуршедро бандад ба зери пои хеш,
Об дар чашмаш намегардад, чӣ бепарвост ин.
Аз дамиданҳои хат, Соиб, аз ӯ эмин машав,
Ҷавҳари бераҳмии шамшери истиғност ин.

* * *

Эй дил, аз пасту баланди рӯзгор андеша кун,
Дар барӯмандӣ зи қаҳти баргу бор андеша кун.
Аз насиме дафтари айём барҳам мехӯрад,
Аз варақгардонии лайлу наҳор андеша кун.
Рӯй дар нуқсон гузорад моҳ, чун гардад тамом,
Чун шавад лабрез ҷомат, аз хумор андеша кун.
Гӯшагирӣ дарди сар бисёр дорад дар камин,
Дар муҳити пуршарушӯр аз канор андеша кун.
Нест бе заҳри пушаймонӣ ҳузури ин ҷаҳон,
Аз раги хоби фароғат ҳамчу мор андеша кун.
Чун фалак оғозу анҷоме надорад ин ҷаҳон,
З-ин муҳити бесарубун зинҳор андеша кун.
Эй ки механдӣ чу гул дар бӯстон беихтиёр,
Аз гулоби гиряи беихтиёр андеша кун.
Дар лаби боми хатар натвон ба хоби амн рафт,
Эманӣ хоҳӣ, зи авҷи эътибор андеша кун.
Захм мебошад гарон шамшери лангардорро,
Зинҳор аз душманони бурдбор андеша кун.
Пашша бо шабзиндадорӣ хуни мардум мехӯрад,
Зинҳор аз зоҳиди шабзиндадор андеша кун.
Метавон аз набз пай бурдан ба аҳволи дарун,
Марди дарё нестӣ, аз ҷӯйбор надеша кун.
Ин замину осмон дудеву гарде беш нест,
Аз духон, Соиб, маяндеш, аз ғубор андеша кун.

*  *  *

З-ин гиряҳо, ки ҳаст гиреҳ дар гулӯи ман,
Пайдо шавад чу захми намоён ба рӯи ман.
Наздик шуд, ки ҷӯши шикоят бароварам,
Зарфи ҳазор баҳр надорад сабӯи ман.
Оинаам зи гарди кудурат бараҳна аст,
Пайваста соф мегузарад оби ҷӯи ман.
Ё Раб, чӣ толеъ аст, ки ҳаргиз хато нашуд
Тири ҳаводис аз бадани ҳамчу мӯи ман.
Шуд гарданам зи гардани қумрӣ сиёҳтар,
Аз баски дасти ашк фишорад гулӯи ман.
Аз бекасӣ ба оина гар рӯбарӯ шавам,
Сад ҳарфи сахт оина гӯяд ба рӯи ман.
Чун субҳ чоки синаи ман бахягир нест,
Исо, макун ба риштаи Марям руфӯи ман.
Ақлам бурун намеравад аз сар ба зӯри май,
Холӣ намешавад зи Фалотун кадӯи ман.
Ҳарчанд хокмол маро дод рӯзгор,
Розӣ нашуд ба нанги талаб обрӯи ман.
Азбаски ҳарфи он гули рӯ дар чаман задам,
Сад андалеб маст шуд аз гуфтугӯи ман.
Шуд тоза захми ғайрати Урфӣ ба зери хок,
То зулфи шона зад қалами мушкбӯи ман.

* * *

Сурмаро ҳам маҳрами чашми сиёҳи худ макун,
Гар тавонӣ, ошноӣ бо нигоҳи худ макун.
Ранг бар рухсораи исмат мабодо бишканад,
Дастбозӣ бо сари зулфи сиёҳи худ макун.
Қиблаи ман, акс дар шаҳри ҳаё номаҳрам аст,
Хилвати оинаро ҳам ҷилвагоҳи худ макун.
Хотири барги ҳаё аз барги гул нозуктар аст,
Шохи гулро зиннати тарфи кулоҳи худ макун.
Лашкари ғоратгари хат мерасад аз гарди роҳ,
Такя бар ҷамъияти зулфи сиёҳи худ макун.
Панди Соибродурри гӯши ғурури ҳусн соз,
Беш аз ин озори ҷони бегуноҳи худ макун.

* * *

Замин ба ларза дарояд зи дил тапидани ман,
Шавад сипеҳр замингир з-орамидани ман.
Шукӯҳи донаи ман то ба осмон чӣ кунад,
Дуним шуд ҷигари хок аз дамидани ман.
Гузашт умр ба хомӣ, магар қазо афканд
Ба офтоби қиёмат самар расидани ман.
Фиғон, ки зери фалак нест ин қадар майдон,
Ки доди ваҳшати хотир диҳад рамидани ман.
Дар ин диёр чу чашм он заифпарвозам,
Ки барги коҳ шавад монеи паридани ман.
Ҳазор марҳаларо чун ҷарас дили шабҳо
Тавон парид ба овози дил тапидани ман.
Ҳаёти ман ба тамошои гулузорон аст,
Зи роҳи чашм чу шабнам бувад хазидани ман.
Маро чу субҳ ба дасти дуо нигаҳ доред,
Ки равшан аст ҷаҳон аз нафас кашидани ман.
Ҳазор фитнаи хобида чун шароби куҳан
Нуҳуфта аст дар оғӯши орамидани ман.
Зи баски талхии даврон кашидаам, Соиб,
Даҳони мор шавад талх аз газидани ман.

*   *   *

Дил кай расад ба васли ту, эй сарви нози ман,
Як кӯча аст зулф зи роҳи дарози ман.
Хуне, ки буд дар дили ман, мушки ноб шуд,
То шуд бадал ба ишқи ҳақиқӣ маҷози ман.
Аз хомие, ки дар рагу дар решаи ман аст,
Нуҳ бӯта тофта-ст фалак дар гудози ман.
Хунобааш ба субҳи қиёмат шафақ диҳад,
Нохун ба ҳар диле, ки занад шоҳбози ман.
Дилҳо, агар зи санг бувад, мешавад кабоб,
Дар маҳфиле, ки бода кашад дилнавози ман.
Бо ман ҳамеша буд фалак дар мақоми ноз,
Ин пардаҳо нагашт мувофиқ ба сози ман.
З-он даст пеши рӯ ба дуо кардаам, мабод,
Бар рӯи ман зананд малоик намози ман.
Соиб, ҷуз он ягона, ки дар дасти ӯст дил,
Фориғ бувад зи ҳар ду ҷаҳон покбози ман.

*   *   *

Гаҳе дар баҳр саргардону гоҳе дар саробам ман,
Ҳамеша ҳамчу мавҷ аз хушинонӣ дар азобам ман.
Хароботи вуҷуди ман иморат барнамедорад,
Абас дар фикри таъмири дили пуринқилобам ман.
Ба ҷуз касби ҳаво аз ман дигар коре намеояд,
Дар ин дарёи пурошӯб, пиндорӣ, ҳубобам ман.
Ба хок афтам зи бахти салтанат, чун аз хумор афтам,
Чу ояд гардани мино ба каф моликрикобам ман.
Ҳавои гардиши чашме рабуда-ст ихтиёрамро,
Аз ин гаҳ масту гаҳ ҳушёру гоҳе масти хобам ман.
Ба чашми кам мабин, Соиб, маро чун қатраи шабнам,
Ки мироби гулу оинадори офтобам ман.

* * *

Лабташнагии ҳирс надорад ҷигари ман,
Хушк аз қадаҳи шир барояд шакари ман.
Дар машраби ҷонсахтии ман ратли гаронест,
Ҳар санг, ки аз ҳодиса омад ба сари ман.
Аз машриқу мағриб гули хуршед бароядд,
Дар хоби баҳор аст насими саҳари ман.
Дар ҳасрати як мисраи парвози баланд аст
Маҷмӯаи барҳамзадаи болу пари ман.
Дар хонаву саҳрост ба лутфи ту умедам,
Эй хонанигаҳдори ману ҳамсафари ман.
З-он захми намоён, ки зи теғи ту рабудам,
Афтод хиёбони биҳишт аз назари ман.
Соиб, манам имрӯз, ки дар нуҳ садафи чарх
Пайдо натавон кард касе ҳамгуҳари ман.

* * *

Чун сиёҳӣ шуд зи мӯ, ҳушёр мебояд шудан,
Субҳ чун равшан шавад, бедор мебояд шудан.
Умрҳо кори ту бо гуфтори бекирдор буд,
Баъд аз ин кирдори бегуфтор мебояд шудан.
Чашмҳо аз шабнами гул дом мебояд гирифт,
Волаи он оташинрухсор мебояд шудан.
То нагардӣ фонӣ аз майхона, по берун манеҳ,
З-ин макон беҷуббаву дастор мебояд шудан.
Барнахезад, ҳар кӣ дар қайди таносоӣ фитод,
Сад биёбон дур аз ин девор мебояд шудан.
Эй ки чун гул ханда дар авзои олам мезанӣ,
Мустаиди гӯшмоли хор мебояд шудан.
Ҳамчу Соиб сиҳҳати ҷовид гар дорӣ тамаъ,
Хастаи он наргиси бемор мебояд шудан.

*   *   *

Ҳеҷ ҳамдарде намеёбам сазои хештан,
Мениҳам чун беди маҷнун сар ба пои хештан.
Ман кадомин зарраам, то бениёзони ҷаҳон
Сарфи ман созанд авқоти сафои хештан.
Аз сари он хокдон ҳар кас, ки бархезад чу сарв,
Дар сафи озодагон бинад ливои хештан.
Ростӣ дар паллаи истодагӣ дорад маро,
Меравам дар чоҳ доим аз асои хештан.
Сад ҷафо мебинаму бар худ гуворо мекунам,
Барнамеоям, чӣ созам, бо вафои хештан.
Ҳар кӣ бо ҷамъият изҳори парешонӣ кунад,
Мезанад фоли парешоне барои хештан.
Мекунад гардиш фалак бар муддаои ман мудом,
Менишонад чарх ҳар касро ба ҷои хештан.
Нестам, Соиб, ҳарифи миннати дарбони халқ,
Боз месозам ба дарди бедавои хештан.

*  *  *

Заҳр оби зиндагонӣ мешавад дар ҷоми ӯ,
Нест фарқе дар миёни бӯсаву дашноми ӯ.
Қосидонро лаб ба пайғоми забонӣ мешавад
Номаи сарбаста аз ширинии пайғоми ӯ.
Чун хати анбарфишон печухами тори нигоҳ
Мӯ ба мӯ пайдост аз рухсораи гулфоми ӯ.
Мекунад аз тавқ қумрӣ ҳалқа номи сарвро
Аз санавбарқоматон ҳар ҷо баромад номи ӯ.
Оламе чун соя зери пои ӯ афтодаанд,
То киро аз хок бардорад дили худкоми ӯ.
Бар гирифторон раҳи андешаи гуфтор нест,
Баски гиранда-ст чашми ҳалқаҳои доми ӯ.
Ин қадар гирандагӣ дар хок ҳам мебудааст,
Моҳ натвонад гузаштан аз канори боми ӯ.
Дар сари ҳар кас, ки чун Соиб бувад иқболи ӯ,
Ҳар куҷо вахшинигоҳе ҳаст, гардад роми ӯ.

*  *  *

То кард теғи ғамза ҳамоил нигоҳи ту,
Шуд сурма гӯшагир зи чашми сиёҳи ту.
Мо имтиҳони дашнаи алмос кардаем.
Аз як раҳ аст то мижаи кинахоҳи ту.
Ёдам зи ҷилваҳои қади ёр додаӣ,
Эй кабки хушхиром, ки сар бод роҳи ту.
Дар чашми шӯри ҳашр намак карда интизор,
Дар парда то ба чанд нишинад нигоҳи ту.
Эй шохи гул, бибол, ки бо ин ғурури ҳусн
Гул каҷ надидааст ба тарфи кулоҳи ту.
Соиб, ба ҳуш бош, мабодо дили шабе
Худро ба хирмане бизанад барқи оҳи ту.

*  *  *

Рухе ба шабнами май ҳамчу барги лола бидеҳ,
Дигар ба ҳар кӣ дилат мекашад, пиёла бидеҳ.
Намедиҳӣ қадаҳи бешумор агар, соқӣ,
Шумори қатраи борон куну пиёла бидеҳ.
Ҳарифи даври гаронсайр нестам, соқӣ,
Чу мавҷи оби мусаллас ба ман пиёла бидеҳ.
Ба ёди ҳар чӣ хӯрӣ май, ҳамон нишот диҳад,
Ба завқи нашъаи тифлӣ майи дусола бидеҳ.
Баҳор шуд, чӣ ба ҷо хушк мондаӣ, эй абр,
Сазои шишаи тақво ба санги жола бидеҳ.
Ниҳода бар рухи гул нуқтаҳои шак шабнам,
Ба боғ рӯ куну тасҳеҳи ин рисола бидеҳ.
Зи ранги доғии худ ноз бар чаман дорад,
Ба як пиёлаи май гӯшмоли лола бидеҳ.
Зи чашми хонабарандози ӯ мулоҳиза кун,
Калиди хонаи дил ҳамраҳи қабола бидеҳ.
Сазои туст ба хун рӯй шустан, эй сайёд,
Туро кӣ гуфт, ки фатво ба хуни лола бидеҳ.
Барор сар зи ниҳонхонаи рухаш, эй хат,
Ба гирди моҳ тапидан ба ёди ҳола бидеҳ.
Нишаст шуъла зи овози булбулон, Соиб,
Барои хотири гул тарки оҳу нола бидеҳ.

*   *   *

Мекашад дилро зи дастам дилрабои тозае,
Дар кашокаш дорадам зӯрозмои тозае.
Афсари саргармиям аз тарфи сар афтодааст,
Соғаре мегирам аз гулгунқабои тозае.
Гӯ сабо, аз хоки кӯяш кӯҳли биноӣ маёр,
Нақши худро дидаам дар накши пои тозае.
Гар зи мушти устухони ман намегирӣ хабар,
Соя хоҳад кард бар фарқам ҳумои тозае.
Нестӣ хори сари девор, по дар гил мабош,
Ҳамчу шабнам хайма зан ҳар дам ба ҷои тозае.
Соиб, аз тарзи наве, к-андар миён андохтӣ,
Дудмони шеърро додӣ бақои тозае.

*   *   *

Моро бас аст силсилаҷунбон ишорае,
Кофист базми сӯхтагонро шарорае.
То пой бар фалак нагузорӣ зи маҳди хок,
Мӯят агар чу шир шавад, ширхораӣ.
Аз ҳастии дурӯза ба тангaнд орифон,
Ту, содалавҳ, толиби умри дубораӣ.
Як бор накши пои худ, эй бехабар, бубин,
То равшанат шавад, ки чӣ масти гузораӣ.
Шарт аст рехтан araқи саъй мавҷро,
Ҳарчанд баҳри ишқ надорад канорае.
Соиб, зи офтоби рухи ёр шарм кун,
Аз раҳ марав ба равшании ҳар ситорае.

*   *   *

Оташ ба хирман аз гули боғе надидаӣ,
Ҷӯши ҷунун зи садмаи доғе надидаӣ.
Парвонавор силии оташ нахӯрдаӣ,
Дар дудмони оҳ чароғе надидаӣ.
Бо нола як саросари гулшан нарафтаӣ,
Бо андалеб гӯшаи боғе надидаӣ.
Аз лолазори обила як гул начидаӣ,
Дар пои шавқ хори суроғе надидаӣ.
Ба чоки сина дасту гиребон набудаӣ,
Дар дасти худ зи доғ аёғе надидаӣ.
Умрат чу гул ба хандаи шодӣ гузаштааст,
Захме наёзмудаву доғе надидаӣ.
Соиб, зи марг ин ҳама андешаат кай аст,
Ҳаргиз зи умри хеш фароғе надидаӣ.

*   *   *

Дар тамоми умр агар як рӯз ошиқ будаӣ,
Аз ҳисоби зиндагонӣ рӯзи ҳашр осудаӣ.
Чун майи гулранг рӯзи ошиқон ғаммоз нест,
Аз ғубори хат чаро ин хок бар лаб судаӣ.
Аз пушаймонӣ машав ғофил, ки рӯзи бозхост
Барги айши туст ҳар дасте, ки бар ҳам судаӣ.
Беқаророн нестанд осуда дар зери замин,
Аз гаронҷонӣ ту дар рӯи замин осудаӣ.
Баҳри раҳмат аз ту ҳар соат ба ранге мешавад,
Баски домонро ба алвони гуноҳ олудаӣ.
То зи худ берун намеоӣ, сафарнокардаӣ,
Гар ба мижгон санглохи даҳрро паймудаӣ.
Рӯ агар дар Каъба орӣ, саҷдаи бут мекунӣ,
То зи зангори худӣ оинаро наздудаӣ.
Пеши пои сел афтодаст саҳрои вуҷуд,
Ту зи ғафлат дар хатаргоҳе чунин осудаӣ.
Ишқро дар пардаи номус пинҳон мекунӣ,
Чашмаи хуршедро, Соиб, ба гил андудаӣ.

* * *

Дилрабоёна дигар бар сари ноз омадаӣ,
Аз дили ман чӣ ба ҷо монда, ки боз омадаӣ?
Аз арақ зулфи ту чун риштаи гавҳар шудааст,
Ҳама ҷо гарчи ба тамкину ба ноз омадаӣ.
Дар бағал шишаву дар даст қадаҳ, дар бар чанг
Чашми бад дур, ки бисёр басоз омадаӣ.
Май бидеҳ, май биситон, даст бизан, пой бикӯб,
Ба харобот на аз баҳри намоз омадаӣ.
Он қадар бош, ки ман аз сари ҷон бархезам,
Чун ба ғамхонаам, эй банданавоз, омадаӣ.
Чун нафассӯхтагон мерасӣ, эй боди сабо,
Метавон ёфт, к-аз он зулфи дароз омадаӣ.
Сухани бехабарон ранги ҳақиқат дорад,
То ту, Соиб, ба сари кӯи маҷоз омадаӣ.

* * *

Дар хоку хун кашид маро туркзодае,
Мижгон ба нозболиши дил такядодае.
Бар бодпои ваъдахилофӣ нишастае,
Чун сел дар қаламрави дилҳо фитодае,
Чун абри навбаҳор зи рӯи арақфишон
Чандин ҳазор хона ба селобдодае.
Худро ба чашми арзи таҷаммул надидае,
Бар рӯи обгина назар нокушодае.
Дилҳои беқарор зи мардумгирифтае,
Бо хештан қарори накӯӣ надодае.
Дар интизори суҳбати парвонамашрабон
Чун шамъ то ба субҳ ба як поситодае.
Чун оҳи гарм реша ба дилҳо давондае,
Чун барқи беамон ба наистон фитодае.
Ғайр аз арақ, ки мекунад аз рӯи ёр гул
Соиб, кӣ дид шабнами хуршедзодае?!

* * *

Дар кадомин чаман, эй сарв, ба бор омадаӣ,
Ки рабояндатар аз хоби баҳор омадаӣ?
Он қадар бош, ки ашке бидавад бар мижгон,
Ки ба дилҷӯии дилҳои фигор омадаӣ.
Қалами мӯи ҳавоси ту парешон шудааст,
То ба ин хонаи пурнақшунигор омадаӣ.
Борҳо косаи хуршед пур аз хун дидӣ,
Ту бад-ин хона ба дарюза чӣ кор омадаӣ?
Нӯшдорӯи амон дар гиреҳи ҳанзал нест,
Ба чӣ уммед дар ин сабзҳисор омадаӣ?
Бо гули рӯи арақнок, ки чашмаш марасод,
Хонапардозтар аз сели баҳор омадаӣ.
Чашми бад дур зи рухсораи оташнокат,
Дархӯри бӯсу сазовори канор омадаӣ.
Тоза кун хотири моро зи ҳадисе, Соиб,
Ту ки аз хомараги абр ба бор омадаӣ.

* * *

Мабош аз сухани сахт дар шикасти пиёла,
Ки беди байзост пушти дасти пиёла.
Ҳазор шишаи тақво хӯрад ба санги маломат,
Чу гарми ишва шавад чашми ниммасти пиёла.
Чаро таровад аз ӯ сад ҳазор саҷдаи рангин,
Агар сурохии май нест пойбасти пиёла.
Зи ҳуши ноқиси мо, бедилон, чӣ кор кушояд,
Ки ақл мехӯрад имрӯз рӯи дасти пиёла.
Ба ғайри синаи Соиб ба ҳеҷ ҷо нанишинад
Хаданги ғамзаи ӯ чун ҷаҳад зи шасти пиёла.

*  *  *

Шӯху майхораву шабгарду ғазалхон шудаӣ,
Чашми бад дур, ки сарфитнаи даврон шудаӣ.
Ҳарчи дар хотири ҳар кас гузарад, медонӣ,
Хуш адоёбу адофаҳму ададон шудаӣ.
Ту ки аз хона раҳи кӯча намедонистӣ,
Чун чунин роҳзану раҳбару раҳдон шудаӣ?
То парерӯз шакарханда намедонистӣ,
Ин замон соҳиби чандин шакаристон шудаӣ.
Бар ниҳоли ту сабо дӯш ба ҷон меларзид,
Ин замон борвар аз меваи алвон шудаӣ.
Метавон мурд барои ту ба уммеди ҳаёт,
Ки зи хат Хизру зи лаб Исии даврон шудаӣ.
Ту, ки аз шарм дар оина надидӣ худро,
Ба ишороти кӣ ин тавр сафодон шудаӣ?
Дилу ҷон хоҳ зи ушшоқ, ки бо он хату хол
Лоиқи сад дилу шоистаи сад ҷон шудаӣ.
Ту, ки ҳаргиз сухани аҳли сухан нашнидӣ,
Чун сухансозу суханфаҳму сухандон шудаӣ?
Пеш аз ин буд нигоҳи ту ба як дил муҳтоҷ,
Ин замон дилзада з-ин ҷинси фаровон шудаӣ.
Буд овози ту чун хандаи гул парданишин,
Зи чӣ ушшоқ шунидӣ, ки навохон шудаӣ?
Ҷои қад сарв хиҷолат кашад аз рӯи баҳор,
То ту чун об дар ин боғ хиромон шудаӣ.
Чун фидои ту насозад дилу ҷонро Соиб?
Ки ҳамон тавр, ки мехост, ҳамон сон шудаӣ.

*   *   *

Зи рафтани ту зи ҷисми заиф ҷон рафта,
Ҳумой аз сари ин мушти устухон рафта.
Кулоҳгӯшаи дудам ба арш соида-ст,
Ҳадиси ишқи ту ҳар гоҳ бар забон рафта.
Ба навбаҳор чунон ғарраӣ, ки пиндорӣ,
Ки хор дар қадами мавсими хазон рафта.
Ду давлат аст, ки як бор орзӯ дорам:
Ту дар канори ману шарм аз миён рафта,
Умеди гӯшаи чашме ба дастгирии туст,
Ки дар рикоби ту аз дасти мани инон рафта.

*   *   *

Эй он, ки дил ба абрӯи пайваста бастаӣ,
Ғофил машав, ки дар таҳи тоқи шикастаӣ.
Сар медиҳӣ ба бод ба андак ишорае,
То ҳамчу писта рахнаи лабро набастаӣ.
Эй зулфи ёр, ин қадар аз мо канора чист,
Мо дилшикастаему ту ҳам дилшикастаӣ?
Имрӯз аз нигоҳи ту дил об мешавад,
Гӯё ба рӯи гарми худ аз хоб ҷастаӣ.
Инак расид мавсими бебаргии хазон,
Аз боғи рӯзгор чӣ гулдаста бастаӣ?
Гарди сафар зи хеш фишонданд ҳамраҳон,
Ту, бехабар, ҳанӯз миёнро набастаӣ.
Аз ҷабҳаи ҳузур арақ пок мекунӣ,
Гӯё тилисми ҳар ду ҷаҳонро шикастаӣ.
Хоҳӣ қадам ба пиллаи Қорун ниҳод зуд,
Кӯҳи тааллуқе, ки ту бар хеш бастаӣ.
Соиб, ҳазор доми тамошо зи мавҷ ҳаст,
З-ин баҳр чун ҳубоб чаро чашм бастаӣ?

*  *  *

Он дилрабо баромад аз хона май кашида,
Моил ба уфтодан чун меваи расида.
Нози баҳоначӯро бар як тараф ниҳода,
Шарми ситезахӯро дар хоку хун кашида.
Бӯи кабоби дилҳо печида дар либосаш,
Хуни ҳазор бедил аз доманаш чакида.
Чашм аз фасонаи ноз дар хоби субҳгоҳӣ,
Мижгон зи дилфишорӣ дасти нигордида.
Барқи сабукинонро мижгони хушнигоҳаш
Майдон ба тарҳ дорад чун оҳуи рамида.
Гул з-инфиоли рӯяш дар хок гашта пинҳон,
Райҳон зи шарми хатташ бар хок хат кашида,
Барқе зи абр ҷаста, ҳар ҷо, ки рам намуда,
Сарве зи хок раста, ҳар ҷо, ки орамида,
Дигар надида худро то домани қиёмат,
Соиб, касе, ки ӯро масти хароб дида.

*   *   *

Ба ман шуд ром он сарви ҷавон оҳиста-оҳиста,
Бале, камзӯр мегардад камон оҳиста-оҳиста.
Зи бас гирди сараш гаштам, зи бас дар пояш афтодам,
Ба ман моил шуд он сарви равон оҳиста-оҳиста.
Аз он нозукниҳол, эй дил, ба бӯи гул қаноат кун,
Ба ҳосил мерасад нахли ҷавон оҳиста-оҳиста.
Ба мӯе метавон аз чарбу нармӣ бурд кӯҳеро,
Чӣ дилҳо бурд он нозукмиён оҳиста-оҳиста.
Ба ҳаморӣ ба манзил метавон бурдан заифонро,
Кунад тай кӯҳу саҳроро шубон оҳиста-оҳиста.
Ҳарифи дилбарони шаҳри Қазвин нестӣ, Соиб,
Бикаш худро ба шаҳри Исфаҳон оҳиста-оҳиста.

*   *   *

То рух аз бодаи гулранг барафрӯхтаӣ,
Ҷигари лолаузорони чаман сӯхтаӣ.
Нест сайде, ки дилаш захмии мижгони ту нест,
Гарчи аз шарму ҳаё бози назардӯхтаӣ.
Метавонӣ ба нигоҳе ду ҷаҳонро дил дод,
Ин қадар дил, ки ту бар рӯи ҳам андӯхтаӣ.
Мижа дар дидаи наззорагиён хоҳад сӯхт,
Ин чароғе, ки ту аз чеҳра барафрӯхтаӣ.
Сӯзане нест, ки дар хирқаи мо нашкаста-ст,
Чӣ назар бар дили садпораи мо дӯхтаӣ.
Мешавад кори ду олам чу ба як ишва тамом,
Ин қадар ишва ту аз баҳри чӣ омӯхтаӣ?
Ман куҷо, ҳаҷр куҷо, эй фалаки бебунёд,
Ба ҳамин доғ бисӯзӣ, ки маро сӯхтаӣ!
Медиҳад бӯи дили сӯхта, Соиб, суханат,
Метавон ёфт – дар ин кор нафассӯхтаӣ.

*   *   *

Аз нола насиме-ш ба бӯстон нарасида,
Аз гиря ғуборе-ш ба домон нарасида.
Ишқе нафишурда-ст ба сарпанҷа сарашро,
Шаҳбоз ба он кабки хиромон нарасида.
Ин ҷилвафурӯшӣ гули он аст, ки ҳаргиз
Сарпанҷаи хоре-ш ба домон нарасида,
Аз файзи нигаҳбонии шарм аст, ки ҳаргиз
Осеб ба он себи занахдон нарасида.
Рангаш нарасонда-ст паруболи паридан,
Гулчини хазонаш ба гулистон нарасида.
Дандоншикани хоҳиши арбоби ҳавас бош,
То меваи боғи ту ба дандон нарасида.
Эй оҳи Зулайхо, сари роҳе ба сабо гир,
Чандон ки ба наздикии Канъон нарасида.
Зинҳор ба ҷайби кафани ман бигузоред
Тӯмори шикоят, ки ба поён нарасида,
Дар ғунчагияш гӯшаи дастор рабояд,
Ҳаргиз гули ин боғ ба домон нарасида.
Соиб, ду-се рӯзе бихӯр аз тарфи узораш,
То аз тарафи шарм нигаҳбон нарасида.

* * *

Ба матлаб мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста,
Зи дарё мекашад сайёд дом оҳиста-оҳиста.
Ба Мағриб метавонад рафт дар як рӯз аз Машриқ
Гузорад ҳар кӣ чун хуршед гом оҳиста-оҳиста.
Ба ҳамворӣ баландӣ ҷӯ, ки теғи кӯҳро орад
Ба зери пой кабки хушхиром оҳиста-оҳиста.
Зи тадбири ҷунуни пухта кори ақл меояд,
Ки Маҷнун оҳувонро кард ром оҳиста-оҳиста.
Ҳамон маънист бар ҳусни мадори ҳуҷҷати нотиқ,
Ки тӯтӣ мешавад ширинкалом оҳиста-оҳиста.
Хаёли нозук охир мефурӯшад чеҳраи шуҳрат,
Маҳи нав мешавад моҳи тамом оҳиста-оҳиста.
Агарчи ришта аз тори гуҳар беҷону лоғар шуд,
Кашид аз мағзи гавҳар интиқом оҳиста-оҳиста.
Машав аз зердасти хеш эмин дар тиҳидастӣ,
Ки хуни шишаро нӯшид ҷом оҳиста-оҳиста.
Дилам аз оҳ, мегуфтам, шавад холӣ, надонистам,
Ки печад бар саропоям чу дом оҳиста-оҳиста.
Ба шаккарханд аз он лабҳои хушдашном қонеъ шав,
Ки хоҳад талх гардид ин мудом оҳиста-оҳиста.
Агар номи баланд аз чарх хоҳӣ, сабр кун, Соиб,
Зи пастӣ метавон рафтан ба бом оҳиста-оҳиста.

* * *

Ба соғар нақл кард аз хум шароб оҳиста-оҳиста,
Баромад аз паси кӯҳ офтоб оҳиста-оҳиста.
Фиреби рӯи оташноки ӯ хӯрдам, надонистам,
Ки хоҳад хӯрд хунам чун кабоб оҳиста-оҳиста.
Ба ин хурсандам аз нисёни рӯзафзуни пириҳо,
Ки аз дил мебарад ёди шабоб оҳиста-оҳиста.
Зи бас дар пардаи афсона бо ӯ ҳоли худ гуфтам,
Гарон гаштам ба чашмаш ҳамчу хоб оҳиста-оҳиста.
Сароеро, ки соҳиб нест, вайронист меъмораш,
Дили беишқ мегардад хароб оҳиста-оҳиста.
Ҷудоӣ андак-андак заҳри худро мекунад зоҳир,
Ки гардад талх дар мино гулоб оҳиста-оҳиста.
Кабоби нозуки дил оташи ҳамвор мехоҳад,
Барафкан аз узори худ ниқоб оҳиста-оҳиста.
Диле нагзошт дар ман ваъдаҳои пучи ӯ, Соиб,
Шикаст ин киштӣ аз мавҷи сароб оҳиста-оҳиста.

*   *   *

Ба маҳфиле, ки рух аз бода лолазор кунӣ,
Чӣ хун, ки дар дили бераҳми рӯзгор кунӣ.
Зи атса хуни ғизолон ба хоки раҳ резад,
Агар каманди худ аз зулфи мушкбор кунӣ.
Ба лолазор гар афтад раҳат чу паргоре,
Ба тавфи хок шаҳидони худ шумор кунӣ.
Нафас бар оташи сӯзанда болу пар гардад,
Мабод шиква зи авзои рӯзгор кунӣ.
Чӣ ҳоҷат аст ба ҷоми ҷаҳоннамо, Соиб,
Агар ту оинаи сина беғубор кунӣ.

*   *   *

Ҷилваи барқест нури офтоби зиндагӣ,
Гардиши чашмест даврони ҳубоби зиндагӣ.
Ҷилваи субҳи нишоташ ханда бар гул мезанад,
Дил манеҳ бар бодаи по дар рикоби зиндагӣ.
Ҷуз пушаймонӣ надорад ҳосиле умри дароз,
Оҳу афсӯс аст ҳар сатри китоби зиндагӣ.
Ҳар нафас фарде ба хок афтад зи ағроқи ҳавос,
Чун ба зардӣ рӯ гузорад офтоби зиндагӣ.
Аз қади хамгаштаи пирон надорад ҳеҷ шарм,
Аз сари пул меравад пайваста оби зиндагӣ.
Хоку боду обу оташро ба якдигар гузор,
Даргузар аз олами пуринқилоби зиндагӣ.
Мешавам дилгир, Соиб, аз ҳаёти панҷ рӯз,
Хизр чун овард то имрӯз тоби зиндагӣ?

* * *

Ту қадри дарду ғами ҷовидон чӣ медонӣ?
Ҳузури офияти ройгон чӣ медонӣ?
Тамоми умр ба танпарварӣ баромадаӣ,
Ғаме ба ғайри ғами обу нон чӣ медонӣ?
Накардаӣ сафаре дар рикоби беҳушӣ,
Гузаштан аз сари кавну макон чӣ медонӣ?
Ту, к-аз ҳисори тани худ нарафтаӣ берун,
Раҳи бурун шудан аз осмон чӣ медонӣ?
Наёфтӣ назар аз шабнами сабукпарвоз,
Ту қадри силии боди хазон чӣ медонӣ?
Зи баргу бори тааллуқ нагаштаӣ дилсард,
Нишастухост дар ин гулситон чӣ медонӣ?
Дилат хуш аст, ки дорӣ самар дар ин бӯстон,
Фароғболии сарви равон чӣ медонӣ?
Фиребхӯрдаи найранги навбаҳоронӣ,
Иёри чеҳраи зарди хазон чӣ медонӣ?
Туро, ки кор наяфтод бо ҷаҳон, Соиб,
Сабукрикобии аҳди ҷаҳон чӣ медонӣ?

*   *   *

Талх маншин, шароб агар дорӣ,
Шӯр кам кун, кабоб агар дорӣ.
Диле аз рӯзгор холӣ кун,
Шишаи пуршароб агар дорӣ.
Об дар шири худ макун зи чароғ,
Дар саро моҳтоб агар дорӣ.
Қадами хешро шумурда гузор,
Дар расидан шитоб агар дорӣ.
Тахт аз тоҷ метавонӣ кард,
Чун гуҳар обутоб агар дорӣ.
Хушк магзар зи хоки обиладор,
Ҳама як қатра об агар дорӣ.
Медиҳад ҷо ба дидаат гавҳар,
Риштасон печутоб агар дорӣ…
Меравад сояи худӣ ҳама ҷо,
Пушт бар офтоб агар дорӣ.
Бош бедор дар дили шабҳо
Дар лаҳад чашми хоб агар дорӣ.
Соиб, аз бодаи куҳан бигзар,
Орзуи шабоб агар дорӣ.

* * *

Мастиву хамёза бар хуни дили мо мекашӣ,
Сад хуми май дориву ҳасрат ба мино мекашӣ.
Қаҳри худро дар либоси лутф ҷавлон медиҳӣ,
Парда аз оби гуҳар бар рӯи дарё мекашӣ.
Як ҷаҳон ғаммозро дар пушти дар ҷо медиҳӣ,
Аз лаби Мансур дар мастӣ сухан во мекашӣ.
Гардане дорем аз мӯи миён бориктар,
Сар намепечем, агар бар дор моро мекашӣ.
Офтоб аз ҳасраташ ҳар рӯз гардан мекашад,
Ин каманди анбаринеро, ки дар по мекашӣ.
Бо каманди оташин чун офтоб аз саҳни боғ
Шабнами афсурдаи моро ба боло мекашӣ.
Оҳ раъно мешавад, ҳарчанд раъно мешавӣ,
Орзӯ қад мекашад, чандон ки боло мекашӣ.
Ҳамзабонӣ бо лаби ӯ нест, Соиб, кори ту,
Шарм бодат чун нафас пеши Масеҳо мекашӣ.

*   *   *

Иксири шодмонист хоки диёри тифлӣ,
Бозичаест ишрат аз раҳгузори тифлӣ.
Дар олами мукофот ҳар бодаро хуморест,
Талхии зиндагонӣ бошад хумори тифлӣ.
Дар баргрези пирӣ шуд рахнаҳои офат,
Ҳар хандае, ки кардем дар навбаҳори тифлӣ.
Ҳарчанд гарди пирӣ бар рух нишаст моро,
Машғули хокбозист дил дар канори тифлӣ,
Шуд аз фишори гардун мӯи сафеду сар зад
Шире, ки хӯрда будам дар рӯзгори тифлӣ.
Шуд умру хор-хораш дар дил ҳанӯз боқист,
Ҳарчанд буд даҳ рӯз, Соиб, баҳори тифлӣ.

*   *   *

Дар пирӣ иртикоби майи ноб мекунӣ,
Ин субҳро тасаввури маҳтоб мекунӣ.
Мӯят сафед гашту ҳамон аз шароби талх
Дар шири зиндагонии худ об мекунӣ.
Аз тавба ҳарф мезаниву бода мехӯрӣ,
Бедор мешавию сипас хоб мекунӣ.
Дар қулзуме, ки киштии Нӯҳ аст дар хатар,
Болин зи гарди болиши гирдоб мекунӣ.
Дилро барои ҷисм зи май мекунӣ хароб,
Таъмири дайр аз гули маҳтоб мекунӣ.
Мӯи сафед машриқи субҳи надомат аст,
Вақт аст, тавба гар зи майи ноб мекунӣ.
Аввал дилу забони худ аз тавба пок кун,
Соиб, агар насиҳати аҳбоб мекунӣ.

*   *   *

Гузашт умру ту масти шароби гулрангӣ,
Дамид субҳу ту чун сабза дар таҳи сангӣ.
Дарид пардаи гӯши фалак зи нағмаи сур,
Ҳамон ту гӯш бар овози нағмаи чангӣ.
Замин ба чанги паланги ту санги майдон аст,
Ба моҳ бо ҷадалу бо ситора дар ҷангӣ.
Зи нуҳ сипеҳр гузаштанд гармрафторон,
Ту сустазм ҳамон дар шумори фарсангӣ.
Зи доғи лола замини дилат сиёҳтар аст,
Ба чеҳра чун вараќи лола гарчи хушрангӣ.
Зи бори ҳирс надорӣ қарор бар як ҷо,
Гарону пурҳаракат ҳамчу осиёсангӣ.
Ба дидаи ҳама олам чу хор нософзӣ,
Ба луқмаи ҳама кас ногувор чун сангӣ.
Зи нолаи ту дили санг об шуд, Соиб,
Магар ба орифи хоки фараҳ ҳамоҳангӣ.

* * *

Чӣ ба ҳар сӯй чу кӯрон ба асо мебинӣ?
Чоҳ зери қадами туст, куҷо мебинӣ?
Як кафи хок зи тардоманият хушк намонд,
Ту ҳамон лағзиши худро зи қазо мебинӣ.
Эътиқоди ту ба зар бештар аз эъҷоз аст,
Фоли мусҳаф пайи тазҳиби тило мебинӣ.
Чашми мо бар ҳунару чашми ту бар айб бувад,
Мо зи оина сафову ту қафо мебинӣ.
Ханда чун гул ба тиҳидастии хошок мазан,
Ки зи дамсардии айём сазо мебинӣ.
Ба ту хоҳанд назар кард ба фардо дар ҳашр,
Ба ҳамон чашм, ки имрӯз ба мо мебинӣ.
Гӯшро кар куну бишнав, ки чиҳо мешунавӣ,
Дида барбанду назар кун, ки чиҳо мебинӣ.
Метавон рафт ба як чашм паридан то Миср,
Ту зи кӯтаҳназарӣ роҳи Сабо мебинӣ.
Соиб, он беҳ, ки хаторо нагузинӣ ба савоб,
Чун аз ин дори мукофот ҷазо мебинӣ.

* * *

Зиҳӣ рӯят баҳори зиндагонӣ,
Ба лаълат зинда номи бенишонӣ.
Бадомӯзи ҳавас ошиқ нагардад,
Намеояд зи гулчин боғбонӣ.
Ба ҳарфи ишқ саргармам, ки бошад
Ҳаёти шамъ аз оташзабонӣ.
Ду зулфат шоҳроҳи лашкари Чин,
Ду чашмат хобгоҳи нотавонӣ.
Макун чун Хизр бар худ роҳро дур,
Ки наздик аст роҳи ҷонфишонӣ.
Шароби куҳнаву ёри куҳанро
Ғанимат дон чу айёми ҷавонӣ.
Агар ошиқ намебудем, Соиб,
Чӣ мекардем бо ин зиндагонӣ?!

*   *   *

Забони шиква агар ҳамчу хор доштаме,
Ҳамеша хирмани гул дар канор доштаме.
Ҳазор хона чу занбӯр кардаме пуршаҳд,
Агар газидани мардум шиор доштаме.
Зи дасти рост надонистаме агар чапро,
Чӣ ганҷҳо ба ямину ясор доштаме.
Ба абр агар даҳани худ кушудаме чу садаф,
Ҳазор иқди гуҳар дар канор доштаме.
Агар ғубори таъаллуқ фишондаме чу садаф,
Дили сабук чу насими баҳор доштаме.
Ба дарди ишқ агар мубтало намегаштам,
Чӣ дилхушӣ ман аз ин рӯзгор доштаме.
Қафас ба дӯш сафар кардаме аз ин гулшан,
Агар зи дарди талаб хор-хор доштаме.
Зи оҳ киштии дил бодбон агар медошт,
Аз ин муҳит умеди канор доштаме.
Ба айби хеш агар роҳ бурдаме, Соиб,
Ба айбҷӯии мардум чӣ кор доштаме?

* * *

Меҳроби назарҳост, камоне, ки ту дорӣ,
Шерозаи ҷонҳост, миёне, ки ту дорӣ.
Чун сабза замингир кунад оби равонро,
Ин қомати чун сарви равоне, ки ту дорӣ.
Бар рӯи замин занги иморат нагузорад,
Ин ҷилваи селобиноне, ки ту дорӣ.
Аз ҳалқаи соҳибназарон ҳуш рабояд,
Аз ҳар мижаи шӯх синоне, ки ту дорӣ.
Бас хун, ки кунад дар ҷигари гӯшанишинон,
Ин кунҷи лабу кунҷи даҳоне, ки ту дорӣ.
Як синаи бедоғ маҳол аст гузорад,
Ин чеҳраи чун лоласитоне, ки ту дорӣ.
Дар гулшани ҳусни ту халал роҳ надорад,
Дар хоби баҳор аст хазоне, ки ту дорӣ.
Соиб, чӣ хаёлест, ки битвон ба нишон ёфт,
З-ин гӯшаи беномунишоне, ки ту дорӣ.

* * *

Мегазад роҳатам, эй хори мағелон, мададе!
Поям аз даст шуд, эй Хизри биёбон, мададе!
То ба кай хоби гарон пунба ниҳад дар гӯшам,
Эй навои ҷараси силсилаҷунбон, мададе!
Донаам холи рухи хок шуд аз сӯхтагӣ,
Чӣ гиреҳ гаштаӣ, эй абри баҳрон, мададе!
Гули хамёза ба сад ранг баромад зи хумор,
Чӣ фурӯ рафтаӣ, эй соқии даврон, мададе!
Дигар аз баҳри чӣ рӯз аст ҳаводории ту,
Дили ман танг шуд, эй чоки гиребон, мададе!
Зардрӯӣ натавон дар сафи маҳшар будан,
Хуни ман бар сари ҷӯш аст, шаҳидон, мададе!
Чанд поям ба таҳи санг ниҳад хоби гарон,
Сӯхтам, сӯхтам, эй хори мағелон, мададе!
Чанд бесурмаи мушкини саводат бошам,
Мепарад чашми ман, эй хоки Сифоҳон, мададе!
Хор-хори ватанам наъл дар оташ дорад,
Чашм дорам, ки кунад шоми ғарибон мададе.

* * *

Ғунчаро роҳ дар он чоки гиребон надиҳӣ,
Ба кафи тифли навомӯз гулистон надиҳӣ.
Мехӯрад шаҳр ба ҳам, гар ту ситамгар, як рӯз
Сели занҷири ҷунун сар ба биёбон надиҳӣ,
Сина бар синаи хум гар чу Фалотун надиҳӣ,
Хишти хумро ба кутубхонаи Юнон надиҳӣ.
Гар ба саҳрои таъаллуқ гузар афтад ночор,
Хорро фурсати гироии домон надиҳӣ.
Мечакад шӯри қиёмат зи шикархандаи ӯ,
Дили маҷрӯҳ ба он пистаи хандон надиҳӣ.
Эй фалак, даргузар аз қисмати мо, шарм бидор,
Чанд бар косаи худ даст ба меҳмон надиҳӣ.
Соиб, аз сӯхтагӣ гар ба сарат дуде ҳаст,
Мушти хоки сияҳи Ҳинд ба Эрон надиҳӣ.

* * *

Чароғи гул агар дар зери боли булбулон будӣ,
Куҷо авроқи гул дар дасти тороҷи хазон будӣ.
Куҷо гул бар сари бозори расвоӣ дукон чидӣ,
Калиди боғ агар дар ошёни булбулон будӣ.
Димоғи болафшонӣ надорад андалеби мо,
Чӣ будӣ, гар қафас ҳамсояи ин ошён будӣ?
Гиреҳ дар кори ман афтода аз танги даҳони ӯ,
Намешуд кор бар ман танг, агар ӯро даҳон будӣ.
Ман он рӯзе, ки чун шабнам азизи он чаман будам,
Туро боди саҳаргоҳӣ куҷо дар бӯстон будӣ.
Биҳиште гарди роҳ аз худ нашӯяд Юсуфи моро,
Ту, эй гарди касодӣ, дар пайи ин корвон будӣ.
Кунун хори сари девор доман мекашад аз ту,
Хушо рӯзе, ки Соиб, шабнами ин бӯстон будӣ.

*   *   *

Макун, эй бевафо, ноошноӣ,
Дар оташ сӯхт гул аз бевафоӣ.
Хумори зардрӯи ҳаҷр дорад
Шароби лоларанги ошноӣ.
Надонам ҷамъ чун карда-ст лола
Дили пурдоғ бо гулгунқабоӣ.
Мусибатхонаи пурдуди моро
Зи равзан нест чашми ошноӣ.
Ба ин бегонагони ошнорӯ
Мабодо ҳеҷ касро ошноӣ.
Зи дасти хасм берун мекунам теғ
Ба зӯри панҷаи бедастуноӣ.
Намечаспад ба килки нома дастам,
Чӣ бинвисам зи бедоди ҷудоӣ?
Такаллуф нест дар тарзи сулукам,
Манам шаҳриву олам рустоӣ.
Ба чандин шона аз зулфи дарозаш
Бурун карданд чини норасоӣ.
Зи чашми муштарӣ гардид пинҳон
Матоам аз ғубори нораволӣ.
Хазон, Соиб, агар ин ранг дорад,
Миёни рангу бӯ афтад ҷудоӣ!

* * *

Чӣ бар ин оташи ҳастӣ чу духон меларзӣ?
Ту чӣ, эй зарраи ночиз, ба ҷон меларзӣ?
Офтоб аз туву чарх аз ту фароғат дорад,
Чун шарар бар сари ин хурдаи ҷон меларзӣ.
Кардаӣ Хизри раҳи худ хиради ноқисро,
Чун асо дар кафи бемор аз он меларзӣ.
Донаи қобили нуҳ мазраи сабзи фалакӣ,
Нестӣ барг, чӣ аз боди хазон меларзӣ?
Суди ҷон бар сари хам рехта дар олами ишқ,
Ту бар ин олами пурсуду зиён меларзӣ.
Дар кафи дасти Сулаймону зи худ бехабарӣ,
Чун дили мӯр ба ҳар резаи нон меларзӣ.
Орифон маҳви таҷалливу ту аз беҷигарӣ
Дар паси пардаи ҳастӣ чу занон меларзӣ.
Захми шамшери забон сайқали арбоби дил аст,
Ту чаро ин ҳама аз захми забон меларзӣ?
Беқаророни ту аз барги хазон бештаранд,
Чӣ ба як фохта, эй сарви равон, меларзӣ?
Чун пари коҳ висоли туву ҳаҷри ту якест,
Восили коҳрабоиву ҳамон меларзӣ.
Бахя бар дидаи зоҳир зану осуда нишин,
Чанд чун ҳалқа ба чашми нигарон меларзӣ.
Новаки рострави чашму ҳадаф дар раҳи туст,
Чӣ бар ин қолиби хушке чу камон меларзӣ?
Дар зимистони фано ҳоли ту чун хоҳад буд,
Ки зи сармои гул, эй сарви равон, меларзӣ?
Ларзиши ҷони ту, эй сарв, на аз тӯфон аст,
Гавҳаре дар садафат нест, аз он меларзӣ.
Ҷисм ин рутба надорад, ки бар ӯ ларзад ҷон,
Ҳаст дар ҷони ту ҷое, ки бад-он меларзӣ.
Соиб, андешаи рӯзӣ зи дили худ бардор,
Дар сари хони Сулаймон чӣ ба нон меларзӣ?

*  *  *

Ҳиҷоби шармро аз пеши ҷон бардор, эй соқӣ,
Маро магзор зери ин кухандевор, эй соқӣ.
Майи ангурие танҳо маро аз по наяндозад,
Саросар боғро дар якдигар афшор, эй соқӣ.
Ба тангам дар вуҷуди худ, сарое орзу дорам,
Ки зӯри ӯ шикофад шишаро чун мор, эй соқӣ.
Бараҳнарӯй мехоҳам бубинам духтари разро,
Ҳиҷоби шишаву паймонаро бардор, эй, соқӣ.
Ба як ратли гарон бардор бори ҳастӣ аз дӯшам,
Мани афтодаро магзор зери бор, эй соқӣ.
Зи инсофу мурувват нест дар аҳди ту равшангар,
Занад оинаи ман ғӯта дар зангор, эй соқӣ.
Ба роҳе меравад ҳар мор аз зулфи хавоси ман,
Маро аз мавҷи май шероза кун зинҳор, эй соқӣ.
Чаро аз ғайрати мазҳаб бувад кам иззати машраб,
Маро дар халқаи аҳли риё магзор, эй соқӣ.
Ба шукри он ки дорӣ шишаҳои бодаи ваҳдат,
Ба ҳоли хеш Соиброчунон магзор, эй соқӣ.

*  *  *

Ҷунунам паҳн шуд, сабр аз мани шайдо чӣ меҷӯӣ?
Инондорӣ зи ман дар домани саҳро чӣ меҷӯӣ?
Кафи хокистари ман сурмаи чашми ғизолон шуд,
Дигар з-ин мушти хор, эй барқи бепарво, чӣ меҷӯӣ?
Намеоям ба кори сӯхтан, инсоф агар бошад,
Зи нахли бебари ман, эй чаманпиро, чӣ меҷӯӣ?
На динам монду на дунё, на сабрам монду на ёро,
Намедонам, ки дигар аз мани расво чӣ меҷӯӣ?
Шумори доғҳои синаи моро кӣ медонад,
Аз ин дарёи пуроташ нишони мо чӣ меҷӯӣ?
Зи санги кӯдакон дорӣ ба каф маншури озодӣ,
Дигар аз навбаҳор, эй сарв, бо раъно чӣ меҷӯӣ?
Ба нури шамъ ҳоҷат нест, чун хуршед толеъ шуд,
Дили бино чу дорӣ, дидаи бино чӣ меҷӯӣ?..
Мусаххар кардаӣ болобаландони маониро,
Дигар, эй шӯхчашм, аз олами боло чӣ меҷӯӣ?
Ҷамоли шоҳидони ғайбро бепарда мебинӣ,
Дигар, Соиб, аз он равшангари дилҳо чӣ меҷӯӣ?

*   *   *

Як рӯз гул аз ёсумани субҳ начидӣ,
Пистони саҳар хушк шуд, аз бас намакидӣ.
Сад бор фалак пираҳани хеш қабо кард,
Як бор ту, бедард, гиребон надаридӣ.
Чун булбули тасвир ба як шох нишастӣ,
З-афсудагӣ аз шох ба шохе напаридӣ.
Пайваста чарогоҳи ту аз чунучаро буд,
Аз гулшани бечунучаро ранг надидӣ.
Як субҳдам аз дида сиришке нафишондӣ,
Аз барги гули хеш гулобе накашидӣ.
Чун сурати девор дар ин хона шудӣ маҳв,
Дунболаи Юсуф чу Зулайхо надавидӣ.
Гардид зи дандони ту дандона лаби ҷом,
Як бор лаби худ ба надомат нагазидӣ.
Аз занги қасоват дили худро назудудӣ,
Чун сабзаи бегона аз ин боғ начидӣ.
Аз бори тавозуъ қади афлок дуто монд,
Дар кибр ту як раҳ чу маҳи нав нахамидӣ.
Айёми хазон чун шавӣ, эй дона, барӯманд,
Аз хок чу дар фасли баҳорон надамидӣ.
Дар пухтани савдо шабу рӯзи ту сар омад,
З-ин дег ба ҷуз заҳри надомат начашидӣ.
Аз шавқи шакар мӯр баровард пару бол,
Соиб, ту дар ин олами хокӣ чӣ харидӣ?

## ЛУҒАТ

### А

Абҷад – ҳашт калимаи сохтаи арабӣ, ки аз 28 ҳарфи алифбои арабӣ иборат буда, дар он ҳар ҳарф ададеро ифода мекунад. Масалан, алиф – 1, б – 2, син – 60, ғайн – 1000 ва ғайра.

Адам – нестӣ, нобудӣ; мурдан, нобуд шудан.

Алам – парчам, дирафш, ливо.

Аласт – оғози офариниш, аҳди нахуст.

Алвон – гуногун, ҳарранга.

Алоиқ – ҷамъи алоқа.

Алъаташ – нидои об хостан, яъне, «ташнаам».

Аммома – салла, дастор.

Анбар – моддаи мулоим ва хушбӯи атторӣ. Анбари соро – анбари холис.

Анқо – мурғи афсонавиест, ки дар кӯҳи Қоф будааст.

Аносир – ҷамъи унсур.

Арбоб – аслан ҷамъи раб(б), вале бештар ба маънои донишмандон, доноён, хирадмандон ва ғайра ба кор меравад.

Аҳмар – сурх

Аъмо – кӯр, нобино.

Аъмол – ҷамъи амал, амалҳо.

### Б

Баёз – сафедӣ. Баёзи гардан – сафедии гардан.

Байза – тухм, аз ҷумла тухми мурғ.

Байтулсанам – хонаи бутҳо, буткада.

Байъат – фармонбардорӣ кардан, аҳд бастан, паймон кардан.

Бахя – чок, кӯк, дарз дар матоъ.

Бисот – фарш, гилем, палос, асбобу анҷом, мақому мартаба.

Ботил – ноҳақ, нодуруст, беҳуда, зоил.

Бӯрё – ҳасир, фарше, ки аз най – қамиш бофта мешавад.

Бӯта(и баҳор) – бӯтаи гиёҳҳо.

Бутта – зарфе, ки дар он анвои фулузот об карда мешавад.

## В

Вақф – мулке, ки барои масҷиду мадраса аз тарафи касе ба тариқи доимӣ бахш шуда бошад.

Варта – ҷои хатар, ҷаррӣ, партгоҳ.

Ваҳшат – танҳоӣ, рам, воҳима, хавф, бим.

Ворун – нагун, сарнишеб, чаппа.

## Г

Гоз – як навъ бӯта; номи дарахт – коҷ, санавбар.

Гузир – халосӣ, раҳоӣ, чора, илоҷ.

Густох – берӯй, бешарм, беҳаё, бебок, ҷасур.

## Ғ

Ғаввос – касе, ки барои берун кашидани марворид ва дигар ашё ба зери баҳру дарё ғӯта мезанад.

Ғариқ – каси дар об ғарқшуда, дар об фурӯрафта.

Ғарра – фирефта, мағрур, ҳавобаландӣ,.

## Д

Дайёр, диёр – ҷамъи дор – хона; мулк ва билод; бошанда ва соҳиби хона.

Далв – зарфи чармини обкашӣ, сатил.

Даро – занг, зангӯлаи корвон, ҷарас.

Дарюза – гадоӣ, талбандагӣ.

Даҷҷол – фиребгар, фиребанда, дурӯғгӯй. Тибқи ривояти динӣ шахсе, ки дар охирзамон харсавор пайдо мешавад ва бархе аз мардум фирефтаи ӯ мешаванд.

Дашна – навъе аз ханҷари нӯгтез.

Дурри ятим – марвориди бузург ва обдор, ки дар садаф танҳо як дона бошад.

Духон – дуд.

## З

Забун – нотавон, заиф, суст, дармонда, бечора.

Зақан – манаҳ, занах, занахдон.

Занах – манаҳ, чона, фурӯрафтагии зери лабҳо.

Зарқ – дурӯягӣ, макр, риё,фиреб, ҳила.

Заррот – хурдтаррин ҳиссаҳои ашё, каму андак.

Зоиқа – маза, завқ, таъм

Зоҳид – касе, ки талабгори дунё нест, гӯшанишин, парҳезгор, порсо.

Зулфиқор – номи шамшери Алӣ, ки мувофиқи ривоят Паёмбари ислом ба ӯ ҳадя намуда будааст.

Зуннор – риштае, ки дарвешон, зардуштиён, роҳибони насронӣ ба миён мебастанд, яъне ғайриисломиён дар кишварҳои исломӣ онро баста мегаштанд.

## И

Ибром – исрор, қотеъият, истодагарӣ.

Иёр – санҷидани симу зар, тарозӯи зарсанҷ.

Иқд – гарданбанд аз сангҳо ва фулузоти қиматбаҳо, ки ба ришта кашида шудаанд. Шадда.

Иқомат – дар ҷое сукунат ихтиёр кардан, истиқомат, манзил кардан.

Иксир – кимиё, ҷавҳари ривоятиест, ки гӯё мисро ба тило табдил медиҳад.

Илтиём – ба ҳам омадани захм, сиҳат ёфтан.

Имсок – аз таом худдорӣ кардан, парҳез намудан.

Инон – лаҷом, ҷилав, афсор.

Инфиол – асари чизеро гирифтан, таъсир гирифтан, шарм, ҳаё, хиҷолат.

Иршод – роҳи рост нишон додан,раҳнамоӣ кардан, ҳидояту раҳнамунӣ кардан.

Истиғно – бениёзӣ хостан, беэҳтиёҷӣ, бодавлат будан, доро будан.

Истиора – ба орият гирифтани чизе, чизеро амонат гирифтан.

Ихфо – пинҳон кардан, махфӣ доштан.

Иҷобат – қабул кардан, пазируфтан, ҷавоб додан, посух гардонидан.

## К

Карам – саховат, ҳиммат, ҷавонмардӣ.

Касод – ба фурӯш нарафтани мол, сустии савдо, қаҳти харидор, аз ривоҷ мондани талабот ба мол.

Касрат – бисёрӣ, зиёдӣ.

Катон – гиёҳе, ки аз соқҳояш нахи матоъ ва аз донааш равған таҳия мекунанд; матое, ки аз нахи зағирпоя бофта мешавад.

Кизб – дурӯғ, фиреб.

Кисват – либос, пӯшок.

Кофур – моддаи хушбӯи сафедтоби камранг, ки дар тиб кор фармуда мешавад.

Кудурат – тирагӣ, хафагӣ, ранҷиш, душманӣ, адоват.

Кулола – мӯи ҷингила, мӯи печу тобдор.

Кунҳ – поён, ниҳоят, таг, умқ.

Кӯҳл – сурма

## Қ

Қабо – либоси дарози пешаш кушодаи мардона.

Қабола – санади уҳдадории чизе, васиқа.

Қасоват – сахтдилӣ ва сиёҳдил шудан.

Қир – ранги сиёҳ

Қудс – покӣ, беолоишӣ, муқаддас.

Қулзум – баҳри Аҳмар, баҳри сурх.

Қуллоб – чангча, шаст, чангак.

Қумош – газвори абрешимин, шоҳӣ.

## Л

Лиқо – чеҳра, рухсора, рӯй.

Ломакон – беҷой, бемакон;

## Ҷ

Ҷамал – шутури нар.

Ҷарас – занг, дарой, зангӯла, ки бар гардани шутурон ва дигар чорпоён мебананд.

Ҷубба – либоси болопӯш, ҷома.

Ҷуд – ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, башиш

## М

Мавқуф – таваққуфшуда ба вақти дигар гузошташуда.

Мавъуд – ваъдакардашуда, ваъда додан.

Мадд – мадд, дарозо, дароз кардан.

Мазоқ – чашидан, чашидангоҳ, яъне кому забон.

Маншур – нашркардашуда, паҳнкардашуда; фармон, бартарӣ.

Маол – маҳалли руҷӯъ, ҷойи бозгашт.

Маосӣ – гуноҳ, ҷурм.

Матолиб – ҷамъи матлаб

Маҳак – санги сиёҳе, ки тиллову нуқраро бо он соида, месанҷанд.

Махзан – хазина, ҷойи ганҷ ниҳодан.

Маҳмил – каҷова, ки ба шутур ё асп баста, ҳангоми сафар ба дарунаш мешинанд.

Маҳор – чӯбе, ки аз ду сӯрохи бинии шутур гузаронида, ба он ресмон мебанданд.

Маҳшар – ҳашр, қиёмат; ҷойи ҷамъ омадани мардум.

Машраб – ҷойи обгирӣ ва обхӯрӣ; зарфе, ки бо он обу шароб менӯшанд; ғоя, андеша ва ғ.

Машшота – зане, ки мӯи арӯсон ва бонувонро ороиш медиҳад.

Меъроҷ – он чи ки ба воситаи он боло мераванд, норбон; боло рафтан.

Мизмар – най, асбоби мусиқӣ.

Мино – обгина, шиша; кабуд.

Мисвок – дандоншӯяк, лифи дандоншӯӣ.

Мистар – хаткаш, саҳифае, ки барои рост навиштани хат истифода мешавад.

Мифтоҳ – калид.

Моида – дастархон, нозу неъмат.

Моҳазор – моҳазар – он чӣ тайёр ва мавҷуд аст. Таоми саривақтӣ.

Муғтанам – ғанимат гирифташуда, ғанимат.

Музир – зарарнок, зараррасонанда.

Муқаввас, миқвас – рафтани аспон; инчунин хамида, қавс.

Муқарнас – иморате, ки ба шакли қурнос, яъне бинии кӯҳ сохта шудааст; иморати баланд ва бошукӯҳ.
Мукаррар – батакрор, такроршуда.
Мултамас – илтимоскардашуда, хоҳишкардашуда.
Муназзаҳ – пок, покизакардашуда.
Мунтаҳо – ба интиҳо расида, ба поён расида.
Мунъим – соҳиби неъмат, давлатманд.
Мурувват – мардонагӣ, шафқат, инсоф, эҳсон.
Мусаллам – таслимшуда, тобеъшуда, сиҳат, раво, яқин.
Мусаххар – тасхиршуда, ба даст овардашуда.
Мустағнӣ – бениёз, беэҳтиёҷ.
Мустаид – соҳибистеъдод, қобилиятнок.
Мусҳаф – варақҳои саҳифабандӣ шуда; Қуръон.
Муҳит – иҳотакунанда, доира, уқёнус.
Муҳобо – муомилаи хуб, бок, тарс.
Мушаббак – шабакадор, панҷарадор.

## Н

Надомат – пушаймонӣ, афсӯс, таассуф.
Нафй – инкор, рад кардан.
Нахват – худпарастӣ, такаббур, ғурур.
Низор – хароб, лоғар, заиф, суст.
Нисён – фаромӯшӣ.
Ноқа – шутури мода.
Ноқус – зангӯлаи калисо.
Носур – захми куҳна, захми бедаво.
Нофа – маводи хушбӯ, ки аз нофи оҳу пайдо мешавад.
Нофиз – ҷоришаванда, иҷрошаванда.

## Ҳ

Ҳавос – ҳосса, қуввате, ки ҳис мешавад:босира,сомеъа, шомма, зоиқа, ломиса.
Ҳадиқа – боғ.
Ҳаз – баҳра, насиба, лаззат.
Ҳаммол – боркаш, борбардор.
Ҳанзал – кадуи ёбоии талх.

Ҳарза – беҳуда, сафсатта; гиёҳи бегона.
Ҳасир – бӯрё, фарш.
Ҳаҷҷом – хунгир, он ки хуни фасодро аз бадан мегирад.
Ҳашр – маҳшар, қиёмат; ҷойи ҷамъ омадани мардум.
Ҳирз – паноҳгоҳ, ҷои амн.
Ҳирс – орзуи аз ҳад зиёд, чашмгуруснагӣ.
Ҳиҷоб – парда, ниқоб, чодир.
Ҳиҷоз – номи ноҳияе дар Арабистон
Ҳуқка – сандуқча, қуттӣ.
Ҳулла – либос.
Ҳумо – мурғи ривоятӣ, ки сояаш агар ба сари кас афтад, давлату саодат меёбад.
Хумс – панҷяк, аз панҷ як ҳисса.

**О**

Оби ҳайвон – оби зиндагӣ, оби ҳаёт.
Омол – ҷамъи амал.
Офоқ – ҷамъи уфуқ, дунё.

**П**

Паркола – пина, поргӣ, пора, ҳисса.
Пила, пала, палла – каффаи тарозу,дараҷа, мартаба, зина.

**Р**

Ранги ол – ранги сурхча, гулобӣ.
Ратл – пиёла, паймона.
Раҳин – ба гарав мондашуда.
Раъша – ларза, ҷумбиши дасту по ё бадан аз беморӣ ё тарс.
Реҳлат – кӯчидан, рафтан аз ҷо ба ҷое.
Ридо – болопӯш, ҷома.
Риёз – ҷамъи равза, марғзорҳо.
Рикоб – узангу.
Рисола – мактуб, нома.
Роят – парчам, ливо.
Руфӯ – порадӯзӣ, дӯхтани гилем ё либоси дарида.

## С

Сабил – роҳ,ҷода, хатти ҳаракат.
Сабҳа , субҳа – тасбеҳ.
Садма – ба ҳам кӯфтан ва осеб расонидан.
Садр – сина, нишастгоҳи баланд, аввал, оғоз.
Сакарот – беҳушӣ, мастӣ.
Сало – овоз додан.
Самоъ – шунидан, гӯш кардан, суруд, мусиқӣ.
Сарир – ҷогаҳ, бистар.
Сафина – киштӣ, баёз, ашъор.
Саҳбо – шароби ангурии сурхранг.
Сифоҳон – Исфоҳон.
Соил – равон, ҷараёнгирифта.
Солус – риёкор, фиребгар.
Сувайдо – нуқтаи сиёҳе, ки гӯё дар маркази дил воқеъ будааст, маркази дил.
Сулук – роҳ рафтан.
Суҳайл – номи ситораи дурахшон дар қисмати ҷанубии осмон. Суҳайли Яман низ гӯянд.

## Т

Таадӣ – аз ҳад гузаштан, зулм.
Табошир – моддаи сафеду кабудранг, ки хосияти давоӣ дорад.
Таваккул – таваккал
Таваққуъ – умед бастан, чашм доштан.
Тавқ – гарданбанд, ҳалқа, чизи даврашакл.
Тавф – гирдогирди чизе гардидан.
Тазалзул – хоксорӣ, фурӯтанӣ.
Тазҳиб – тилокорӣ, зарбандӣ.
Такаллуф – саъй, кӯшиш; муроoти зиёд ва сохта.
Тақриб – наздик шудан; восита, баҳона.
Талофӣ – подош, мукофот, товон.
Танаъъум – бо нозу неъмат парвардашуда.
Тапонча – торсакӣ, шаппотӣ , шапалоқ.
Тараддуд – дудилагӣ, шаку шубҳа.

Тараҳҳум – раҳм, дилсӯзӣ
Таркаш – тирдон.
Тарҷеҳ – бартарӣ, афзалӣ.
Тарҷеъбанд – такрори як байт дар ҳар банди шеърӣ.
Тасарруф – соҳибӣ кардан, ба ихтиёр гирифтан.
Тасҳеҳ – дуруст кардан, ислоҳ кардан, саҳеҳ намудан.
Тасхир – ром кардан, ба даст даровардан.
Таҷаллӣ – ҷилва кардан, ошкоро шудан, тобиш.
Таҷаммул – ороиш, шукӯҳ.
Тимсол – сурат, нақш, расм.
Тунг – зарфи даҳонтанги барои обу шароб.

**У**

Уд – чӯбе, ки барои хушбӯӣ месӯзонанд.
Узлат – гӯшанишинӣ, хилватравӣ.
Узор – рухсор, гуна.
Уқда – гиреҳ.
Уҷрат – музд, маош.

**Ф**

Фақр – нодорӣ, камбағалӣ.
Фалотун – Афлотун
Фасеҳ – фарох; сухани равшан ва буро.
Фаттон – дилкаш; фитнаангез.
Фитрок – тасмаи чармин.
Фосид – вайроншуда, фасодшуда.
Фузулӣ – сергапӣ; зиёдаталабӣ.
Фулс, фалс – пули мисӣ, сиккаи мисӣ.

**Х**

Хавос – ҷамъи хос; хосиятҳо.
Хазаф – сафол, зарфи сафолӣ.
Хашанпӯш – пӯшандаи ҷомаи аз гиёҳи хашан тайёршуда. Хашан номи гиёҳест.
Хизоб – ранг, ҳино, усма.
Хирқа – либоси дарвешӣ, пора.
Хитта – замин, мамлакат, қитъа.

## Ч

Чалипо – салиб.

Чашмаи ҳайвон – чашмаи зиндагӣ.

## Ш

Шақоиқ – навъе аз гули лола.

Шамса – қурси зарандуд, ки дар қуббаҳо, гунбадҳо насб мекунанд.

Шурта – дастаи посбонони шаҳр; боди мувофиқ.

## Э

Эман – бехавф, бехатар, осуда.

Эҳром – матои сафеди нодӯхта барои зиёрати Каъба.

## Я

Яди байзо – дасти сафед, киноя аз дасти Мӯсо пайғамбар.

Яман – номи кишвари арабӣ.

## МУНДАРИҶА

*Соиб шоире аз олами маонӣ (сарсухани Ҷ.Саидзода)* ............ 5
Аз хуни ҷигар ранг пазирад сухани мо ................................ 15
Маҳмили шавқ куҷо, каъбаи уммед куҷо ............................. 16
Ғайри ҳақро медиҳӣ раҳ дар ҳарими дил чаро ...................... 17
Шуд устухон зи даври фалак тӯтиё маро ............................. 18
Бар чарх муҳит аст фурӯғи назари мо .................................. 19
Чашми масти ёр шуд махмуру мадҳушем мо ........................ 20
Ҳоҷати доми каманде нест дар тасхири мо ........................... 21
Дар оташ аст наъл насими баҳорро ...................................... 22
Ҷон ба лаб дорему ҳамчун субҳ хандонем мо ........................ 23
Ба мижгон хор-хор аз сина меруёнад оташро ......................... 25
Ёди рухсори туро дар дил ниҳон дорем мо ........................... 26
Гарчи симои хазон дорад рухи чун зар маро .......................... 27
Аз ҷаҳон то риштатобе дастрас бошад туро ........................... 28
Дар биёбони талаб роҳбаре нест маро .................................... 29
Кӣ дорад инчунин саргаштаву бетоб дарёро ........................... 30
Орзу чанд ба ҳар сӯй кашонад моро ...................................... 31
Чӣ нисбат аст ба гарданкашӣ мадороро ................................. 32
Матоб аз куштани мо, эй ғизоли шӯх, гарданро .................... 33
Ғами ҳисоб надорам зи майпарастиҳо ................................... 33
Аз гулистон нашавад ғунчаи дил боз маро ............................ 34
Зи асрори ҳақиқат баҳравар кун ишқбозиро ........................... 34
Соқии маҳҷуб мебояд шароби ишқро ...................................... 35
Ғами мурдан набувад ҷони ғамандӯхтаро ............................. 35
На ранги гул, на барги лола аз ҷо мебарад моро .................. 36
Бар рӯ чу барги гул надавидаст хуни мо ................................. 36
Нестӣ тифл, ин қадар бар хок ғалтидан чаро ......................... 37
Нахли қадди ту ҳамоғӯши бало кард маро ............................. 37
Гӯ, набошад шамъ бар хок ин ба хун оғуштаро ..................... 38
Зиҳӣ ниқоби ҷамолат бараҳнарӯиҳо ........................................ 39
Эй дар оташ аз гули рӯи ту наъли лолаҳо ............................. 40
Дар он зулфи сияҳ дилҳои хунин мешавад пайдо .................. 41
Месӯзад орзу дили пуризтиробро ............................................ 42
Аз харобӣ чун нигаҳ дорам дили девонаро ............................. 43
Мешавад аз сардмеҳрӣ дӯстон аз ҳам ҷудо ............................ 44

Аз маломатгар наяндешад дили бемори мо .......................... 45
Оҳи оламсӯзро дар сина дуздидан чаро.................................. 46
Мадор аз манзилороён тамаъ меъмории дилҳо.................... 47
Вақт аст ҷӯши бода занад лолазорҳо ..................................... 47
Шукуфа шӯр фикандаст дар гулистонҳо................................ 48
Манеҳ бар дили зор бори ҷаҳонро......................................... 49
Хат талх сохт он даҳани ҳамчу қандро.................................. 50
Аз камар берун наёяд тешаи Фарҳоди мо .............................. 51
Тоқат куҷост рӯи арақнокдидаро........................................... 52
Ҷилваи барқ аст дар майхона ҳушёрӣ маро........................... 53
Дар синаи ҳаҷр аст гиреҳ қофилаи мо .................................... 53
Аз хасисон чора набвад мардуми бугзидаро........................ 54
Шӯри ишқе ку, ки расвои ҷаҳон созад маро .......................... 54
Аз сару сомон чӣ мепурсӣ мани девонаро ............................ 55
Май зердасти худ накунад хушмандро.................................. 55
Ҳар кӣ давлат ёфт, шуст аз лавҳи хотир номи мо................. 56
Булбул намешавад ба қафас аз чаман ҷудо .......................... 56
Дармондаи ин ҷисми низор аст дили мо................................ 57
Соқӣ, аз ратли гарон санги сабукдил кун маро..................... 58
На аз гул мекушояд дил, на аз гулзор ошиқро...................... 59
Гар қобили малол наям, шод кун маро .................................. 60
Саҳл машмар ҳиммати пирони ботадбирро .......................... 61
Дилро зи қайди ҷисм раҳо мекунем мо................................. 62
Фонус ҳиҷоб аст чароғи саҳариро ......................................... 62
Ба соғар эҳтиёҷе нест ҳусни ниммасташро ........................... 63
Ноумедӣ бар диҳад ашке, ки меборем мо............................. 63
Нест аз рӯи замин серӣ дили худкомро ................................. 64
То ба кай дар таҳи зангор бувад ханҷари мо........................ 64
Такаллуф нест дар гуфтор ринди лоуболиро ........................ 65
Зи хирман сулҳ кун бо донае аз дурбиниҳо .......................... 65
Маркази хок аст гардун осмони ишқро ................................. 66
Дилфиребӣ чун ба ҷавлон оварад он моҳро .......................... 66
Мо набзшиноси раги ҷонем ҷаҳонро ..................................... 67
Агар ғафлат ниҳон дар санги хоро мекунад моро ................ 68
Танпарастӣ зердасти хок месозад маро ................................. 69
Гирифтагии дил аз чашми равшан аст маро........................... 69
Тарҷеҳ медиҳад ба падар устодро ......................................... 70

Бегонагӣ шудаст зи олам муроди мо ........................................ 71
Нафаси сӯхта равшангари ҷон аст маро ................................. 72
Хуш кун аз лоларухон зулфпарешонеро ................................ 73
Аз бахти сияҳ нест гузар аҳли рақамро .................................. 74
Дасте, ки шуд ба гардиши паймона ошно ............................... 75
Зи хоки кӯи ту парвоз мушкил аст маро................................. 75
Эй ки аз олами маънӣ хабаре нест туро.................................. 76
Чанд бар кӯрдилон ҷилва диҳам маъноро ............................... 77
Чун хумс аз кӯи муғон пои сафар нест маро........................... 77
Баҳор шуд, ки бубанданд дар гулистонро .............................. 78
Фурӯғи меҳр бошад дидаи ахтаршуморонро ........................... 78
Баста гардад роҳи ҷавлон гардиши афлокро........................... 79
Дашноми ёр ҷони дигар медиҳад маро.................................... 79
Мадеҳ аз даст дар пирӣ шароби арғувониро........................... 80
Мизбоне, ки зи ҷон сер кунад меҳмонро ................................. 80
Намегардад кафи бемағз монеъ сайри дарёро ......................... 81
Надорад баҳру кон сармояи дасту дили моро.......................... 82
Умрест ҳалқаи дари майхонаем мо .......................................... 82
Чун ҳубоб аз якдилони бодаи нобем мо ................................. 83
Шишаи май буд агар чун шамъ дар болин маро ..................... 83
Боғбон дар накушуда-ст гулистони туро................................ 84
То сӯхт ба доғи ту муҳаббат ҷигарамро ................................. 85
Натвон ба хоб кард мусаххар хаёлро ...................................... 86
Кардаам бар худ гуворо талхии дашномро ............................. 87
Шона занад чу моҳи ман турраи мушкфомро.......................... 87
Гиряи сӯхтагон ашки кабоб аст туро ...................................... 88
Ҳар касе қимат надонад нолаи шабхезро ............................... 88
Ҳуш нагзошт бар сар он лаби майнӯш маро ........................... 89
Магзор бар замин дили шабҳо пиёларо .................................. 89
Агарчӣ хуш набувад сайри бӯстон танҳо ............................... 90
Як бор бехабар ба шабистони ман даро .................................. 90
Иёри ҳусн зи соҳибназар шавад пайдо .................................... 91
Доғ аст лоларо зи дили дардманди мо ..................................... 92
Аз хеш баровард таманнои ту моро ......................................... 93
Сабру тоқат аз дили бетоб меҷӯем мо ..................................... 94
Сияҳ шуд баски олам аз чароғи мурдаи дилҳо ....................... 94
Эй равшан аз фурӯғи ту чашми чароғҳо.................................. 95

Сар ба ҷайби хеш дуздидам, кулоҳе шуд маро ..................... 96
Мерасад ҳар дам маро аз чарх озоре ҷудо ............................ 96
Гарчи ҷо дар дида он нури назар дорад маро........................ 97
Печида дарди ҳаҷри ту бар якдигар маро ............................. 97
Ишқ ку, то чок созам ҷомаи номусро .................................. 98
Масӯз, эй сангдил, аз киштзори май кабобамро .................... 98
Савдо ба кӯҳу дашт сало медиҳад маро................................ 99
Пургул бувад зи муҳри хамӯшӣ даҳони мо ......................... 100
Самандар кард ашки гарми ман мурғони обиро ................. 100
Маро зи нашъаи май сохт комёб ҳаво................................. 101
Ранге аз лолаузорони ҷаҳон нест маро ................................ 102
Аҷаб, ки як дили хуш дар ҷаҳон шавад пайдо ..................... 103
Чашм бикшо, сабук аз хоби гарон кун худро....................... 104
Нест мумкин ром кардан чашми ҷодуи туро ...................... 105
Тилоӣ шуд чаман, соқӣ, бигардон ҷоми зарринро.............. 105
Дилкӯб нест ҳодиса дунёпарастро ..................................... 106
Дасти фалак кабуд шуд аз гӯшмоли мо .............................. 106
Чанд битвон хок зад дар чашм ақлу ҳушро......................... 107
Шеваҳои чашми ӯро дар назар дорем мо............................ 107
Агар ба лола шавӣ ҳампиёла дар саҳро .............................. 108
Пардадори ҳарфи даъвӣ кун лаби хомӯшро........................ 109
Ёди айёме, ки бо ҳам ошно будем мо ................................. 109
Аз баҳор афзуд шӯри ишқ чун булбул маро ....................... 110
Равшан аст аз дили бекинаи мо синаи мо............................ 110
Арақ ба чеҳра нишастаст он паривашро............................. 111
Сафедиҳои мӯ бедор кай созад сияҳдилро ......................... 111
Гар софдиле ҳаст, шароб аст дар ин ҷо............................... 112
Муттасил гардад фалакро бар як оин осиё.......................... 113
Нури маънӣ дар ҷабини ток мебинем мо............................. 114
Метаровад майи гулгун зи рагу решаи мо........................... 115
Бишкуфад парвона, гар дар анҷуман бинад маро ............... 116
Гудохт дидани он рӯи бениқоб маро................................... 117
Мекашад хотир ба ҷову манзили дигар маро...................... 117
Субҳ аз ҷонҳои равшан ёд меояд маро ............................... 118
Донистаам ғурури харидори хешро .................................... 119
Аз оҳ рӯз гардон шабҳои тори худро .................................. 120
Дар оташам зи дидаи шӯхи ситораҳо.................................. 121

Ҳазорон ҳамчу булбул ҳар баҳоре мешавад пайдо ............ 122
То ба ҳаддест латофат рухи пуртобашро ........................... 123
Ашк пеши мардуми фарзона мерезем мо........................... 123
Ба дӯши таваккул манеҳ бори худро.................................. 124
Гуландоме, ки медодам ба хуни дида обашро ................... 124
Мекунам аз сина берун ин дили ғамхораро ....................... 125
Качравӣ болу пари сайр аст бадкирдорро.......................... 125
Ишқ хунгарм аз муҳаббат кард эҷоди маро ....................... 126
Бишнав зи ман таронаи ғайратфизойро.............................. 126
Кӯтоҳ соз риштаи омоли хешро ......................................... 127
Аз ҷунбиши насими карам зиндаем мо ............................... 127
Мекунад помол тан охир дили осударо............................... 128
Чун зи дунё неъмати алвон ҳавас бошад маро.................... 128
Арақфишонии он гулузорро дарёб....................................... 129
Оина шав, висоли париталъатон талаб ................................ 130
Эй хӯшачини сунбули зулфи ту мушки ноб ....................... 131
Даруни гунбади гардуни фитнабор махусб.......................... 132
Ҳусни оламсӯзи ӯро соғаре даркор нест ............................ 134
Дар сияҳхонаи афлок дили равшан нест ............................ 135
Абири зулф ба ҷайби сабо набояд рехт .............................. 136
Аз он маро шабу рӯзи сиёҳ ҳар ду якест ........................... 136
Чароғи хилвати ҷон рӯшноии сухан аст............................. 137
Лаби лаъли ту зи хуни дили ман ҷом гирифт ..................... 138
Сел дармондаи кӯтоҳии девори ман аст............................. 139
Ҳар шишаҷон хазинаи асрори ишқ нест............................. 140
Балои мардуми озода лофи яктоист.................................... 141
Кавсари бедорбахтӣ дидаи гирёни мост............................. 142
Маҷлис имшаб аз фурӯғи лоларуён равшан аст ................. 143
Талх шуд ишратам, он лаъли шакарбор куҷост.................. 143
Ҳар хори ин гулистон ангушти раҳнамоест........................ 144
Кунун, ки аз камари кӯҳ мавҷи лола гузашт....................... 145
Лаълат ба ханда пардаи гулро даридааст ........................... 146
Шаби ҳиҷрон дилам аз нолаи ҳасрат шод аст..................... 146
Маи дусола нишоташ кам аз ҷавонӣ нест .......................... 147
Агар на ошиқӣ, ин чеҳраи хазонӣ чист................................ 148
Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст ............................ 149
Муддате шуд, к-аз ҳадиси аҳли дил гӯшам тиҳист ............ 149

Дар хароботи муғон манзил намебояд гирифт..................... 150
Ояте чун хати мушкини ту дар Қуръон нест........................ 150
Оҳе, ки ғам зи дил набарад, нокашиданист.......................... 151
Дӯш он номеҳрубон аҳволи мо пурсиду рафт...................... 151
Зулфаш ба ҳар ду даст инонам гирифтааст .......................... 152
Моҳе, ки зи партав ба ҷаҳон шӯру шар андохт.................... 152
Фатҳу зафар зи худшиканӣ зердасти мост ........................... 153
Ҳарчи дорад дар хуми сарбаста гардун, аз ман аст ............. 153
Вақти ҳаз паҳлӯ тиҳӣ аз ёр кардан мушкил аст .................. 154
Чашми махмуре, ки моро заҳр дар паймона рехт ................ 154
Ин чи хатт асту он чӣ рухсор аст ......................................... 155
Нуқтаи ашк саросемаву шайдоии кист ................................ 156
Оташ ба мағзам аз майи аҳмар гирифтааст .......................... 157
Аз пир гӯшагириву сайр аз ҷавон хуш аст .......................... 157
Давлати рӯзгор даргузар аст ................................................. 158
Шохи гулро аз саропо чеҳра танҳо нозук аст....................... 159
Эй дил, тасаввури камари ёр нозук аст................................ 160
Аз хасисон миннати эҳсон кашидан мушкил аст ................ 161
Дил рафта-рафта ранги лаби лаъли ӯ гирифт....................... 161
Косаи сарро хатар аз мағзи пурҷӯши ман аст ...................... 162
Турки чашми махмураш масти нотавониҳост..................... 163
Сунбули зулф аз рухаш то бар канор афтодааст.................. 164
Сабзаи ҷӯй шаҳди нештар аст............................................... 165
Кӣ ба себи зақанаш чашми ҳавас дӯхтааст.......................... 166
Ҳанӯз ханда аз он лаб бадар наёмадааст ............................. 167
Аз марг ба мо нимнафас беш намондаст ............................. 168
Чашми ту аҷаб нест агар масту хароб аст........................... 169
Бар тифли ашк хуни ҷигар даст ёфтааст.............................. 170
Ин хори ғам, ки бар дили булбул нишастааст ..................... 171
Рехт дандону ҳавои маю майхона ба ҷост............................ 172
Хотир чу хуррам аст, ба саҳбо чӣ ҳоҷат аст......................... 172
Оби ҳаёт шабнами он рӯи чун гул аст ................................. 173
Корам шаби висол ба поси назар гузашт............................. 173
Дил дар назари мардуми фарзона бузург аст ....................... 174
Хоксорӣ то далели ҷони огоҳи ман аст................................ 174
Атри он гулпераҳан то дар ҳаво печидааст ......................... 175
Мо на онем, ки моро ба забон бояд ҷуст ............................. 176

Дар ин ҳадиқаи пурмева то ҷигар нахурӣ ........................... 177
Сидқ равшангари замири ман аст ......................................... 178
Чун гузорад хишти аввал бар замин меъмор кач................ 179
То бар лаби ту афтод чашми ситораи субҳ ......................... 179
Қасам ба хатти лаби соқиву дуои қадаҳ .............................. 180
Накашидем шаробе ба дами тозаи субҳ ............................... 180
Макун зи бодаи лаъле лаби чу марҷон сурх ....................... 181
Он чашм агарчи худро бемор менамояд............................. 182
Одамӣ пир чу шуд, ҳирс ҷавон мегардад ............................ 183
Рӯзгорам тираву бахтам сиёҳ афтодааст ............................. 184
Ҳисоби захми дили мо кӣ метавонад кард........................... 185
Ҳамеша аз дили ман оҳи сард мехезад ................................ 186
Ишқи шӯрангез ҷо гар дар дили хоро кунад....................... 186
Ҷони муштоқон ғубори чашмро сарсар бувад.................... 187
Айби покон зуд бар мардум ҳувайдо мешавад.................... 187
Хорӣ аз ағёр баҳри ёр мебояд кашид................................... 188
Дидаи зиндадилон ашкфишон мебошад............................. 188
Даъвии ишқ зи ҳар булҳавасе меояд.................................... 189
Дилбарӣ аз хами гесӯи сухан меояд..................................... 189
Килкам аз сайри Бадахшони сухан меояд.......................... 190
Хазон расиду гулафшонии баҳор намонд ........................... 191
З-ин пештар матои сухан ройгон набуд .............................. 191
Ашке, ки гавҳараш зи нажоди ҷигар бувад......................... 192
То диле, аз кафи арбоби вафо мегирад ............................... 193
Намегардад ба хомӯшӣ ниҳон дард ...................................... 193
Саркашӣ аз тоқи абрӯи бутон пайдо шавад ........................ 194
Ин нокасон, ки фахр ба аҷдод мекунанд ............................ 194
Тай шуд замони пириву дил доғдор монд........................... 195
Фиғон, ки ҳастии ман сарфи ошноӣ шуд ............................ 196
Аз сари хоки шаҳидон сабза гулгун медамад..................... 197
Кӯҳкан кист, ба гарди мани шайдо бирасад........................ 198
Ба чашми шӯх раги хоб тозиёна шавад ............................... 198
Аҳли маънӣ ба сухан булбули бӯстони худанд .................. 199
Аз ҷилваи ту барг зи пайванд бугсилад.............................. 200
Туро касе, ки ба гулгашти бӯстон орад .............................. 201
Аз кӯчае, ки он гули бехор бигзарад................................... 201
Намехоҳам ниқоб аз сурати аҳволи ман афтад.................. 202

Ҳаёти ман зи суханҳои дилнишин бошад............................ 202
Зи бори дарди ман кӯҳи гарон бар хеш мепечад................. 203
Сабукмағзе к-аз асбоби ҷаҳон бар хеш меболад................. 203
Онро, ки чашми масти ту беихтиёр кард............................ 204
Чун асар нагзошт аз ман ғам, зи ғамхорӣ чӣ суд ................ 205
Аз назар як дам, ки он шаклу шамоил меравад .................. 206
Ба май ғам аз дили афгор барнамехезад .............................. 206
Зи савдо дар димоғам накҳати гул дуд мегардад................. 207
Тоиреро, ки ба доми ту гирифтор шавад ............................. 207
Омад баҳору халқ ба гулзор мераванд................................. 208
Ба аҳди ҳусни ту бо гулситон кӣ пардозад........................... 208
Соя бар ҳар кас, ки он сарви хиромон афканад .................. 209
Қадаҳ лабрез чун шуд аз шароби ноб, меларзад................... 209
Аз гармии ашкам сафи мижгон гила дорад......................... 210
Ғунчаҳое, ки дар ин сабзчаман ханда заданд........................ 211
Касе, ки айби туро пеши чашм бингорад ............................ 212
Пой бар чарх ниҳад ҳар кӣ зи сар мегузарад....................... 212
Зи ваъдаҳои дурӯғаш дил изтироб надорад......................... 213
Дасте зи рӯи лутф барорӣ, чӣ мешавад................................ 214
Дилро нигоҳи гарми ту девона мекунад .............................. 214
Қадди туро зи ҷилваи ноз офаридаанд................................ 215
Ғаме ҳар дам ба дил аз синаи садчок мерезад..................... 216
Доғ аз ҳарорати ҷигарам дод мезанад................................. 216
Ба завқе такя бар шамшер ҷисми лоғарам дорад ................ 217
Шаб, ки сарви қомати ӯ шамъи ин кошона буд .................. 217
Ҷигари ташна маҳол аст, ки сероб шавад ........................... 218
Нестам гул, ки маро барги нисоре бошад........................... 218
Дар гулшане, ки ҳусни ту арзи ҷамол кард ........................ 219
Ҳусн он рӯз, ки ташрифи ҳаё мепӯшид ............................... 220
Умр рафту хор-хораш дар дили бетоб монд........................ 220
Агар зи чеҳраи доғам ниқоб бардоранд.............................. 221
Дили озода аз тӯли амал бисёр мепечад ............................. 221
Куҷо парвои мо саргаштагон он маҳҷабин дорад............... 222
Баргирифтӣ парда аз рух, гулситон омад падид ................. 222
Зи ҷилваи ту дили рӯзгор мерезад....................................... 223
Аз машраби ман субҳ, чӣ гӯям, чӣ асар дод........................ 223
Нест аз хуршеду моҳ ин гунбади гардон сафед .................. 224

Пир гардидиву кишти амалат зард нашуд........................... 225
Чунин ки гул ба сари шохсор меояд.................................... 225
Ушшоқро хироми ту аз хеш мебарад.................................. 226
Гарданкашӣ ба сарви сарафроз мерасад............................. 227
Оташи қофилаи мо дили равшан бошад.............................. 228
Аз қазо чашми сиёҳи ту ба ёдам омад................................ 229
Маро аз ғафлати худ бар сар ин бедод меояд...................... 230
Соқӣ аз ҷоме агар хотири мо шод кунад............................. 230
Он ки манъи мани махмур зи саҳбо мекард........................ 231
Агар як ҷуръаи худ ёр бар хоки ман афшонад..................... 232
Зи чеҳраи ту нигаҳ доғдор баргардад.................................. 233
Туро зи аҳли вафо ҳеҷ кас намедонад.................................. 234
Зи баски санги маломат фалак ба корам кард...................... 234
Аз ҳусни ғарибӣ ту ҷаҳон субҳи ватан шуд.......................... 235
Сухансанҷе саромад дар фани гуфтор мегардад.................. 235
Гаронӣ мекунад бар тан чу сар бе ҷӯш мегардад................. 236
На гул, на лола дар ин хорзор мемонад............................... 236
Бо ишқ интиқом тавон з-осмон кашид................................ 237
Кӣ сокин дар дили вайронаи мо метавонад шуд.................. 237
Дӯш бар ман соя он сарви равон афканда буд..................... 238
То дида маҳви рӯи ту шуд, комёб шуд................................. 239
Чораи дил ақли пуртадбир натвонист кард......................... 240
Шикастаҳолии ман пеши ёр бояд дид................................. 240
Нолае к-аз дили бедард бурун меояд.................................. 241
Агар аз ҳамсафарон пештар афтам, чӣ шавад...................... 241
Аз ёди васл дидаи ман сер мешавад.................................... 242
Бе сухан ғунчалабон масти мудомам карданд...................... 243
Дили санг аз шикасти донаи ман об мегардад..................... 243
Кадомин оташинсимо ба ин вайрона меояд......................... 244
То ба кай дар хоби сангин рӯзгорам бигзарад..................... 244
Аз зери хок нолаи мо метавон шунид................................. 245
Аввал санои ишқ фасеҳон адо кунанд................................. 246
Мактуби ман ба хидмати ҷонон кӣ мебарад........................ 246
Теғи забон ба ошиқи ҳайрон чӣ мекунад............................ 247
Пиронасар ҳумои саодат ба ман расид................................ 248
Бутон, ки хуни шаҳодат чу об менӯшанд............................ 249
Ку ҷунун, то хоки бозигоҳи тифлонам кунад...................... 249

Ҳусн чун бепарда шуд, дилҳо ба хун ғалтон шавад........... 250
Беғараз чун шуд сухан, таъсири дигар медиҳад ................. 251
Ба кафи шуъла агар накди шарар меояд ............................ 251
Подшоҳӣ на ба симу зару гавҳар бошад............................. 252
Ёди рӯяш на чароғест, ки хомӯш кунанд............................ 253
Ҳар кӣ дар занҷири он мушкинсалосил монд, монд .......... 254
Бе рӯи ту дил ҳар кӣ ба оина гузорад................................. 255
Зи ҳарф бар лаби ширини ӯ асар монад............................... 256
Осмон то буд, бо мо дар сари бедод буд ............................ 257
Оқибат дар синаам дил аз тапидан боз монд...................... 257
Ба заҳри чашм битвон кушт душманро чу кор афтад ......... 258
Ба ин мангар, ки бар лаб муҳр он хуршедрӯ дорад ............ 258
Ба даври ҳусни ту бо гулситон кӣ пардозад ....................... 259
Барқи мо нагзошт дуд аз хору хас гардад баланд............... 260
То нагардад маҳв анҷум, меҳр тобон кай шавад................. 260
Набинад зери пои хеш, раъно инчунин бояд....................... 261
Ҳар кӣ гуфтори савоб аз сари ғафлат шунавад.................. 262
Висол бо мани хунинҷигар чӣ хоҳад кард........................... 263
Панди носеҳ ба ҷунуни мани афгор фузуд......................... 264
Ҷон ба танг омад зи кулфат, ғамгусоронро чӣ шуд............ 265
То манзили ман бодияи бехабарӣ буд................................ 266
Маро, ки бастагии қуфл аз калид бувад.............................. 267
Бодро роҳ дар он турраи печон набувад............................ 267
Чун зи тоби май рухат бар лола паҳлӯ мезанад ................. 268
Мунъим аз хоби адам тираравон бархезад......................... 269
Сурохие, ки дами субҳ қулқуле дорад ................................ 269
Маст асту ханда бар мани маҳҷур мекунад........................ 270
Гардиши сол аст май дар соғари ишрат кунед.................... 270
То ғунчаи шикояти ман во намешавад .............................. 271
Хуш он гурӯҳ, ки масти баёни якдигаранд......................... 272
Кайфияти май зоҳиди фарзона надонад ............................ 273
Зи дини ноқисам аз сабҳа истиғфор бархезад.................... 274
Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд........................ 274
На ҳар суханбишиносе суханварӣ донад............................ 275
Ёди айёме, ки гулчин дар гулистонат набуд ...................... 275
Арақ на аз рухи он гулузор мерезад.................................. 276
Кӯр бод он ки зи рӯи ту назар мепечад.............................. 277

На ҳамин фикр маро рӯз ба ман нагзорад ............................ 277
Захми ишқи ту чун рӯ дар биёбон оварад ............................ 278
Чашми пурҳарфу лаби бӯсарабо мебояд ............................ 278
Дил метапад, магар хабари ёр мерасад ............................ 279
Ёди айёме, ки базми айши мо маъмур буд ............................ 280
Мудом чашми ту масти шароб мебояд ............................ 281
Баҳор рафту гулфишонии димоғ намонд ............................ 282
Каъба аз кӯи ту лаббайкзанон мегузарад ............................ 283
То ҳаё сурмакаши наргиси ҷодуи ту буд ............................ 283
Тарки ёрон кардаӣ, эй бевафо, ёр ин кунад ............................ 284
Як шаб намеравад, ки дил аз ҷо намеравад ............................ 284
Хушо дарде, ки аз чашми бадандешон ниҳон бошад ............................ 285
Аз қайди фалак барзада доман бигурезед ............................ 285
Бар он сарам, ки бишӯям зи дида нақши савод ............................ 286
Ҷони мо тоб зи ҳар зулфи парешон нахӯрад ............................ 287
Ба бебаргӣ қаноат мекунам, то навбаҳор ояд ............................ 287
Зарраам чашм ба хуршедлиқое дорад ............................ 288
Кам-кам дили маро ғаму андеша мехӯрад ............................ 289
Бода ку, то ба ман он талхзабон ром шавад ............................ 289
Чӣ шуд қадри маро гар чархи дунпарвар намедонад ............................ 290
Давлат зи дастгирии мардум ба по бувад ............................ 291
Рӯзгори тарабу навбати ғам мегузарад ............................ 292
Нолаи оташинонам рахна дар гардун кунад ............................ 293
Оҳи ушшоқи сияҳрӯз асарҳо дорад ............................ 293
Сели ашки ман бисоти сабзаро помол кард ............................ 294
Чӣ хуш аст нолаи ман ба наво расида бошад ............................ 295
Зери сипеҳр дасти дуо мавҷ мезанад ............................ 296
Гиря абрест аз домани дил мехезад ............................ 297
Шаб, ки рӯи ту зи май дар арақафшонӣ буд ............................ 297
Гуле, ки аз арақи шарм дидабон дорад ............................ 298
Шӯхии ҳусн кай ниҳон зери ниқоб мешавад ............................ 299
Дар шӯразор дона агар сабз мешавад ............................ 300
То ҳусни гулӯсӯзи ту дар ҷон шарар афканд ............................ 300
Зулфи мушкинат даҳони шона пуранбар кунад ............................ 301
Хушо касе, ки дили худ ба чашми масти ту дод ............................ 301
Ҷамъе, ки афсар аз хиради хом кардаанд ............................ 302
Фурӯғи зарра зи чашми ман об меорад ............................ 302

Хотири озурдаро сайри гулистон мегазад .......................... 303
Нестам оташ, ки ҳар хоре ба занҷирам кунад ..................... 303
Сафар гузин, ки сухан дар ватан ғариб нагардад ................ 304
Сухан ғариб чу шуд, дар ватан намемонад .......................... 305
Куҷост май, ки маро ҳамчу шер гардонад .......................... 305
Зи моҳи навсафарам то хабар намеояд ................................ 306
Сабоҳи мастиву шоми хумор мегузарад .............................. 306
Агар ба пираҳани гул гулоб боз ояд .................................... 307
Шӯриши ишқам зи тадбири насиҳатгар фузуд ................... 307
Чашм дорам, ки маҳи навсафарам боз ояд .......................... 308
Шавқи ман қосиди бедард куҷо медонад ............................ 308
Аз он Фарҳод доим ҷой дар кӯҳу камар дорад .................... 309
Гиреҳ то кай зи абрӯи суханпардоз накшояд ....................... 309
Нишоти ман зи суханҳои дилнишин бошад ......................... 310
Аз диёри мардумӣ дайёр дар олам намонд .......................... 310
Он хирмани гул чун зи дари боғ дарояд .............................. 311
Кай зи сели гармрав бар рӯи саҳро меравад ........................ 311
Куҷо тадбири пирони куҳансол аз ҷавон хезад ................... 312
Нахли қадди ту ба боғе, ки хиромон гардад ........................ 312
Бар замин аз ноз зулфи ӯ чу домон мекашад ...................... 313
Чу ҳалқа бар дари дил шавқи Исфаҳон бизанад ................. 313
Арақ зи шарми рӯи ту ба рӯи офтоб давид ........................... 314
Ишрати рӯи замин бесарупоён доранд ................................ 314
Ҳар куҷо қиссаи он турраи кокул гузарад .......................... 315
Даъвии бӯса ба он ғунчадаҳан натвон кард .......................... 316
Ҷамъе, ки дар андешаи он чашми хуморанд ....................... 316
Чӣ кор аз ёрии даврон барояд ............................................. 317
Ҳар соғаре ба он лаби хандон намерасад ............................ 318
Ёди он аҳд, ки дил дар хами гесӯи ту буд ........................... 319
Ишқи болодасту ҷони беқарорам додаанд .......................... 320
Тӯфони гулу ҷӯши баҳор аст, бубинед ................................ 321
Фалак ба обилаи хордида мемонад ..................................... 322
Дар хеш чу гардун накунӣ то сафаре чанд .......................... 323
Дардро сӯхтагони ту ба дармон надиҳанд ........................... 324
На зару симу на лаълу гуҳар хоҳад монд ............................ 325
Забони шиква ба хашми замона афзояд .............................. 326
Дил аз мушоҳидаи лолазор накшояд ................................... 326

Зи хештан сафаре ихтиёр хоҳам кард ................................. 327
Ҳирсро ташнагӣ афзун ба зару мол шавад........................... 328
Зи мотамхонаи мо нағмаи ишрат куҷо хезад ....................... 329
Дил чӣ талхиҳои рангоранг аз он дилбар кашид................. 329
Рухсори ҷаҳонсӯзи ту бепову сарам кард............................ 330
Зи гул муҳофизати рангу бӯ намеояд .................................. 331
Ман киям, то ёри бепарво ба фарёдам расад....................... 332
Мол рафт аз дасту чашми хоҷа дар дунбол монд ................ 332
Оташи ишқи ту чун забона барорад.................................... 333
Шавқи май аз баҳори гуландом тоза шуд............................ 333
Ҷон дар бадани хокии мо занг баровард.............................. 334
Мардуми рӯи замин бесарусомоне чанд .............................. 335
Зар вуболи мунъимон рӯзи қиёмат мешавад........................ 336
Чеҳраат ранг зи гулдастаи мино дорад ................................ 337
Зи дил рам мекунад, чашми балоҷӯ инчунин бояд............. 337
Рабуда хоби маро ҳусни бемисоли дигар ............................ 338
Баҳор мегузарад, соғари чу лола бигир .............................. 338
Эй сафҳаи рухсори ту аз гул басафотар .............................. 339
Эй сабо, барге аз он гулшани бехор биёр............................ 339
Аз дили пурхуни булбул кай хабар дорад баҳор ................. 340
Доғи дил аст айши гулистони рӯзгор ................................. 341
Чу шамъ ҷон зи насими саҳар дареғ мадор ......................... 341
Аз ҷаҳон бархостан чашм аз заминдорон мадор ................. 342
Биёву тоза кун имон ба навбаҳор имрӯз.............................. 343
Ба мижгон ашк пӯшидан маёмӯз......................................... 344
Суҳбати ишқу хирад соз нагардад ҳаргиз ........................... 344
Ҳадиси ишқ нагирад ба зоҳидон ҳаргиз ............................. 345
Боло накарда соиди ӯро ҳаё ҳанӯз....................................... 345
Аз худ бурун наомада девонаам ҳанӯз ................................ 346
Чу офтоб ба ҳар заррае нигоҳ андоз ................................... 347
Сабук зи синаи мо, эй ғубори ғам, бархез ........................... 347
Ёд дорам ба назар хатти ғуборе, ки мапурс ........................ 348
Зи дил бурун наравад чашми ошнорӯяш............................. 348
Агарчи мезанад оташ ба олам рӯи тобонаш........................ 349
Кош медидӣ ба чашми ошиқон рухсори хеш....................... 350
Чунон зи дил гузарад соф тири мижгонаш ......................... 350
Бар ту дӯзах шуда аз касрати исён оташ ............................ 351

Мурғест рӯҳ, қатраи май обу донааш ..................................... 351
Пеш аз хазон ба хок фишондам баҳори хеш ........................ 352
Баски омехтаи ноз бувад рафтораш ....................................... 352
Алифқаде, ки манам синачоки болояш.................................... 353
Субҳ аст, соқиё, қадаҳи хушгувор бахш................................ 353
Эй фалакҳо зи фурӯғи рухи зебои ту хуш ............................. 354
Гуландоме, ки ман дорам назар ба рӯи гулрангаш.............. 354
Гирифт аз сари хум хишт пири бодафурӯш ......................... 355
Ғофил зи ҳоли тӯтии ширинзабон мабош ............................ 355
Аз оббозии мижаи ашкбори хеш .......................................... 356
Дар гулистон булбулу дар анҷуман парвона бош................ 357
То ба ҳамворӣ бароянд кор, дар тундӣ макӯш ...................... 358
Ба дам чу оташи сӯзон, ба чеҳра чун зар бош....................... 358
Зи мавҷи лутф он симинбаногӯш ......................................... 359
Сарв гар ҷилва кунад пеши қади раънояш ........................... 359
Ҳарфи сабук намебарадам аз қарори хеш ............................ 360
Саҳисарве, ки ман дорам назар бар қадди раънояш ........... 361
Чӣ сон дилро нигаҳ дорад касе аз чашми қаттолаш ........... 362
Худ кардаам зи шиква туро хасми ҷони хеш ....................... 362
Майпарастон бар сари кӯи муғон гарданд ҷамъ .................. 363
Дар кашокаш аз забони оташин будам чу шамъ.................. 364
Чандон ки баҳор асту хазон аст дар ин боғ ......................... 365
Дамид субҳу нагаштем ошнои чароғ .................................... 366
Ҳар сароеро, ки бошад аз дили равшан чароғ...................... 367
Ба фикри дил нафитодӣ ба ҳеҷ боб, дареғ ............................ 368
Беҳ, ки нутқи хеш аз аҳли замон дорам дареғ...................... 369
Азбаски шуд зи лаъли ту боובутоб ҳарф............................. 370
Нест бар оинаи дурдикашон гарди хилоф............................ 370
Канора гир аз ин қавми бемурувввати хушк.......................... 371
Омад баҳору шуд дару девор лоларанг................................. 371
Чарх аст ҳалқаи дари давлатсарои дил ................................ 372
То чанд гирди Каъба бигардам ба бӯи дил.......................... 373
Макаш, эй силсиламӯ, рӯ ба ҳам аз зории дил ..................... 373
Ҳайрат нигар, ки дар бағали ғунча бӯи гул.......................... 374
Чун нест пои он ки зи олам бадар занам ............................. 375
Адаб гузошта бар рӯи якдигар дастам ................................. 375
Дасти тамаъ зи моидаи чарх шустаем.................................. 376

Забони шикваолуде зи чархи бевафо дорам........................ 377
Чӣ бувад ҳастии фонӣ, ки нисори ту кунам ........................ 378
Хезед то зи олами сурат сафар кунем................................. 379
Ба доман медавад ашкам, гиребон медарад ҳушам............. 380
Сияҳмасти ҷунунам, водию манзил намедонам ................. 381
Агарчи нек наям, хоки пои неконам .................................... 381
Шиква аз каҷравии толеи ворун чӣ кунам ......................... 382
Як умр пушти даст ба дандон гирифтаем............................ 383
Муддате чун ғунча дар хуни ҷигар печидаам..................... 384
Рӯзе, ки чашм бар рухи ӯ боз мекунам ............................... 385
Чашми уммед ба мижгони тари худ дорем ......................... 385
Гӯшае ку, ки дил аз фикри сафар ҷамъ кунам .................... 386
Мо доғи тавба бар дили соғар гузоштем ............................ 386
Мо гул ба дасти худ зи ниҳоле начидаем............................ 387
Дар он шабҳо, ки аз ёди ту соғар буд дар дастам ................ 388
Медавад ашки ятимӣ баски бар рухсораам......................... 388
Туро аз хондани мактуби ман нанг аст, медонам................ 389
Зи холи анбарин афзун зи зулфи ёр метарсам .................... 389
То зи аҳли ҳайратам, хотирпарешон нестам ...................... 390
На имрӯз аст савдои ҷунунро реша дар ҷонам ................... 391
Мо дар ин ваҳшатсаро оташинон афтодаем........................ 392
Агарчи бо гуле дамсоз мешавад шабнам............................ 393
Аз хеш меравему туро ёд мекунем...................................... 393
Агар ду рӯз дар ин тира хокдон мондам............................. 394
Аз зулфи ӯ чӣ гуна диле нотавон кашам ............................. 394
Паёми дӯст зи боди баҳор мешунавам ............................... 395
Зи хол рӯзи сиёҳе, ки доштам, дорам ................................. 395
Ба ҷои бода агар дар пиёла об кунем .................................. 396
Лаб чун садаф ба оби гуҳар тар намекунам ....................... 396
Солҳо гар дар замин чун осмон гардидаам ........................ 397
Аз мавҷи ашк коми наҳанг аст масканам ........................... 398
Бе гули рухсори ту ҳар гоҳ дар бӯстон шудам.................... 399
На он ҷинсам, ки дар қаҳти харидор аз баҳо афтам ........... 400
Зи холи гӯшаи абрӯи ёр метарсам....................................... 400
Ин сатрҳои оҳ, ки ҳар ҷо навиштаем .................................. 401
Дар намуди нақшҳо беихтиёр афтодаам ............................ 402
Чеҳраро аз ишқи хубон арғувонӣ кардаам ......................... 403

Гуфтугӯи ишқро ман дар миён андохтам ........................... 403
Садои рӯҳ зи ҷӯши шароб мешунавам................................ 404
Гарчи дар таъмири ҷисмам, ғофил аз дил нестам............... 404
Ку бахт, ки дар майкада бо ёр нишинем............................ 405
Мо рӯи дил ба ҳар касу нокас намекунем ........................... 405
Ёди айёме, ки рӯ бар рӯи ҷонон доштам ............................. 406
Зи бурдбории мо хору зор шуд олам.................................. 407
Рӯзгоре шуд, зи чашми эътибор афтодаам .......................... 407
Дар таҳи як пираҳан аз ёр дур афтодаам ............................ 408
Гарчи аз ваъдаи эҳсони фалак пир шудем........................... 409
Талхе зи лаби лаъли ту нашнуфтаму рафтам ....................... 410
Ба хун оғушта неъматҳои алвони ҷаҳон дидам................... 411
Хуш он рӯзе, ки манзил дар саводи Исфаҳон созам........... 412
Даст агар кӯтоҳ бошад, орзӯе мекунем............................... 413
Чанд рӯзе аз дари майхона сар вомезанам .......................... 414
Хол ё тухми умеди ошиқи шайдост ин............................... 414
Эй дил, аз пасту баланди рӯзгор андеша кун ...................... 415
З-ин гиряҳо, ки ҳаст гиреҳ дар гулӯи ман .......................... 416
Сурмаро ҳам маҳрами чашми сиёҳи худ макун.................. 417
Замин ба ларза дарояд зи дил тапидани ман ....................... 418
Дил кай расад ба васли ту, эй сарви нози ман..................... 419
Гаҳе дар баҳр саргардону гоҳе дар саробам ман ................ 419
Лабташнагии ҳирс надорад ҷигари ман............................. 420
Чун сиёҳӣ шуд зи мӯ, ҳушёр мебояд шудан....................... 420
Ҳеҷ ҳамдарде намеёбам сазои хештан................................ 421
Заҳр оби зиндагонӣ мешавад дар ҷоми ӯ............................ 422
То кард теғи ғамза ҳамоил нигоҳи ту................................. 422
Рухе ба шабнами май ҳамчу барги лола бидеҳ ................... 423
Мекашад дилро зи дастам дилрабои тозае .......................... 424
Моро бас аст силсилаҷунбон ишорае .................................. 424
Оташ ба хирман аз гули боғе надидаӣ ............................... 425
Дар тамоми умр агар як рӯз ошиқ будаӣ ............................ 426
Дилрабоёна дигар бар сари ноз омадаӣ ............................. 427
Дар хоку хун кашид маро турկзодае.................................. 427
Дар кадомин чаман, эй сарв, ба бор омадаӣ....................... 428
Мабош аз сухани сахт дар шикасти пиёла ......................... 428
Шӯху майхораву шабгарду ғазалхон шудаӣ ...................... 429

Зи рафтани ту зи ҷисми заиф ҷон рафта .............................. 430
Эй он, ки дил ба абрӯи пайваста бастаӣ .............................. 430
Он дилрабо баромад аз хона май кашида .............................. 431
Ба ман шуд ром он сарви ҷавон оҳиста-оҳиста .................. 432
То рух аз бодаи гулранг барафрӯхтаӣ .............................. 432
Аз нола насиме-ш ба бӯстон нарасида .............................. 433
Ба матлаб мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста ........................ 434
Ба соғар нақл кард аз хум шароб оҳиста-оҳиста.................. 435
Ба маҳфиле, ки рух аз бода лолазор кунӣ ........................... 436
Ҷилваи барқест нури офтоби зиндагӣ .............................. 436
Ту қадри дарду ғами ҷовидон чӣ медонӣ ........................... 437
Талх маншин, шароб агар дорӣ .............................. 438
Мастиву хамёза бар хуни дили мо мекашӣ ........................ 439
Иксири шодмонист хоки диёри тифлӣ .............................. 440
Дар пирӣ иртикоби майи ноб мекунӣ .............................. 440
Гузашт умру ту масти шароби гулрангӣ ............................ 441
Чӣ ба ҳар сӯй чу кӯрон ба асо мебинӣ .............................. 442
Зиҳӣ рӯят баҳори зиндагонӣ .............................. 443
Забони шиква агар ҳамчу хор доштаме .............................. 444
Меҳроби назарҳост, камоне, ки ту дорӣ .............................. 445
Мегазад роҳатам, эй хори мағелон, мададе ........................ 446
Ғунчаро роҳ дар он чоки гиребон надиҳӣ .......................... 447
Чароғи гул агар дар зери боли булбулон будӣ .................... 447
Макун, эй бевафо, ноошноӣ .............................. 448
Чӣ бар ин оташи ҳастӣ чу духон меларзӣ .......................... 449
Ҳиҷоби шармро аз пеши ҷон бардор, эй соқӣ ...................... 450
Ҷунунам паҳн шуд, сабр аз мани шайдо чӣ меҷӯӣ .............. 451
Як рӯз гул аз ёсумани субҳ начидӣ .............................. 452

Луғат .............................. 453

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 34**

**Соиби Табрезӣ**
**ДЕВОН**
***(Мунтахаби ғазал)***

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчинии компютерӣ *Марҷона Худойбахшова*

Ба матбаа 28.11.2017 супурда шуд.
Чопаш 30.11.2017 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.